Таълиму тарбият дар ислом

Муртазо Мутаҳҳарӣ

Баргардон ва таҳия аз:

Сайидюнуси Истаравшанӣ

Феҳрист

Бахши аввал: Баҳсҳои эродшуда дар ҷамъи дабирони таълимоти динӣ 9
Парвариши ақл 10
Ду навъ илм 10
Системаи омӯзишии қадим ва парвариши ақл 11
Ғайбгӯ ва подшоҳ 12
Милок, зиёд устод дидан нест 12
Мафҳуми иҷтиҳод 14
Даъвати ислом ба таълиму тааллум 15
Кадом илм? 19
Тарбияти ақлонии инсон 22
Ақл бояд ғирболкунанда бошад 23
Интиқоди Ибни Халдун 25
Нақди сухан 27
Охирбинӣ 29
Лузуми тавъам будани ақл ва илм 29
Озод кардани ақл аз одоти иҷтимоӣ 30
Имом Содиқ ва марди суннатгаро 31
Пайравӣ накардан аз аксарият 32
Таъсирнопазирӣ аз қазовати дигарон 33
Охунди мактабӣ ва шогирдон 33
Руҳи илмӣ 34
Парвариши истеъдодҳо 36
Риояти ҳолати руҳ 37
Таъбири Рассел 39
Тарс, омили ҷилавгирӣ аз туғён 39
Лузуми огоҳии кӯдак аз иллати ташвиқ ё таҳдид 40
Давраи шукуфоии руҳ 41
Парвариши ҷисм аз назари ислом 42
Истеъдодҳои руҳи инсон 44
Ислом ва ҳунар 46
Мусиқӣ 46
Халифа ва канизи хонанда 47
Масъалаи одат 48
Тарбият аз назари уламои қадим 49

Тамсили Мавлавӣ 50
Назарияи уламои ғарб 51
Нақди ин назария 53
Эҷоди унс, дар одоти инфиъолӣ аст 56
Феъли ахлоқӣ (1) 58
Фарқи тарбият ва ахлоқ 58
Назариёт дар боби меъёри феъли ахлоқӣ 59
а) Дигардӯстӣ: 59
б) Ҳусну қубҳи зотии афъол: 60
в) Илҳоми виҷдон: 61
г) Дигардӯстии иктисобӣ: 62
д) Ризои Худо: 62
Баррасии назарияи Кант 62
Феъли ахлоқӣ (2) 64
Навъдӯстӣ 65
Дарвинизм 66
Виҷдони ахлоқӣ 66
Ҷидоли худ ва нохуд 67
Назарияи ақли дурандеш 68
Нақди ин назария 69
Зебоии ақлӣ 70
Дин, танҳо зомини иҷрои ахлоқ 71
Феъли ахлоқӣ (3) 72
Руҳи зебо 74
Асли ғоият, мабнои таъйини ҳадди васат дар ахлоқ 74
Ҳокимияти руҳу ақл 76
Равиши тарбият дар макотиби мухталиф 78
Ахлоқи мазҳабӣ 79
Мазҳаб, пуштвонаи ахлоқ 80
Таърифи феъли ахлоқӣ 80
Баррасии назарияи нисбияти ахлоқ 81
Писанд 82
Руҳи замон 83
Сухани Сартр 85
Мафҳуми инсондӯстӣ 86
Рафтор, нисбӣ аст 87

Ановини аввалия ва ановини сонавия 88
Мисол ба ифоф ва иффат 89
Мисол ба ростӣ 91
Ҳадиси Алӣ ва назарияи нисбияти ахлоқ 92
Тарҳи як ишкол 93
Посух 94
Дастури Пайғамбар дар Умратулқазо 96
Мафҳуми “ҷубн” дар ин ҳадис 98
Достони Сафия духтар Абдулмутталиб 99
Зан, ҳомили як амонати инсонӣ 100
Мафҳуми “бухл” дар ин ҳадис 101
Шуҷоат ва дифоъ аз ҳақиқат 103
Шуҷоат ва дифоъ аз ҳуқуқи иҷтимоӣ 104
Шуҷоати ҳазрати Заҳро 106
Шуҷоати ҳазрати Зайнаб 108
Пайванди ибодат бо барномаҳои тарбиятӣ 108
Руҳи ибодат 109
Шакли ибодат ва барномаҳои тарбиятӣ 110
Ибодат ва ҳуқуқи иҷтимоӣ 111
Намоз ва рӯ ба қибла истодан 111
Тамрини забти нафс 113
Тамрини вақтшиносӣ 114
Мусоламатталабӣ 114
Ният 115
Аркони ният 116
Аҳаммияти ният 116
Хоссияти одат 117
Назарияи Нитше 118
Се навъ ахлоқ дар ҷомеаҳои исломӣ 119
Нуқтаи заъфи ахлоқи сӯфиёна 123
Каромати нафс дар Қуръон ва ҳадис 125
Иззати нафс 125
Нафосати нафс 131
Ғайрат 132
Оё таноқуз аст? 133
Решаи илҳомоти ахлоқӣ 137

Лаззоти моддӣ ва лаззоти маънавӣ 141
Решаи арзиш 142
Худшиносӣ, решаи илҳомоти ахлоқӣ 144
Азоб ва ризояти виҷдон 145
Тазалзули арзишҳо дар дунёи ғарб 146
Тавсиаи “худӣ” 147
Инсон мавҷуде дорои маротиб аст 147
Издивоҷ, аввалин марҳилаи хуруҷ аз “худ”-и фардӣ 149
Ҳадисе аз Расули Акрам 150
Марди зоҳид ва ҷиҳод дар роҳи Худо 151
“Ман”-и қабилаӣ 152
“Ман”-и қавмӣ 153
Инсондӯстӣ 153
“Худ”-и мазҳабӣ 155
Эҳсон ба кофир 156
Виҷдони умумӣ 157
Бахши дуввум: Баҳсҳои Анҷуман исломии пизишкон 159
Парвариши ҷисм ва парвариши истеъдоди ақлонӣ 159
Мактаби тарбиятии инсонӣ 160
Парвариши ҷисм аз назари ислом 160
Парвариши ҷисм ва танпарварӣ 162
Парвариши истеъдоди ақлонӣ 163
Таъаққул дар Қуръон 163
Таъаққул дар суннат 165
Ақл ва ҷаҳл дар ривоёти исломӣ 166
Эҳтимоми муслимин ба талаби илм 168
Ҳадисе аз Имом Мӯсои Козим 169
Сухани Бӯалӣ Сино 170
Лузуми тавъам будани ақлу илм 171
Сухани Бэкон 171
Масъалаи тақлид 172
Пайравӣ аз аксарият 173
Беэътиноӣ ба ташхиси мардум 174
Таърихчаи “таъаққул аз назари муслимин” 174
Таҳқири ақл дар амсоли соир миёни мардум ва дар адабиёт 175
Оё дардмандӣ мамдуҳ аст ё мазмум? 178

Таҳқири ақл ва илм ва масъалаи маош 179
Таъаққул аз назари мӯътазила ва ашоира 180
Ҳусну қубҳи ақлӣ 181
Ҷанги таъаққул ва таъаббуд 182
Калимаи “суннӣ” 182
Ҷумуди Ибни Таймия ва наҳзати ваҳҳобигарӣ 183
Ахборигарӣ 184
Пирӯзии иҷтиҳод бар ахборигарӣ 186
Решаи ахборигарӣ аз назари Оятуллоҳ Буруҷердӣ 187
Аксуламали ифроти мӯътазила 188
Ақл аз назари фуқаҳо 189
Омилҳои тарбият (1) 192
Ирода 192
Тасаллут бар нафс 192
Имон, зомиин ҳукумати ирода 193
Ниёиш ва парастиш 194
Абӯрайҳон ва фақеҳ 195
Посух ба як эрод 196
Расули Акрам ва ибодат 198
Алӣ ва руҳи ниёиш 201
Инсони ислом ё инсони ҷомеъ 203
Маротиби пойини ибодат 204
Нақши ибодат дар тарбият 206
Роҳи эътидол 207
Пурсишу посух 210
Омилҳои тарбият (2) 214
Муҳаббат, тақвияти ҳисси ҳақиқатҷӯӣ, муроқаба ва муҳосаба 214
Ду навъ муҳаббат 215
Маслиҳати ҷамъ муқаддам бар маслиҳати фард аст 216
Фалсафаи қисос 217
Инсондӯстӣ 218
Некӣ ба кофир 219
Рафтори одилона бо кофир 220
Имом Содиқ ва марди кофир 221
Некӣ дар муқобили бадӣ 222
Сабр дар муқобили бадиҳои мушрикон 223

Тафсири саҳеҳи муҳаббат 223
Тақвияти ҳисси ҳақиқатҷӯӣ 224
Таассуб, садди роҳи илм 225
Омилҳои тарбият 225
Муроқаба ва муҳосаба 226
Мушората, муъотаба, муъоқаба 229
Омилҳои тарбият (3) 231
Тафаккур, муҳаббати авлиё, издивоҷ, ҷиҳод 231
Се навъ ибодат 231
Тафаккур дар олами хилқат 232
Тафаккур дар таърих 232
Тафаккури инсон дар бораи худ 233
Оё ҷабри иҷтимоъ бар инсон ҳоким аст? 233
Тафаккур, шарти асосии тасаллут бар сарнавишти худ ва бар ҷомеа 234
Оқибатбинӣ 235
Одат ба тафаккур 236
Муошират бо солеҳон 236
Ҳадисе аз Исо алайҳис салом 238
Иродат 239
Муҳаббати авлиё дар зиёрати “Аминуллоҳ” 240
Равиши маломатиён 242
Достони Адиби Нишопурӣ 242
Обрӯи инсон мӯҳтарам аст 243
Нақши тарбиятии издивоҷ 244
Ҷиҳод, омили ислоҳ ва тарбият 245
Достони марди зоҳид ва ҷиҳод 246
Пурсишу посух 247
Омилҳои тарбият (4) 251
Кор 251
Кор аз назари ислом 251
Кор ва тамаркузи қувваи хаёл 253
Кор ва ҷилавгирӣ аз гуноҳ 254
Зан ва ғайбат 256
Истеъдодёбӣ дар интихоби кор 257
Кор ва озмудани худ 258
Кор ва фикри мантиқӣ 258

Таъсири кор бар эҳсоси инсон 259
Кор ва эҳсоси шахсият 259
Бӯалӣ Сино ва марди каннос 261
Тавсияи Расули Акрам 261
Кор аз назари Носири Хусрав 262
Кор аз дидгоҳи бузургон 263

بسم الله الرحمن الرحيم

Бахши аввал: Баҳсҳои эродшуда дар ҷамъи дабирони таълимоти динӣ

Баҳси мо дар бораи таълиму тарбият дар ислом аст. Таълиму тарбият, баҳси сохтани афроди инсонҳост. Як мактаб, ки дорои ҳадафҳои мушаххас аст ва муқаррароти ҳамаҷонибае дорад ва ба истилоҳ системаи ҳуқуқӣ ва системаи иқтисодӣ ва системаи сиёсӣ дорад, наметавонад як системаи хосси омӯзишӣ надошта бошад. Яъне мактабе, ки мехоҳад дар мардум тарҳҳои хосси ахлоқӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро пиёда кунад, билохира инҳоро барои инсонҳо мехоҳад, аъамм аз ин ки ҳадаф фард бошад ё ҷомеа, ки ин худ масъалае аст, ки дар ҳамин ҷо бояд баҳс бишавад.

Агар ҳадаф ҷомеа бошад, билохира ин афрод ҳастанд, ки ба василаи онҳо бояд ин тарҳҳо пиёда шавад. Афрод бояд омӯзиш бибинанд ва тавре парвариш пайдо кунанд, ки ҳамин тарҳҳоро дар иҷтимоъ пиёда кунанд. Ва агар ҳадаф фард бошад низ (бадеҳӣ аст, ки омӯзишу парвариши афрод зарурӣ аст.) Дар ислом, ҳам асолати фард маҳфуз аст ва ҳам асолати иҷтимоъ, яъне фард худаш холӣ аз асолат нест. Пас билохира тарҳе ва барномае барои сохтани фард вуҷуд дорад, аъамм аз ин ки фардро бояд сохт барои тарҳҳое, ки барои иҷтимоъ ва ҷомеа аст (ва ин тарҳ ва барномаро ба унвони муқаддимаи сохтани иҷтимоъ дар назар бигирем) ё фардро бояд сохт аз ин назар, ки ҳадаф сохтани афрод аст. Ва ё аз як назари ҷамъӣ, фард бояд сохта бишавад, ҳам аз он ҷиҳат, ки бояд муқаддимае ва абзоре барои сохтани иҷтимоъ бошад ва ҳам аз назари ин ки худаш ҳадаф аст.

Ин ҷост, ки мо бояд бо усули таълиму тарбияти исломӣ ошно бишавем. Аввалан, оё ислом барои масъалаи таълим ба унвони омӯзиш додан ва огоҳӣ додан, аҳаммияте қоил аст ё на? Ва ба иборати дигар, оё ислом иноятеро ба парвариши ақл ва фикри инсон дорад ё чунин иноятеро надорад? Ин ҳамон масъалаи илм аст, ки аз қадим миёни уламо матраҳ буда; ҳам асли матлаб, ки ислом дине аст, ки ба илм даъват кардааст ва ҳам хусусиёти он, ки он илме, ки ислом ба он даъват кардааст, чӣ илме аст, ки афроде назири Ғаззолӣ, Файз ва дигарон дар ин замина баҳс кардаанд. Ва аз назари тарбият ва парвариш ҳам, ки муқаррароти ахлоқии ислом, ҳама муқаррароти парваришии инсонҳост, ки инсоне, ки ислом мехоҳад парвариш бидиҳад, инсони намунаи ислом чӣ гуна инсоне аст ва модели он инсон, чӣ гуна моделе аст? Албатта масоили дигаре ҳам дар ин ҷо ҳаст, ки марбут ба кайфияти иҷрои матлаб аст, яъне ҳадафҳо мушаххас, вале барои тарбияти инсон аз чӣ

метод ва равише бояд истифода кард? Яъне то чӣ андоза мулоҳазоти равонӣ дар таълимоти исломӣ манзур шудааст? Масалан, дар таълиму тарбияти кӯдак чӣ дастурҳое расида ва дар он дастурҳо чӣ қадр воқеъбинӣ ва мулоҳазоти равонӣ риоят гардида ва дар гузашта, таълиму тарбиятҳои қадимии мо чӣ қадр мунтабиқ бо таълимоти исломӣ буда ва чӣ қадр набуда ва таълиму тарбиятҳои имрӯзи мо чӣ қадр мунтабиқ аст?

Парвариши ақл

Масъалаи аввал, ки бояд баҳс кунем, ҳамон масъалаи парвариши ақл ва фикр аст. Дар ин ҷо мо ду масъала дорем: яке, масъалаи парвариши ақл ва дигар, масъалаи илм.
Масъалаи илм ҳамон омӯзиш додан аст. “Таълим” иборат аст аз ёд додан. Аз назари таълим, мутааллим (шогирд) фақат фарогиранда аст ва мағзи ӯ ба манзилаи анборе аст, ки як силсила маълумот дар он рехта мешавад. Вале дар омӯзиш, кофӣ нест, ки ҳадаф ин бошад.
Имрӯз ҳам инро нақс мешуморанд, ки ҳадафи омӯзгор фақат ин бошад, ки як силсила маълумот, иттилоот ва формула дар мағзи мутааллим бирезад, он ҷо анбор бикунад ва зеҳни ӯ бишавад мисли ҳавзе, ки миқдоре об дар он ҷамъ шудааст. Ҳадафи муаллим бояд болотар бошад ва он ин аст, ки нерӯи фикрии мутааллимро парвариш ва истиқлол бидиҳад ва қувваи ибтикори ӯро зинда кунад, яъне кори муаллим дар воқеъ оташгира додан аст. Фарқ аст миёни танӯре, ки шумо бихоҳед оташ аз берун биёваред ва дар он бирезед, то ин танӯрро доғ кунед ва танӯре, ки дар он ҳезуму чӯб ҷамъ аст, шумо оташгира аз хориҷ меоваред, он қадр зери ин чӯбҳо ва ҳезумҳо оташ медиҳед, то худи инҳо кам-кам муштаъил бишавад ва танӯр бо ҳезуми худаш муштаъил гардад. Чунин ба назар мерасад, ки он ҷо, ки роҷеъ ба ақлу тааққул дар муқобили илму тааллум баҳс мешавад, назар ба ҳамон ҳолати рушди ақлонӣ ва истиқлоли фикрӣ аст, ки инсон қувваи истинбот дошта бошад.

Ду навъ илм

Ҷумлае доранд амирулмӯъминин (Алӣ), ки дар “Наҳҷул-балоға” аст ва ман муддатҳо пеш, зеҳнам мутаваҷҷеҳи ин матлаб шуда буд ва шавоҳиде ҳам барояш ҷамъ кардаам. Мефармоянд:

الْعِلْمُ عِلْمانِ

(Ва дар як нақли дигар: اَلْعَقْلُ عَقْلانِ)

عِلْمٌ مَطْبوعٌ وَعِلْمٌ مَسْموعٌ

(عَقْلٌ مَطْبوعٌ وَعَقْلٌ مَسْموعٌ :Ё)

وَلا يَنْفَعُ الْمَسْموعُ إِذا لَمْ يَكُنِ الْمَطْبوعُ

(*Ҳикмати 331*) Илм ду илм аст: яке, илмт шунидашуда яъне фаро гирифташуда аз хориҷ ва дигар, илмт матбӯъ.

Илми матбӯъ яъне он илме, ки аз табиат ва сиришти инсон сарчашма мегирад; илме, ки инсон аз дигаре ёд нагирифта ва маълум аст, ки ҳамон қувваи ибтикори шахс аст. Баъд мефармояд: ва илми масмуъ (шунидашуда) агар илми матбӯъ набошад, фоида надорад. Ва воқеан ҳам ҳамин ҷур аст. Инро дар таҷрибаҳо дарк кардаед; афроде ҳастанд, ки аслан илми матбӯъ надоранд. Маншаъи он ҳам ағлаб суи таълим ва суи тарбият аст, на ин ки истеъдодашро надоштаанд. Тарбияту таълим ҷуре набуда, ки он нерӯи матбӯъи ӯро ба ҳаракат дароварад ва парвариш бидиҳад.

Системаи омӯзишии қадим ва парвариши ақл

Ағлаб, системаи омӯзишии қадими худамон ҳамин ҷур буда. Шумо мебинед, ки афроде — ҳол ё ба иллати нақси истеъдод ва ё ба иллати нақси таълиму тарбият — нисбат ба он маълумоте, ки омӯхтаанд, дуруст ҳукми забти савт (магнитофон)-ро доранд. Китоберо дарс гирифта, хеле ҳам кор карда, хеле ҳам диққат карда, дарс ба дарс онро ҳифз карда ва навишта ва ёд гирифта. Баъд масалан мударрис шуда ва мехоҳад ҳамон дарсро бидиҳад. Он чи ки дар ин китоб ва дар ҳошияҳо ва шарҳи он буда, ҳамаро мутолеа карда ва аз устод фаро гирифтааст.

Ҳар чи шумо роҷеъ ба ин матн ва ин шарҳ ва ин ҳошия бипурсед, хуб ҷавоб медиҳад.

Як зарра, ки поятонро он тараф бигузоред, ӯ дигар ланг аст. Маълумоташ фақат ҳамин масмуъот аст ва агар матлаби дигаре дар ҷойи дигар бошад, ки ӯ бихоҳад аз ин мояҳои маълумоти худаш он ҷо натиҷагирӣ бикунад, оҷиз аст ва балки ман дидаам афродеро, ки бар зидди он чи ки ин ҷо ёд гирифтаанд, он ҷо қазоват мекунанд. Ва аз ин рӯ шумо мебинед, ки як олим мағзаш ҷоҳил аст. Олим аст, вале мағзаш мағзи ҷоҳил аст.

Олим аст, яъне хеле чизҳоро ёд гирифта, хеле иттилоот дорад, вале он ҷо, ки шумо масъалае хориҷ аз ҳудуди маълумоташ тарҳ мекунед, мебинед, ки бо як авом, сад дар сад авом, тараф ҳастед. Он ҷо, ки мерасад, як авоми мутлақ аз об дармеояд.

Ғайбгӯ ва подшоҳ

Масали маъруфе аст — албатта афсона аст — мегӯянд, ки як ғайбгӯ ва раммоле илми ғайбгӯӣ ва раммолиро ба бачааш омӯхта буд. Худаш дар дарбори подшоҳ ҳуқуқи хубе мегирифт. Ин илмро ба бачааш омӯхта буд, ки баъд аз худаш, ӯ ин мақомро идора кунад. То рӯзе, ки ӯро ба подшоҳ муаррифӣ кард. Подшоҳ хост, ки ӯро имтиҳон кунад. Тухми мурғе дар дасташ гирифт ва ба ӯ гуфт: агар гуфтӣ, ки дар дасти ман чист? Ӯ ҳар чи ҳисоб кард, нафаҳмид, ки чист. Ибтидо гуфт: васаташ зард аст ва атрофаш сафед. Баъд як фикре кард ва гуфт: ин санги осиёе аст, ки дар васаташ ҳавич (сабзӣ) рехтаанд. Подшоҳ хеле бадаш омад ва баъд падарашро оварда ва гуфт: охир, ин чӣ илме аст, ки ба ӯ омӯхтаӣ? Гуфт: илмро ман хуб омӯхтам, вале ин ақл надорад. Он ҳарфи аввалро аз рӯйи илмаш гуфт, вале ин дуввумиро (ки онро ба ин маврид татбиқ дод), аз рӯйи беақлиаш гуфт, шуъураш нарасид, ки санги осиё дар дасти инсон ҷо намегирад. Инро ақли одам бояд ҳукм бикунад.

Ин достон маъруф аст ва ман то ба ҳол аз чанд нафар шунидаам. Мегӯянд: як вақт як хориҷӣ омада буд Карач. Бо як деҳотӣ рӯ ба рӯ шуд. Ин деҳотӣ хеле ҷавобҳои нағзу пухтае ба ӯ медод. Ҳар суоле, ки мекард, хеле олӣ ҷавоб медод.

Баъд ӯ гуфт, ки ту инҳоро аз куҷо медони? Гуфт: “Мо чун савод надорем, фикр мекунем.“ Ин хеле ҳарфи пурмаъное аст: он ки савод дорад, маълумоташро мегӯяд, вале ман фикр мекунам. Ва фикр хеле аз савод беҳтар аст.

Ин масъала, ки бояд дар афрод ва дар ҷомеа рушди шахсияти фикрӣ ва ақлонӣ пайдо бишавад яъне қувваи таҷзия ва таҳлил дар масоил пайдо бишавад,[1] як матлаби асосӣ аст. Яъне дар ҳамин омӯзишҳо ва таълиму тарбиятҳо дар мадрасаҳо вазифаи муаллим болотар аз ин ки ба бачча ёд медиҳад ин аст, ки коре бикунад, ки қувваи таҷзия ва таҳлили ӯ қудрат бигирад, на ин ки фақат дар мағзи вай маълумот бирезад, ки агар маълумот хеле фишор биёварад, зеҳни бачча рокид мешавад.

Милок, зиёд устод дидан нест

Дар миёни уламо афроде, ки хеле устод дидаанд, ман ба инҳо ҳеч эътиқод надорам… Масалан мегӯянд, фалон кас 30 сол ба дарси марҳум Ноинӣ рафта ё 25 соли пай дар пай дарси оқо Зиёро дида. Олиме, ки 30 сол ё 25 соли умр яксара дарси ин устод ва он устодро дида, ӯ дигар маҷоли фикр кардан барои худаш боқӣ нагузошта; доиман

[1] *Ҳоло кор надорем, ки ислом гуфта ё нагуфта. Мо истинботамон ин аст, ки он чи ки ислом роҷеъ ба ақл мегӯяд, ҳамин матлаб аст*.

мегирифта, тамоми нерӯяш сарфи гирифтан шуда, дигар чизе намонда барои он ки бо нерӯи худаш ба матлабе бирасад.

Мағзи инсон, дуруст ҳолати меъдаи инсонро дорад. Меъдаи инсон бояд ғизоро аз берун ба андоза бигирад ва бо тарашшуҳоте, ки худаш рӯйи ғизо мекунад, онро бисозад. Ва бояд меъда ин қадр озодӣ ва ҷойи холӣ дошта бошад, ки ба осонӣ битавонад ғизоро зеру рӯ кунад, асидҳо ва шираҳоеро, ки бояд, тарашшуҳ намояд ва бисозад. Вале меъдае, ки мураттаб бар он ғизо таҳмил мекунанд ва то он ҷо, ки ҷо дорад, ба он ғизо медиҳанд, дигар фароғат, фурсат ва имкон барояш пайдо намешавад, ки ин ғизоро дуруст ҳаракат бидиҳад ва бисозад. Он вақт мебинед аъмоли гуворишӣ ихтилол пайдо мекунад ва амали ҷазб ҳам дар рӯдаҳо дуруст анҷом намегирад.

Мағзи инсон ҳам қатъан ҳамин ҷур аст. Дар таълиму тарбият бояд маҷоли фикр кардан ба донишомӯз дода бишавад ва ӯ ба фикр кардан тарғиб гардад.

Мо дар миёни устодҳои худамон, он устодҳоеро медидем ибтикор доранд, ки зиёд муаллим надида буданд. Шайх Ансорӣ, ки яке аз мубтакиртарини фуқаҳои 150 соли ахир аст, аз тамоми уламои феълӣ камтар устод дида, яъне давраи устод диданаш бисёр кам будааст. Талабае буд, ки рафт Наҷаф. Мухтасаре устодҳои Наҷафро дид. Баъд худаш роҳ афтод дунболи устодҳои мутанаввеъ. Рафт Машҳад, муддате дар Машҳад монд. Хеле написандид. Ба Теҳрон омад. Теҳрон ҳам хеле намонд, рафт Исфаҳон. Исфаҳон каме бештар монд. Оқо Сайид Муҳаммад Боқири Ҳуҷҷатул-ислом, дар ин шаҳр муаллими “Риҷол” буд. Дар фанни “Риҷол” чизҳое ёд гирифт. Баъд рафт Кошон. Се сол Кошон монд. Нароқиҳо Кошон буданд. Он ҷо аз ҳама ҷо бештар монд. Яъне ҳамаи давраи муаллим дидани ӯ агар ҳисоб кунед, ба 10 сол намерасад, дар сурате, ки дигарон 20 сол ва 25 сол ва 30 сол муаллим дидаанд. Оқои Буруҷердиро ағлаб эрод мегирифтанд, ки кам устод дида. Ва аз назари мо ҳуснаш ҳамин буд, ки хеле устод надида буд. Эшон ҳам кам устод надида буд, 10-12 сол устодҳои дараҷаи аввал дида буд, 7-8 сол Наҷаф ва 3-4 сол Исфаҳон устод дида буд. Вале наҷафиҳо қабулаш намекарданд, мегуфтанд, ин устод кам дида, масалан бояд 30 сол устод дида бошад. Ва ба ҳамин далел, ки камтар устод дида буд, ибтикораш аз ағлаби он уламо бештар буд, яъне фикр мекард. Масоиле, ки матраҳ карда, масоиле аст, ки худаш фикр мекард, чун маҷоли фикр кардан дошт.

Ба ҳар ҳол, хаёл намекунам ин масъала ҷойи тардид бошад, ки дар омӯзишу парвариш, ҳадаф бояд рушди фикрӣ додан ба мутааллим ва ба ҷомеа бошад. Таълимдиҳанда ва мураббӣ ҳар ки ҳаст (муаллим аст, устод аст, хатиб аст, воиз аст), бояд кӯшиш кунад, ки (ба мутааллим ва мутараббӣ) рушди фикрӣ яъне қувваи таҷзия ва таҳлил бидиҳад, на ин ки тамоми ҳаммаш ин бошад, ки доим биёмӯзед, фаро гиред ва ҳифз кунед. Дар ин сурат

чизе нахоҳад шуд. Тааққул ҳамон фикр кардан аст, нерӯи фикр кардани худи шахс аст, ки истинбот бикунад, иҷтиҳод бикунад, радди фаръ бар асл бикунад.

Мафҳуми иҷтиҳод

Марҳум оқои Ҳуҷҷат як вақт ҳарфи хеле хубе дар боби иҷтиҳод зад, гуфт: иҷтиҳоди воқеӣ ин аст, ки вақте як масъалаи ҷадид, ки инсон ҳеч собиқаи зеҳнӣ надорад ва дар ҳеч китобе тарҳ нашуда, ба ӯ арза шуд, фавран битавонад усулро ба таври саҳеҳ татбиқ кунад ва истинтоҷ намояд, вагарна инсон масоилро аз "Ҷавоҳир" ёд гирифта бошад, муқаддима ва натиҷа (суғро ва кубро ва натиҷа) ҳамаро гуфтаанд, ӯ фақат ёд мегирад (ва мегӯяд) ман фаҳмидам соҳиби "Ҷавоҳир" чунин мегӯяд, бале ман ҳам назари ӯро интихоб кардам; ин иҷтиҳод нест, ҳамин коре, ки аксар мекунанд.

Иҷтиҳод, ибтикор аст ва ин ки инсон худаш радди фаръ бар асл бикунад. Ҳамеша муҷтаҳидҳо иддае аз муқаллидҳо ҳастанд, муқаллидҳое дар сатҳи болотар. Шумо мебинед дар ҳар чанд қарн як нафар пайдо мешавад, ки усулеро тағйир медиҳад, усули дигаре ба ҷойи он меоварад ва қоъидаҳои тозае (ибдоъ мекунад), баъд ҳамаи муҷтаҳидҳо аз ӯ пайравӣ мекунанд. Муҷтаҳиди аслӣ ҳамон яке аст, бақия муқаллидҳое ба сурати муҷтаҳид ҳастанд, ки аз ин муқаллидҳои маъмулӣ каме болотаранд. Муҷтаҳиди воқеӣ дар ҳар илме ҳамин ҷур аст. Дар адабиёт ин ҷур аст, дар фалсафа ва мантиқ ин ҷур аст, дар фиқҳ ва усул ин ҷур аст, дар физик ва риёзиёт ин ҷур аст. Шумо мебинед дар физик, як нафар меояд як мактаби физикӣ меоварад, баъд тамоми уламои физик тобеъи ӯ ҳастанд. Инро, ки мактаби ҷадиде меоварад ва мактаби қобили қабуле ҳам меоварад, ки афкорро тобеъи фикри худаш мекунад, бояд гуфт муҷтаҳиди воқеӣ.

Вале тафаккур бидуни таълиму тааллум имконпазир нест. Мояи аслии тафаккур, таълиму тааллум аст.[2] Ва ин ки дар ислом дорад, ки тафаккур ибодат аст, ғайр аз ин аст, ки тааллум ибодат аст. Ин, ду масъала аст. Мо яке дар боби таълиму тааллум дорем, ки таълим ибодат аст, тааллум ибодат аст ва яке дар боби тафаккур дорем, ки тафаккур ибодат аст ва он чи дар боби тафаккур дорем, бештар аст аз он чи ки дар боби тааллум дорем. Масалан:

[2] *Албатта мо тафаккурҳои ақлониро мегӯем ва ба масъалаи ваҳӣ феълан коре надорем*.

أَفْضَلُ الْعِبادَةِ التَّفَكُّرُ

([3]) ё:

لا عِبادَةَ كَالتَّفَكُّرِ

(*“Ҳеч ибодате монанди тафаккур нест.” (“Амолӣ”-и Тӯсӣ, 1/145*)) ё:

كانَ أَكْثَرُ عِبادَةِ أَبي ذَرَّ التَّفَكُّرَ

(“*Бештарин ибодати Абӯзар тафаккур буд.” (Биҳор, 71/323*)) ва дар ин замина албатта хеле (оят ва ривоят) ҳаст ва ин ғайр аз масъалаи тааллум аст. Дар тафаккур, гузашта аз натиҷае, ки инсон аз фикри худ мегирад, фикри худро рушд медиҳад. Дар Қуръон роҷеъ ба тафаккур ва тааққул, матлаби зиёд дорем. Лузуме ҳам надорад, ки бихоҳем оёти Қуръон дар ин заминаро ҷамъ кунем. Хеле маворид дорем, ки Қуръон даъват ба тафаккур ва тааққул кардааст.

Даъвати ислом ба таълиму тааллум

Ва аммо масъалаи дигар, масъалаи илм ва тааллум аст, ки ин дигар фарогирӣ аст, ки афрод аз якдигар фаро бигиранд. Хаёл намекунам ниёзе бошад, ки роҷеъ ба даъвати ислом ба таълиму тааллум баҳсе бикунем, зеро амри возеҳе аст. Бояд дар ҳудуди илми исломӣ ва таълимоти исломӣ баҳс кунем, ки он илме, ки ислом даъват мекунад, чӣ илме аст, вагарна ҳамин, ки дар аввалин оёти ваҳӣ мефармояд:

اقْرَأْ بِاسْمِ رَبِّكَ الَّذِي خَلَقَ. خَلَقَ الْإِنْسَانَ مِنْ عَلَقٍ. اقْرَأْ وَرَبُّكَ الْأَكْرَمُ. الَّذِي عَلَّمَ بِالْقَلَمِ. عَلَّمَ الْإِنْسَانَ مَا لَمْ يَعْلَمْ

(“*Бихон ба номи парвардигорат, ки ҷаҳонро офарид; ҳамон кас, ки инсонро аз хуни бастае халқ кард. Бихон, ки парвардигорат аз ҳама бузургвортар аст; ҳамон касе, ки ба василаи қалам таълим намуд…” (Алақ, 1-5*)) беҳтарин шоҳид аст бар иноятӣ фавқулъодаи ислом ба таълиму тааллум.

---

[3] *Дар “Кофӣ” (2/55) ба ин сурат аст:*

أَفْضَلُ الْعِبادَةِ إِدْمانُ التَّفَكُّرِ فِي اللهِ وَفِي قُدْرَتِهِ

(“Бартарини ибодатҳо тафаккур дар бораи Худо ва қудрати ӯст.”)

الَّذِي عَلَّمَ بِالْقَلَمِ

Қалам (мазҳари) савод ва навиштан аст.

Оёти дигар:

هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ

(*“Оё касоне, ки медонанд бо касоне, ки намедонанд мусовӣ (баробар) ҳастанд?” (Зумар/9)*)

وَقَالَ الَّذِينَ أُوتُوا الْعِلْمَ وَيْلَكُمْ ثَوَابُ اللَّهِ خَيْرٌ لِمَنْ آمَنَ وَعَمِلَ صَالِحًا

(“*Ва касоне, ки ба онҳо илм дода шудааст гуфтанд: вой бар шумо! Савоби Худо барои касе, ки имон оварда ва амали солеҳ анҷом додааст беҳтар аст.” (Қасас/80)*)

Ҳамчунин Пайғамбари Акрам фармуд:

بِالتَّعْلِيمِ أُرْسِلْتُ

([4]) Ман фиристода шудам барои таълим. Дар он достони маъруф, ки вориди масҷидашон шуданд ва ду ҳалқаи ҷамъият диданд, ки дар яке мардум машғули ибодат буданд ва дар дигаре машғули таълиму тааллум, фармуд:

كِلاهُما عَلى خَيْرٍ وَلكِنْ بِالتَّعْلِيمِ أُرْسِلْتُ

Ҳар ду, кори хуб мекунанд, вале ман барои таълим фиристода шудаам ва баъд худи ҳазрат омаданд дар он ҷамъе, ки машғули таълиму тааллум буданд нишастанд.

Ояти дигар:

هُوَ الَّذِي بَعَثَ فِي الْأُمِّيِّينَ رَسُولًا مِنْهُمْ يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِهِ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ

(*“Ӯ (Худо) касе аст, ки дар миёни мардуми уммӣ расулеро аз худашон мабъус кард, то оёти ӯро бар онҳо бихонад ва ононро тазкия кунад ва китобу ҳикматро ба онҳо биёмӯзад.” (Ҷумъа/2)*)

[4] *Биҳор, 1/206.*

يُزَكِّيهِمْ

— бештар ба парвариш мехӯрад ва марбут ба тарбият аст. Ва –

وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ

Ҳоло мақсуд аз китоб ҳар чи ҳаст, мутлақи китоб аст (ё Қуръон), билохира китобу ҳикмат бо якдигар тавъам шудааст. Ҳикмат, дарёфти ҳақиқат аст ва дар ин баҳсе нест. Баҳси ин ки чӣ ҳикмат аст ва чӣ ҳикмат нест, баҳси суғравӣ аст. Ҳар дарёфти ҳақиқатеро ҳикмат мегӯянд.

يُؤْتِي الْحِكْمَةَ مَنْ يَشَاءُ وَمَنْ يُؤْتَ الْحِكْمَةَ فَقَدْ أُوتِيَ خَيْرًا كَثِيرًا

(*“Худо ба ҳар кас, ки бихоҳад, ҳикмат медиҳад ва касе, ки ба ӯ ҳикмат дода шуд, хайри фаровоне ба ӯ ато шудааст.” (Бақара/269)*)

Пас дар ин ҷиҳат, ки ислом ба таври куллӣ даъват ба таълиму тааллум кардааст, яъне ҳадафи ислом ва ҷузъи хостаҳои ислом олим будани уммати исломӣ аст баҳсе нест.

طَلَبُ الْعِلْمِ فَرِيضَةٌ عَلى كُلِّ مُسْلِمٍ

— аз мусалламоти аҳодиси набавӣ аст ва “муслим” дар инҷо хусусият надорад ва муқобили “муслима” нест. ([5])

---

[5] *Аслан сиғаи музаккар дар забони арабӣ барои хусуси мард вазъ нашуда. Сиғаи музаккар вақте, ки дар муқобили муаннас қарор бигирад, ихтисос ба мард дорад, вале вақте, ки муқобили муаннас қарор нагирад, маъмулан барои аъамм аст, мисли мавориде, ки дар Қуръон омада:*

هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ

(Зумар/9)) Оё дар инҷо мақсуд аз –

الَّذِينَ يَعْلَمُونَ

— ин аст, ки мардоне, ки медонанд ё касоне, ки медонанд? Маълум аст: касоне, ки медонанд. Ояти дигар:

أَمْ نَجْعَلُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ كَالْمُفْسِدِينَ فِي الْأَرْضِ أَمْ نَجْعَلُ الْمُتَّقِينَ كَالْفُجَّارِ

(Сод/28) Сиғаҳо ҳама музаккар аст, вале дар тарҷума шумо чӣ мегӯед? Оё мегӯед: оё мардонеро, ки имон оварда ва амали солеҳ анҷом додаанд, монанди мардони муфсид қарор медиҳем?! Яъне ин ҷур занҳо аз ин баҳс хориҷ аст?

أَمْ نَجْعَلُ الْمُتَّقِينَ كَالْفُجَّارِ

Оё чун "муттақин" сиғаи музаккар аст, пас занҳо хориҷ ҳастанд? Ё ин ки мақсуд касон аст. Ҳеч кас то ба ҳол эҳтимол надода, ки (маънии оят ин бошад, ки) мардони бо имон ва омил ба амали солеҳ бартаранд аз мардони муфсид ва вақте бипурсанд: оё занони мӯъмин ва омил ба салоҳ ҳам аз занони муфсид болотаранд ё на? Бигӯяд, Қуръон роҷеъ ба инҳо ҳукме зикр накарда.

Ҳамчунин оё тарҷумаи:

إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ

(Ҳуҷурот/13) ин аст, ки гиромитарини шумо мардон, ботақвотарини шумо мардонанд ва бинобар ин аз занон баҳсе нашуда? Ё "шумо" дар инҷо инсонҳост? Ва дар ахлоқиёт ҳам ҳамин ҷур аст. Яъне дар забони арабӣ ин ҷур нест, ки барои аъамм аз зану мард як сиға вазъ шуда бошад ва барои хусуси мард сиғае ва барои хусуси зан сиғае. Балки он сиғае ҳам, ки барои аъамм аз мард ҳаст, ҳамин сиғаи музаккар аст. Ва аз ин рӯ агар калимаи:

وَمُسْلِمَةٍ

— ҳам набошад, ҳеч кас наметавонад бигӯяд, ки мафҳум омм нест. Дар баъзе ривоёт

وَمُسْلِمَةٍ

— ҳам ҳаст, ки ривоёти заъифе аст. Умуми ривоёт ҳамон –

طَلَبُ الْعِلْمِ فَرِيضَةٌ عَلَى كُلِّ مُسْلِمٍ

— аст.

Ва низ оё дар ҳадиси:

المسلم من سلم المسلمون من لسانه ويده

("Усули Кофӣ", 2/234) (калимаи):

المسلم

— махсуси мард аст ё аъамм аст аз зану мард? Ва оё маънии ҳадис ин аст, ки марди мусалмон касе аст, ки мардҳои мусалмон аз забон ва дасти ӯ маҳфуз ва осуда бошанд ва нагуфта, ки зани мусалмон ҳам бояд занҳо ва мардҳои дигар аз дасту забонаш маҳфуз бимонанд?!

Қазияи маъруфе аст, ки зане иддаои пайғамбарӣ кард. Ӯро ҳабс карданд, ки ин чӣ иддаое аст, ки кардӣ, ин бар хилофи зарурати ислом аст. Гуфт: пайғамбар гуфт:

Кадом илм?

Дар масъалаи таълиму тааллум, умда ин аст, ки мо бибинем ҳудуди ин матлаб чист? Ман дар як суханронӣ ба номи “фаризаи илм”, ки дар гуфтори моҳ[6] чоп шуда, баҳсеро тарҳ кардам, ки баъзе илмҳо воҷиби айнӣ аст. Яъне худи он илм ба унвони як эътиқод бар ҳар мусалмоне лозим ва воҷиб аст, мисли маърифатуллоҳ (шинохти Худо), илми:

بِاللهِ وَمَلائِكَتِهِ وَكُتُبِهِ وَرُسُلِهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ

— он миқдор, ки муқаддимаи имон ё аз шароити имон аст, чун имон дар ислом гароиш ъан (аз рӯи) илм аст, на гароиш ъан тақлид. Ин илм воҷиби айнӣ аст. Инро ҳамаи уламо зикр кардаанд. Пас –

لا نَبِيَّ بَعْدي

— нагуфт:

لا نَبِيَّةَ بَعْدي

— ва нагуфт:

لا نَبِيَّ وَلا نَبِيَّةَ بَعْدي

“Набӣ” музаккар аст, пайғамбар нагуфта зане ҳам, ки пайғамбар бошад, нахоҳад омад. Агар ин ҳарф дуруст бошад, ки сиғаҳои музаккар ихтисос ба мардҳо дорад, истидлоли он зан истидлоли дурусте аст ва агар зане иддаои пайғамбарӣ бикунад, бояд бигӯем, ки дар ислом ҳеч далеле (бар бутлони ин иддао) нест ва ҳатто оят ҳаст:

وَلَكِنْ رَسُولَ اللَّهِ وَخَاتَمَ النَّبِيِّينَ

(Аҳзоб/40) на:

خاتَمَ النَّبِيِّينَ وَالنَّبِيّاتِ

— пас ояти Қуръон ҳам далел нест. Бинобар ин –

لا نَبِيَّ بَعْدي

— ки шомили зан нест,

خَاتَمَ النَّبِيِّينَ

— ки шомил намешавад, пас бояд бигӯем, ки мо ҳеч далеле дар ислом надорем бар ин ки баъд аз Паёмбари Акрам зане пайғамбар набошад ва ҳол ин ки шак надорад, ки дар инҷо зану мард матраҳ нест.

[6] *Дар китоби “Даҳ гуфтор”-и асари устоди шаҳид низ ба чоп расидааст.*

طَلَبُ الْعِلْمِ فَرِيضَةٌ

— қадри мусаллам шомили он илмҳое, ки аз шароити имон аст ҳаст. Аз ин, ки бигузарем, бояд бибинем, ки (илми фариза) чист?

Як баҳси тақрибан лағву беҳудае миёни аснофи уламои исломӣ даргирифта роҷеъ ба ин ки ин илме, ки фариза аст чӣ илме аст? Фуқаҳо гуфтанд, ки мақсуд илми фиқҳ аст барои ин ки муқаддимаи амал аст. Уламои ахлоқ гуфтанд, хайр, илми ахлоқ хеле аз он лозимтар ва воҷибтар аст. Уламои калом гуфтанд, илми калом аст. Уламои тафсир гуфтанд, илми тафсир ва китобуллоҳ аст.

Вале ин дигар баҳс надорад, зеро илм ё худаш ҳадаф аст ва ё муқаддима аст барои ҳадафе. Ҳар ҷо, ки худаш ҳадаф аст воҷиб аст, мисли ҳамин усули ақоид.

Ҳар ҷо ҳам, ки худаш ҳадаф нест, агар ҳадафе аз ҳадафҳои исломӣ мутаваққиф ба он бошад, аз боби муқаддимаи воҷиб, воҷиб мешавад. Худи фуқаҳо ин суханро мегӯянд, ки омӯхтани масоил, воҷиби муқаддамӣ, вале воҷиби таҳайюъӣ аст ва ба истилоҳ воҷиби нафсии таҳайюъӣ аст, яъне он чизе, ки бар мо воҷиб аст амал кардан аст. Масалан, мо бояд намоз бихонем, вале ин ки инсон бихоҳад дуруст намоз бихонад, бидуни ин ки масоили намозро бидонад, имкон надорад. Пас барои ин ки инсон барои хондани намоз омода шавад, яъне битавонад намозро саҳеҳ бихонад, воҷиб аст масоили намозро ёд бигирад.

Ихтисос ба намоз ва рӯза ва ин гуна таколиф надорад. Ҳар вазифае аз вазоифи исломӣ, ки ниёзманд ба илм бошад, ҳамон илм барояш воҷиб мешавад ба унвони як воҷиби нафсии таҳайюъӣ, яъне воҷибе, ки моро омода мекунад барои воҷиби дигар, воҷибе, ки навъе воҷиби муқаддамӣ аст. Илми ахлоқ ҳам табъан (як воҷиби нафсии таҳайюъӣ аст.) Ислом аз мо

يُزَكِّيهِمْ

— мехоҳад, тазкия нафс мехоҳад. Он ҳам, ки бидуни илм мумкин нест. Пас омӯхтани масоили равонӣ ва ахлоқӣ, муқаддиматан барои ин ки тазкия нафс ҳосил бишавад лозим аст.

Ҳамчунин вақте мо бояд як силсила дастуротро аз Қуръон биёмӯзем, бадеҳӣ аст омӯхтани худи Қуръон ва тафсири он воҷиб аст. Ва доираи илм он вақт тавсиа пайдо мекунад, ки мо гузашта аз воҷибҳои айнӣ, як силсила воҷибҳои кифоӣ дорем, яъне воҷибҳое, ки бояд бар асоси тақсими кор сурат бигирад. Назири ин ки вуҷуди пизишк

лозим аст, пас илми пизишкӣ воҷиби кифоӣ аст, яъне воҷиб аст ба таври вуҷуби кифоӣ, ки дар миёни мардум ба қадри кифоят пизишк бошад, ки беморон ба онҳо муроҷеа кунанд. Пизишк, ки бидуни илм намешавад ва ё ҳамин ҷур аз замин намерӯяд, аз осмон ҳам, ки намеафтад, ҳамин инсонҳо бояд пизишк бишаванд, пас бояд илмашро биёмӯзанд. Он ки ислом мехоҳад ин аст, ки пизишк лозим аст, вале бадеҳӣ аст, ки муқаддимаашро ҳам бояд таҳия кард. Ин аст, ки илми пизишкӣ воҷиби кифоӣ аст. Ҳаддаш чист? Ҳадди муайян надорад. Дар ҳар замоне ба ҳар ҳадде, ки имкон дорад, ба ҳамон ҳадд воҷиб аст. Як замон бар мардум воҷиб буд “Қонун”-и Бӯалиро бихонанд, имрӯз воҷиб аст, ки як чизи дигар бихонанд, чун беҳтар аз он омада.

Мисоли дигар, тиҷорат аст. Оё дар низоми иқтисодии ислом вуҷуди як идда восита, ки колоро аз тавлидкунанда ба масрафкунанда бирасонанд, таъйид ва тасбит шуда, ки иддае шуғли озодӣ ба унвони восита миёни масрафкунанда ва тавлидкунанда дошта бошанд? Агар таъйид шуда, илм тиҷорат ҳам омӯхтанаш воҷиб аст.

Мисоли дигар: Қуръон мефармояд:

وَأَعِدُّوا لَهُمْ مَا اسْتَطَعْتُمْ مِنْ قُوَّةٍ وَمِنْ رِبَاطِ الْخَيْلِ تُرْهِبُونَ بِهِ عَدُوَّ اللَّهِ وَعَدُوَّكُمْ

(*Анфол/60*) Оё таҳияи қувва ба андозае, ки –

تُرْهِبُونَ بِهِ عَدُوَّ اللَّهِ وَعَدُوَّكُمْ

— воҷиб аст ё воҷиб нест? Бале воҷиб аст. Вале ин кор худ ба худ, ки анҷом намешавад, бо бел бардоштан, ки қувва ба даст намеояд. Қувва ба даст овардан роҳ дорад, роҳаш ҳам илм аст. Дар чӣ ҳадд? Ҳамон ҳадде, ки –

تُرْهِبُونَ بِهِ عَدُوَّ اللَّهِ وَعَدُوَّكُمْ

— ки дар замонҳои мухталиф, мухталиф мешавад.

Бинобар ин –

طَلَبُ الْعِلْمِ فَرِيضَةٌ عَلى كُلِّ مُسْلِمٍ

— таклифаш равшан аст. Баъзе аз илмҳо воҷиби айнӣ аст ва бар ҳар фарде воҷиб аст ва баъзе аз илмҳо воҷиби кифоӣ аст ба эътибори ин ки муқаддимаи як воҷиб (-и кифоӣ) аст ва муқаддимаи воҷиб, воҷиб аст. Бинобар ин ҷойи шакку шубҳа дар ин ҷиҳат нест. Чун

баъзеҳо мегӯянд, ин илме, ки воҷиб аст, фақат ва фақат ихтисос дорад ба улуми динӣ яъне улуме, ки мавзӯъи он улум масоили динӣ аст, яъне омӯхтани худи дин.

На! Омӯхтани худи дин як илм аст, омӯхтани чизе, ки инсон бихоҳад вазифаи диниашро (ба василаи он) анҷом бидиҳад, илми дигаре аст. Мунҳасир нест, ки мардум бояд худи динро биёмӯзанд, аммо он чизҳоеро, ки иҷрои дин мавқуф ба онҳост, дигар наомӯзанд. Бояд онҳоро ҳам биёмӯзанд. Мунтаҳо худи динро, ки бояд биёмӯзанд, қисмате аз он, воҷиби мустақил ва айнӣ (аст мисли маърифатуллоҳ) ва қисмати дигар воҷиби муқаддамӣ аст (мисли омӯхтани аҳкоми намоз.) Чӣ касе гуфта мо динро бояд биёмӯзем? Ислом, ки нагуфта динро биёмӯзед, гуфта динро амал кунед.

Вале вақте мехоҳем динро амал кунем, бидуни омӯхтанаш мумкин нест. Пас бояд динро биёмӯзем, то ба он амал кунем. Дар он вазоифи дигаре ҳам, ки дин ба ӯҳдаи мо гузоштааст (мисли таъмини пизишки мавриди ниёзи ҷомеаи исломӣ), бадеҳӣ аст, ки то вазоифро наомӯзем, наметавонем амал кунем. Бояд вазоифро биёмӯзем, то битавонем амал кунем. Ба ҳар ҳол матлаб хеле возеҳ ва равшан аст.

Пас мо то инҷо ба ду масъала ишора кардем: яке ин ки дар таълиму тарбияти исломӣ, ба масъалаи рушди фикрӣ ва тааққул аҳаммияти фаровон дода шуда ва дигар ин ки ба худи таълим (низ аҳаммият дода шудааст) ва таълим ҳам як ҳудуди мушаххас надорад, ки бигӯем илми калом чӣ тавр? Илми тафсир чӣ тавр? Илми ахлоқ чӣ тавр? Физик чӣ тавр? Риёзиёт чӣ тавр? Ислом наомада, ки улумро мушаххас кунад ва бигӯяд, физик биёмӯзед ё наомӯзед, риёзиёт биёмӯзед ё наомӯзед, фалсафа биёмӯзед ё наомӯзед. Як чизҳое гуфта, ки онҳоро бояд анҷом дод ва онҳо таваққуф дорад ба омӯхтани инҳо, пас бояд инҳоро омӯхт.

Тарбияти ақлонии инсон

Дар ҷаласаи пеш, баҳси мо дар атрофи ин матлаб давр мезад, ки дар ислом, ҳам даъват ба илм шудааст ва ҳам даъват ба ақл (ба маънии тааққул) ва фарқи ин дуро зикр кардем, ки илм ба маънии омӯзиш ва фарогирӣ аст, вале танҳо фарогирии кофӣ нест ва он чи, ки дар заминаи фарогирӣ зарурат дорад, масъалаи тафаккур кардан дар моддаҳои фарогирифташуда аст. Аввал дар назар доштам, ки ба ҳамин хулоса иктифо кунем ва бигузарем, вале баъд руҷӯъ кардам ба ёддоштҳое, ки чандин сол пеш дар мавзӯъи ақлу фикр доштам, дидам масоиле ҳаст, ки ҳайф аст ҳарчанд ба таври иҷмол онҳоро зикр накунем. Гӯ ин ки ағлаб, ки бар ин масоил убур мекунем, хаёл мекунем, ки як идда масоили назарӣ баён шудаанд, вале ҳадаф аз ин баёнҳо таълиму тарбият аст ва инҳо

барои он гуфта шудааст, ки афроди мусалмон бояд ин ҷур бор биёянд. Ибтидо аз он чи, ки дар боби ақл омадааст, шурӯъ мекунем.

Ақл бояд ғирболкунанда бошад

Ривояти бисёр маъруфе дорем, ки дар китоби “Ал-ақлу вал-ҷаҳл”-и “Кофӣ”, “Биҳор” ва “Туҳафул-уқул” омадааст[7] ва ривояте аст, ки Ҳишом ибни Ҳакам[8], мутакаллими маъруф, аз ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳиссалом (хитоб ба худи Ҳишом) нақл кардааст, ки ривояти бисёр муфассале аст ва ман қисматҳое аз онро солҳо пеш ёддошт кардам ва акнун ҳамон қисматҳоро барои шумо мехонам. Дар онҷо ҳазрат ба ин ояти Қуръон, ки дар сураи Зумар аст, истинод мефармоянд:

فَبَشِّرْ عِبَادِ. الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ أُولَئِكَ الَّذِينَ هَدَاهُمُ اللَّهُ وَأُولَئِكَ هُمْ أُولُو الْأَلْبَابِ

(*“Бандагони маро башорат деҳ; касонеро, ки суханонро мешунаванд ва аз некӯтарини онҳо пайравӣ мекунанд; онҳо касоне ҳастанд, ки Худо ҳидояташон карда ва онҳо хирадмандонанд.” (Зумар/17 ва 18)*)

Ояти аҷибе аст: башорат бидеҳ бандагони маро; онон, ки суханро истимоъ мекунанд.[9]

---

[7] *“Усули Кофӣ”, 1/14; “Туҳафул-уқул”, с.384.*

[8] *Ҳишом аз асҳоби ҳазрати Содиқ ва ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳимассалом аст ва хеле ҳам мавриди алоқаи ин ду имом будааст. Аз мутакаллимини асҳоби Имом ва аз фузало ва касе аст, ки мутакаллимини бисёр бузурги он аср — ки фарангиҳо онҳоро ҷузъи нобиғаҳо мешуморанд ва афроди фавқулъодае будаанд аз қабили Наззом ва Абулҳузайли Аллоф — дар муқобили ин мард хузӯъ мекарданд. Шиблӣ Нӯъмон дар китоби “Таърихи илми калом” менависад, ки Абулҳузайли Аллоф касе буд, ки ҳама аз баҳс бо ӯ эҳтироз доштанд яъне ин қадр қавӣ буд ва ӯ аз танҳо касе, ки бим дошт бо ӯ баҳс кунад, Ҳишом ибни Ҳакам буд.*

[9] *Инҷо калимаи “самоъ” ҳам нест. Намегӯяд:*

سَمِعَ الْقَوْلَ

Ё:

يَسْمَعونَ الْقَوْلَ

— мефармояд:

يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ

Баъд чӣ кор мекунанд? Оё ҳар чиро шуниданд, ҳамонро бовар мекунанд ва ҳамонро ба кор мебанданд ё ҳамаро якҷо рад мекунанд?

فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ

— наққодӣ мекунанд, сабуку сангин мекунанд, арзёбӣ мекунанд, онро, ки беҳтар аст интихоб мекунанд ва он беҳтари интихобшударо пайравӣ менамоянд. Он вақт мефармояд: чунин касоне ҳастанд, ки Худо онҳоро ҳидоят карда (яъне ҳидояти илоҳӣ ва истифода аз нерӯи ақл ин аст) —

وَأُولَئِكَ هُمْ أُولُو الْأَلْبَابِ

— инҳо ба ростӣ соҳибони ақл ҳастанд. Ин, даъвати аҷибе аст.
Ҳазрат хитоб ба Ҳишом ин тавр мефармояд:

يا هِشامُ! إِنَّ اللهَ تَبارَكَ وَتَعالى بَشَّرَ أَهْلَ الْعَقْلِ وَالْفَهْمِ في كِتابِهِ فَقالَ

Худо аҳли ақлу фаҳмро башорат дода ва фармуда:

فَبَشِّرْ عِبَادِ. الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ

Аз ин оят ва ҳадис комилан пайдост, ки яке аз боризтарин сифоти ақл барои инсон ҳамин тамйиз ва ҷудо кардан аст; ҷудо кардани сухан рост аз сухани дурӯғ, сухани заъиф аз сухани қавӣ, сухани мантиқӣ аз сухани ғайримантиқӣ ва хулоса ғирбол кардан. Ақл он вақт барои инсон ақл аст, ки ба шакли ғирбол дарбиёяд, яъне ҳар чиро, ки ворид мешавад, сабуку сангин кунад, ғирбол кунад, онҳоеро, ки ба дард намехӯрад, дур бирезад ва ба дардхӯрҳоро нигоҳ дорад.
Ҳадисе ҳаст, ки зоҳиран аз Пайғамбари Акрам ва нозир ба ҳамин матлаб аст ва аз ин аҳодис зиёд аст. Мефармояд:

Яъне ба суханон гӯш фаро медиҳанд, дар суханон диққат мекунанд. Чун "самоъ" бо "истимоъ" фарқ мекунад. "Самоъ" яъне шунидан ҳарчанд ин ки инсон нахоста бошад бишнавад. "Истимоъ" гӯш фаро додан аст.

كَفى بِالْمَرْءِ جَهْلاً أَنْ يُحَدِّثَ بِكُلِّ ما سَمِعَ

([10]) Барои ҷаҳолати инсон ҳамин бас ки ҳар чи мешунавад, нақл кунад (хушбоварӣ). Баъзеҳо хоссияти забти савт ва граммофонро доранд. Гӯ ин ки ҳар чи дигарон мегӯянд, пур мешаванд ва баъд ҳам дар ҷойи дигар таҳвил медиҳанд, бидуни он ки ташхис бидиҳанд, ки он чи, ки мешунаванд (саҳеҳ аст ё ғалат.) Хеле чизҳо инсон мешунавад, каме аз онро бояд қобили қабул ва қобили нақл бидонад. Қаблан ҳам арз кардем, баъзе аз олимҳо ҳастанд (олимҳои хеле олим), ки камтар аз он чи, ки олиманд оқиланд. (Ақле, ки дар инҷо мегӯем, меъёраш яке ҳамин аст). Олиманд ба маънои ин ки иттилооти бисёр васеъе доранд. Камтар оқиланд барои ин ки ҳар чиро аз ҳар ҷо диданд, ҷамъ мекунанд ва барояшон фарқ намекунад, ҳамаро ҳам пасмедиҳанд бидуни ин ки фикр бикунанд, ки ин (бо воқеъ) ҷур дармеояд ё ҷур дарнамеояд. Ва аҷиб ин аст, ки бо ин ки мо дар ривоёти худамон дорем, ки ровӣ бояд наққод бошад ва ҳар чиро, ки мешунавад, ривоят накунад, бо ин вуҷуд мебинем, ки дар миёни ҳамин ровён ва муҳаддисон ё муаррихони худамон фаровон дида мешаванд (афроде, ки ин аслро риоят намекунанд.)

Интиқоди Ибни Халдун

Ибни Халдун дар муқаддимаи таърихи худаш яке аз нақдҳое, ки бар баъзе аз муаррихин мекунад ин аст, ки мегӯяд, инҳо дар нақли таърихҳо, фақат дунболи сиҳҳати санад ҳастанд, ки ин таърихро фалон кас нақл карда ва ӯ одами мӯътабаре аст. Мегӯяд, қабл аз ин бояд ба дунболи сиҳҳати мазмунӣ рафт, аввал бояд фикр кард, ки аслан худ матлаб бо мантиқ ҷур дармеояд ё ҷур дарнамеояд. Баъд мисол мезанад, мегӯяд, инҳо навиштаанд, ки вақте қавми Мӯсо аз дарё убур карданд ва фиръавниҳо онҳоро таъқиб менамуданд, 250 ҳазор марди ҷангӣ буданд. Охир инро бояд ҳисоб кард, ки авлоди Исроил ҳама авлоди Яъқуб ва фарзандони як нафар буданд ва панҷ-шаш насл ҳам бештар нагузашта буд[11]. Гирам, ки 400 сол гузашта бошад. Вақте мегӯем, 250 ҳазор марди ҷангӣ, ақаллан бояд бигӯем, як миллион ҷамъияти инҳо буда, ки 250 ҳазор марди ҷангӣ доштаанд, бо ин ки Фиръавн писарҳои инҳоро мекушт:

---

[10] *“Ҷомеъус-сағир”, 2/90 ва дар он ба ҷойи:*

جَهْلاً

كِذْبًا وَإِثْمًا

— омадааст.

[11] *164 сол, 400 сол ҳам навиштаанд.*

يُقَتِّلُونَ أَبْنَاءَكُمْ وَيَسْتَحْيُونَ نِسَاءَكُمْ

(*Аъроф/141*) Бо ин ҳама баччакушӣ, ки аз инҳо буда, оё ақлан чунин чизе мумкин аст? Ибни Халдун мегӯяд, муаррихин ба ин нукта аслан фикр намекарданд, ки оё (воқеае, ки нақл мекунанд) бо мантиқ ҷур дармеояд ё ҷур дарнамеояд.

Як вақте аз як воизи хеле машҳур, ки мехост бигӯяд Банӣ Умайя чӣ гуна мунқариз шуданд ва Худованд чӣ гуна ба фарзандони Имом Ҳусайн баракат дод, шунидам, ки гуфт: аз Имом Ҳусайн дар рӯзи Ошӯро як фарзанд бештар боқӣ намонд, ки ҳазрати Алӣ ибни Ҳусайн буд ва аз ӯ ин ҳама содоти ҳусайнӣ, мӯсавӣ ва разавӣ, ки онҳо ҳам боз ҳусайнӣ ҳастанд боқӣ мондааст ва аз Банӣ Умайя касе боқӣ намонд. Он вақт роҷеъ ба Банӣ Умайя ин ҷур мегуфт, ки дар соли 61 ҳичрӣ, ки ҳодисаи Карбало иттифоқ афтод, 12 ҳазор гаҳвораи заррин дар хонаҳои Банӣ Умайя буд. Ҳоло бояд ҳисоб кард, ки чӣ қадр бояд Банӣ Умайя бошанд, чӣ қадр гаҳвора дар хонаҳои инҳо бошад ва аз ин гаҳвораҳо чӣ қадр гаҳвора заррин бошад!

Марҳум оқои Хонсорӣ як вақт ин гуна нақлҳоро масхара мекард ва ба сурати тамасхуромез мегуфт: бале, як вақте Ҳирот он қадр бузург буд, ки 21 ҳазор Аҳмади якчашми каллапаз дошт. Ҳоло шумо ҳисоб кунед, ки чӣ қадр каллапаз буда, дар миёни каллапазҳо чӣ қадр исмашон Аҳмад буда ва дар байни онҳо чӣ қадр Аҳмади якчашм буда, ки дар миёни он Аҳмадҳои якчашм, 21 ҳазор Аҳмади якчашми каллапаз будааст! Ва назири инҳо — албатта на ба ин расвоӣ — дар таърих мебинем.

Як вақт ман дар ҳамин китобҳои таърихи маъмулии худамон, ки як ашхоси хеле бузурге ҳам навиштаанд, хондам, ки дар воқеаи Ҳарра, ки омаданд ва Мадинаро қатли ом карданд[12], рафтанд ба хонаи яке аз аҳли Мадина, ки аз ансор буд (ва хонаводаи фақире буданд) ва занаш тоза вазъи ҳамл карда ва ҳанӯз дар бистар буд ва бачча ҳам дар гаҳвора. Як марди шомӣ ворид шуд, ки аз ин хона чизе бибарад. Ҳар чи гашт, то як чизи дандонгир ба даст оварад ва бибарад, чизе ба дасташ наомад. Аз ин ки мебоист дасти холӣ биравад, хеле асабонӣ шуд. Омад (ки чиняте бикунад.) Ин зан ба илтимос афтод, ки ман зани фалон кас, саҳобии пайғамбар ҳастам, ману шавҳарам ҳар ду дар байъати Ризвон бо пайғамбар байъат кардем ва мо аз аҳли байъати Ризвон ҳастем. Илтимос мекард, ки ин марди шомиро мунсариф бикунад, ки охираш ҳам мунсариф нашуд ва

[12] *Дар нақли ин гуна вақойеъ, гӯяндагон муболиға ва иғроқ ҳам кардаанд. Аз ҷумла дар ағлаби китобҳояшон ин матлабро навиштаанд*.

баччаро аз гаҳвора бардошт ва пойи ӯро ба даст гирифт ва даври сараш чарх дод ва баъд ҳам чунон ба девор кӯбид, ки мағзи бачча муталошӣ шуд. Инро зиёд нақл кардаанд.
Оё ҳамин метавонад дуруст бошад? Яъне зане, ки бо шавҳараш дар байъати Ризвон бо пайғамбар байъат карда, метавонад дар санаи 63 ҳичрӣ вазъи ҳамл карда бошад, бо ҳудуди 58 сол фосила? Агар мо фарз кунем дар он вақт ин зан духтари 10-сола буда, ки тоза шавҳар карда ва рафта бо пайғамбар байъат намуда, дар ин ҳангом зане аст, ки 68 сол дорад. Оё зани 68-сола метавонад тоза вазъи ҳамл карда ва дар бистар хобида бошад?! Пас ин як зарра ҳисоб кардан мехоҳад. Агар як миқдор инсон фикр кунад, мефаҳмад, ки дурӯғ аст. Ин ҳамон ғирбол кардан аст. Пайғамбар фармуд:

كَفى بِالْمَرْءِ جَهْلاً أَنْ يُحَدِّثَ بِكُلِّ ما سَمِعَ

Ҷаҳл ғолибан дар аҳодис дар муқобили илм нест, дар муқобили ақл аст, яъне бефикрӣ, на беилмӣ. Барои бефикрӣ ва ҳисоб накардани инсон кофӣ аст, ки ҳар чиро мешунавад бовар ва нақл кунад.

Нақди сухан

Масъалаи дигар, ки наздик ба ин матлаб аст ва аз ҳамин оят ва аз баъзе аҳодис истинбот мешавад, масъалаи таҷзия кардани як сухан аст, яъне аносури дурустро аз аносури нодуруст ҷудо кардан. Фарқ аст миёни ин ки инсон аз ду сухан дурусташро бигирад ва нодурусташро раҳо кунад ва таҷзия кардани як сухан, ки инсон аносури дурусташро бигирад ва аносури нодурусташро илғо кунад ва ин қадр ташхис дошта бошад, ки бигӯяд, аз ин сухан ин қисматаш дуруст аст ва ин қисматаш нодуруст. Ин ҳамон майлабе аст, ки дар ривоёт таъбир ба нақду интиқод шудааст. Вақте мегӯянд:

انْتَقَدَ الدِّرْهَمَ

Ё:

انْتَقَدَ الْكَلامَ

(ки дар ҳар ду маврид ба кор меравад) яъне

أَظْهَرَ عُيوبَهُ وَمَحاسِنَهُ

(Айбҳо ва маҳосини он дирҳам ё каломро ошкор кард) чунонки сиккаеро, ки ба маҳак мезананд, он тиллои холис ва ба истилоҳ аёрашро ба даст меоваранд. Каломеро нақд кардан низ яъне хубиҳои онро аз бадиҳои он ҷудо кардан.

Дар ин замина аҳодиси зиёд ва аҷибе дорем. Яке ин аст, ки дар ривоёти мо аз ҳазрати Масеҳ ривоят шудааст, ки мефармуд:

خُذِ الْحَقَّ مِنْ أَهْلِ الْباطِلِ وَلا تَأْخُذِ الْباطِلَ مِنْ أَهْلِ الْحَقِّ

Дар инҷо зоҳиран таваҷҷӯҳ ба ин аст, ки шумо ба гӯяндаи сухан таваҷҷӯҳ надошта бошед, суханшинос бошед, такяатон рӯйи гӯяндаи сухан набошад; эй басо ҳақро аз аҳли ботил бишнавед, бигиред ва эй басо ботилро аз аҳли ҳақ бишинавед, нагиред. Шоҳидам ин ҷумлаи охир аст, ки фармуд:

كُونوا نُقّادَ الْكَلامِ

([13]) саррофи сухан бошед.

Баъд, Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳиссалом ҷумлаҳое дар ин замина мефармояд:

يا هشام! إن الله تبارك وتعالى أكمل للناس الحجج بالعقول ونصر النبيين بالبيان ودلّهم على ربوبيته بالادلاء، فقال: إلهكم إله واحد لا إله الا هو الرحمن الرحيم. إن في خلق السماوات والأرض واختلاف الليل و النهار ... لآيات لقوم يعقلون

Худованд ҳуҷҷатҳои худашро ба василаи уқул бар мардум икмол (итмом) кардааст ва пайғамбаронро ба василаи баён ёрӣ намуда ва ба сабаби бурҳонҳо ба рубубияти хеш далолаташон кардааст. Баъд ҳазрат ба ояти:

إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ وَالْفُلْكِ الَّتِي تَجْرِي فِي الْبَحْرِ بِمَا يَنْفَعُ النَّاسَ وَمَا أَنْزَلَ اللَّهُ مِنَ السَّمَاءِ مِنْ مَاءٍ فَأَحْيَا بِهِ الْأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا وَبَثَّ فِيهَا مِنْ كُلِّ دَابَّةٍ وَتَصْرِيفِ الرِّيَاحِ وَالسَّحَابِ الْمُسَخَّرِ بَيْنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ لَآيَاتٍ لِقَوْمٍ يَعْقِلُونَ

(*Бақара/164*) истидлол мекунад.

---

[13] *“Биҳорул-анвор”, 2/96.*

Охирбинӣ

Яке дигар аз хавосси ақл, ки тарбияти ақли афрод бояд бар ин асос бошад, масъалаи ояндаро ба ҳисоб овардан аст, ки рӯйи ин матлаб низ дар тарбиятҳои исломӣ зиёд такя мешавад, ки худатонро дар замони ҳол ҳабс накунед, ба оянда таваҷҷӯҳ дошта бошед ва авоқиб ва лавозим ва натоиҷи ниҳоии корро дар назар бигиред.

Ҳадиси маъруфе ҳаст, ки мо дар "Достони ростон" нақл кардаем, ки шахсе меояд хидмати ҳазрати Расул ва арз мекунад: ё расулаллоҳ! Маро мавъиза бифармоед. Ҳазрат ба ӯ фармуд: оё агар бигӯям, ба кор мебандӣ? Гуфт: бале. Боз ҳазрат такрор кард: оё агар бигӯям, ба ростӣ ба кор мебандӣ? Гуфт: бале. Як дафъаи дигар ҳам ҳазрат ин ҷумларо такрор фармуд. Ин се бор такрор кардан барои ин буд, ки ҳазрат мехост комилан ӯро барои он ҳарфе, ки мехоҳад бигӯяд, омода кунад. Ҳамин ки се бор аз ӯ иқрор гирифтанд ва омодааш карданд, фармуданд:

إِذا هَمَمْتَ بِأَمْرٍ فَتَدَبَّرْ عاقِبَتَهُ

([14]) Ҳар кореро, ки ба он тасмим мегирӣ, он охирҳояшро нигоҳ кун. Ва ҳамин аст, ки дар адабиёти исломӣ таҳти унвони "охирбинӣ" омадааст, махсусан дар Маснавӣ дар ин замина зиёд баҳс шудааст. Мегӯяд:

Чашми охурбин бибаст аз баҳри Ҳақ,
Чашми охирбин гушод андар сабақ.

Лузуми тавъам будани ақл ва илм

Масъалаи дигар ин аст, ки ақл ва илм бояд бо якдигар тавъам бошад ва ин нуктаи бисёр хубе аст. Агар инсон тафаккур кунад, вале иттилооташ заъиф бошад, мисли корхонае аст, ки моддаи хом надорад ё моддаи хомаш кам аст; қаҳран наметавонад кор бикунад ё маҳсулаш кам хоҳад буд. Маҳсул бастагӣ дорад ба ин ки моддаи хом бирасад. Агар корхона моддаи хом зиёд дошта бошад, вале кор накунад, боз фалаҷ аст ва маҳсуле нахоҳад дошт.

Ҳазрат дар он ривоят мефармояд:

[14] *"Биҳорул-анвор", 77/130.*

يا هِشامُ! ثُمَّ بَيَّنَ أَنَّ الْعَقْلَ مَعَ الْعِلْمِ

Ақл ва илм бояд тавъам бошад. Арз кардем, илм фарогирӣ аст, ба манзилаи таҳсили маводди хом аст; ақл тафаккур ва истинтоҷ ва таҷзия ва таҳлил аст. Он гоҳ ҳазрат истинод мекунанд ба ояти:

وَتِلْكَ الْأَمْثَالُ نَضْرِبُهَا لِلنَّاسِ وَمَا يَعْقِلُهَا إِلَّا الْعَالِمُونَ

(“*Ин масалҳоро барои мардум мезанем ва ҷуз донишмандон тааққул намекунанд.”* (*Анкабут/43)*) Бибинед ақл ва илм чӣ гуна бо ҳам тавъам шудааст.

Озод кардани ақл аз одоти иҷтимоӣ

Матлаби дигар, масъалаи озод кардани ақл аст аз ҳукумати талқиноти муҳит ва урфу одат ва ба истилоҳи имрӯз, аз нуфузи суннатҳо ва одатҳои иҷтимоӣ ва ба таъбири арабҳои имрӯз, аз “иоҳооти иҷтимоъ” (ваҳйҳои иҷтимоӣ). Ҳазрат ин ҷур мефармояд:

يا هشام! ثم ذم الذين لا يعقلون فقال: وإذا قيل لهم اتبعوا ما أنزل الله قالوا بل نتبع ما ألفينا عليه آبائنا أولو كان آباؤهم لا يعقلون شيئا ولا يهتدون

(*“Эй Ҳишом! Сипас сарзаниш кун касонеро, ки ақли худро ба кор намегиранд; касоне, ки “вақте ба онҳо гуфта шавад, ки аз он чи Худо фурӯ фиристода пайравӣ кунед, мегӯянд: мо аз падарони худ пайравӣ мекунем. Оё аз падаронашон пайравӣ мекунанд агарчӣ онҳо тааққул намекарданд ва ҳидоят нашуда буданд?” (Бақара/170)*)

Қуръон асосаш бар мазаммати касоне аст, ки асири тақлид ва пайравӣ аз обо ва гузаштагон ҳастанд ва тааққул ва фикр намекунанд, то худашонро аз ин асорат озод бикунанд.

Ҳадафи Қуръон аз ин мазаммат чист? Ҳадафи Қуръон тарбият аст, яъне дар воқеъ мехоҳад афродро бедор кунад, ки миқёс ва меъёр бояд ташхис ва ақл ва фикр бошад, на сирфи ин ки падарони мо чунин карданд, мо ҳам чунин мекунем. Ман як вақте оёти Қуръон роҷеъ ба тақлид ва пайравии кӯр-кӯрона аз падаронро истихроҷ кардам, дидам оёти хеле зиёде аст ва чизе, ки барои ман ҷолиб буд ин буд, ки ҳеч пайғамбаре мардумро даъват накард, магар ин ки мувоҷеҳ шуд бо ҳамин ҳарф, ки:

إِنَّا وَجَدْنَا آبَاءَنَا عَلَى أُمَّةٍ وَإِنَّا عَلَى آثَارِهِمْ مُقْتَدُونَ

(*“Мо падаронамонро бар роҳе ёфтаем ва мо аз онҳо пайравӣ мекунем.” (Зухруф/23)*)
— ки ту чаро мехоҳӣ моро аз суннатҳои гузаштаи падаронамон мунсариф бикунӣ?
Ва бо ин ки ақвоми пайғамбарон хеле аз назари сунан мухталиф буданд ва ҳар пайғамбаре дар миёни қавми худ масоилеро тарҳ карда, ки бо вазъи зиндагонии онҳо марбут буда ва бо як ишколоте мувоҷеҳ буда, ки махсуси он қавм буда, вале як ишколи умумӣ дар миёни ҳамаи ақвом буда ва ҳамаи пайғамбарон дучори он будаанд ва он мусибати тақлид аз обо ва аҷдод ва гузаштагон ва ба қавли имрӯзиҳо, суннатгароӣ будааст ва пайғамбарон баръакс, ақли мардумро бедор мекарданд ва мегуфтанд, фикр кунед, ҳоло падаронатон ҳар тавр буданд:

أَوَلَوْ كَانَ آبَاؤُهُمْ لَا يَعْقِلُونَ شَيْئًا وَلَا يَهْتَدُونَ

(*Бақара/170*) Оё агар падаронатон ақлашон ба ҷойе намерасид ва чизе намефаҳмиданд, боз ҳам шумо бояд аз онҳо пайравӣ бикунед?!

Имом Содиқ ва марди суннатгаро

Достони маъруфе аст, ки ҳазрати Содиқ ташриф бурданд ба манзили яке аз дӯстонашон ё яке аз шиъёнашон, ки хонаи бисёр кучак ва муҳаққаре дошт. Гӯё ӯ одаме буда, ки ҳазрат медонистаанд вазъаш иқтизо мекунад, ки хонаи беҳтаре дошта бошад. Ҳазрат фармуданд: ту чаро дар ин хона зиндагӣ мекунӣ?

مِنْ سَعادَةِ الْمَرْءِ سَعَةُ دارِهِ

(“*Аз саодати мард ин вусъати хонаи ӯст.*” *(“Маҳосин”-и Бурқӣ, с.60 ва “Фурӯъи Кофӣ”, 6/525 бо таъобири мухталиф)*)
Гуфт: ё фарзанди Расули Худо! Ин хонаи падарӣ ва обо ва аҷдодии ман аст ва дилам намехоҳад аз инҷо биравам. Чун падар ва ҷаддам инҷо будаанд, намехоҳам аз инҷо биравам. Ҳазрат фармуданд: “Гирам падарат шуъур надошт, оё ту ҳам бояд асири бешуъурии падарат боши?! Бирав барои худат як хонаи хуб таҳия кун.”
Инҳо воқеан нукоти аҷибе аст. Инсон аз ҷанбаи тарбиятӣ таваҷҷӯҳ намекунад, ки Қуръон инҳоро, ки мегӯяд, барои чӣ мегӯяд? Мехоҳад умматро ин гуна бисозад.

Пайравӣ накардан аз аксарият

Боз ҳазрат (Имом Мӯсо Козим алайҳиссалом) мавзӯъи дигаре зикр мекунанд, мефармоянд:

ثمّ ذمّ الله الكثرة فقال: وَإِنْ تُطِعْ أَكْثَرَ مَنْ فِي الْأَرْضِ يُضِلُّوكَ عَنْ سَبِيلِ اللَّهِ

(*“Эй Ҳишом!) Сипас Худованд сарзаниш кард (пайравӣ аз) аксариятро ва фармуд: “Ва агар аксари касонеро, ки дар рӯйи замин ҳастанд итоат кунӣ, туро аз роҳи Худо гумроҳ мекунанд.” (Анъм/116)*)

Хулоса, озодӣ аз ҳукумати адад ва ин ки аксар ва аксарият набояд милок бошад ва набояд инсон ин чур бошад, ки бибинад аксари мардум кадом роҳро мераванд (ҳамон роҳро биравад ва бигӯяд) он роҳе, ки аксари мардум мераванд, ҳамон дуруст аст. Ин мисли ҳамон тақлид аст. Ҳамон тавр, ки инсон табъан ба сӯйи тақлид аз дигарон кашида мешавад, табъан ба сӯйи аксарият низ кашида мешавад ва Қуръон махсусан ҳамон чизеро, ки инсон табъан ба сӯйи он кашида мешавад, интиқод мекунад, мефармояд: агар аксари мардуми заминро пайравӣ кунӣ, туро аз роҳи ҳақ мунҳариф мекунанд. Далелаш ин аст, ки аксари мардум пайрави гумону тахминанд, на пайрави ақлу илму яқин ва ба торҳои анкабутии гумони худашон часпидаанд.

Ин аст, ки дар калимоти амирулмӯъминин ҳаст:

لا تَسْتَوْحِشوا في طَرِيقِ الْهُدى لِقِلَّةِ أَهْلِهِ

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 201*) Ҳаргиз дар роҳи ҳидоят, ба далели ин ки дар он роҳ ва ҷодда афроди каме ҳастанд, ваҳшататон нагирад. Як вақт ду то роҳ дар пеши рӯ доред: якеро мебинед, ки анбӯҳи ҷамъият дар он мавҷ мезанад. Роҳи дигарро нигоҳ мекунед, мебинед, иддаи каме дар он ҳастанд. Гоҳе инсон ваҳшаташ мегирад. Фарз кунед ба сӯйи мақсаде дорем меравем. Ба як дуроҳӣ мерасем. Аксарияти мардум ва анбӯҳи ҷамъиятро мебинем, ки роҳеро интихоб кардаанд. Ақаллияте ҳам роҳи дигарро дар пеш гирифта ва мераванд. Одам ваҳшаташ мегирад, мегӯяд, мо ҳам аз ҳамон роҳи аксарият меравем, ҳар чи ба сари онҳо омад, ба сари мо ҳам меояд. Мефармояд: на, роҳшинос бошед, аксарият яъне чӣ?!

Таъсирнопазирӣ аз қазовати дигарон

Масъалаи дигар, ки боз марбут ба тарбияти ақлонӣ аст ин аст, ки қазоватҳои мардум дар бораи инсон набояд барои ӯ милок бошад. Инҳо як бемориҳои умумӣ аст, ки ағлаби афрод каму беш гирифтораш ҳастанд. Масалан, инсон як либосеро барои худаш интихоб карда ва ташхисаш ин аст, ки ранги хуберо интихоб карда. Баъд, яке меояд ва мегӯяд: ин ранги музахраф чист, ки интихоб кардай?! Он яке ва он дигаре низ ҳаминро мегӯянд. Кам-кам худи одам эътиқод пайдо мекунад, ки бад чизе аст. Тоза онҳо ҳам, ки мегӯянд, гоҳе барои ин аст, ки ақидаи инсонро тағйир бидиҳанд, на он ки аз рӯйи ақидаи худашон мегӯянд. Ин ки инсон дар масоиле, ки марбут ба худаш аст таҳти таъсири қазовати дигарон қарор бигирад (саҳеҳ нест) ва ба мо гуфтаанд, ҳаргиз таҳти таъсири қазоват ва ташхиси дигарон нисбат ба худатон қарор нагиред.

Охунди мактабӣ ва шогирдон

Достоне, ки Маснавӣ нақл карда маъруф аст, ки як охунди мактабӣ буд, ки баччаҳои зиёдеро дарс медод. (Дар қадим баччаҳоро хеле азият мекарданд.) Баччаҳо дилхушиашон ин буд, ки рӯзе аз чанги ин охунд халос ва озод бишаванд. Баччаҳои заранг бо худ гуфтанд, ки мо чӣ кор кунем, ки охунд моро раҳо кунад? Нақшае кашиданд. Фардо яке аз баччаҳо, ки аввал омад — ва охунд нишаста буд — гуфт: ҷаноби охунд! Худо бад надиҳад, мисли ин ки мариз ҳастед, касолате доред. Гуфт: на, касил нестам, бирав биншин. Рафт нишаст. Нафари баъд омад ва гуфт: ҷаноби охунд! Ранги рӯятон имрӯз парида. Охунд каме оромтар гуфт: бирав биншин сари ҷоят. Севвумӣ омад ва ҳаминро гуфт ва охунд садояш каме шултар шуд. Тардидаш бардошт, ки шояд ман мариз ҳастам. Ҳар баччае, ки омад, ҳаминро гуфт. Саранҷом охунд гуфт: бале касилам, хеле нороҳатам. Ва аз ӯ иқрор гирифтанд, ки нохуш аст. Гуфтанд: иҷоза бидиҳед бароятон шӯрбое бипазем. Ва кам-кам охунд мариз шуд ва рафт дароз кашид, шурӯъ кард ба нола кардан ва ба баччаҳо гуфт: биравед манзил, ки ман нохуш ҳастам. Баччаҳо ҳам ҳаминро мехостанд.

Ғараз ин ки ин баччаҳо дар асари талқин, ин бадбахтро андохтанд ва мариз карданд.

Ҳазрат фармуд: (эй Ҳишом!) аслан ба қазовати мардум тартиби асар надеҳ. Ва аҷиб даъватҳое аст роҷеъ ба истиқлоли ақлу фикр. Фармуд:

لَوْ كانَ في يَدِكَ جَوْزَةٌ وَقالَ النّاسُ في يَدِكَ لُؤْلُؤَةٌ ما كانَ يَنْفَعُكَ وَأَنْتَ تَعْلَمُ أَنَّها جَوْزَةٌ، وَلَوْ كانَ في يَدِكَ لُؤْلُؤَةٌ وَقالَ النّاسُ إِنَّها جَوْزَةٌ ما ضَرَّكَ وَأَنْتَ تَعْلَمُ أَنَّها جَوْزَةٌ

Агар ту гирдуе (чормағзе) дошта бошӣ ва ҳар кас ба ту мерасад, бигӯяд, чӣ луълуъҳои олие дорӣ, қиматаш чанд аст? Ҳамаи мардум бигӯянд луълуъ, вақте ту худат медонӣ, ки гирдуст, набояд дар ту асар дошта бошад, ҳар чи мехоҳанд бигӯянд. Акси қазия: агар ту луълуъе дар даст дошта бошӣ ва ҳар кас ба ту мерасад, бигӯяд, ин гирдуҳоро аз куҷо овардай, ту набояд тартиби асар бидиҳӣ. Пас набояд ба қазовати мардум такя дошта бошӣ. Ту аввал ташхис бидеҳ, ки чӣ дорӣ, воқеан малакоти худат чӣ ҳаст, имонат чӣ ҳаст, яқинат чӣ ҳаст. Агар дидӣ, ки чизе нестӣ, гирам, ки мардум эътиқоди хеле зиёде ҳам ба ту доранд, амр ба худат муштабаҳ нашавад, ба фикри ислоҳи худат бош. Акси қазия: агар эҳсос мекунӣ, ки роҳе, ки меравӣ, роҳи хубе аст, гирам мардум туро тахтиа мекунанд, набояд ба ҳарфи онҳо тартиби асар бидиҳӣ.

Руҳи илмӣ

Матлабе ҳам роҷеъ ба илм арз бикунам ва баҳсро хотима бидиҳам. Ин ҳам матлабе аст, ки аз оёт ва ривоёти худи мо истифода мешавад ва инҳоро мо бояд дар фаслҳои таълиму тарбияти исломӣ зикр кунем.

Ин таъбир дар яке аз навиштаҳои худам — фикр мекунам дар китоби “Имдодҳои ғайбӣ” — аст, ки фарқ аст миёни олим будан ва руҳи илмӣ доштан. Эй басо афроде, ки руҳи илмӣ доранд, вале олим нестанд ва эй басо касоне, ки олиманд ва руҳи илмӣ надоранд. Олими воқеӣ он касе аст, ки руҳи илмӣ тавъам бошад бо илмаш. Мақсуд аз руҳи илмӣ чист?

Мақсуд ин аст: илм асосан аз ғаризаи ҳақиқатҷӯӣ сарчашма мегирад. Худованд инсонро ҳақиқатталаб офаридааст, яъне инсон мехоҳад ҳақоиқро ончунон, ки ҳастанд бифаҳмад, мехоҳад ашёъро ҳамон тавр, ки ҳастанд, бишносад ва дарк кунад. Ва ин фаръ бар ин аст, ки инсон худашро нисбат ба ҳақоиқ бетараф ва беғараз нигоҳ дорад. Агар инсон худашро беғараз нигоҳ дорад ва бихоҳад ҳақиқатро ончунон, ки ҳаст кашф кунад, на ин ки бихоҳад ҳақиқат он тавре бошад, ки ӯ дилаш мехоҳад, (дар ин сурат ӯ дорои руҳи илмӣ аст.) Як вақт инсон муддаоеро пеши худаш фарз карда, баъд мехоҳад ҳақиқат он ҷуре бошад, ки ӯ дилаш мехоҳад. Ин худаш маншаъи гумроҳӣ аст. Дар оёти сураи Наҷм ин матлаб ҳаст, ки яке аз маншаъҳои гумроҳии афрод ин аст, ки ҳавои нафсро (дар ташхиси

худ) дахолат медиҳанд ва дар натиҷа бо зеҳни ғаразолуд вориди мутолеаи масоил мешаванд. Гуфт:

Чун ғараз омад, ҳунар пӯшида шуд,

Сад ҳиҷоб аз дил ба сӯйи дида шуд.

(Маснавӣ; Мавлоно)

“Ғараз мардро аҳвал кунад”. Инсон агар беғаразии худашро нисбат ба ҳақиқат ҳифз кунад — ки бисёр кори мушкиле аст — Худованд ӯро ҳидоят мекунад. Худо тазмин кардааст, ки афроди беғарази ҳақиқатҷӯро раҳбарӣ кунад:

وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا وَإِنَّ اللَّهَ لَمَعَ الْمُحْسِنِينَ

(*“Ва касонеро, ки дар роҳи мо талош кунанд, ба роҳҳои худамон ҳидоят мекунем ва Худо бо некӯкорон аст.” (Анкабут/69)*)

Аслан руҳи илмӣ ҳамин аст. Руҳи илмӣ яъне руҳи ҳақиқатҷӯй, руҳи беғаразӣ ва табъан руҳи бетаассубӣ, руҳи холӣ аз ҷумуд ва руҳи холӣ аз ғурур. Вақте инсон ривоёти зиёдеро, ки дар мавзӯъи илм ворид шудааст, мутолеа мекунад, мебинад чӣ қадр такя шудааст рӯйи ин матлаб, ки як олим набояд таассуб дошта бошад, набояд ҷумуд дошта бошад, набояд таҷаззум дошта бошад, ки ҳар чи ман ташхис додам, лайса илло ва фақат ҳамин аст. Як олим набояд ғурур дошта бошад ва хаёл кунад он чи, ки ӯ дорад, тамоми илм ҳамон аст, балки бояд ба асли:

وَمَا أُوتِيتُمْ مِنَ الْعِلْمِ إِلَّا قَلِيلًا

(“*Ва ҷуз андаке аз дониш ба шумо дода нашудааст.” (Исро/85*)) махсусан таваҷҷӯҳ дошта бошад, ки он чи мо аз ҳақиқат медонем, бисёр кам аст. Натиҷа ин аст, ки он ки руҳи илмӣ дорад, аз далел ба муддао меравад. Талабаҳо мегӯянд:

نَحْنُ أَبْناءُ الدَّليلِ، نَميلُ حَيْثُ يَميلُ

Мо фарзанди далел ҳастем, ҳар ҷо далел биравад, дунболи он меравем. Далел ӯро ба сӯйи муддао мекашонад. Вале нуқтаи муқобил ин аст, ки инсон аз муддао ба далел меравад, яъне аввал муддаоро интихоб мекунад, баъд меравад барои он далел пайдо кунад. Табъан он далелҳои пайдокарданӣ, далелҳои сохтагӣ ва тарошиданӣ аст ва далели тарошиданӣ дигар далели воқеӣ нест ва маншаъи гумроҳии инсон мешавад.

Олимҳои бузург, ки руҳи илмӣ доранд, ғурурашон хеле камтар аст — ва ё надоранд — нисбат ба афроди камбизоате, ки руҳи илмӣ надоранд ва чаҳор калимае медонанд ва хаёл мекунанд, ки тамоми илм ҳамин аст. Дар ҳадисе ҳаст, ки:

اَلْعِلْمُ عَلى ثَلاثَةِ أَشْبارٍ

Яъне илм се вақаб аст ё се қитъа аст ё се марҳила аст.

إِذا وَصَلَ اِلَى الشِّبْرِ الأَوَّلِ تَكَبَّرَ

Дар марҳилаи аввал такаббур ба инсон даст медиҳад, хаёл мекунад, ки дигар тамоми ҳақоиқи оламро медонад.

وَإِذا وَصَلَ اِلَى الشِّبْرِ الثّاني تَواضَعَ

Дар марҳилаи дуввум мефаҳмад, ки на, ин тавр ҳам нест, меояд пойин ва кучак мешавад.

وَإِذا وَصَلَ اِلَى الشِّبْرِ الثّالِثِ عَلِمَ أَنَّهُ لا يَعْلَمُ شَيْئاً

Ва дар марҳилаи севвум мефаҳмад, ки нисбат ба он чи бояд бидонад, ҳеч намедонад. Бинобар ин дар таълиму тарбият бояд ба мутааллим руҳи илмӣ дод, яъне набояд таваҷҷӯҳ фақат ба ин бошад, ки ӯ доно бишавад, балки ҳамчунин бояд коре кард, ки руҳи ҳақиқатҷӯӣ (ва орӣ аз бемориҳое, ки инсонро аз ҳолати ҳақиқатҷӯӣ мунҳариф мекунад, яъне таассубҳо, ҷумудҳо, ғурурҳо ва такаббурҳо) дар ӯ падид ояд. Инҳоро бояд дур кард, то мутааллим бо руҳи илмӣ бор биёяд.

Парвариши истеъдодҳо

Тарбият ба таври куллӣ бо санъат як фарқ дорад, ки аз ҳамин фарқ, инсон метавонад ҷиҳати тарбиятро бишносад. Санъат иборат аст аз “сохтан” ба маънии ин ки шайъ ё ашёеро таҳти як навъ пиростанҳо ва оростанҳо қарор медиҳанд, миёни ашё ва миёни қуввахои ашё иртибот барқарор мекунанд, қатъу васлҳое дар ҷиҳати матлуби инсон сурат мегирад ва он гоҳ ин шайъ мешавад маснуе аз маснуъҳои инсон. Фарз кунед, ки аз тилло як ҳалқаи ангуштар ё як зевари дигаре месозем, онро шакл медиҳем ё ба қавли маъруф, пардохт мекунем, вазъи махсусе ба он медиҳем ва мешавад як маснуъ барои мо.

Вале тарбият иборат аст аз парвариш додан, яъне истеъдодҳои даруниеро, ки билқувва дар як шайъ мавҷуд аст, ба феълият даровардан ва парвардан. Ва аз ин рӯ, тарбият фақат дар мавриди ҷондорҳо яъне гиёҳу ҳайвону инсон содиқ аст ва агар ин калимаро дар мавриди ғайриҷондор ба кор бибарем, маҷозан ба кор бурдаем, на ин ки ба мафҳуми воқеӣ он шайъро парвариш додаем, яъне як санг ва ё як филизро намешавад парвариш дод он тавр, ки як гиёҳ ё як ҳайвон ва ё як инсонро парвариш медиҳанд. Ин парвариш доданҳо ба маънии шукуфо кардани истеъдодҳои дарунии он мавҷудҳост, ки фақат дар мавриди мавҷудҳои зинда содиқ аст. Ва аз ҳамин ҷо маълум мешавад, ки тарбият бояд тобеъ ва пайрави фитрат, яъне тобеъ ва пайрави табиат ва сиришти шайъ бошад. Агар бино бошад як шайъ шукуфо бишавад, бояд кӯшиш кард ҳамон истеъдодҳое, ки дар он ҳаст бурузу зуҳур бикунад. Аммо агар истеъдоде дар як шайъ нест, бадеҳӣ аст он чизе, ки нест ва вуҷуд надорад, намешавад онро парвариш дод. Масалан, истеъдоди дарс хондан дар як мурғ вуҷуд надорад. Ба ҳамин ҷиҳат мо наметавонем як мурғро таълимот бидеҳем, ки масалан риёзиёт ёд бигирад ва масоили ҳисобу ҳандасаро ҳал бикунад. Истеъдодеро, ки дар ӯ вуҷуд надорад, намешавад буруз дод.

Ва боз аз ҳамин ҷо маълум мешавад, ки тарсу иҷобу таҳдид, дар инсонҳо омили тарбият нест. (Тарбият ба ҳамон маънии парвариш.) Яъне истеъдодҳои ҳеч инсонеро аз роҳ тарсондан, задан, иҷоб ва таҳдид намешавад парвариш дод, ҳамон тавр, ки як ғунчаи гулро намешавад ба зӯр ба сурати гул даровард, масалан ғунчаро бикашем, то гул бишавад ё ниҳолеро, ки ба замин кардаем ва мехоҳад рушд бикунад, бо дасти худамон бигирем ба зӯр бикашем, то рушд бикунад. Рушди он ба кашидан нест. Эъмоли зӯр онҷо муфид нест. Фақат аз роҳи табиӣ, ки эҳтиёҷ дорад ба қувваи заминӣ ва хок, об, ҳаво, нур ва ҳарорат (рушд мекунад.) Ҳамонҳоеро, ки эҳтиёҷ дорад бояд ба ӯ бидеҳем, хеле ҳам бо латофат ва нармиш ва мулойимат — яъне аз роҳи худаш — то рушд бикунад. Вале агар бихоҳем ба зӯр гиёҳеро рушд бидеҳем (натиҷа намегирем.) Аслан инҷо омили зӯр ҳукмфармо нест. Аз назари тарбияти инсонҳо ҳам, тарс ва иҷоб омили парвариш нест.

Риояти ҳолати руҳ

Дар “Наҳҷул-балоға” дар “Калимоти қисор” дар се ҷо ҷумлае ба ин маъно омада, ки:

إِنَّ لِلْقُلوبِ شَهْوَةً وَإِقْبالاً وَإِدْبارًا

Дил як майле дорад ва иқболе ва идборе.

فَأْتوها مِنْ قِبَلِ شَهْوَتِها وَإِقْبالِها

Кӯшиш кунед дилҳоро аз ноҳияи майли онҳо парвариш бидиҳед, ба зӯр водорашон накунед.

فَإِنَّ الْقَلْبَ إِذا أُكْرِهَ عَمِيَ

(*Ҳикмати 184*) Қалб агар мавриди икроҳу иҷбор қарор бигирад, кӯр мешавад, яъне худаш вопас мезанад.

Дар ҳикмати 188 мефармояд:

إِنَّ هذِهِ الْقُلوبَ تَمَلُّ كَما تَمَلُّ الأَبْدانُ فَابْتَغوا لَها طَرائِفَ الْحِكْمَةِ

Ҳамин тавр, ки тани инсон хаста мешавад ва эҳтиёҷ ба истироҳат дорад, дили инсон ҳам гоҳе хаста мешавад ва эҳтиёҷ ба истироҳат дорад. (Мақсуд аз дил, руҳ аст). Дар ин сурат, дигар фикрҳои сангинро ба ӯ таҳмил накунед, ҳикматҳои тариф (яъне эъҷобангез ва хушҳолкунанда) аз қабили завқиёт ва адабиётро ба ӯ арза бидоред, то сари нишот ва сари ҳол биёяд.

Дар ҳикмати 304 — ки маълум аст дар онҷо назар ба ибодат аст, ки ибодатро ҳам набояд бар руҳ таҳмил кард, балки бояд онро бо нармиш бар руҳ ворид намуд, яъне аз майлу ҳолаш бояд истифода кард — мефармояд:

إِنَّ لِلْقُلوبِ إِقبالاً وَإِدْبارا، فَإِذا أَقْبَلَتْ فَاحْمِلوها عَلَى النَّوافِلِ

Вақте, ки дидед дил нишот дорад, ҳол дорад, иқбол дорад, он вақт водораш кунед нофиларо ҳам бихонад, чун ҳолашро дорад.

وَإِذا أَدْبَرَتْ فَاقْتَصِروا بِها عَلَى الْفَرائِضِ

Вақте мебинед, ки майл надорад, ба ҳамон фароиз иктифо кунед, ибодатро ҳам ба ӯ таҳмил накунед.

Инҳо ҳама нишон медиҳад, ки ҳолати руҳро бояд хеле мулоҳиза кард, ҳатто дар ибодат. Ибодат ҳам агар бар руҳи инсон ҷанбаи зӯру таҳмил дошта бошад, илова бар ин ки асари нек намебахшад, асари суъ низ мебахшад.

Таъбири Рассел

(Бертран) Рассел дар китоби “Заношӯӣ ва ахлоқ” таъбире дорад. Ӯ одами адибе аст. Беш аз он ки файласуф бошад, адиб ва шоирмаслак аст ва дар баёноташ таъбироти адабӣ ва шоирона зиёд ба кор мебарад. Тарбиятҳои мабнӣ бар тарсу иҷобро ба тарбиятҳои хирсмаобона таъбир мекунад. Мегӯяд:

“*Ҳисси гуноҳ, пушаймонӣ ва тарс набояд бар ҳаёти кӯдак муставлӣ шавад.*[15] *Кӯдакон бояд шод, хандон ва хушбахт бошанд ва набояд аз шинохти умури табиӣ рӯгардон шаванд. Чӣ басо, ки тарбиятро монанди таълими хирсҳо дар сирк шумурдаанд. Медонем чӣ тавр ба ин хирсҳо рақс меомӯзанд. Онҳоро рӯйи як сафҳаи оҳанини доғе мегузоранд ва барои эшон фулут мезананд, онҳо мерақсанд, зеро агар доиман биистанд, кафи пояшон месӯзад. Назири ин вазъ барои кӯдаконе пеш меояд, ки мавриди маломати бузургтарон ба иллатҳои марбут ба аъзои ҷинсии худ қарор мегиранд. Ин маломатҳо баъдҳо ононро мушавваш карда ва дар зиндагии ҷинсӣ бадбахт месозад*.”[16]

Тарс, омили ҷилавгирӣ аз туғён

Инҷо як тавзеҳе лозим аст. Дар масъалаи омили тарсу иҷоб, чӣ дар тарбияти фардии кӯдак ва чӣ дар тарбияти иҷтимоии бузургсол, як баҳс ин аст, ки оё тарсу иҷоб омили тарбият ба мафҳуми парвариш ва рушд додан аст? Ва оё тарс метавонад омили рушддиҳандаи руҳи инсон бошад? На. Нақши тарс ин нест, ки омили рушддиҳанда бошад.

Вале як баҳси дигар ин аст, ки оё омили тарс ҷузъи омилҳое аст, ки бояд барои тарбияти кӯдак ё тарбияти иҷтимоъ аз он истифода кард ё на? Ҷавоб ин аст: бале, вале на барои рушд додан ва парвариши истеъдодҳо, балки барои боздоштани руҳи кӯдак ё руҳи бузургсол дар иҷтимоъ аз бархе туғёнҳо. Яъне омили тарс омили фурӯ нишондан аст; омили рушд додан ва парвариш додани истеъдодҳои олӣ нест, вале омили ҷилавгирӣ (аз рушд)-и истеъдодҳои пасту пойин ва омили ҷилавгирӣ аз туғёнҳо ҳаст.

---

[15] *Албатта баҳси мо акнун рӯйи ҳамон калимаи тарс аст ва феълан рӯйи ҳисси гуноҳ баҳсе надорем*.

[16] *Ӯ бештар рӯйи масъалаи ахлоқи ҷинсӣ ва озодӣ дар масоили ҷинсӣ такя дорад*.

Лузуми огоҳии кӯдак аз иллати ташвиқ ё таҳдид

Бинобар ин дар мавоқеъе, аз омили тарс бояд истифода кард. Дар айни ин ки мо омили тарсро омили рушддиҳанда ва парваришдиҳанда намедонем, вале омили лозиме медонем, аммо махсусан дар мавриди кӯдак ин нукта бояд мавриди таваҷҷӯҳ бошад — ва нуктаи хубе аст, ки имрӯз бештар таваҷҷӯҳ доранд — ки кӯдак комилан бояд огоҳ бошад, ки ташвиқ ё таҳдиде, ки мешавад, барои чист. Агар кӯдак нафаҳмад, ки барои чӣ ташвиқ мешавад ва бахусус агар нафаҳмад, ки барои чӣ таҳдид мешавад, руҳаш ба куллӣ мушавваш мегардад ва имрӯз ба ин нукта пай бурдаанд, ки бисёре аз бемориҳои равонӣ, дар асари тарсонданҳо ё кутак заданҳо ва иръобҳои бечо дар кӯдакӣ пайдо мешавад.

Мисоле арз мекунам, ки назири он дар ҳадис ҳаст. Фарз кунед, модаре баччааш дар маҷлисе рӯйи домани дӯсташ нишастааст; баччае, ки намефаҳмад, ки набояд идрор бикунад. Барои ин бачча идрор кардан мисли об хӯрдан аст ва дигар фарқ намекунад, ки дар домани модар идрор мекунад ё дар домани дӯсти модар. Ин амалро анҷом медиҳад. Модар нороҳат ва асабонӣ мешавад ва кутакаш мезанад. Бадеҳӣ аст ин бачча намефаҳмад, ки маънои ин кутак ин аст, ки ту чаро инҷо идрор кардӣ ва қаблан нагуфтӣ. Он чи ки дар руҳи ӯ ворид мешавад ин аст, ки набояд идрор бикунад ва натиҷа ин аст, ки ҳар вақт бихоҳад идрор бикунад, як ҳолати изтироб ва ҳаяҷоне ба ӯ даст медиҳад, як тарсе дар руҳаш ворид мешавад аз идрор кардан ва баъд аз он ҳамеша аз амали табиии худаш тарснок аст ва ин мумкин аст аворизи ҷисмонӣ ва асабӣ ва уқдаҳои равонӣ эҷод кунад ва эҷод ҳам мекунад. (“Тобуҳо”, ки мегӯянд, ҳамин ҷур чизҳост). Ин аз назари бачча як тарси бемантиқ аст; аз назари модар як мантиқе дорад, вале аз назари бачча мантиқе надорад.

Ва аз ин рӯ мо дар аҳодиси мутааддиде мебинем, ки гоҳе иттифоқ афтода, ки тифлеро овардаанд хидмати Расули Акрам, ки масалан эшон дуое ба гӯшаш бихонанд. Дар ҳамон ҳоле, ки рӯйи домани эшон буда идрор карда. Падар ё модари ӯ, ки онҷо будаанд, нороҳат ва асабонӣ шудаанд. Пайғамбар фармудаанд: коре ба ӯ надошта бошед:

لا تُزْرِموا

Яъне ҷилави бавлашро нагиред. Ва нисбат ба фарзандони худашон ҳам ҳаст, ки дастур медоданд:

لا تُزْرِموا عَلَى ابْني

Вақте бачча мехоҳад идрор бикунад, ҳар ҷо, ки бошад, ҳамин қадр, ки шурӯъ кард ба идрор, ҷилавашро нагиред. Бале, бачча ҳар вақт расид ба ин ҳадд, ки бар асари одат кардан фаҳмид, ки набояд масалан рӯйи фарш идрор кард, яъне бидуни ин ки эъмоли хушунат кунанд, одаташ бидиҳанд, ки масалан рӯйи фарш идрор накунад ва худаш ҳам бифаҳмад, ки рӯйи фарш идрор кардан хуб нест, он вақт агар аз рӯйи фаҳм чунин коре бикунад, ин як ҳолати туғёнӣ аст дар ӯ, яъне лаҷоҷате аст алайҳи он чи ки худаш мефаҳмад.

Дар чунин мавриде хушунат кардан, мумкин аст муфид воқеъ бишавад. Вале то ба ин марҳила нарасидааст, мусаллам хушунат як омили муфиди нест.

Дар иҷтимоъи бузург албатта матлаб равшан аст, ки омили хушунат лозим аст дар мавориде, ки одами бузург медонад, ки фалон корро набояд бикунад, вале алайҳи муқаррарот ва қавонин туғён мекунад. Дар чунин мавоқеъе барои ҷилавгирӣ аз туғён, ҳеч монее надорад, ки омили хушунат ба кор бурда шавад. Бинобар ин дар айни ин ки арз кардем омили тарсу иҷъоб ва хушунат омили парвариш ва шукуфо кардан нест, вале омили лозиме аст; шарти тарбият аст гӯ ин ки омили тарбият нест.

Давраи шукуфоии руҳ

Матлаби дигаре, ки дар инҷо ҳаст ин аст, ки асоси тарбият дар инсон бояд бар шукуфо кардани руҳ бошад. Оё давраҳои мухталифи умр аз ин назар фарқ мекунад ё на? Мусаллам фарқ мекунад. Баъзе давраҳо таносуб ва мавқеияти бисёр беҳтаре барои шукуфо шудани истеъдодҳо дорад. Ҳамин давра баъд аз ҳафт солагӣ, ки дар аҳодис ҳам ба он иноят шуда, ки аз он ба баъд ба тарбияти бачча таваҷҷӯҳ бишавад — аз ҳафт солагӣ то ҳудуди 30 солагӣ — давраи бисёр муносибе аст барои шукуфо шудани руҳ аз назари анвоъи истеъдодҳо: истеъдоди илмӣ, истеъдоди динӣ ва ҳатто истеъдоди ахлоқӣ.

Ва аз ин рӯ, ҷузъи беҳтарин даврони умри ҳар касе, ҳамон даврони муҳассил будани ӯст, чун ҳам овони руҳаш як овони бисёр муносибе аст ва ҳам дар ин овон дар як муҳите қарор мегирад, ки рӯз ба рӯз бар маълумот, афкор, андеша, завқиёт ва авотифаш афзуда мешавад. Барои талабаҳо ин давраи талабагӣ як ёдгори бисёр хуб ва олӣ аст. Касоне, ки чанд соле талабагӣ кардаанд, то охири умр аз хушиҳои даврони талабагӣ ёд мекунанд, бо ин ки дар ин даврон аз назари шароити моддӣ маъмулан дар вазъи хубе нестанд ва дар авохири умр дар шароити хеле беҳтаре ҳастанд. Дар он давра ғолибан дар фақр ва бечизӣ ва масканат мебошанд, мунтаҳо чун ҳама дар як сатҳ ҳастанд, нороҳатӣ

надоранд. Давраи хеле хубе аст, чун воқеан давраи болandагии инсон аст ва агар дар ин давра инсон аз назари илмӣ ва маънавӣ маҳрум бимонад, як зиёне аст, ки намешавад гуфт, сад дар сад дар синини бузургӣ ва дар пирӣ ҷубронашуданӣ аст.

Матлаби дигар, ки матлаби асосӣ аст ин аст, ки аз назари исломӣ он чизе, ки дар инсон бояд парвариш биёбад ва дар воқеъ тарбият бишавад чист? Инсон дорои ҷисм аст ва як силсила қуввахои ҷисмонӣ ва дорои руҳ ва як силсила қуввахои руҳонӣ.[17] Аз назари истилоҳоти равоншиносӣ низ истеъдодҳои ҷисмонӣ як силсила истеъдодҳост ва истеъдодҳои руҳонӣ як силсила истеъдодҳои дигар.[18]

Парвариши ҷисм аз назари ислом

Масъалаи аввал ин аст, ки оё дар ислом ба тақвият ва тарбияти ҷисм иноятe шудааст ё на? Мумкин аст касе бигӯяд, на, балки дар ҷиҳати хилофаш (тавсия шудааст), зеро мо медонем, ки танпарварӣ ва ҷисмпарварӣ дар ислом мазмум аст, бинобар ин ҷисм ба ҳеч ваҷҳ набояд тарбият бишавад. Ва ба иборати дигар, чун фарз ин аст, ки мафҳуми тарбият парвариш мебошад, ҷисм набояд тарбият бишавад, чун дар ислом ҷисмпарварӣ ва танпарварӣ ба таври куллӣ маҳкум ва мардуд аст.

Вале ин муғолатаи лафзӣ аст. Дар ислом танпарварӣ ба мафҳуми саҳеҳи калима (яъне парвариши ҷисм ва тақвияти қуввахои ҷисм) на танҳо мазмум нест, балки мамдуҳ ҳам ҳаст. Масалан, оё аз назари ислом хуб аст инсон коре кунад, ки диди чашмаш қувват пайдо кунад ё хуб аст коре кунад, ки заъф пайдо кунад? Шак надорад, ки қувват пайдо кунад. Ва аз ин рӯ дар ахбор ва аҳодис, зиёд дорем, ки масалан фалон корро накунед барои ин ки босираро заъиф мекунад, фалон корро бикунед барои ин ки босираро қавӣ мекунад. Ё масалан дар дуое, ки дар таъқибот мехонем, мегӯем:

اللّهُمَّ مَتِّعْنا بِأَسْماعِنا وَأَبْصارِنا وَقُوَّتِنا ما أَحْيَيْتَنا وَاجْعَلِ النّورَ في بَصَري وَالْبَصيرَةَ في ديني

(*“Худовандо! То зиндаем, моро аз гӯшу чашм ва нерӯямон баҳраманд соз ва дар чашмам нур ва дар динам биниш қарор деҳ!”*) Оё ин танпарварӣ аст? На! Балки агар инсон амдан коре кунад, ки нури чашмаш кам шавад, ҷурме муртакиб шудааст. Ҳамчунин оё ин ки инсон коре кунад, ки дандонҳояш солим бимонад, аз назари ислом хуб аст ё ин ки коре

[17] *Албатта лузуме надорад, ки мо руҳу ҷисмро ду ҷавҳари ҷудогона дар назар бигирем.*

[18] *Руҳи инсон истеъдодҳои мухталифе ва дар воқеъ шӯъбаҳои мухталифе дорад, ки инҳоро як як ба таври иҷмол баррасӣ хоҳем кард.*

кунад, ки зудтар ин дандонҳо кирмхӯрдагӣ пайдо кунад ва кашида шавад, ки танпарварӣ нашуда бошад? Маълум аст, ки аввалӣ. Аслан тавсия шуда, ки мисвок кунед, то дандонҳо солим бимонад ва хароб нашавад ва хилол кунед, то дандонҳо фосид нашавад. Ё гуфта шуда, агар сабзӣ мехӯред, лойи дандонҳоятон намонад, ки дандонро хароб мекунад ва ё таъкид шуда, ки фалон чиз қуввати поро зиёд мекунад ва фалон чизи дигар қуввати гӯшро ва хӯрдани фалон чиз хуб аст барои ин ки меъдаро тақвият мекунад.

Тақвияти ҷисм ба маънии нерӯманд кардан ва солим нигоҳ доштани ҷисм аст, ки дар ислом ба он даъват шудааст. Ин ҳама, ки роҷеъ ба пурхӯрӣ гуфта шуда, ки набояд инсон пурхӯрӣ кунад ва аз камхӯрӣ ва хубии он сухан рафта барои чист?

الْمِعْدَةُ بَيْتُ كُلِّ داءٍ وَالْحِمْيَةُ رَأْسُ كُلِّ دَواءٍ

(*“Меъда, хонаи ҳар дарде аст ва камхӯрӣ маншаъи ҳар давое.” (“Сафинатул-биҳор”-и муҳаддиси Қумӣ, 1/345)*) Агар инҳо танпарварӣ аст, пас бигузоред инсон зиёд бихӯрад, то мунҳадим шавад ва ин бунён аз миён биравад. На, парвариши ҷисм ба маънии воқеии он, ки тарбият ва тақвият ва солим нигаҳ доштан ва нерӯманд кардани ҷисм аст, бидуни шак мамдуҳ аст ва тақрибан аз заруриёти ислом аст. Ҳатто фалсафаи бисёре аз умури дигар аз қабили назофат, ғуслҳо ва ин ҳама дастури беҳдоштӣ, ки дар ислом ҳаст, тақвияти ҷисм аст. Он чизе, ки мо аҳолатан исмашро танпарварӣ гузоштаем, ҳамон нафспарварӣ аст. Ин ки мегӯем ислом бо танпарварӣ мухолиф аст, мо нафспарварӣ ва ба иборати дигар, шаҳватпарвариро танпарварӣ номидаем. Шак надорад, ки ислом бо он мухолиф аст. Эй басо танпарварҳое — ба маънои нафспарварҳое — ки ҷисми худро тазъиф мекунанд. Он одаме, ки танпарвар ба маънои нафспарвар ва шаҳватпарвар аст ва доиман дунболи танаққул ва анвоъи лаззатҳои ҷисмӣ аст, аввалин асари корҳояш ин аст, ки ҷисмашро хароб ва заъиф мекунад. Маъмулан парвариши воқеии ҷисм мулозим аст бо таҳаммули навъе маҳрумиятҳои ҷисмонӣ, яъне бо танпарварӣ ба он маъно ва нафспарварӣ ба он маъно ҷур дарнамеояд.

Пас мо набояд иштибоҳ кунем ва муборизаеро, ки ислом бо шаҳватпарварӣ ва нафспарварӣ дорад, ба далели ин ки мо исми инҳоро танпарварӣ гузоштаем, бо мубориза бо танпарварӣ, ки парвариши воқеии ҷисм ва нерӯманд сохтан ва бонишот кардани он аст, яке бидонем.

Аммо агар касе тамоми ҳаммаш тақвияти ҷисмаш бошад, нақси кораш ин нест, ки ҷисмашро тақвият карда ва масалан нагузошта дандонаш хароб шавад, балки ин аст, ки ҷанбаҳои дигарро мӯҳмал гузоштааст. Он чизе, ки дар мавриди ин афрод бад аст “ҳаср”

аст. Мисоле мезанам: шумо агар баччаеро бибинед, ки ҳамвора бозӣ мекунад, яъне вақти корҳои дигарро ҳам ба бозӣ мегузаронад, яқинан хеле нороҳат мешавед, вале ин маънояш ин нест, ки шумо бо бозӣ кардани тифл мутлақан мухолиф ҳастед. Агар ҳамон бачча як рӯз бозӣ накунад, ӯро пеши табиб мебаред. Пас агар инсон бихоҳад тамоми вақташро сарфи тарбияти ҷисм кунад, кори баде карда, вале на аз ин ҷиҳат, ки тақвияти ҷисм карда, балки аз ин ҷиҳат, ки соири ҷиҳотро тазъиф намудааст. Ин ки мегӯянд, набояд танпарварӣ кард, мақсуд чизи дигаре аст.

Тазъифи ҷисм, дар равишҳои ғайри исломӣ яъне ҳамон равиши маъруфи ҳиндӣ матлуб аст. Онҳо бо парвариши ҷисм ба ҳамин маъно ҳам мухолифанд. на танҳо бо танпарварӣ ба маънои шаҳватпарварӣ ва нафспарварӣ мухолифанд, балки бо тақвияти ҷисм ҳам мухолифанд.

Мегӯянд, ҷисм ва қувваҳои ҷисмониро бояд заъиф нигаҳ дошт. Ин дар ислом нест, вале шак надорад, ки тақвият ва тарбияти ҷисм барои инсон аз назари ислом ҳадаф нест; матлуб ҳаст, вале на ба унвони ҳадаф, балки ба унвони васила ва шарт, яъне инсон вақте ҷисми солим ва қавӣ надошта бошад, руҳи солим ҳам нахоҳад дошт. Ҳол биравем суроғи қисматҳои руҳӣ.

Истеъдодҳои руҳи инсон

Гуфтем, тарбият ба маънии парвариш додани истеъдодҳост. Аз назари илмӣ, аввал бояд бибинем, ки истеъдодҳои инсонӣ чӣ истеъдодҳое аст ва инсон бимо ҳува инсон (инсон аз назар, ки инсон аст) чӣ истеъдодҳое дар кумуну бутуни худ дорад, ки бояд буруз кунад? Баъд, бояд бибинем, ки ислом чӣ иноятe ба ин истеъдодҳо карда ва мантиқи ӯ роҷеъ ба ин истеъдодҳо чист?

Мактабҳои мухталиф аз ҷанбаҳои мухталифе ба ин мавзӯъ нигаристаанд, вале равоншиносони имрӯз, ки рӯи руҳу равони инсон мутолеа кардаанд, шояд матлабро ба шакли ҷомеътаре баён кардаанд. Охирин мақола аз аввалин шумораи нашрияи солонаи “*Мактаби ташайюъ*” — ки ҳудуди 12 сол пеш мунташир шуд — тарҷумае буд аз оқои муҳандис Баёнӣ, ки эшонро намешиносам, бо муқаддимае аз оқои муҳандис Бозаргон, таҳти унвони “*Дин, буъди чаҳоруми руҳи башар*”. Ин мақола яке аз назариёти равоншиносии ҷадидро баён карда буд ва бештар бар ҳарфҳои Юнг (*Карл Густав Юнг*) такя дошт ва мегуфт, руҳи башар дорои чаҳор буъд аст, ки мақсуд ин аст, ки дорои чаҳор истеъдод аст:

1) Истеъдоди ақлӣ (илмӣ ва ҳақиқатҷӯӣ);

2) Истеъдоди ахлоқӣ (виҷдони ахлоқӣ) ва инро амри асиле дар инсон медонанд, ки инсон дар умқи сиришт ва фитрати худ, ахлоқӣ халқ шуда, яъне ин тавр халқ шуда, ки дигаронро дӯст бидорад ва хидмат кунад ва эҳсон намояд ва аз ин ки кори баде анҷом диҳад, масалан зулме ба дигарон бикунад, ранҷ мебарад. Хулоса, виҷдоне, ки инсон дигаронро аз худ ва худро аз дигарон бидонад, дар ҳар касе вуҷуд дорад. Ин масъалае аст, ки аз қадим матраҳ буда, ки решаи эҳсосҳое мисли эҳсоси тараҳҳум нисбат ба дигарон ё эҳсоси майл ба хидмат ба инсонҳои дигар чист? Оё решае дар сиришти мо дорад ва ё надорад ва сирфи талқини иҷтимоъ аст ва агар дар сиришти мо реша дорад, ба куҷои сиришти мо марбут мешавад? Оё марбут ба худхоҳии мо мешавад? Яъне вақте мо диламон ба ҳоли дигаре месӯзад, дар воқеъ дили мо ба ҳоли худамон месӯзад, ки накунад як вақт мо ҳам ба чунин дарде мубтало шавем ва вақте ба таври нохудогоҳ ба ӯ хидмат мекунем, мисли ин аст, ки барои ин хидмат мекунем, ки агар рӯзе мо ҳам мӯҳтоҷ шудем, ӯ низ ба мо хидмат кунад? Ё на, мустақил аз ин матлаб аст ва мо аслан бидуни ҳеч назару ғаразе ин тавр сохта шудаем, ки ба дигарон эҳсон кунем?

3) Буъди динӣ. Дар он мақола гуфта шуда, ки истеъдоди динӣ истеъдоди асил дар инсон аст ва онро ба ҳисси тақдис ва ҳисси парастиш таъбир мекунад ва ин ғайр аз ҳисси ҳақиқатҷӯӣ ва ғайр аз ҳисси ахлоқӣ нисбат ба ҳамнавъон аст; ҳисси парастиши як ҳақиқати мофавқ ва муназзаҳ аст, ки инсон мехоҳад дар муқобили ӯ хузӯъу хушӯъ кунад, бо ӯ муноҷот намояд ва ӯро тақдис кунад.

4) Буъди ҳунарӣ ва завқӣ ё буъди зебоӣ. Инсон зебоиро аз он ҷиҳат, ки зебоӣ аст дӯст дорад.

Албатта истеъдоди панҷуме ҳам метавон гуфт ва он, истеъдоди халлоқият аст, ки инсон, офаринанда ва мубтакир ва мубдеъ офарида шуда ва аз ҷумла чизҳое, ки ҳар кас дорост ва аз он лаззат мебарад, қудрати ибдоъ ва ибтикор ва навоварӣ аст.

Ҳол бояд дид, ки ислом чӣ дастурҳое дар заминаи парвариши ҳисси ҳақиқатҷӯии мо яъне қувваи тааққул ва тафаккури мо додааст. Қаблан гуфта шуд, ки ислом дар заминаи илм ва ақл фурӯгузор накарда. дар заминаи истеъдоди динӣ ҳам шакке нест, ки дастуроти зиёде дорад.

Ибодатҳо, тазаккурҳо, дуоҳо, хилватҳо, унсҳо, истиғфорҳо ва тавбаҳо, ҳама дар ин замина аст.

Ислом ва ҳунар

Вале он чизе, ки шояд бештар аз ҳама ниёз ба мутолеа дорад ин аст, ки оё ислом ҳеч иноятe ба буъди чаҳоруми руҳи инсон яъне истеъдоди ҳунарӣ намуда ва дар ислом ба зебоӣ ва ҷамол иноятe шуда ё на? Баъзе чунин тасаввур мекунанд, ки ислом аз ин назар хушку ҷомид ва беиноят аст ва ба иборати дигар, ислом завқкуш аст ва албатта инҳо, ки инчунин иддао мекунанд, ба хотири ин аст, ки ислом рӯи хуш ба мусиқӣ нишон надода ва низ баҳрабардорӣ аз ҷинси зан ба таври омм ва ҳунарҳои занона яъне рақс ва муҷассамасозиро манъ кардааст.

Вале ба ин шакл қазоват кардан дуруст нест. Мо бояд роҷеъ ба мавориде, ки ислом бо онҳо мубориза карда тааммул кунем ва бибинем, оё ислом бо онҳо мубориза карда аз он ҷиҳат, ки зебоӣ аст ё аз он ҷиҳат, ки муқорин бо амри дигаре аст, ки бар хилофи истеъдоде аз истеъдодҳои фардӣ ё иҷтимоии инсон аст? Ва ба илова, бибинем дар ғайри ин мавориди мамнӯъа оё бо ҳунаре мубориза шудааст?

Мусиқӣ

Масъалаи мусиқӣ ва ғино масъалаи муҳимме аст, агарчӣ ғино ҳудудаш равшан нест. Ғино зарбулмасали масоиле аст, ки фуқаҳо ва усулийин ба унвони мавзӯъоти муҷмал (яъне мавзӯъоте, ки ҳудудаш мафҳуму мушаххас нест) ба кор мебаранд. Мегӯянд, дар мавориде, асли бароат[19] ҷонишин мешавад. Масалан, дар мавриди фуқдони насс, иҷмоли насс, таорузи ду насс ва шубҳаи мавзӯӣ. Ва вақте мехоҳанд мисол ба иҷмоли насс бизананд, ҳамин ғиноро зикр мекунанд. Вале албатта қадри мусалламе дар ғино ҳаст ва он ин аст, ки овозҳое, ки мӯҷиби хиффати ақл мешавад, яъне шаҳавотро ончунон таҳйиҷ мекунад, ки ақл ба таври муваққат аз ҳукумат соқит мешавад ва ҳамон хоссиятеро дорад, ки шароб ё қимор дорост (ғино маҳсуб мегардад.) Таъбири “хиффати ақл” ҳам таъбири фуқаҳо ва аз ҷумла Шайх Ансорӣ аст. Он чи мусаллам аст ин аст, ки ислом хостааст, аз

[19] *Асли бароат: бароат дар луғат ба маънии покӣ ҷустан, раҳоӣ пайдо кардан ва озод будан аст. Ва аммо дар истилоҳ, иборат аст аз нафйи таклиф аз мукаллаф ва он, бар ду қисм аст: 1) Бароати ақлӣ, ки иборат аст аз ин ки ба ҳукми ақл, мукаллаф дар мақоми амал, ҳеч вазифае дар қиболи таклифи машкук, баъд аз таҳқиқ ва даст наёфтан ба далел, надорад. 2) Бароати шаръӣ яъне дар ҳар мавриди машкуке, ки мукаллаф асли ҳукми воқеиро надонад, шореъи муқаддас бо қарор додани ҳукми зоҳирӣ, таклифро аз дӯши мукаллаф бармедорад*.

ақли инсон ҳифозат ва ҳиросат кунад ва амал ҳам нишон дода, ки матлаб аз ҳамин қабил аст.

Чанде пеш дар рӯзнома дар мавриди зану шавҳаре навишта буд, ки корашон ба талоқ ва маҳкама кашидааст. Шавҳар мехост зани худро талоқ диҳад ба ин далел, ки мегуфт, зани ман бо вуҷуди ин ки аҳд карда буд, ки ҳеч вақт дар маҷолис дар ҳузури мардони бегона наракқсад, бо ин вуҷуд дар як арӯсӣ раққсида. Зан гуфтаи ӯро тасдиқ ва изофа карда буд, ки чун хуб ракс медонад, вақте дар он маҷлис оҳанге навохтанд, ончунон таҳти таъсир қарор гирифта, ки беихтиёр бархоста ва шурӯъ ба ракс кардааст.

Халифа ва канизи хонанда

Масъудӣ дар *"Муруҷуз-заҳаб"* менависад, ки дар замони Абдулмалик ё яке дигар аз хулафои Банӣ Умайя, ки лаҳву мусиқӣ хеле роиҷ шуда буд[20], ба халифа хабар доданд, ки фалон кас хонанда аст ва канизи зебое дорад, ки ӯ ҳам хонанда аст ва тамоми ҷавонҳои Мадинаро фосид карда ва агар ба кори ӯ нарасид, ин зан тамоми Мадинаро фосид мекунад. Халифа дастур дод, ки ғул ба гардани он мард андохтанд ва онҳоро ба Шом бурданд. Вақте дар ҳузури халифа нишастанд, он мард гуфт, маълум нест, ки он чи ӯ мехонад ғино бошад ва аз халифа хост, ки худаш имтиҳон кунад. Халифа дастур дод, ки каниз бихонад. Ӯ шурӯъ ба хондан кард. Каме, ки хонд, дид сари халифа такон мехӯрад. Кам-кам кор ба ҷойе расид, ки худи халифа шурӯъ кард ба чаҳор дасту по роҳ рафтан ва мегуфт: биё ҷонам ба ин маркуби худат савор шав.

Воқеан мусиқӣ қудрати азиму фавқулъодае махсусан аз ҷиҳати пора кардани пардаи тақво ва иффат дорад.

Дар масъалаи муҷассамасозӣ, манъи ислом ба хотири масъалаи мубориза бо бутпарастӣ аст. Ислом дар ин масъала ноҷеҳ (яъне муваффақ) буд. Агар муҷассамае аз Пайғамбар ва ғайра месохтанд, бидуни шак имрӯз бутпарастӣ хеле софу равшан вуҷуд дошт.

Дар масъалаи зан ва ракс ва ғайра ҳам, равшан аст, ки эҳтимоми ислом ба хотири иффат аст.

[20] *Ин амр аз Ҳиҷоз ва Макка ва Мадина оғоз шуд ва шояд ба василаи эрониҳое, ки ба онҷо рафта буданд ва корҳои меъморӣ ва банноӣ мекарданд ва дар хилоли ҳамон корҳо овоз мехонданд роиҷ шуда ва баъд масъалаи канизҳо роиҷ гардидааст*.

Бинобар ин, аз ин маворид наметавон истинод ба мубориза ислом бо завқ намуд. Ислом мухолифате бо ҷамол ва зебоӣ надорад ва бо ин ҳисс на танҳо мубориза накарда, балки дар як қисматҳое ин ҳиссро таъйид ҳам кардааст. Дар “Кофӣ” бобе дорем таҳти унвони:

الزّيّ والتجمّل

— ки “таҷаммул” ҳамон худро зебо кардан аст. Ҳадисе дорем, ки:

إِنَّ اللهَ جَمِيلٌ وَيُحِبُّ الْجَمالَ

Худованд зебост ва зебоиро дӯст дорад. Ва аз ҳама болотар, худи зебоӣ баён аст, ки дар ислом дар ҳадди аъло ба он таваҷҷӯҳ шудааст. Ислом худ, эъҷозаш — ё лоақал яке аз мавориди эъҷозаш — зебоии каломи Қуръон аст.
Дар масоили дигар зикр шуд, ки ҷойи шак нест, ки ислом таваҷҷӯҳи зиёде ба он ҷанбаҳо дорад. Танҳо масъалае, ки ҷойи шак дошт, ҳамин ҳисси зебоӣ ва ҳунардӯстӣ буд, ки дар ҷаласаи оянда рӯйи он бештар баҳс мекунем.

Масъалаи одат

Баҳс роҷеъ ба ин матлаб буд, ки “тарбият” — ҳамон тавр, ки мафҳуми ин луғат далолат мекунад — парвариш додани истеъдодҳои инсонӣ аст, ки албатта шомили парвариши ҷисм низ мешавад. Ва инчунин гуфтем, ки “тарбият” сохтан нест он тавр, ки масалан хонаеро месозанд, ки аҷзоъ ва ашёеро бо ҳам таркиб мекунанд ва назме миёнашон барқарор месозанд, балки аз навъи парвариши як мавҷуди зинда яъне фароҳам кардани заминаи рушди истеъдоде, ки дар мавҷуди зинда ҳаст мебошад ончунон, ки гулҳо ва дарахтҳоро рушду парвариш медиҳанд, ки албатта дар парвариши инсон масоили бештаре вуҷуд дорад. Масалан шояд дар гулҳо ва дарахтҳо нашавад як истеъдодро парвариш дод ва истеъдоди дигареро рокид гузошт, вале дар инсон ин ҷиҳат мумкин аст, ки як истеъдод аз истеъдодҳои инсон парвариш ёбад ва истеъдодҳои дигар парвариш наёбад ва ин худ маншаъи адами таъодул дар инсон бишавад ва бинобар ин зарурат дорад, ки дар парвариши инсон таъодуле миёни ҳамаи истеъдодҳои табиӣ бошад, ки феълан ин баҳс матраҳ нест.
Гуфта шуд, ки тарбият, сохтан ва аз навъи санъат нест, сирфи парвариш аст.

Мумкин аст касе чунин бигӯяд, ки қисмате аз тарбият парвариш аст ва қисмати дигар сохтан ва ё лоақал бигӯяд, инҷо ду назария аст: (назарияи уламои қадим ва назария уламои ҷадиди ғарб.)

Тарбият аз назари уламои қадим

Аз назари уламои тарбияти қадим, дар ин ҷиҳат шакку тардиде набуд, ки қисмате аз ахлоқиётро бояд дар вуҷуди башар таквин кард ва ба истилоҳи уламои ахлоқ, бояд фазоилро ба сурати малакот дар инсон эҷод намуд. Аз назари уламои қадим, одами тарбиятшуда одаме буд, ки он чи ки фазилат номида мешавад, дар ӯ ба сурати хӯю малака даромада бошад.[21] Ва модоме, ки як фазилат ба сурати малака дарнаёмада бошад ё ба табиати сонавии инсон бадал нашуда бошад, “ҳол” аст, на фазилат, зеро амре зоилшуданӣ аст; бояд малака шавад, то заволаш мушкил бошад. Уламои қадим дар таърифи адолат мегуфтанд: адолат малакаи тақво ва парҳезкорӣ аст, яъне тақво ва парҳезкорӣ барои инсон, малака шуда бошад; ва ҳатто мегуфтанд, инсон он вақт дорои ахлоқи фозила аст, ки дар олами хоб ҳам зидди он ахлоқ аз ӯ содир нашавад[22], масалан он қадр ростгӯ бошад, ки ҳатто дар олами хоб ҳам дурӯғ нагӯяд. Ва бар ин асос аст, ки эҳтимоми зиёде мешавад, ки тарбият дар синини кӯдакӣ сурат гирад. Аслан, гуфта мешавад тарбият, фанни ташкили одат аст. Руҳияи инсон дар ибтидо ҳукми моддаи шул ва қобили инъиқоде мисли гаҷро дорад, ки ибтидо, ки онро дар об мерезанд шул аст ва баъд сифт мешавад. Вақте ин модда шул аст, онро дар ҳар қолабе бирезем, ба ҳамон шакл дармеояд. Метавон онро ба сурати инсон даровард ё ба сурати хук ва ё хурӯс. Дар ҳар қолабе, ки бирезем, ҳамин ки сард шуд, ҳамон шаклро мегирад ва сифт мешавад. Мегӯянд, руҳи инсон дар замони кӯдакӣ ҳолати қобили инъитофе дорад ва монанди ҳамон моддаи шул аст ва ҳар чи инсон бузургтар шавад, қобилияти инъитофи он камтар мешавад. Ин ки гуфтаанд:

الْعِلْمُ فِي الصِّغَرِ كَالنَّقْشِ فِي الْحَجَرِ

— ихтисос ба илм надорад, балки бояд гуфта шавад:

---

[21] *Ва аз ин рӯ дар ахлоқ ҳамвора сӯҳбат аз малакаи фалон сифат аст, филмасал малакаи шуҷоат, малакаи саховат*.

[22] *Марҳум оқо шайх Абдулкарими Ҳоирӣ мегуфтанд, ман ҳатто агар дар хоб ҳам зани номаҳрам бибинам, чашмҳоямро мебандам*.

اَلتَّرْبِيَةُ فِي الصِّغَرِ كَالنَّقْشِ فِي الْحَجَرِ

Албатта уламои имрӯз ҳам ба тарбияти даврони кӯдакӣ бештар аҳаммият медиҳанд. Баччае, ки дар кӯдакистон аст, аз баччаи дабистон ва баччаи дабистон аз навҷавони дабиристон ва навҷавони дабиристон аз ҷавони донишгоҳ ҷанбаи пазиришаш бештар аст. Инсон дар синни панҷоҳсолагӣ шахсияташ мунъақид мешавад. Албатта муболиға набояд кард, инсон як мавҷуди қобили тағйир ва қобили тавба ва бозгашт аст ва мумкин аст дар синни садсолагӣ ҳам худро тағйир диҳад. Вале шак нест, ки ҳолоти руҳӣ кам-кам малака мешавад ва баргардондани онҳо душвор мегардад.

Тамсили Мавлавӣ

Мавлавӣ масале меоварад роҷеъ ба ин ки ҳар чи инсон бузургтар мешавад, сифоти ӯ қавитар ва решадортар мегардад. Мегӯяд, марде хореро дар маъбари мардум кошт ва мардум аз ин бӯтаи хор дар ранҷ буданд. Ӯ қавл дод, ки соли дигар онро биканад. Ва соли дигар низ корро ба соли баъд мавкул кард ва солҳои баъд низ ба ҳамин тартиб амал кард. Аз тарафе, дарахт сол ба сол решадортар мешуд ва аз тарафи дигар, худи ӯ сол ба сол заъифтар мегардид, яъне миёни дарахт ва қуввати ӯ нисбати маъкус барқарор буд. Ҳолоти инсон низ монанди хорбун ва хоркан аст. Рӯз ба рӯз сифот дар инсон решаҳои амиқтаре пайдо мекунад ва иродаи инсонро заъифтар мекунад. Қудрати як ҷавон дар ислоҳи нафси худ аз як пир бештар аст.

Хорбун дар қуввату бархостан,
Хоркан дар пириву дар костан.

Саъдӣ низ мегӯяд:

Ҳар ки дар хурдияш адаб накунад,
Дар бузургӣ фалоҳ аз ӯ бархост.
Чӯби тарро, чунон ки хоҳӣ, печ,
Нашавад хушк ҷуз ба оташ рост.

Ӯ ба чӯби тару хушк ташбеҳ мекунад, ки то тар аст инъитоф дорад ва ҳар чи хушктар шавад, инъитофи он камтар мегардад ва вақте комилан хушк шавад, як ҳолати собит ба худ мегирад ва тағйир намекунад. Мавлавӣ мегӯяд:

Меҳри аввал кай зи дил берун шавад?

— ва рӯйи меҳри аввал хеле такя мекунад, яъне муҳаббате, ки аввал дар дили инсон рафт, то охир мемонад, ҳамон тавр, ки буғзи аввал ҳам, ки дар дили одамӣ омад, берун намеравад. Мегӯянд, Муъовия мегуфт, коре мекунам, ки баччаҳо, ки бузург мешаванд,

буғзи Алӣ ибни Абӯтолиб дар онҳо парвариш ёбад. Ё дар мисолҳои худ мегӯем: “*Бо шир андарун шуд ва бо ҷон бадар равад*.“ Ҳар чи ки бо шир ба ҷони инсон ворид шавад, фақат бо мурдан берун меравад. Рӯйи ин асос, гӯё дар қудамои уламои ахлоқ тардиде дар ин ҷиҳат набуда, ки сифот ва малакоти фозиларо бояд ба сурати навъе одат даровард.

Ва одат сохтан аст ва парвариш нест. Парвариш, рушди истеъдоди мавҷуд аст. “Одат” ин аст, ки мо ҳар ҳолате диламон бихоҳад, ба ӯ медиҳем, ӯ ба манзилаи моддаи шул ва қобили инъитоф ва шаклпазирӣ аст, ки ҳар шакле ба он бидиҳем, мепазирад. Аз ин назар, инсон мавҷуде қобили сохтан аст ва аксари ахлоқиёт умуре сохтанӣ аст ва бояд одат шавад ва умуре нест, ки решааш дар инсон вуҷуд дошта бошад. Масалан шуҷоат: мумкин аст касеро тавре тарбият кунем, ки шуҷоъ аз об дарояд ё тавре тарбият кунем, ки шуҷоъ аз об дарнаёяд. Мумкин аст касеро одат диҳем малакаи иффат дар ӯ ба вуҷуд ояд ва мумкин аст одами ғайри афиф ва ҳавасроне бор оварем.

Пас, тибқи ин баён, метавон гуфт: агар бигӯем, ки тарбият сирфан иборат аз парвариш аст, на сохтани инсонҳо, саҳеҳ нест. Қисмати аъзами тарбият, сохтани инсонҳо ба таври дилхоҳ аст. Аз ин рӯ ҳар фарҳанге миллати худашро он тавр, ки дилхоҳи ӯст месозад, ҳайъати ҳокимаи як миллат ва ҳар ки бар ӯ ҳукумат кунад, миллати худро он тавр, ки бихоҳад, месозад.

Назарияи уламои ғарб

Назарияи ҷадиде дар миёни уламои ғарб дар боби тарбият пайдо шуда, ки лозимаи ҳарфашон ин аст, ки асосан тарбият, сирфи парвариш аст. Ва чун баҳси онҳо дар тарбияти ахлоқӣ буда ва рӯй ақл ва ирода баҳс кардаанд, на рӯйи ҳисси динӣ ва ҳисси зебоӣ, гуфтаанд, тарбият фақат ва фақат парвариши нерӯи ақл ва иродаи ахлоқӣ асту бас. Ва инсонро ба ҳеч чиз — чӣ хуб ва чӣ бад — набояд одат дод, зеро одат мутлақан бад аст, чун ҳамин ки чизе одат шуд, бар инсон ҳукумат мекунад ва инсон ба он унс мегирад ва наметавонад онро тарк кунад ва он вақт аст, ки кореро, ки анҷом медиҳад, на ба ҳукми ақл ва на ба ҳукми иродаи ахлоқӣ ва на ба ҳукми ташхиси ин ки ин кор кори хубе аст ё кори баде, анҷом медиҳад, балки ба ҳукми ин ки одаташ шуда ва агар анҷом надиҳад нороҳат мешавад анҷом медиҳад. Ин матлаб дар ду ҳадиси набавӣ ва содиқӣ омадааст. Расули Акрам фармудаанд:

لاَ تَنْظُرُوا إِلَى كَثْرَةِ صَلاَتِهِمْ وَصَوْمِهِمْ وَكَثْرَةِ الْحَجِّ وَالْمَعْرُوفِ وَطَنْطَنَتِهِمْ بِاللَّيْلِ اُنْظُرُوا إِلَى صِدْقِ الْحَدِيثِ وَأَدَاءِ اَلْأَمَانَةِ

(*“Ба зиёдии намозу рӯзаву ҳаҷҷу некиву вирду зикри шабонаи мардум нигоҳ накунед, балки ба ростгӯӣ ва амонатдории онон таваҷҷӯҳ намоед.” (“Биҳорул-анвор”, 71/9)*)
Аз ҳазрати Содиқ ҳадисе нақл шуда, ки тафсири ҳадиси болост. Мефармояд:

لا تَنْظُروا إلى طولِ رُكوعِ الرَّجُلِ وَسُجودِهِ فَإِنَّ ذلِكَ شَيْءٌ اعْتادَهُ فَلَوْ تَرَكَهُ اسْتَوْحَشَ لِذلِكَ، وَلكِنِ انْظُروا إلى صِدْقِ حَديثِهِ وَأَداءِ أَمانَتِهِ

(*“Усули Кофӣ”, 2/105*) (Ба тӯли рукӯъу суҷуди фард нигоҳ накунед, ки он, чизе аст, ки ӯ) бад-он одат карда ва агар бихоҳад онро тарк кунад, ваҳшат мекунад.
Ин ҳадис худ далолат мекунад, ки одат, арзиши ахлоқии як корро аз миён мебарад ва ҳеч наметавонад милоки инсоният ва имон бошад. Инҳо ҳам мегӯянд, ҳар чизе — ҳарчанд беҳтарини корҳо ва фазоили инсонӣ бошад — ҳамин қадр, ки ба сурати одат даромад, арзиши худро аз даст медиҳад, зеро дар ин сурат он малака аст, ки бар инсон ҳукм мекунад, он одат аст, ки табиати сонавӣ аст ва бар инсон ҳукм мекунад, чӣ ақл биписандад ва чӣ написандад. Кант (*Иммануил Кант*) ва Руссо (*Жан-Жак Руссо*) сардастаи ин мактаб ҳастанд. Руссо дар китоби *Эмил* мегӯяд, Эмилро бояд одат диҳем, ки ба ҳеч чиз одат накунад. Дуруст нуқтаи муқобили ақидаи қудамо, ки тарбиятро фанни ташкили одат медонистанд. Пас ғайр аз одат надодани рух, тарбият чист? Тақвияти руҳу ирода, ки дар ҳар коре нерӯи ақли озодона битавонад фикр кунад ва иродаи ахлоқи озодона битавонад тасмим бигирад ва махсусан бо одатҳо мубориза кунад. Ин аст, ки ин ҷур ашхос гоҳе кореро, ки мо бад медонем, тақвиз мекунанд, ба далели ин ки як “хуб” барои шахс одат шуда ва дар муқобили одат бояд исён кард.
Ин ҷост, ки масъалаи озодии ахлоқӣ дар тарбият матраҳ мешавад. Инҳо дар воқеъ мудофеъи озодӣ дар ахлоқанд ва озодиро ҷавҳари руҳи инсон медонанд ва мегӯянд, инсон ба ҳеч васила набояд озодиаш салб шавад, бояд озод бошад, яъне фақат ба ҳукми ақл ва иродаи ахлоқии худ кор кунад ва ҳеч қудрате бар ӯ ҳукумат накунад, ҳатто қудрати одат.
Тақрибан мешавад гуфт, ҳарфҳои Руссо дар китоби “Эмил” бештар дар атрофи мубориза бо одат аст. Вай дар нақди равиши тарбияти қадим мегӯяд: кӯдак, асир ба дунё меояд ва асир аз дунё меравад. Мақсудаш ин аст, ки кӯдак ба маҳзи ба дунё омадан, дастҳояш ба

қундоқ баста мешавад ва пас аз марг ҳам ба кафан ва баччаи инсонро аз таваллуд то марг асири одат мекунанд.

Нақди ин назария

Вале оё ин назария дуруст аст? Оё ҳатто корҳои хуб ҳам набояд одат шавад? Ба назари мо, ин назария сад дар сад дуруст нест. Инҳо гуфтаанд, одат башарро ба сурати мошин дармеоварад ва руҳи ибтикорро дар инсон мекушад ва ихтиёр ва ҳуррият ва иродаро аз ӯ салб мекунад. Кант (*Иммануил Кант*) мегӯяд: ҳар андоза одоти башар зиёд бошад, истиқлол ва озодиаш камтар мешавад. Албатта манзур, озодии ақл аст. Ба ҳар ҳол, инҳо ақида доранд, ки чун хоссияти одат ин аст, ки иродаро заъиф мекунад ба наҳве, ки инсон наметавонад алайҳи маънусоти руҳӣ ва ҷисмии худ қиём кунад, пас одат дар ҳар замина бад аст. Аз ин рӯ инҳо дар муқобили ин таъриф, ки тарбият фанни ташкили одат аст, мегӯянд: тарбият фанни барҳам задани одат аст.

Албатта ин ки гуфтаанд, инсон набояд коре кунад, ки чизе барояш ба сурати одат дарояд ва ба он унс бигирад ба тавре, ки тарк карданаш барояш душвор бошад ва корро на ба ҳукми ақл ва ирода, балки ба ҳукми одат анҷом диҳад, ба сурати куллӣ дуруст аст. Вале ин далел намешавад, ки одат мутлақан бад бошад, чун одот бар ду қисм аст: одоти феълӣ ва одоти инфиъолӣ.

Одати феълӣ он аст, ки инсон таҳти таъсири як омили хориҷӣ қарор намегирад, балки кореро дар асари такрор ва муморасат, беҳтар анҷом медиҳад. Ҳунарҳо ва фунун, одат аст. Ҳамин навиштани мо одат аст, на илм. Агар хатт нанавишта бошем, наметавонем бинависем ва ба иборати дигар, мо наметавонем якбора бинависем, балки бояд ба тадриҷ дар асари тамрин, одат ба навиштан кунем. Ҳатто бисёре аз малакоти нафсонӣ, одоти феълӣ аст мисли шуҷоат. Шуҷоат, қуввати қалб аст. Албатта мумкин аст, ки инсон каме аз онро ба таври табиӣ дошта бошад, вале ин ки инсон як ҳолати фавқулъода ва қуввати қалбӣ пайдо кунад, ки дар мувоҷеҳа бо хатар худашро набозад ва истодагӣ кунад, дар асари одат пайдо мешавад. Вақте инсон зиёд дар маҳолик қарор гирифт, тадричан ин ҳолат дар ӯ пайдо мешавад. Ҷуду саховат ва иффату покдоманӣ низ аз ин қабил аст.

Аммо чаро дар ин гуна одатҳо эроди амсоли Кант ворид нест? Чун аввалан, хоссияти ин одот ин нест, ки инсон хӯю унс мегирад, балки хоссияти онҳо фақат ин аст, ки инсон то вақте, ки одат накардааст, иродааш дар муқобили муҳаррикот — ки дар ҷиҳати хилоф аст — заъиф аст, вале вақте, ки одат кард, қудрати муқовамат пайдо мекунад, мисли

ҳамон чизе, ки фуқаҳо дар боби малакаи тақво ва адолат мегӯянд. Малакаи тақво ва адолат дар ин ҳадд аст, на дар он ҳадд, ки инсон асир шавад. Аз назари Руссо ва Кант, иродаи ахлоқӣ иродае аст, ки фақат фармони ақлро мебарад ва тарки ин сифот, ӯро нороҳат намекунад; фақат як нерӯст ва ҷуз нерӯ чизи дигаре нест.

Сониян — ки мутаммими аввалан аст — уламои ахлоқ, ки ба одат хеле аҳаммият медоданд, мегуфтанд: **одат, кореро, ки бар ҳасби табиат барои инсон душвор аст, осон мекунад**.

Гоҳе инсон мехоҳад кореро анҷом диҳад, ки бар хилофи табиати ӯст. Табъан вақте "сахт" барои инсон одат шуд ва ба сурати малака даромад, он душворӣ дар мубориза бо табиат аз миён меравад, на ин ки худ, унсе барои инсон мегардад. Фарз кунед, касе одат мекунад, ки саҳархез бошад. Ин одам қабл аз одат ба саҳархезӣ вақте мехоҳад рахти хобро тарк кунад, барояш сахт аст. Кӯшиш мекунад, ки ин корро осон кунад. Муддате, ки саҳархезӣ кард, кам-кам ба саҳархезӣ одат мекунад ва ин чизе ҷуз осон шудани он нест. Ба иборати дигар, қаблан асири табиат буд. Дар асари ин одат, нерӯе баробар бо нерӯи табиат пайдо мекунад ва дар миёни ин ду нерӯ озод мешавад ва он гоҳ бо ақли худ маслиҳатандешӣ мекунад ва тасмим мегирад, ки бихобад ё бедор бимонад. Инро наметавон бад донист. Наметавон гуфт, ки инсон мудом дар зери фишори табиат, бо ирода ва фармони ақл саҳархезӣ кунад, вақте, ки одат кард одатро бишканад, то боз табиат дар маҷрои худ қарор гирад.

Солисан: дар ин ки ҳоким бар инсон бояд иродаи ахлоқӣ бошад, онҳо аз назари мазҳабӣ баҳс намекарданд, вале мо, ки аз назари мазҳабӣ баҳс мекунем, бояд бигӯем, иродаи ахлоқии инсон бояд тобеъи ақлу имонаш бошад. Аммо ин ки бояд ҳукумати ақлу имонро дар вуҷуди худ барқарор кунем, оё роҳаш ин аст, ки нерӯҳои дигарро дар худ тазъиф кунем, хоҳ нерӯи табиӣ бошад ё нерӯи тарбиятӣ яъне одат?

Барои ин ки мо нерӯи ақлу иродаро дар худ тақвият кунем, ду роҳ вуҷуд дорад: яке ин ки ҷисм ва табиатро заъиф нигаҳ дорем, то ақл дар мо қавӣ шавад. Ин мисли ин аст, ки як оқое мехоҳад қаҳрамон шавад, барои қаҳрамон шудан ва фотеҳ шудан бигӯяд, тарафи муқобилро лоғар ва заъиф нигаҳ доред, то ман бар ӯ фотеҳ шавам. Фотеҳ шудан бар заъиф коре нест. Ҳунар ин аст, ки ӯ қавӣ бошад ва ту қавиро мағлуб кунӣ. Дар садри ислом, асҳоб зиёд назди Пайғамбар меомаданд ва иҷоза мехостанд, ки худро ақим кунанд ва Пайғамбар мефармуд: ин кор дар дини ман ҷоиз нест. Ин ҳунар нест, ки касе барои ин ки имони худро соф нигаҳ дорад, худро ахта кунад, ки дар ӯ таҳрикоти ҷинсӣ набошад. Ҳунар ин аст, ки таҳрикоти ҷинсӣ бошад ва аз нерӯи он коста нашавад, вале

нерӯи ақлу имон он қадр қавӣ бошад, ки ҳамон нерӯи қавиро таҳти ихтиёр оварад. Ин дар боби табиат.

Дуруст ҳамин матлаб дар боби робитаи ақл бо табиат ҳаст. Оқои Кант ва Руссо чӣ мегӯянд? Оё мегӯянд, барои тақвияти нерӯи ақлу ирода, табиатро заъиф нигаҳ дорем, то ҳукумати ақлу ирода дар мо қавӣ шавад? На, чунин чизе намегӯянд.

Ночор мегӯянд: каффаи иродаро қавӣ кунед, то бар нерӯи ҷисм ва табиат фоиқ ояд. Мо мегӯем, ин матлаб дар боби одот ҳаст, чун одат табиати дуввум аст. Мо бояд бибинем, ки аз нерӯи одат коре сохта ҳаст ё на? Мебинем, сохта аст, чун корҳоро бар мо осон мекунад. Вале дар айни ҳол бояд ақлу ирода — ва ё ақлу имон — ро ончунон қавӣ нигаҳ дорем, ки ҳамон тавр, ки асири табиат нест, асири одат ҳам набошад. Воқеан вақте, ки чизе барои инсон ба сурати одат даромад, ба он хӯ ва унс мегирад ва онро ба таври худкор ва мошинвор анҷом медиҳад ва гоҳе асосан коре ба ақлу имон надорад, яъне агар ақл ё имон бигӯяд, бар хилофи он амал кун, намекунад.

Мегӯянд, марҳум оқо шайх Абдулкарими Ҳоирӣ дар моҳи Рамазон бо ин ки ба иллати пирӣ метавонистанд рӯза нагиранд, рӯза мегирифтанд. Ба эшон гуфта шуд: шумо худатон мегӯед, шайх ва шайха метавонанд рӯза нагиранд ва дар иваз каффора бидиҳанд. Ҷавоб доданд: раги авомиам намегузорад.

Хеле аз афрод дучори ин ҳолатанд. Масалан баъзеҳо мегӯянд, агар бимирам, рӯзаамро намехӯрам (хаёл мекунад ин имон аст) яъне агар Худо ва Пайғамбар ҳам бигӯянд, рӯзаашро намехӯрад. Ин дигар одат аст. Бояд инсон он қадр рӯзагир бошад, ки тобеъи имонаш бошад. Агар имон бигӯяд, рӯзаатро бихӯр, бояд бихӯрад. Зиёд рух медиҳад, ки як кор барои инсон ба сурати одат дармеояд ба тавре, ки инсон фармони имонро намепазирад. Аммо дар айни ҳол **ин далел намешавад, ки малакотро нафйи мутлақ кунем ва масалан, адолат ё саҳархезӣ, ки малака шуд, дигар ба дард намехӯрад, балки ҳар чи ки инсонро асири худ кард ба тавре, ки одамӣ аз фармони ақлу имон ҳам сарпечӣ намуд, нодуруст аст**.

Шахсе бо ҳазрати Содиқ дар боғе буд. Ба себе ишора кард ва ба ҳазрат арз кард: агар шумо алъон бигӯед ниме аз ин себ ҳалол ва ними дигар ҳаром аст, ман қабул мекунам. Ин яъне ҳамон матлаб, ки ба чизе одат накунем, ки аз ақлу имон ҳам фармон набарем.

Маълум шуд, ки сухани уламои ғарб то ин ҳадд дуруст аст ва он ҳадисе, ки фармуд: "*Назар ба тӯли рукӯъу суҷуди шахс накунед, чун ин амре аст, ки барои ӯ одат шуда ва ӯ аз таркаш ваҳшат дорад*", таваҷҷӯҳ ба ин матлаб аст, ки гоҳе одат ба сурате дармеояд, ки арзиши кори хубро аз миён мебарад.

Эҷоди унс, дар одоти инфиъолӣ аст

Гуфтем, дар одоти инфиъолӣ аст, ки эҷоди унс мешавад ва инсон асири он мегардад. **Одоти инфиъолӣ одоте аст, ки инсон таҳти таъсири як омили хориҷӣ, амалеро анҷом медиҳад**. Дар одоти ҷисмонӣ (феълӣ) ё ҳунарҳо эҷоди унс намешавад, мисли ҳамон хатт навиштан ё роҳ рафтан, ки ин ҳам худ як навъ ҳунар аст, мунтаҳо ҳунаре аст, ки чун инсон онро аз аввали баччагӣ ёд гирифта, зиёд ба чашм намеояд.

Барои шахсе шеъру насрро таъриф мекарданд. Ибтидо назмро таъриф карданд ва баъд гуфтанд: он тавр, ки мо сӯҳбат мекунем, наср аст. Гуфт: аҷаб! Мо то ҳоло наср мегуфтем ва намедонистем?!

Ғараз ин ки одоти феълӣ одоте аст, ки ба омили хориҷӣ иртибот надорад, вале одоти инфиъолӣ одоте аст, ки инсон таҳти таъсири як омили берунӣ аст, мисли ин ки сигор кашидан барои инсон одат мешавад, яъне инсон ҳамеша мехоҳад ин дуди сигор ба ӯ бирасад. Одоти инфиъолӣ маъмулан ҳолати унс барои инсон эҷод мекунад ва инсонро асири худ мекунад ва танпарвариҳо ба он маънӣ, ки қаблан зикр шуд, ғолибан одоти инфиъолӣ аст. Масалан, инсон одат мекунад, ки рӯйи тушаки пурқу бихобад ё масалан ба ғизои хоссе одат мекунад ба тавре, ки агар он ғизо ба ӯ нарасад, ҳарчанд ғизои дигар муқаввӣ бошад, наметавонад бихӯрад. Инҳо одоти инфиъолӣ аст, ки дар ҳар мавриде бад аст. Вале одоти феълиро, ки намешавад ба далели ин ки одат аст, гуфт бад аст. Албатта мумкин аст ба далели дигаре бад бошад, вале ба далели ин ки одат аст, наметавон гуфт бад аст.

Матлаби дигаре, ки бояд унвон гардад ва ҷаласаи баъд рӯйи он сӯҳбат шавад ин аст, ки фарангиҳо матлаберо матраҳ кардаанд таҳти ин унвон, ки милоки ахлоқӣ будан чист? Яъне чӣ феъле аз афъоли инсонро бояд табиӣ донист ва чӣ феълеро ахлоқӣ? Албатта, асли суол ин аст, ки оё метавон гуфт, фалон кор хуб аст ва фалон кор бад? Оё метавон гуфт, ҳар кори иродӣ ва ихтиёрии инсон ахлоқӣ аст? Яъне милоки кори ахлоқиро иродӣ будан ва милоки кори табииро било ирода будан донист? Масалан, ҳаракати қалб, ки як феъли табиӣ аст ё танаффус, ки феъли ниматабиӣ аст ахлоқӣ нест, вале роҳ рафтан ё ғизо хӯрдан ва ё ҳарф задан, ки як феъли иродӣ аст, ахлоқӣ аст?

На! Ин ҳарф, ҳарфи дурусте нест. Сирфи иродӣ будан, милоки ахлоқӣ будан нест, ки мо кореро аз назари ахлоқӣ хуб бидонем.

Мумкин аст касе милоки феъли ахлоқиро ин бидонад, ки ба ғайр иртибот дошта бошад, яъне нафъ расондан ба ғайр ё зарар расондан ба ғайр ва ба иборати дигар, як силсила авотифи мусбат ва манфӣ нисбат ба дигарон. Ин ҳам дуруст нест. Аввалан, бисёре аз

афъоли инсон, ахлоқӣ аст бидуни ин ки иртибот ба ғайр дошта бошад. Сониян, мумкин аст феъле иртибот ба ғайр дошта бошад ва ахлоқӣ набошад, решааш эҳсосот бошад, мисли кори модар, ки таҳти таъсири эҳсосоти модаронаи худ ба баччааш хидмат ва кӯмак мекунад. Кори модарро наметавон ахлоқӣ шумурд, зеро муҳаббат ба фарзанд барои модар як амри табиӣ аст. Модар асири эҳсосоти худ аст ва наметавонад муҳаббат ва хидмат накунад ва аз накарданаш ранҷ мебарад. Ҳамин модар, баччаи дигареро — масалан баччаи ҳавуи худро — бо ин эҳсосот наменигарад ва балки ғолибан дар ҷиҳати акс аст. Пас инро намешавад гуфт ахлоқ. Куҷо ахлоқ ҳукм мекунад, ки ба баччаи худ таваҷҷӯҳ кун ва ба баччаи дигаре таваҷҷӯҳ накун?! Бинобар ин, иртибот ба ғайр доштан ҳам наметавонад милок бошад.

Онҳое, ки дар боби одот мегуфтанд, аъмоли инсон бояд таҳти ҳукумати ақлу иродаи ӯ бошад, инҷо ҳам ночор ҳамин ҳарфро мезананд, мегӯянд, феъли ахлоқӣ феъле аст, ки аз ақл бархезад ва ҳеч отифае дар он дахолат надошта бошад, хоҳ ихтисос ба худи инсон дошта бошад ва хоҳ марбут ба ғайр бошад.

Феъли ахлоқӣ як меъёри мавриди қабули ҳама надорад, яъне ҳар мактабе бар ҳасби ҷаҳонбинӣ ва усули худ феъли ахлоқиро чизе медонад, ки мумкин аст бо он чи дигарон мегӯянд мухолиф бошад. Баъзеҳо мӯътақиданд, ки феъли ахлоқӣ феъле аст, ки аз виҷдони инсон сарчашма мегирад ва виҷдон ҳамон аст, ки дар фитрати ҳар кас вуҷуд дорад ва ин то андозае дуруст ҳам ҳаст:

فَأَلْهَمَها فُجُورَها وَتَقْواها

(*Шамс/8*) Кант шадидан мӯътақид аст ба ин ки виҷдони ахлоқӣ дар инсон вуҷуд дорад. Фалсафаи амалии ӯ аз фалсафаи назариаш аҳаммияти бештаре дорад. Гуфтааст ва рӯйи қабраш ҳам навиштаанд:

“*Ду чиз аст, ки эъҷоби инсонро бармеангезад ва ҳеч вақт инсон эъҷобаш ба он кам намешавад: яке осмони пурситорае, ки болои сари мо қарор дорад ва дигар, виҷдоне, ки дар даруни мо қарор дорад*.”

Ин мактаб мегӯяд, кори ахлоқӣ коре аст, ки аз фитрат ва виҷдони инсон сарчашма гирад. Дар ин мактаб кори ахлоқӣ ҳамон коре аст, ки виҷдони инсон ҳукм мекунад, муҷаррад аз ҳар тарбияте ва муҷаррад аз ҳар одате. Вале бояд дид, касоне, ки ба чунин виҷдоне ақида надоранд, ба чӣ арзишҳое қоиланд? Ба истиноди ҳамон арзишҳо милоки кори ахлоқиро аз назари онҳо мешавад ташхис дод.

Касоне, ки моддӣ фикр мекунанд, мешавад гуфт, ки арзишҳои ахлоқиро хеле пойин овардаанд. Асри моро асри тазалзули арзишҳо номидаанд, яъне асре, ки дар он арзишҳои ахлоқӣ маънӣ надорад, чун арзишҳое, ки милоки ахлоқ буд, аз байн рафтааст. *Нигилизм* мактабе аст, ки ба ҳеч асл ва арзише эътиқод надорад. Ҳамаи мактабҳои моддӣ чунин аст. Ҳама дам аз ахлоқ мезананд, вале ҷаҳонбиниашон арзишҳои ахлоқиро мутазалзил кардааст.

Феъли ахлоқӣ (1)

Яке аз масоиле, ки (дар фалсафаи ахлоқ) матраҳ аст ин аст, ки меъёри феъли ахлоқӣ чист? Яъне корҳоро мо бо чӣ меъёре метавонем аз назари ахлоқӣ бисанҷем, кореро ахлоқӣ бидонем ва кореро оддӣ? Ба таъбири дигар, фарқи феъли ахлоқӣ бо феъли оддӣ чист? Шак надорад, ки як силсила аз корҳое, ки мо анҷом медиҳем, кори оддӣ аст ва инҳоро касе феъли ахлоқӣ намешуморад, мисли ин ки сари суфра менишинем ва ғизо мехӯрем. Дар ин сурат касе намегӯяд мо кори ахлоқӣ анҷом медиҳем. Вале баъзе аз корҳо ҳаст, ки феъли ғайритабиӣ ва ахлоқӣ шумурда мешавад. Масалан, касе эсор мекунад, яъне дар ҳоле, ки худ ба чизе ниёз дорад, вақте эҳсос мекунад, ки шахси дигаре ҳам ба он ниёз дорад, ӯро бар худ муқаддам медорад. Дар инҷо мегӯянд, ӯ як амали ахлоқӣ анҷом додааст. Қабл аз ин ки меъёри амали ахлоқиро зикр кунем, ду луғатро аз назари мафҳум бояд тавзеҳ диҳем.

Фарқи тарбият ва ахлоқ

Тарбият бо ахлоқ тафовуте дорад, бо ин ки ахлоқ ҳам худ навъе тарбият аст ва ба маънии касби навъе хулқ ва ҳолат ва одат мебошад. Фарқ байни тарбият ва ахлоқ чист?
Тарбият — ҳамон тавр, ки қаблан гуфта шуд — мафҳуми парвариш ва сохтанро мерасонаду бас. Аз назари тарбият, фарқ намекунад, ки тарбият чӣ гуна ва барои чӣ ҳадафе бошад, яъне дар мафҳуми тарбият қадосат нахобида, ки бигӯем тарбият яъне касеро он тавр парвариш бидиҳанд, ки як хасоиси мофавқи ҳайвон пайдо кунад, балки тарбияти ҷонӣ (ҷинояткор) ҳам тарбият аст ва ин калима дар мавриди ҳайвонот низ итлоқ мешавад. Як сагро ҳам метавон тарбият кард, аъамм аз ин ки тарбият шавад барои ин ки бо соҳибаш рафтори хубе дошта бошад ё барои гала, ки гургро бигирад ва ё барои ин ки хонаро посбонӣ кунад, ҳама тарбият аст. Ин легионҳое, ки ағлаби кишварҳои истеъморӣ аз афроди ҷонӣ таъсис мекунанд ва инҳоро каме ҳам ба истилоҳ ҷонитар бор

меоваранд, ки боке аз ҳеч чиз надошта бошанд ва ҳар фармонеро бидуни ин ки фикр кунанд дар чӣ заминае аст ичро кунанд, корашон тарбият аст.

Аммо дар мафҳуми ахлоқ қадосате ниҳода шудааст ва аз ин рӯ калимаи “ахлоқ”-ро дар мавриди ҳайвон ба кор намебаранд. Масалан, вақте асперо тарбият мекунанд, намегӯянд, ки ба ӯ ахлоқ таълим медиҳанд. Ахлоқ ихтисос ба инсон дорад ва дар мафҳумаш навъе қадосат хобидааст. Аз ин рӯ агар бихоҳем бо истилоҳ сӯҳбат кунем, бояд бигӯем, фанни ахлоқ ва фанни тарбият яке нест ва дутост. Фанни тарбият вақте гуфта мешавад, ки манзур мутлақи парвариш бошад ба ҳар шакл. Ин дигар тобеъи ғарази мост, ки тарафро чӣ гуна ва барои чӣ ҳадафе парвариш диҳем. Аммо илми ахлоқ ё фанни ахлоқ амре тобеъи ғарази мо нест, ки бигӯем, ахлоқ билохира ахлоқ аст, ҳол ҳар ҷур, ки мо бор биёварем. Балки дар мафҳуми ахлоқ навъе қадосат хобидааст (ки бояд милок ва меъёри қадосатро ба даст оварем).

Аз ин рӯ мегӯем, **феъли ахлоқӣ дар муқобили феъли табиӣ қарор мегирад**. Албатта ин нукта бояд равшан бошад, ки ин ки мегӯем “дар муқобили феъли табиӣ”, инро ду ҷур метавон таъбир кард: яке ин ки бигӯем, феъли ахлоқӣ яъне феъли зидди табиӣ ва мо ҳар феълеро, ки бар зидди иқтизои табиат бошад, феъли ахлоқӣ меномем. (Дигар ин ки бигӯем, феъли ахлоқӣ яъне феъли ғайритабиӣ. Бадеҳӣ аст) мақсуд ин нест, ки милоки феъли ахлоқӣ ин аст, ки бар зидди табиат бошад ва ҳар кореро, ки бар зидди табиат бошад, кори ахлоқӣ биномем. Як одами муртоз ба худ ранҷ медиҳад ва бар хилофи табъаш рафтор мекунад, вале мо намегӯем, ки чун ӯ коре бар зидди табиати худ анҷом дода, феълаш ахлоқӣ аст. Ин наметавонад миқёс бошад ва ҳеч кас ҳам чунин ҳарфе намезанад. **Ин ки мегӯем “дар муқобили феъли табиӣ”, мақсуд зидди табиат нест, балки мақсуд афъоли ғайритабиӣ аст**, яъне афъоли муғойир бо афъоли табиӣ ва навъи дигаре аз феълҳо ғайр аз корҳое, ки муқтазои табиати башарӣ аст ва башар ба ҳукми сохтмони табииаш анҷом медиҳад. Ҳар коре, ки инсон онро ба ҳукми сохтмони табииаш анҷом диҳад, феъли табиӣ аст ва феъли ахлоқӣ феъли ғайритабиӣ аст.

Назариёт дар боби меъёри феъли ахлоқӣ

а) Дигардӯстӣ:

Ҳол, меъёри феъли ахлоқӣ чист? Бархе гуфтаанд, ки милоку меъёри феъли ахлоқӣ ин аст, ки бар асоси ғайрдӯстӣ бошад, на бар асоси худдӯстӣ. Зеро инсон наметавонад кори иродиаш мисли ҳарф задан ё қадам задан ангеза надошта бошад, вале як вақт ангезаи инсон аз коре, ки анҷом медиҳад, исоли (расондани) нафъ ба худ ё дафъи зарар аз худ

аст, ки инчунин кореро кори ахлоқӣ наменомем, чун ҳар мавҷуди зиндае ба ҳукми табиати аввалияи худаш ғаризатан дунболи ҷалби манофеъ барои худ ва дафъи мазаррот аз худ аст.

Вале ҳамин қадр, ки кори инсон аз ҳавзаи худӣ ва фардӣ хориҷ шуд ва ҷанбаи ғайрдӯстӣ ба худ гирифт ва барои ҷалби манофеъ барои ғайр ё дафъи зарар аз ғайр буд, мешавад кори ахлоқӣ. Пас, тибқи ин назария, ҳар амале, ки дар ҳавзаи худдӯстӣ аст, феъли ғайриахлоқӣ ва ҳар амале, ки дар ҳавзаи дигардӯстӣ аст, феъли ахлоқӣ номида мешавад. Ин баён, баёни тамоме нест, зеро мумкин аст ҳамон ғайрхоҳӣ ва дигархоҳӣ ҳам дар мавориде ғаризӣ ва табиӣ ва ба ҳукм ва фармони табиат бошад ва ин наметавонад унвони ахлоқӣ ба худ бигирад, мисли муҳаббати модар — аъамм аз инсон ва ғайри инсон — нисбат ба фарзанди худаш. Ҳар ҳайвоне ба ҳукми ғариза, фарзанди худро дӯст дорад. Оё мо метавонем муҳаббатҳои модарон нисбат ба фарзандонро, ки таҳти таъсири табиат анҷом медиҳанд, кори ахлоқӣ биномем? Оё ин кор, ахлоқӣ аст ё табиӣ? Модар ба лиҳози ғариза, баччаашро дар ниҳояти дараҷа дӯст дорад ва ба ҳукми ин дӯстии табиӣ, ба баччааш исоли нафъ мекунад ва ҳатто эсор мекунад, яъне аз худаш кам мегузорад ва ба ӯ медиҳад ва аз ин рӯ муҳаббати модарона ихтисос ба инсон надорад, дар ҳайвонот ҳам ҳаст.

Мумкин аст ин назарияро ба ин таъбир бигӯем, ки меъёри феъли ахлоқӣ, эсор аст. Вале бояд дид, эсор ба чӣ ангезае сурат мегирад. Гоҳе инсон эсор мекунад ва ғайрро бар худ муқаддам медорад ба хотири ҳубби шӯҳрат ва хушномӣ ё ба хотири таассуботи қавмӣ ва фомилӣ ва ғайра. Хеле авқот иттифоқ меафтад, ки афроде таҳти таъсири эҳсосоти хосси миҳанӣ ё ғайримиҳанӣ ё худхоҳӣ ва ё барои ин ки номашон дар таърих бимонад, ҳатто худро фидо ҳам мекунанд. Тоза, ин афрод, худхоҳони бузурге низ ҳастанд. Пас, **сирфи эсорро наметавон меъёри феъли ахлоқӣ номид, зеро эсор бо худхоҳӣ ҳам ҷур дармеояд**.

Боз таъбири аввал, ки гуфтем: “ҳар феъле, ки ангезааш дигархоҳӣ бошад, на худхоҳӣ, феъли ахлоқӣ аст” аз ин таъбир комилтар буд, вале чунонки гуфтем, он ҳам кофӣ нест.

б) Ҳусну қубҳи зотии афъол:

Қудамо мегуфтанд, корҳои ахлоқӣ корҳое аст, ки ҳусни зотӣ дорад ва дар муқобил, корҳои зидди ахлоқӣ корҳое аст, ки қубҳи зотӣ дорад ва мӯътақид буданд, ки ақли инсон ҳусни зотии корҳои ахлоқӣ ва қубҳи зотии корҳои зидди ахлоқиро дарк мекунад. Масалан мегуфтанд, ақли ҳар касе мефаҳмад, ки ростӣ зотан хуб аст, зотан ҷалил аст ва

зотан зебост ва дурӯғ зотан бад аст.[23] Ақида доштанд, ки ҳоким бар вуҷуди инсон мумкин аст қувваҳои ҳайвонӣ — масалан яке аз анвоъи шаҳват — бошад ва мумкин аст ақл бошад. Афроди шаҳватпараст — масалан шикампараст — ҳоким бар вуҷудашон шаҳват аст. Бархе ҳоким бар вуҷудашон хашм ва ғазаб ё воҳима ва корҳои шайтанатомез ва макрҳост ва бархе ҳоким бар вуҷудашон ақл аст. Онҳо қоил буданд, ки ақл, ҳусну қубҳи зотии умурро дарк мекунад ва мегуфтанд, кори ахлоқӣ он коре аст, ки ба ҳукми ақл сурат гирифта бошад ва инсонҳои ахлоқӣ яъне касоне, ки ақл бар вуҷудашон ҳоким аст ва шаҳват ва ғазаб ва воҳима бар вуҷудашон ҳоким нест (балки инҳо ба манзилаи раъияти ақланд, яъне аз ӯ дастур мегиранд) ва шаҳавоти онҳо рӯйи ҳисоб ва андозагирии ақл кор мекунанд, агар ақл гуфт дар инҷо ин шаҳват бояд эъмол шавад, эъмол мешавад, вагарна эъмол намешавад. Ва мегуфтанд, модом, ки инсон, ҳоким бар вуҷудаш қувваи шаҳват ё ғазаб ва ё воҳима бошад, феълаш ғайри ахлоқӣ аст ва ба таъбири онҳо, ҳайвонӣ аст. Онҳо таъбир ба ахлоқӣ ва табиӣ намекарданд, ба инсонӣ ва ҳайвонӣ таъбир мекарданд.

Албатта ин ҳарфе нест, ки сад дар сад битавон исботаш кард, агарчӣ ахлоқи суқротӣ бар ҳамин мабност, махсусан масъалаи ҳусну қубҳи зотии афъол, ки худи ҳукамо барояш чандон пояе қоил нестанд. Ба ҳар ҳол, ин ҳам назарияе аст, ки меъёри феъли ахлоқӣ, ақлонӣ будани он аст, яъне аз мабдаи ақл сарчашма гирифта бошад, на аз мабдаи шаҳват ва ғазаб ва воҳима.

в) Илҳоми виҷдон:

Назарияи дигар мутааллиқ ба Кант (*Иммануил Кант*) аст. Ӯ мӯътақид аст, ки феъли ахлоқӣ он феъле аст, ки мутлақ бошад, яъне инсон онро анҷом бидиҳад на барои ғаразе, балки фақат ба хотири худи он кор ва ба ҳукми як таклиф, ки ӯ мӯътақид аст аз виҷдон сарчашма мегирад.

Виҷдони инсон як силсила таколиф бар ӯҳдаи ӯ мегузорад ва ҳар коре, ки инсон анҷом диҳад на барои ҳадаф ва мақсуде, балки фақат барои ин ки таклиферо анҷом дода бошад, феъли ахлоқӣ аст. Ҳолати инсон дар инҷо дуруст ҳолати фарде дар муқобили фарди дигар аст, ки фақат омодаи анҷоми таколифе аст, ки аз ноҳияи ӯ гуфта шавад ва коре ба ин надорад, ки ӯ чӣ дастур медиҳад, ҳар чи бошад, анҷом медиҳад. Ӯ мӯътақид аст, ки ҳар феъле, ки аз илҳоми виҷдон сарчашма гирад феъли ахлоқӣ аст ва ҳар феъле, ки чизи

[23] *Албатта ин матлаб марбут ба мабҳаси ақл аст*.

дигаре дар он дахолат дошта бошад — шарт ё қайд ва хусусияте, ки онро машрут кунад — онро дигар наметавон феъли ахлоқӣ номид. Ин ҳам як фарзия аст.

г) Дигардӯстии иктисобӣ:

Назари дигаре, ки наздик ба назари аввал аст, мегӯяд: меъёри феъли ахлоқӣ, дигардӯстӣ аст, вале бо ин фарз, ки дӯстии иктисобӣ бошад, на табиӣ. Бинобар ин мо ду навъ дигардӯстӣ дорем:

1) Дигардӯстии табиӣ, мисли муҳаббати модарона ва таассубҳои қавмӣ ва фомилӣ;

2) Дигардӯстии иктисобӣ, яъне инсон ба ҳукми табиат чунин ҳолате надорад, балки онро касб мекунад. Агар касе инсондӯст шуд он тавр, ки як модар фарзанди худро дӯст дорад, ин ҳолат иктисобӣ ва як камоли сонавӣ дар ӯст. Ин ҳам як назария.

д) Ризои Худо:

Дар инҷо назарияи дигаре ҳаст ва он ин ки: асосан ахлоқро баргардонем ба ахлоқи мазҳабӣ ва бигӯем, инҳо ҳама фалсафӣ ва илмӣ аст, яъне касоне, ки ин ҳарфҳоро задаанд, хостаанд барои ахлоқ меъёре минҳои имони мазҳабӣ ба даст диҳанд, (дар ҳоле, ки) феъли ахлоқӣ он феъле аст, ки ҳадаф ва ангезааш ризои Ҳақ бошад. Албатта дар ин мактаб ҳам масъалаи “худ” нафй мешавад, яъне ҳадаф, манфиат расондан ба худ ва ё дафъи зарар аз худ намебошад, вале ҳадафи ниҳоӣ исоли нафъ ба ғайр ҳам нест, балки ризои Ҳақ аст ва дар исоли нафъ ба ғайр низ аз он ҷиҳат мекӯшад, ки ризои Ҳақро дар он медонад:

إِنَّمَا نُطْعِمُكُمْ لِوَجْهِ اللَّهِ لَا نُرِيدُ مِنْكُمْ جَزَاءً وَلَا شُكُورًا

(“*Шуморо барои Худо итъом мекунем, подошу шукре аз шумо намехоҳем*.” *(Инсон/9)*)

Метавон гуфт, дар тамоми ин назарияҳо як матлаб мавриди иттифоқи ҳама аст ва он ин ки: ахлоқ билохира хуруҷ аз ҳавзаи худии фардӣ аст, яъне ҳар коре, ки ба манзури исоли нафъе ба худ ва ё дафъи зарари аз худ бошад, мусаллам ахлоқӣ нест. Баҳс дар мавриди афъоле аст, ки бо вуҷуди ин ки исоли нафъ ба ғайр аст, боз ҳам мегӯянд ахлоқӣ нест.

Баррасии назарияи Кант

Ҳол, баҳси мухтасаре дар бораи назарияи Кант бикунем. Гуфта шуд, Кант ақида дорад, ки феъли ахлоқӣ феъле аст, ки аз ҳар қайду шарту ғаразе муҷаррад ва муназзаҳ бошад ва ҳеч манзуре ҷуз ҷанбаи таклифӣ аз анҷоми он дар кор набошад ва инсон онро фақат ба

ҳукми вазифа анҷом диҳад. Вале суоле матраҳ мешавад ва он ин ки: оё асосан мумкин аст инсон кореро анҷом диҳад, ки аз он ҳеч манзуре барои худ надошта бошад? Иддае мегӯянд, чунин чизе мумкин нест; маҳол аст, ки башар ба сӯйи коре биравад, ки аз он ба ӯ чизе нарасад. Аслан имкон надорад, ки инсон ба сӯйе биравад, ки дар он сӯ камолаш набошад, ҳарчанд камоли нисбӣ. Ҳатто он одаме, ки бар зидди камолаш рафтор мекунад, боз камоли як қувааш дар он рафтор ҳаст. Ва ин ки онро зидди камол мегӯем, ба ин далел аст, ки зидди камоли ӯст аз ҷанбаи дигаре, вагарна ин ки инсон ба сӯйе биравад, ки дар он ҳеч камоле барояш набошад, маҳол аст. Пас ин ҳарфҳое, ки мегӯянд феъли ахлоқӣ феъле аст, ки дар он ҳеч ҳадафе барои “худ” набошад ва шахс ҳеч нафъе барои “худ” надошта бошад, дуруст нест. Ҷавоб бояд дод, ки дар инҷо муғолатае ҳаст ва бояд онро рафъ кард.

Як вақт мегӯем, ки ҳадафи инсон аз ҳар коре, нафъе аст, ки ба худаш мерасад, яъне манзураш нафъе аст, ки он нафъ барои худаш мебошад. Агар чунин бигӯем, метавон ҷавоб дод, ки хайр, мумкин аст инсон кореро анҷом диҳад, ки нафъаш ба худаш нарасад ва фақат қасди исоли нафъ ба ғайрро дошта бошад.

Мумкин аст ҷавоб дода шавад, ки ман вақте кореро анҷом медаҳум, ё аз он кор лаззат мебарам ё намебарам ва аз ин ки он кор анҷом нашавад ё ранҷ мебарам ё намебарам. Агар аз анҷом додани он лаззат набарам ва аз анҷом надодани он низ ранҷ набарам, маҳол аст ба тарафи он биравам. Агар Алӣ ибни Абӯтолиб ҳам дар ниҳояти хулус, исоли нафъ ба ғайр мекард, оё дар умқи виҷдонаш аз ин кор лаззат мебарад ё на? Агар лаззат намебарад ва аз накарданаш ҳам ранҷ намебарад, маҳол буд чунин кореро анҷом диҳад. Муғолатааш ҳамин ҷост. Лаззату ранҷ мунҳасир ба ин нест, ки нафъе ба инсон бирасад ё зарареаз ӯ дур шавад. Инсон мавҷуде аст, ки аз нафъ расондан ба ғайр ҳам лаззат мебарад ва метавонад ба мақоме бирасад, ки аз нафъ расондан ба ғайр, беш аз он лаззат бибарад, ки аз нафъ расондан ба худ. Ва аз дафъи зарар аз дигарон, беш аз он лаззат бибарад, ки аз дафъи зарар аз худ. Пас ин дуро аз ҳам ҷудо кунем. Моддиюн ағлаб мегӯянд, ки инсон ҳар коре, ки мекунад, барои нафъ расондан ба худ аст. Хайр, мумкин аст инсон ба ҷойе бирасад, ки барои нафъ расондан ба дигарон кор кунад. Аммо агар бигӯед, ки инсон аз ҳар коре билохира лаззате мебарад, мегӯем дуруст аст, вале лаззат бурдани инсон аз як кор мунҳасир ба ин нест, ки ношӣ аз нафъ расондан ба худ бошад. Ин айни камоли инсон аст, ки аз нафъ расондан ба ғайр, хуш бошад ва лаззат бибарад.

Ва он чизе ҳам, ки Кант мегӯяд, ки феъли инсон бояд ғайри машрут бошад, то ахлоқӣ бошад, агар мақсудаш аз ғайри машрут будан ин аст, ки нафъе ба худаш нарасад, мешавад қабул дошт. Аммо агар мақсудаш ин аст, ки аз нафъ расондан ба ғайр ҳам орӣ

бошад, яъне машрут ба нафъ расондан ба ғайр ҳам набошад ва инсон анҷоми таклиф кунад бидуни он ки аз он лаззат бибарад, чунин чизе маҳол аст.

Пас дар воқеъ ин тавзеҳе буд дар атрофи он назарияе, ки мегӯяд: “Меъёри ахлоқ, исоли нафъ ба ғайр аст” ва дигаре мункир мешавад, ки чунин амале маҳол аст ва ҳамчунин дар атрофи назарияе, ки мегӯяд: “Феъли инсон метавонад мутлақ бошад”, ки мо мегӯем, ба як маъно метавонад мутлақ бошад ва ба як маъно наметавонад. Ба ин маъно метавонад, ки аз қайди нафъхоҳӣ барои худ озод бошад ва ба ин маъно наметавонад, ки аз қайди нафъхоҳӣ барои дигаре озод бошад ва инсон аз он лаззат набарад.

Ҳамин ҷо мо он масъалаи виҷдони инсониро ҳам метавонем дарк кунем ва маънояшро бифаҳмем. Баъзе қоил ба виҷдони фитрии ахлоқӣ барои инсон ҳастанд ва баъзе дигар қоил ба чунин виҷдоне нестанд ва мегӯянд, инсон офарида шуда барои ин ки нафъи худро бихоҳад.

Виҷдони ахлоқӣ ба маънои мавриди назари Кант дуруст нест, вале ба ин маъно, ки зикр шуд, ҳеч маҳол нест ва беҳтарин далелаш вуқӯъи корҳои ахлоқӣ аст, ки манзур аз онҳо нафъ расондан ба ғайр аст ва афрод аз кори худ лаззат ҳам мебаранд ва аз ҳадафи худ шоданд.

Феъли ахлоқӣ (2)

Баҳси мо дар бораи меъёри феъли ахлоқӣ буд дар муқобили феъли табиӣ. Ҳамон тавр, ки гуфта шуд, ин матлаб ба таври иҷмол мавриди иттифоқи ҳама аст, ки инсон порае афъолро анҷом медиҳад ё метавонад анҷом диҳад, ки аз ҳадди феъли табиӣ ё ҳайвонӣ, ки ҳар ҳайвоне ба ҳасби табъ ва ғариза анҷом медиҳад, болотар аст. Ин афъолро афъоли инсонӣ ё ахлоқӣ меноманд. Манзур ин аст, ки ин афъол дар сатҳи инсон анҷом мешавад ва дар сатҳи ҳайвон сурат намегирад ва ба таъбири дигар, сатҳи ин афъол аз сатҳи як ҳайвон болотар аст. Имрӯз ҳам мебинем хеле шойеъ аст, ки мегӯянд, он кор, инсонӣ аст ё ин кор, ғайри инсонӣ аст ва рӯйи калима “инсонӣ” такя мекунанд. Мехоҳанд бигӯянд, як силсила корҳост, ки фақат дар сатҳи инсон сурат мегирад. Ҳол бибинем, феъли ахлоқӣ, ки фақат дар сатҳи инсон аст ва бо афъоли ҳайвонот ва ё аъмоли табиии инсон фарқ дорад, меъёраш чист?

Дар инҷо бояд ду баҳсро бо ҳам зикр кунем: яке ин ки меъёр чист ва дигар он ки зомини иҷрои афъоли инсонӣ чист? Феъли табиӣ, ки хеле равшан аст, меъёраш ин аст, ки муқтазои ғаризаи муштараки инсон ва ҳайвонот ва ношӣ аз ғаризаи табиии инсон аст ва омили иҷрояш худи табиат аст. Аммо меъёри феъли ахлоқӣ ва зомини иҷрои он чист?

Гуфтем, бархе гуфтаанд, феъли ахлоқӣ феъле аст, ки ношӣ аз эҳсосоти ғайрдӯстона бошад. Агар чунин гуфтем, феъли ахлоқӣ, ҳам таъриф шуда ва ҳам то ҳадде омили иҷрояш шинохта шуда. Коре, ки инсон барои худаш мекунад (чун инсон вуҷуди худашро мусалламан дӯст дорад, кореро анҷом медиҳад, ки нафъаш ба худаш бирасад), кори ахлоқӣ нест. Ҳамин ки кор аз доираи фардӣ хориҷ гардид ва барои исоли нафъ ба ғайр анҷом шуд, ахлоқӣ аст. Ин таърифро албатта рад кардаанд. Мегӯянд, дар ин сурат бояд як силсила афъолро, ки қатъан табиӣ ҳастанд, ахлоқӣ биномем, мисли корҳои модарона; модарҳо аъамм аз инсон ва ҳайвон. Усулан модар эҳсоси ғайрдӯстӣ дорад, вале он “ғайр” танҳо баччааш мебошад. Ӯ ба ҳукми баччадӯстӣ, як силсила корҳоро анҷом медиҳад ва фидокориҳо мекунад. Албатта инҳо авотифи олӣ ва бошукӯҳ ва азим аст, вале наметавон онро ахлоқӣ номид, зеро як навъ иҷбору илзоми табиӣ ва ғаризӣ ҳукм ба анҷоми он мекунад ва модар дар ҳоле, ки нисбат ба фарзанди худ ин гуна муҳаббат мекунад, нисбат ба кӯдакони дигар чунин ҳиссе надорад. Дар воқеъ кори ӯро наметавон ғайрдӯстӣ номид, балки фарзанддӯстӣ аст ва наметавон ахлоқӣ номид, зеро ахлоқ бояд доираи васеътаре дошта бошад.

Навъдӯстӣ

Баъзе дигар дар таърифи феъли ахлоқӣ, ғайрдӯстӣ ба маънии аъамми калимаро ба кор бурдаанд. Гуфтаанд, феъли ахлоқӣ он феъле аст, ки ношӣ аз эҳсосоти навъдӯстона бошад, ки имрӯз рӯйи он хеле такя мешавад. Вале баҳс дар бораи омили иҷрояш пеш меояд.

Оё аслан дар инсон эҳсосоти навъдӯстона вуҷуд дорад ё на? Дар миёни қудамо, Арасту инсонро ба ҳукми табиати иҷтимоии ӯ маданӣ биттабъ медонист ва мӯътақид ба ду навъ ғариза буд: фардӣ ва навъӣ. Мегуфт, инсон ба ҳукми ғароизи навъӣ мехоҳад худашро бо ҷомеа татбиқ диҳад ва ҳамон тавр, ки алоқаи хосс нисбат ба худаш дорад, ба сарнавишти ҷомеааш низ алоқаманд аст. Дар миёни ҳукамои ҷадид, Бэкон (*Фрэнсис Бекон*) маъруф аст ба назарияе, ки тақрибан ҳамон назарияи Арастуст ва хоста бигӯяд, ки дар инсон чунин ғароизе ёфт мешавад. Вале ин матлаб аз назари илмӣ хуб таъриф нашуда, ки чунин ғароизе дар инсон вуҷуд дорад. Аммо ба ҳар ҳол як назар аст.

Пас тибқи ин назария, меъёри ахлоқ ин аст, ки ношӣ аз эҳсосоти навъдӯстона бошад ва зомини иҷрояш ҳам дар инсон ҳаст. Вале ин аз назари илмӣ собит нест.

Дарвинизм

Дарвинизм, ки фалсафаи он бар асоси танозӯъи бақо ниҳода шудааст, мегӯяд: ҳар мавҷуди зиндае худхоҳ офарида шуда ва барои бақои худ кӯшиш мекунад ва ба ҳамин далел ин кӯшиш мунтаҳӣ ба танозӯъи бақо ва он ҳам мунтаҳӣ ба интихоби табиӣ ва интихоби аслаҳ мешавад ва ин асоси такомул аст. Тибқи ин фалсафа ҷойе барои ғароизи табиӣ ва навъӣ барои инсон боқӣ наемонад. Хелеҳо рӯйи ҳамин асл ба Дарвин тохтаанд, ки ин фалсафа яке аз зарарҳояш ин аст, ки пояҳои ахлоқ ва таовунро мутазалзил мекунад. Мутобиқи фалсафаи Дарвин, ҳисси таовун ба унвони як ҳисси асил вуҷуд надорад, балки таовун ба унвони коре, ки ношӣ аз танозӯъ аст вуҷуд меёбад, яъне он чи, ки асолат дорад танозӯъ аст ва таовун ба табаъи он меояд. Масалан, вақте, ки инсон мехоҳад мавқеъи худро мустаҳкам кунад (ҳар фарде худашро бо дигарон мухолиф мебинад, зеро ӯ фарде ҷудо аз фарди дигар аст), бино бар асли танозӯъи бақо нерӯе бо афроди дигар ташкил медиҳад ва дар муқобили дигарон сафбандӣ мекунад. Вале ин иттиҳод аз танозӯъи бақо сарчашма гирифтааст ва таовуни инҳо на ба хотири ин аст, ки нисбат ба ҳам эҳсоси дӯстона доранд, балки дар муқобили афроди дигар аст ва мехоҳанд онҳоро бихӯранд ё лоақал саффе дар муқобили онон ташкил диҳанд. Пас таовун дар башар асил нест ва ношӣ аз танозӯъи бақост.

Худи Дарвин хеле кӯшиш кард, ки пояе барои ахлоқ бисозад ва тарафдорони фалсафаи ӯ низ хеле саъй карданд, ки ин айбро аз фалсафаи ӯ бизудоянд, вале натавонистанд дифоъ кунанд.

Виҷдони ахлоқӣ

Мактаби дигар, мактаби таклиф аст. Мегӯяд, асосан агар инсон коре ношӣ аз эҳсосот анҷом диҳад — ҳарчанд эҳсосоти навъдӯстона — кори ӯ ба феъли табиӣ бозмегардад. Феъли табиӣ таърифаш ин аст, ки инсон кореро аз рӯйи ғариза анҷом диҳад, хоҳ ғаризаи фардӣ ва хоҳ ғаризаи ҷамъӣ. Феъли ахлоқӣ он аст, ки аз ҳамаи ин гуна ағроз муназзаҳ ва ношӣ аз эҳсоси таклиф бошад. Яъне шахс ҳар чи виҷдон ва вазифа ва таклиф иқтизо мекунад анҷом диҳад ва ҳеч ғоят ва ҳадафе аз кори худ ҷуз анҷоми таклиф надошта бошад. Ҳол агар бипурсем, таклиф куҷост? Мегӯяд, дар виҷдони инсон. Худо инсонро бо як виҷдон офарида, ки он ғайр аз эҳсосоти навъдӯстона аст. Виҷдон як эҳсоси муқаддасе аст дар даруни инсон, ки ба инсон фармон медиҳад ва феъли ахлоқӣ он аст, ки аз виҷдон сарчашма бигирад.

Виҷдон дар мактаби Кант таъриф шуда. Ӯ барои виҷдони инсон арзиши фавқулъодае қоил аст ва мӯътақид аст, ки инсон як виҷдони бисёр асили ахлоқӣ дорад. Ӯ дар бораи итоат аз виҷдон, ҳамон ҳарфро мезанад, ки аҳли имон дар масъалаи ихлос нисбат ба Борӣ Таъоло мезананд, ки банда мухлиси он аст, ки амри Худоро итоат кунад, на барои вусул ба неъматҳои Худо ва на барои тарс аз ъиқоби Худо, балки чун ӯ амр карда итоат кунад, ҳарчанд ин ки бидонад агар анҷом диҳад, биҳиште дар кор нест ва агар анҷом надиҳад, ҷаҳаннаме дар кор нест. Ин ҳам назаре аст.

Мо ин виҷдонро нафй намекунем, вале мегӯем, ки ин виҷдон дар ин ҳадд амри сад дар сад таъйидшудае аз назари илмӣ нест. Албатта дар ислом ин амр таъриф шуда, ки як виҷдони ахлоқӣ дар инсон ҳаст, вале на ба унвони як асли мусаллам, ки натавон дар он хадша ворид кард ва на бо он қувва ва қудрате, ки Кант мегӯяд, ки дар руҳу ботини ҳар кас чунин қувва ва нерӯе бо ин сароҳат вуҷуд дорад.

Ин назария, назарияи хубе аст ва ҳамин, ки мебинем дар Қуръон аз нафси лаввома ва матолиби дигаре аз қабили:

فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا

(*Шамс/8*) ёд шудааст, нишон медиҳад, ки аз назари Қуръон нисбат ба кори баду хуб асолате дар инсон ҳаст, яъне вақте инсон кори баде анҷом медиҳад аз дарунаш худашро маломат мекунад ва маълум мешавад, ки чизе ҳаст, ки фармон ба хубӣ ва тарки бадӣ медиҳад ва ба сабаби анҷоми феъли бад, инсонро мавриди маломат қарор медиҳад ва дар муқобил, вақте, ки инсон кори хуб анҷом медиҳад, розӣ мешавад ва ба навъе ӯро таҳсин мекунад.

Ҷидоли худ ва ноҳуд

Барои таъйиди ин матлаб, равоншиносони имрӯз мегӯянд: инсон гоҳе тасмим мегирад ба анҷоми коре, ки бар хилофи майл ва табиати нафсониаш мебошад, вале ташхис медиҳад, ки хуб аст, масалан тасмим мегирад, ки дар ғизо хӯрдан имсок кунад ё дар хобидан зиёдаравӣ накунад ва ё саҳархез бошад. Вақте инсон тасмим гирифт, миёни ду омил қарор мегирад: як омил, ки мегӯяд, кам бихӯр ё саҳархез бош ва як омили дигар, ки табиати ӯст ва мехоҳад бар хилоф амал кунад. Гоҳе инсон аз он иродае, ки тасмимро гирифта пайравӣ мекунад ва гоҳе баръакс. Вақте, ки иродаи ахлоқиаш пирӯз мешавад, эҳсоси ризоят мекунад ва ҳатто эҳсоси пирӯзӣ мекунад, дуруст мисли як паҳлавони пирӯз. Баръакс, вақте табиати ӯ ғолиб мешавад, аз худаш бадаш меояд ва эҳсоси шикаст

мекунад, дар ҳоле, ки инсон аз худаш шикаст хӯрда, на аз дигаре, мисли ин ки инсон фарзанд дошта бошад ва бо фарзандаш куштӣ бигирад ва бигӯяд, ҳар кадом пирӯз шудем, фарқ намекунад. Бадеҳӣ аст чӣ табиати ман бар ман ғолиб шавад ва чӣ ман бар табиатам, дар ҳар ду ҳол худам пирӯз шудаам. Вале чаро дар айни ҳол инсон вақте он иродаи ахлоқиаш ғолиб мешавад, эҳсос мекунад "худ"-аш пирӯз шуда ва гӯӣ бар бегонае пирӯзӣ ёфта, аммо вақте табиаташ ғолиб мешавад, эҳсос мекунад, ки он "худ" шикаст хӯрда? Маълум мешавад, ки он "худ"-и инсон бештар "худ" аст, то ин "худ", ки "нохуд" аст. Инҷо дар воқеъ пирӯзии худ бар нохуд аст, яъне он чи, ки ба табиати инсон бастагӣ дорад, бо ин ки "худ" аст асил нест.

Ҳол, асосан ин ризоят дар вақти пирӯзӣ ва маломат дар вақти шикаст чист? Маълум мешавад дар умқи виҷдони инсон чизе ҳаст, ки вақте инсон бар табиат ғолиб мешавад, хушҳол мегардад ва вақте шикаст мехӯрад, инсонро маломат мекунад. Пас қувваи маломатгаре дар даруни инсон ҳаст. Ба ҳар ҳол ин ҳам як назария ва як фарзия аст мутааллиқ ба Кант.

Назарияи ақли дурандеш

Назарияи дигаре ҳаст, ки назарияи ғолиби моддиюн аст ва Рассел ҳам аз он дифоъ мекунад ва он назарияи ақли фардӣ ё ақли дурандеш аст. Уилям Дюрант дар китоби "Лаззоти фалсафа" аз он таъбир ба ғаризаи ҳушёрӣ мекунад. Амсоли Рассел мегӯянд, виҷдони ахлоқӣ ва муҳаббати навъ ва навъдӯстӣ ва амсоли ин ҳарфҳо, ба дард намехӯрад. Ахлоқ аз ин ношӣ мешавад, ки инсон фикри дурандеш дошта бошад. Вақте инсон дурандеш буд, ҳисоб мекунад, ки маслиҳати ӯ дар ин аст, ки риояти навъро бикунад. Рассел мегӯяд: масалан ман гови ҳамсояро ҳаргиз намедуздам, зеро медонам, ки агар ман гови ӯро бидуздам, он ҳамсоя ё дигаре гови маро медуздад. Ё маслиҳати ман дар ин аст, ки дурӯғ нагӯям, чун агар дурӯғ бигӯям, дигарон ҳам дурӯғ мегӯянд ва он қадр, ки ман аз дурӯғ гуфтан манфиат мебарам, чанд баробар он аз дурӯғ шунидан зарар мебарам, пас дурӯғ намегӯям ва хулоса ҳеч кори баде намекунам, чун медонам агар кори баде муртакиб шавам, аксуламалаш чанд баробар ба худам бармегардад. Пас бо ҳам тавофуқ мекунем, ки ба ҳам рост бигӯем, чаро, ки агар ман ба шумо дурӯғ бигӯям ва шумо ба ман, ҳар ду мутазаррир мешавем. Вақте, ки мехоҳем ширкате бар асоси манофеъи худ ташкил диҳем, қаҳран коре мекунем, ки манофеъ ҳама таъмин шавад. Иштироки манофеъ, ахлоқро эҷоб мекунад. Пас ахлоқ ношӣ аз ҳушёрӣ аст.

Оқои Музайянӣ мегуфтанд: авоиле, ки мо дар идора истихдом шуда будем, моҳи рамазон буд. Субҳ, ки ба идора рафтем, яке аз ҳамкоронам гуфт: ман ахлоқи баде дорам, вақте рӯза мегирам, хеле асабонӣ мешавам ва ҳоли худамро намефаҳмам, мумкин аст ҳарфе бизанам, ки шумо нороҳат шавед. Хулоса, чун рӯза ҳастам ва ҳолам ин тавр аст, бибахшед. Ман дидам бад шарте мекунад, гуфтам: иттифоқан ахлоқи ман ҳам ҳамин тавр аст ва тоза ман бадтар ҳастам, тавре асабонӣ мешавам, ки беихтиёр баланд мешавам ва мезанам ба каллаи касе. Фикре кард ва гуфт: пас ҳар ду мувозиб бошем ва аз ин корҳо накунем.

Ҳарфи Рассел ҳам ин аст, ки мегӯяд, одам фикр мекунад ва мебинад, ки агар бихоҳад бо дигаре бадахлоқӣ кунад, ӯ ҳам бадахлоқӣ мекунад. Дар натиҷа беҳтар он мебинад, ки бадахлоқӣ накунад. Дар ин назария, ахлоқ аз он мафҳуми қадосат афтода; он қадосате, ки инсон фалон корро анҷом медиҳад рӯйи эҳсосоти навъдӯстона, на худпарастона.

Мегӯяд, феъли ахлоқӣ рӯйи эҳсосоти худпарастона аст. Ин аввалин айби ин назария аст. Вале мумкин аст бигӯянд, ҳақиқатро бояд гуфт, инсон набояд рӯйи хаёл ҳарф бизанад.

Нақди ин назария

Эроди асосии ин назария ин аст, ки пояи ахлоқро аз асос мутазалзил мекунад, яъне ин ахлоқ дар ҷойе ҳоким аст, ки қудратҳо мусовӣ бошанд. Вақте афроди башар дар ҷомеае бошанд, ки қудратҳо мутасовӣ бошанд ва ман аз тараф ҳамон қадр битарсам, ки ӯ аз ман метарасад ва аз ноҳияи ӯ ҳамон қадр амният дошта бошам, ки ӯ аз ноҳияи ман амният дорад, мусаллам ин ахлоқ яъне ахлоқи ҳушёрӣ ва ахлоқи ҳисобшуда бар асоси манофеъи фардӣ метавонад ҳоким бошад. Аммо он ҷо, ки як тараф қавӣ ва тарафи дигар заъиф аст ва қавӣ сад дар сад мутмаин аст, ки заъиф наметавонад коре кунад, ҳеч нерӯ ва омиле наметавонад қавиро даъват ба ахлоқ кунад. Оқои Никсон (*Ричард Никсон*) вақте дар муқобили Брежнев (*Леонид Брежнев*) қарор мегирад, ки ду қудрати мусовӣ ҳастанд, мешавад як фарди ахлоқӣ. Ҳисоб мекунад, ки чаро бомб ба сари ӯ партоб кунам вақте, ки ӯ ҳам бомб ба сари ман партоб мекунад. Вале вақте муқобили *Ветконги* бадбахт қарор мегирад, ки аз ӯ заъифтар аст ва мутмаин аст, ки ӯ наметавонад ба андозаи вай қудрат дошта бошад, қаҳран ҳеч қуввае вуҷуд надорад, ки виҷдони оқои Никсонро водор кунад, ки ин корро накунад; агар рӯзе накунад он рӯзе аст, ки Ветконг ба ӯ зӯр нишон дода, вагарна то зӯр дар кор набошад, виҷдон нест.

Ин аст, ки Рассел бар хилофи ҳамаи шиорҳои сулҳдӯстӣ ва инсондӯстӣ, ки дошт, фалсафааш як фалсафаи зидди ахлоқӣ аст. Дар фалсафаи ӯ ҳеч далеле вуҷуд надорад, ки

қавӣ ба заъиф зӯр нагӯяд ва таҷовуз накунад, зеро асосаш бар ҳушёрӣ яъне ақли фардӣ аст ва фақат дар ҷойе таҷовуз сурат намегирад, ки қудратҳо мутасовӣ бошанд, вале ҷойе, ки қудратҳо мутасовӣ набошанд, ақли фардӣ ҳаргиз чунин ҳукм намекунад.

Зебоии ақлӣ

Назарияи дигаре ҳаст, ки ҳамон назарияи ақлонӣ аст, вале ба шакли дигаре, на ба сурати ақли фардӣ.[24] Ва он ин аст, ки гуфтаанд, дар ҷаҳон зебоӣ мунҳасир ба зебоии ҳиссӣ нест, зебоӣ ва ҷамоли маънавӣ ҳам худ ҳақиқате аст. Ва ҳамин тавр, ки ҷамолҳои ҳиссӣ ношӣ аз таносуб аст, яъне таносуб як омили асосӣ дар пайдоиши зебоии ҳиссӣ аст, таносуб дар умури маънавӣ ва руҳӣ низ омили ҷамол ва зебоии руҳӣ аст ва инсон билфитра ошиқи ҷамол ва зебоӣ аст. Мегӯянд, кори ахлоқӣ яъне кори зебо ва зебоии ақлӣ ношӣ аз таносуб аст.

Ахлоқиюн мегӯянд, решаи ҳамаи ахлоқҳо адолат аст[25] ва **адолатро ба мавзун будан тафсир мекунанд ва он гоҳ ахлоқи фозиларо ҳадди васат қарор медиҳанд**, яъне ахлоқи мавзун. Ҳамин тавр, ки агар инсоне аз ду чашмаш яке дурушт ва яке рез бошад табъан бадгил[26] аст, вале агар ҳар ду мисли ҳам бошанд, албатта зеботар аст ва ба таври куллӣ дар зебоии бадани инсон дар ҳар узв як нисбат ва формулаи махсус ҳаст, ки агарчӣ қобили таъриф нест, вале қадри мусаллам ин аст, ки ин нисбат ба кор рафтааст, дар хасоиси руҳӣ ва маънавии инсон ҳам агар ин таносуб ба кор биравад, як навъ зебоӣ ба вуҷуд меояд. Масалан, инсон хуб аст дуруштхӯ бошад ё нармхӯ? Як ҳолати ҳадди вусто миёни дуруштӣ ва нармӣ ҳаст, ки на инсон ончунон дуруштхӯ бошад, ки дигарон ранҷ бибаранд ва на ончунон нармхӯ, ки ӯро ба тамасхур гиранд, ба қавли Саъдӣ:

Дуруштиву нармӣ ба ҳам — дар беҳ аст,
Чу рагзан, ки ҷарроҳу марҳамнеҳ аст.

Вақте касе ин ҳолатро пайдо мекунад, афроди дигар ӯро дӯст доранд. Мо, одамҳои хуб ва ахлоқӣ ва одил ва мусаллат бар шикам ва ғазаб ва шаҳавоти худро, ки ҳар кадом аз ин қувваҳо ва истеъдодҳои хешро дар ҷойи худ ба кор мебаранд, дӯст дорем ва шефтаи онҳо мешавем ва ба онон иродат пайдо мекунем. Ба ақидаи ин даста, ин иродат пайдо кардан ба одамҳои хуб, як навъ ҷамолпарастӣ аст. **Дар назари инҳо решаи хулқи хуб ё феъли**

[24] *Агарчӣ аз он, таъбир ба ақл кардаанд, вале мешавад онро ғаризаи ҷудогона донист.*

[25] *Дар "Ҷомеъ ус-саъодот" баҳсе ҳаст дар ин мавриd.*

[26] *Бадгил: бенур, зидди хушгил.*

ахлоқӣ, зебоӣ аст ва пояи зебоӣ таносуб аст. Ин аст, ки вақте мехоҳанд ахлоқи хубро ба даст диҳанд, мегӯянд, он гоҳ, ки қувваҳо ва ғароиз дар ҳадди ифрот ё тафрит набошанд, ахлоқи олӣ ба вуҷуд меояд. Пас, **ба қавли инҳо, меъёр зебоӣ аст ва пояи зебоӣ таносуб мебошад** ва ин мубтанӣ бар ин асли фалсафӣ ва равонӣ аст, ки зебоӣ мунҳасир ба зебоии ҳиссӣ нест, балки зебоии маънавӣ ҳам ҳаст ва далелаш ин аст, ки афроди башар вақте фарди дигареро, ки ба ахлоқи хуб (ахлоқи мутаносиб) оростааст мебинанд, ҳамон аксуламал дар онҳо пайдо мешавад, ки дар муқобили ҷамолҳо падид меояд, яъне шефта ва фирефта мешаванд, аслан ошиқ мешаванд, навъи хоссе аз ишқ. Чаро мардум ба авлиёуллоҳ ишқ меварзанд? Дӯстии бидуни зебоӣ имкон надорад. Ҳатман дар ӯ як зебоӣ ҳаст.

Уилям Дюрант дар китоби “Лаззоти фалсафа” ҷумлае аз Афлотун нақл мекунад, ки: ҳушёрӣ, амали ҳушёрона нест[27], балки зебоӣ ва таносуб миёни омилҳои хулқии фард аст. Ба иборати дигар, ҳушёрӣ яъне ҳусни таркиб ва лутфи тартиби рафтори инсонӣ. Хайри мутлақ дар тезҳушӣ ё тавоноии ғайри ахлоқӣ нест, балки иборат аст аз таносуби аҷзоъ бо кулл, хоҳ дар фард ва хоҳ дар иҷтимоъ.

Ҷумлаи бисёр хубе аст.

Ин ҳам як баён дар меъёри феъли ахлоқӣ ва омили иҷрояш ҳам бармегардад ба ҳисси ҷамолдӯстӣ дар инсон, бо таваҷҷӯҳ ба ин нукта, ки ҳисси зебоӣ ва ҷамол дар инсон, мунҳасир ва маҳдуд ба ҷамоли ҳиссӣ ва зебоии ҷисмонӣ нест.

Дин, танҳо зомини иҷрои ахлоқ

Дар инҷо ба ин матлаб мерасем, ки оё ахлоқ минҳои дин метавонад вуҷуд дошта бошад ё на? Агар ҳам битавонад вуҷуд дошта бошад, дин муаййид (таъйидкунанда) ва нерӯ ва пуштвонае барои ахлоқ мешавад. Баъзеҳо ҳатто худи фарангиҳо чунин назар додаанд, ки ахлоқ минҳои дин пояе надорад. Достоевский (*Фёдор Достоевский*), нависандаи русӣ мегӯяд: агар Худо набошад, ҳама чиз мубоҳ аст.

Мақсудаш ин аст, ки ҳеч чизи дигаре, ки битавонад воқеан монеъи инсон аз анҷоми аъмоли зидди ахлоқӣ бишавад нест. Ӯ назарияи Кант ва дигаронро дар ин замина қабул надорад ва манзураш аз “агар Худо набошад”, “агар дин набошад” аст.

[27] *Ҳар кореро, ки аз рӯйи ҳушёрӣ анҷом шавад, ҳушёрӣ намегӯем*.

Таҷриба нишон дода он ҷо, ки дин аз ахлоқ ҷудо шуда, ахлоқ хеле ақиб мондааст. Ҳеч як аз макотиби ахлоқии ғайри динӣ, дар кори худ муваффақият наёфтаанд. Қадри мусаллам ин аст, ки дин лоақал ба унвони як пуштвона барои ахлоқи башар зарурӣ аст. Ин аст, ки доду фарёдашон дар ин замина баланд аст — бо таъбироти мухталиф — ки башар ҳар андоза аз лиҳози санъат ва тамаддун пеш рафта, аз назари ахлоқ ақиб мондааст. Чаро? Зеро макотиби ахлоқӣ вуҷуд надошта. Макотиби ахлоқӣ, ки аз қадим буда бештар мазҳабӣ буда ва бас ва ба ҳар нисбат, ки дину имон заъиф гардида, амалан дида шудааст, ки ахлоқи башар пойин омада. Ин аст, ки барои имон, лоақал ба унвони пуштвонае барои ахлоқ — агар нагӯем танҳо зомини иҷрои он — бояд арзиши фавқулъода қоил бошем.

Масъалаи дигар, масъалаи нисбияти ахлоқ аст, ки оё ахлоқ мутлақ аст ё нисбӣ? Яъне оё мумкин аст як чиз барои баъзе афрод ахлоқ бошад ва барои афроди дигар ахлоқ набошад ва ё дар як замон ахлоқ бошад ва дар замони дигар зидди ахлоқ бошад? Агар ин суханро бигӯем, тақрибан амре муродиф бо инкори ахлоқ мешавад, яъне ахлоқ амре мутағайир ва лағзон мегардад, ки дар ҳеч ҷо ҳукми собите надорад. Иддае мӯътақиданд, ки ахлоқ нисбӣ аст ва махсусан таҳаввулоти иқтисодӣ ахлоқро доиман иваз карда ва мекунад; ахлоқи давраи шикор ва давраи сайёдӣ ғайр аз ахлоқи давраи кишоварзӣ будааст ва ахлоқи давраи кишоварзӣ ғайр аз ахлоқи давраи мошинӣ аст ва ба ҳамин ҷиҳат ба ин масъала мутамассик мешаванд, ки бисёре аз умур масалан умури марбут ба зану мард ва масоили марбут ба иффат ва ҳаё ва ғайра, ахлоқи давраи кишоварзӣ буда ва давраи санъатӣ ахлоқи дигареро эҷоб мекунад ва ба ин ҷумлаи мансуб ба ҳазрати Алӣ низ истинод мекунанд, ки:

لا تُؤَدِّبوا أَوْلادَكُمْ بِأَخْلاقِكُمْ لِأَنَّهُمْ خُلِقوا لِزَمانٍ غَيْرِ زَمانِكُمْ

Агар маънои ин ҷумла ин бошад, ки баччаҳоятонро ба ахлоқи худатон тарбият накунед, чун онҳо мутааллиқ ба замоне ғайр аз замони шумо ҳастанд ва ин ҳарфро бо ин куллият қабул кунем, дигар санг рӯйи санг банд намешавад.

Масъалаи дигаре, ки бо нисбияти ахлоқ бастагӣ дорад тарбият аст, зеро агар ахлоқ нисбӣ бошад, наметавонем усули собит ва якнавохт барои тарбият пешниҳод кунем.

Феъли ахлоқӣ (3)

Агарчӣ бино буд, ки баҳси тафовути феъли табиӣ бо феъли ахлоқиро раҳо кунем ва вориди баҳси нисбияти ахлоқ бишавем, валеаз бобиин ки ба матолибе бархӯрд кардем,

ки дидем агар дар инҷо зикр накунем боқӣ мемонад, маҷбурем, ки боз ба ҳамин баҳс бипардозем. Дар маҷмӯъ, назариёте арз шуд, ки бояд тавзеҳи бештаре бидиҳем ва назариёти дигареро ҳам баён кунем.

Барои ҳар кас, ки дар тарбият баҳс мекунад, лозим аст, ки дар ин матлаб таҳқиқ намояд, то реша ва мабнои феъли ахлоқии инсонро ба даст оварад. Назариёти мазкур, баъзеро дидем, ки меъёри феъли ахлоқиро исоли нафъ ба ғайр талаққӣ карданд, бархе феъли ахлоқиро феъле донистанд, ки аз эҳсосоти навъдӯстона сарчашма гирифта бошад ва баъзе онро феъле донистанд, ки аз эҳсосоти табиӣ ношӣ нашуда бошад. Дар воқеъ ин се гурӯҳ, ахлоқ ва феъли ахлоқиро аз мақулаи муҳаббат медонанд ва гумон мекунам, ки дар ахлоқи ҳиндӣ беш аз ҳар чизе рӯйи ин матлаб такя мешавад.

Баъзе дигар аз ин макотиб такяашон бар рӯйи зебоӣ аст, яъне ахлоқро аз мақулаи зебоӣ медонанд, ки инҷо ҳам боз ду мактаб аст ва ҳар ду мактаб мӯътақиданд, ки зебоӣ мунҳасир ба зебоии ҳиссӣ нест. Он зебоӣ, ки ҳавосси инсон маҷзуби он мешавад мисли зебоиҳои басарӣ ва ё зебоиҳои самъӣ ва балки зебоиҳои дигар, он чизҳое, ки ҳавосси инсонро ба сӯйи худ мекашонад, зебоии ҳиссӣ аст. Мӯътақиданд, ки мо як саре зебоиҳои ақлӣ ва маънавӣ ҳам дорем, ки онҳо воқеан аз навъи зебоӣ ва ҷамол аст, вале маҳсус нест ва маъқул аст. Дар айни ин ки ҳар ду гурӯҳ дар ин асл шариканд, ки зебоӣ мунҳасир ба маҳсус нест, балки шомили маъқул ҳам мешавад, як гурӯҳ такяашон рӯйи феъл аст, яъне зебоиро як сифате, ки дар кору феъл ҳаст медонанд ва мегӯянд, баъзе аз корҳо зотан зебо ҳастанд, масалан ростӣ худаш як зебоӣ ва кашиши хоссе дорад, чӣ барои касе, ки гӯяндаи рост аст ва чӣ барои шунавандаи он, сабр аз ҳамин навъ аст, истиқомат ва улувви нафс ва шукр ва сипосгузорӣ ва адолат, инҳо як зебоӣ ва шукӯҳи маънавӣ доранд, ки ҳар инсонеро ба сӯйи худ мекашанд ва ҳар инсоне, ки ин сифот дар ӯ бошад, дигарон ба сӯйи ӯ кашида мешаванд.

Аз ин рӯ афроде, ки муттасиф ба ин сифотанд, мо ба истилоҳ муридашон мешавем, алоқаманд ба онҳо мешавем, як ҷозибае дар онҳо ҳисс мекунем, ки ба ҳукми он ҷозиба ба сӯйи онҳо кашида мешавем. Табъан инсоне, ки дорои чунин феъле аст худ, зебо мешавад.

Ҳамон тавр, ки инсон либоси зебо мепӯшад ва зебо мешавад, феъли зебо ҳам аз ӯ содир мешавад ва зебо мешавад ва илтисоқи феъл ба инсон беш аз илтисоқи либос аст ва беш аз илтисоқи зару зеваре аст, ки инсон ба худ часпонда бошад. Пас, аз назари онҳо феъли ахлоқӣ яъне феъли зебо; феъле, ки ҳисси зебоии маънавии инсон зебоии онро дарк мекунад ва меъёраш ҳам дар худи инсон аст ва дар каси дигаре нест. Меъёраш завқе аст дар инсон, ки ин зебоиро дарк мекунад.

Руҳи зебо

Гурӯҳи дигар боз ахлоқро аз мақулаи зебоӣ медонанд, вале зебоиро аввалан ва биззот дар худи руҳи инсон ворид мекунанд ва мегӯянд: ба таври куллӣ ҳар ҷо, ки таносуб вуҷуд дошта бошад, зебоӣ ҳам ҳаст ва ваҳдат ҳам пайдо мешавад, яъне ҷузъ бо кулли худ робитаи мутаносиб дорад. **Ҳамин тавр, ки аҷзоъи бадани инсон агар дар вазъи хоссе қарор бигирад, эҷоди ҳусни таркибу лутфу зебоӣ мекунад ба тавре, ки ҳисси инсон маҷзуби он мешавад ва зебоӣ дар ҷисм ҷуз таносуби андом чизи дигаре нест, маҷмӯъи қувваҳо ва истеъдодҳои руҳӣ, ки дар инсон ҳаст низ агар резу дурушт набошад, яъне ҳар кадом дар як ҳадду андозаи муайяне, ки барои он муқаррар аст бошад, таносуб ва зебоӣ пайдо мешавад ва худи руҳ зебо ва матлуб мегардад, барои худаш ва барои касе, ки он руҳро мушоҳида мекунад**. Ва аз ин рӯ мегӯянд, ки ҳар қувва ва истеъдоде дар инсон як ҳадди мушаххас дорад; аз он бештар бошад ифрот аст, аз он камтар бошад тафрит аст, мисли ин ки чашми инсон як андозаи муайян дорад, аз он бузургтар бошад зишт аст, кучактар ҳам бошад, нозебост. Масалан, ба инсон қувваи хашм дода шуда. Ин қувва як ҳадди муайяне дорад; аз он камтар бошад нозебо ва номутаносиб аст, аз он бештар бошад низ ҳамин тавр. Мунтаҳо сӯҳбат дар ин аст, ки мо ин меъёрро аз куҷо ба даст оварем ва ҳадди васатро чӣ гуна таъйин кунем? Масалан хашми инсон чӣ қадр бошад ҳадди мутавассит аст?

Инҷо ду ҷур мумкин аст ҷавоб диҳанд: яке ин ки зебоӣ, мутлақан қобили таъриф нест. Магар зебоии ҳиссиро, ки инсон эҳсос мекунад, бо таъриф эҳсос мекунад?! Касе, ки ҷамолеро бо зебоиаш дарк мекунад, оё қаблан барояш таъриф кардаанд, ки ҷамоли зебо он аст, ки чашм ин ҷур бошад, абрӯ ин ҷур бошад ва..? На, ин як чизе аст, ки завқи ӯ бояд онро дарк кунад ва қабл аз он ки битавонад онро таъриф кунад, ба сӯйи он кашида шавад. Ин амр барои ӯ як амри ақлӣ аст. Дар зебоии ақлӣ ҳам ҳамин тавр аст.

Асли ғоият, мабнои таъйини ҳадди васат дар ахлоқ

Ба илова, як мизон ва таъриф ҳам мешавад барои он ба даст дод, ки ҳатто як пилла аз зебоии ҳиссӣ болотар бошад ва он ин аст, ки бино бар асли ғоият, ки як асли қатъӣ аст, чун ҳар қувва ва истеъдоде барои ҳадаф ва ғояте сохта шуда ва маҷмӯъ ҳам ғояти куллӣ дорад, мо агар бихоҳем бифаҳмем, ки як қувва дар ҳадди васат аст ё дар ифрот ва ё дар тафрит, бояд ин ҷиҳатро кашф кунем, ки ин қувва аслан барои чӣ офарида шуда? **Он чи ки барои он офарида шуда ҳадди васат аст, бештар аз он чи ки барои он офарида шуда ба кор афтад ифрот аст, камтар аз он тафрит аст**. Масалан, ҳамин қувваи хашм,

ки мисол задем, бадеҳӣ аст, ки лағв дар инсон офарида нашуда. Агар ин қувва дар инсон набуд, инсон ҳаргиз аз худ дифоъ намекард ва агар дифоъ намекард, дар муқобили табиат ва ҳайвонот ва дар муқобили инсонҳо маҳкум ба фано буд. Барои инсон лозим буда, ки ин қувва ба ӯ дода шавад. Ва ҳатто муддаӣ ҳастанд, ки инсон, ки зери об меравад, бо яке аз қувваҳои шаҳавонӣ ва майлҳои мусбат ба зери об меравад ва бо қувваи ғазаб берун меояд. Зери об меравад барои иштиҳое, ки дорад, ки аз об лаззат бибарад. Вале муддате, ки монд, нафасаш банд меояд. Инҷо ҷойе аст, ки дифоъ лозим аст ва қувваи хашм фармон медиҳад, ки биё берун. Агар ин қувва набуд, одам, ки зери об мерафт ва мавриди таҳоҷуми об қарор мегирифт, наметавонист аз худ дифоъ кунад, яъне ангезае дар ӯ набуд, ки аз худаш дифоъ кунад. Соири дифоъҳо ҳам ҳамин тавр аст. **Қувваи хашм дар ҳадде, ки инсон аз худ дифоъ кунад, ҳадди васат он аст; камтар аз он бошад, ки инсон ба сурати одами заъифи тусарихӯре дарояд, ҳадди нақс ва тафрити он аст ва бештар аз он бошад, ки инсон ба сурати фарди муҳоҷиме дарояд, ки мехоҳад туи сари дигарон бизанад, ҳадди ифроти он аст**. Ин қувва на барои ин аст, ки инсон туи сари дигарон бизанад ва на барои ин аст, ки муъаттал бимонад ва аз худ дифоъ накунад.

Ҳамчунин ғаризаи ҷинсӣ ҳадафе дорад, ки тибқи таҳқиқоте, ки ба амал омада танҳо бақои насл нест. Дар ҳайвонот ин тавр аст, вале дар инсон завҷе, ки бо якдигар зиндагӣ мекунанд, ба таъбири Қуръон, бояд видоде байни онҳо бошад, маваддат ва раҳмате бошад, дар ҳадде, ки ба истилоҳ асоси як хонавода ба он пойдор бимонад ва хонавода маншаъи тавлиди насл бишавад ва фарзандон дар он конун бузург шаванд. Ин яке аз ғоёти хилқат аст. Ҳол агар ғаризаи ҷинсӣ барои ин манзур ба кор равад, ҳадди васати он аст, зиёдтар аз он ба кор равад ва масъалаи танаввӯъталабӣ ва ба таъбири аҳодис, “заввоқият” дар кор бошад, ҳадди ифроташ аст ва камтар аз ин ҳадди мутаъораф низ нақси он аст. Ҳамин тавр аст соири қувваҳои инсон.

Ин назария мегӯяд, агар ин қувваҳо — ки ҳадди онҳоро бо меъёри ғоият метавон шинохт — ҳар кадом дар он ҳадде, ки бояд, бошанд, дар маҷмӯъ руҳи инсон зебо мешавад ва агар ғайр аз ин бошад, инсон руҳе зишт пайдо мекунад. Фарқи ин назария бо он назарияе, ки зебоиро сифати феъл медонист (яъне инсон зебо мешавад ба эътибори феълаш) ин аст, ки он назар мегуфт, ки ба ҳукми синхияте, ки миёни толиб ва матлуб ҳаст, толиби зебо ҳам зебост, вале ин назар мегӯяд, ки на, худи руҳ зебост, аз руҳи зебо феъле содир мешавад, ки ба ночор зебост, маълули он иллат аст. Пас, **ба як назар, инсон аз феълаш зебоиро касб мекунад ва ба як назари дигар, феъл аз инсон зебоиро касб мекунад**. Ба ҳар сурат, дар ин ду назария рӯйи зебоӣ такя шуда ва ахлоқ аз мақулаи зебоӣ дониста

шудааст; аз он ҷиҳат феъли ахлоқӣ хуб аст, ки зебост ва инсон дорои ғаризаи зебоӣ аст, ғаризаи зебоӣ ҳам маҳдуд ба зебоии ҳиссӣ нест, шомили зебоии ақлӣ низ мешавад.

Ҳокимияти руҳу ақл

Як назарияи дигар дар инҷо ҳаст ва он, назарияи истиқлоли руҳ дар муқобили бадан аст. Ин назария мубтанӣ бар ҳамон санавияти руҳу бадан аст, ки инсон ҳақиқате аст муздавоҷ аз ду ҷавҳар: яке ба номи нафс ва руҳ ва дигаре бадан. Гӯ ин ки ин ду ҷавҳар бо якдигар навъе иттиҳод доранд, вале як санавияте ҳам доранд. Камоли руҳ дар ин аст, ки таҳти таъсири бадан набошад ё камтар таҳти таъсири он бошад, зеро руҳ ба ақидаи пайравони ин назария, камолашро аз боло касб мекунад ва аз боло файз мегирад, на аз бадан, ки пойин аст. Ва мӯътақиданд, ки агар ҳолати руҳ нисбат ба қуввоҳои бадан ба ин шакл бошад, ки таъодул миёни ҳамаи қуввоҳо барқарор бошад, истиқлоли руҳ дар муқобили бадан маҳфуз аст ва руҳ монанди ҳокиме мешавад, ки раиятҳое дошта бошад ва ин раиятҳоро дар муқобили якдигар қарор диҳад, на ин бар он пирӯз бошад ва на он бар ин ва он вақт аст, ки метавонад худаш мустақил ва озод ва ҳоким бошад. Вале ҳамин қадр, ки баъзе аз раиятҳо нерӯманд ва қавӣ шуданд, худи ӯро таҳти таъсир қарор медиҳанд. Инҳо мӯътақиданд, ки беҳтарин ҳолати камоли руҳ ва нафс дар ин аст, ки камтар таҳти таъсири бадан бошад ва ҳар чи набошад беҳтар ва барои ин ки руҳ истиқлоли худро дар муқобили бадан ҳифз кунад, бояд миёни ҳамаи қуввоҳо таъодул барқарор карда бошад. Дар ин сурат аст, ки руҳу ақли инсон бар ин қуввоҳо ҳукумат мекунад ва аммо агар ин таъодул набуд ва инсон шаҳватрон шуд, ҷоҳпараст ва ҷоҳталаб ва ё шикамбора ва шикампараст шуд, дигар ҳукми руҳу ақл нуфузе надорад, балки руҳ тобеъи шаҳавоти баданӣ ва асири онҳо мешавад.

Ин назария низ тарафдори таъодул ва тавозуни қуввоҳост, вале на ба хотири ин ки зебоӣ дар ин таъодул ва тавозун аст, балки ба хотири ин ки **истиқлоли руҳ ва ҳукумати руҳу ақл бар бадан фарз бар ин таъодул ва тавозун аст ва ба иборати дигар, озодӣ фарз бар таъодул ва тавозун аст ва ахлоқи мутаъодил яъне ахлоқе, ки ношӣ аз ҳукумати мутлақи ақл бар бадан бошад**. Қудамо ҷавҳари руҳи инсонро фақат қувваи оқила медонистанд ва бас ва соири қуввоҳоро моддӣ ва баданӣ медонистанд. Ҳатто қувваи хаёлро як қувваи баданӣ медонистанд ва мӯътақид буданд, ки вақте инсон мемирад, ҷавҳари руҳаш, ки ҳамон ақлаш бошад боқӣ мемонад ва бақияи қуввоҳо тобеъи бадан ҳастанд ва бо бадан хароб мешаванд. Вале Мулло Садро мӯътақид аст, ки чунин нест.

Бино бар ин назария, **ахлоқ на аз мақулаи муҳаббат аст ва на аз мақулаи зебоӣ, балки дар воқеъ аз мақулаи озодии ақл ва ҳукумати мустақилли ақл аст ва руҳи ахлоқ бармегардад ба ҳокимияти ақл бар бадан ва ба озодии ақл дар муқобили қуввахои баданӣ**.

Назари дигаре, ки аз Кант нақл шуда ин аст, ки ахлоқ на аз мақулаи муҳаббат аст, на аз мақулаи зебоӣ ва на марбут ба ақл, балки ӯ мӯътақид ба як виҷдони асили ахлоқӣ аст, ба як ҳиссе ва ба як қувваи илҳомбахше дар инсон, ки он қувва мустақиллан бар инсон фармон меронад. Мегӯяд, асосан ҳисси ахлоқӣ ҳисси ҷудогонае аст, на ба навъдӯстӣ марбут аст, на ба зебоӣ ва на ба ақлу фикр, балки худ виҷдоне аст, ки ба инсон дода шудааст. Пас ин ҳисс худ мақулаи мустақилле мешавад ғайр аз инҳо, аз мақулаи таклиф мегардад, вале як таклифи замирӣ; таклифе, ки аз замири инсон ношӣ мешавад, на аз ғайри замир.

Назарияи дигаре, ки нақл шуд, назарияе буд, ки асосан мункири ҳамаи ин ҳарфҳост, на ба эҳсосоти навъдӯстӣ дар инсон қоил аст, ки воқеан бишавад ғояти феъли инсон манофеъи ғайр бошад, на ба зебоии маънавӣ ва маъқул мӯътақид аст, на ба ақли муҷаррад аз бадан ва на ба виҷдони ахлоқӣ, балки ба як фардияти комил мӯътақид аст ва мегӯяд, инсон асосан манфиатҷӯ офарида шуда ва ҷуз барои манфиати шахсӣ кореро анҷом намедиҳад, ба ӯ ҳуше дода шуда ва он ҳам кораш ин аст, ки инсонро дар ин ки ба манофеъаш аз роҳи беҳтар ва мутмаинтаре бирасад, раҳбарӣ кунад ва вақте, ки ҳушёрии инсон зиёд шуд мунтаҳӣ ба феъли ахлоқӣ яъне феъле, ки дар он нафъи иҷтимоъ бошад — гӯ ин ки реша ва ангезаи он нафъи фардӣ аст — мешавад, зеро инсон ба ҳукми он ки манфиатҷӯ офарида шуда, дунболи манфиати худ аст ва ҳамеша кӯшиш мекунад, ки аз миёни манофеъ, он манфиатеро, ки беҳтар аст касб кунад ва аз миёни ду зарар, зарари камтарро мутаҳаммил шавад ва ҳамвора дар миёни нафъу зарар дар навасон аст, ки беҳтари нисбиро интихоб кунад. Инсон ба нерӯи ҳуш дармеёбад, ки зиндагии иҷтимоӣ дар хориҷи кодри иҷтимоъ наметавонад вуҷуд дошта бошад ва агар бихоҳад дар иҷтимоъ зиндагӣ кунад ва манофеъаш таъмин шавад, беҳтарин роҳ ин аст, ки ҳуқуқ ва ҳудуди дигаронро мӯҳтарам шумурад, яъне корҳояшро ончунон танзим кунад, ки ба нафъи дигарон бошад ва лоақал зарари дигарон дар он набошад, чун медонад, ки агар ин корро бикунад, дигарон ҳам бо ӯ муқобила ба мисл мекунанд, яъне дигарон ҳам тавре амал мекунанд, ки нафъи ӯ таъмин шавад ва зарараре ба вай нарасад. Бинобар ин **феъли ахлоқӣ феъле аст, ки ношӣ аз як ҳуши зиёд бошад, ки ҳуши инсон ӯро раҳбарӣ кунад ба ин ки агар мехоҳӣ манфиати худро дар ҳадди аъло ба даст оварӣ, бояд онро дар зимни манфиати иҷтимоъ ба даст оварӣ**. Яъне манофеъи худро бо манофеъи иҷтимоъ

ҳамоҳанг кун, агар барои иҷтимоъ кор кунӣ, манфиатат беҳтар таъмин мешавад. Бино бар ин назария, ахлоқ аз мақулаи ҳуши фардӣ мешавад; ҳуше, ки дар роҳи манофеъи фард кор мекунад, яъне ҳуши фардӣ ташхис медиҳад, ки манфиати фард дар манфиати иҷтимоъ аст. Бисёре ин тавр фикр мекунанд ва аз он ҷумла аст Рассел дар китобе таҳти унвони "*Ҷаҳоне, ки ман мешиносам*".

Эроди бузурге, ки ба ин ҳарф гирифта шуда ин аст, ки ҳамеша инсон чунин суғро ва куброе ташкил намедиҳад. Дар мавориде чунин амал мекунад, ки аз дигарон заъифтар бошад ё нерӯяш мусовӣ бо нерӯи дигарон бошад. Аммо агар инсон дар шароите қарор гирад, ки нерӯяш аз нерӯи дигарон бештар бошад ва дар натиҷа аз адами аксуламали муассири дигарон мутмаин бошад, чун миқёси нафъ расонданаш ба дигарон ин аст, ки манфиати худаш беҳтар таъмин шавад, вақте мебинад, ки агар ҳаққи дигаронро бирубояд, дигаронро истисмор кунад ва ба ҳудуди дигарон таҷовуз кунад, манофеъаш беҳтар таъмин мешавад, мусаллам ин роҳро интихоб мекунад. Бинобар ин, ин роҳ наметавонад роҳи саҳеҳ ва мутмаинне бошад. Яъне мумкин аст касе чунин ақида дошта бошад, ки асосан ахлоқ барои башар ғалат аст, вале агар мисли Рассел муддаӣ шуд, ки пояе ҳам барои ахлоқ ба вуҷуд оварда, ки бар асоси он мехоҳад мардумро тарбият кунад бидуни ин ки воқеан ахлоқи иҷтимоӣ пайдо кунанд, ин роҳ роҳи саҳеҳе нест.

Равиши тарбият дар макотиби мухталиф

Ҳол, бо таваҷҷӯҳ ба макотиби мазкур, агар мо бихоҳем афрод ва иҷтимоъро тарбияти саҳеҳи ахлоқӣ бикунем, бино бар баъзе макотиб, бояд кӯшиш кунем, ки эҳсосоти навъдӯстона тақвият шавад. Ин макотиб қаҳран мегӯянд, чун решаи ахлоқ эҳсосоти навъдӯстона аст, бояд ин эҳсосотро тақвият кард ва мӯҷиботи буғзу душманиро аз миён бурд.

Он ки мӯътақид аст, ки ахлоқ аз мақулаи зебоӣ аст, мегӯяд: бояд ҳисси зебоиро дар башар тақвият кард ва аз ҷумлаи зебоиҳои ахлоқӣ таносуби руҳӣ аст.

Он қавле, ки ақида дошт, ки решаи ахлоқ як виҷдони мустақил аст, мӯътақид аст, ки бояд худи виҷдонро тарбият кард, роҳаш ҳам ин аст, ки ҳар ғаризае вақте, ки кори онро зиёд анҷом диҳем, рушд мекунад, пас бояд корҳои хайрхоҳона зиёд анҷом дод, то он виҷдон тарбият шавад.

Он касе, ки мӯътақид ба руҳи муҷаррад аст, мегӯяд: агар шумо бихоҳед пояи саҳеҳе барои ахлоқ ба вуҷуд оваред, ин таълимро ба башар ёд диҳед, ки ту руҳе дорӣ ва бадане ва камоли руҳи ту ғайр аз камоли бадани туст, ту мемирӣ ва баъд аз он ки мурдӣ, руҳат

боқӣ мемонад, пас асоси тарбият бояд аз руҳи боқӣ ва руҳи мустақил аз бадан оғоз шавад.

Он касе ҳам, ки мӯътақид аст, ки ахлоқ ҳамон ҳушёрӣ аст, мегӯяд: бояд таълим дод, бояд ба мардум ёд дод, ки манофеъашон дар ин аст, ки масолеҳи иҷтимоъро риоят кунанд.

Пас роҳи тарбият бино бар ҳар як аз ин мактабҳо мутафовит аст.

Ахлоқи мазҳабӣ

Матлаби дигар ин аст, ки бархе муддаӣ ҳастанд, ки феъли ахлоқӣ мусовӣ аст бо феъли динӣ. Ин ҳам мактабе аст. Дар ин сурат ин ҳарфҳо ҳамааш ғалат аст; ҳар феъле, ки динӣ шуд, ахлоқӣ аст вагарна ахлоқӣ нест. Ҳадди ақал ин аст, ки баъзе аз афъоли диниро дар назар бигирем, афъоли диние, ки дар онҳо нафъи ғайр матраҳ бошад. Вале билохира решаи ахлоқӣ будани феъл, динӣ буданаш аст. Пас мо наметавонем ахлоқи илмӣ, фалсафӣ ва ақлӣ дошта бошем. Фақат ва фақат метавонем ахлоқи мазҳабӣ дошта бошем. Ин албатта ду ҷур мешавад тақрир гардад: яке он тавр, ки маъмулан дигарон — мисли Уилям Дюрант — тақрир мекунанд, ки ахлоқи қадим ахлоқи динӣ буд ба ин тартиб, ки мубтанӣ бар тарс ва тамаъ нисбат ба ҷаҳони дигар буд, масалан мегуфт: рост бигӯ ва дурӯғ нагӯ, зеро агар дурӯғ бигӯӣ, дар ҷаҳони дигар уқубат мешавӣ, амонат ба харҷ деҳ, то дар ҷаҳони дигар ба ту подош диҳанд.

Ин назария хеле шабеҳ ба назарияи зидди худ — ки назарияи амсоли Рассел аст — мебошад. Амсоли Рассел ҳеч решае дар руҳи инсон барои ахлоқ қоил набуданд ва мегуфтанд, ки инсон манфиатҷӯ офарида шуда ва ғайр аз манфиатҷӯӣ наметавонад роҳи дигаре интихоб кунад ва барои анҷоми коре, ки дар ӯ манфиати ғайр бошад, бояд аз ҳушёрии ӯ ва аз ҳамон ҳисси манфиатҷӯии ҳушёронааш суд ҷуст, ки манфиати ту дар ин аст, ки манфиати дигареро риоят кунӣ. Ин назария ҳам дар ҳақиқат ҳаминро мехоҳад бигӯяд, ки инсон манфиатҷӯ офарида шуда, барои ахлоқаш ҳам бояд аз ҳамон ҳисси манфиатҷӯии ӯ истифода кард, вале на аз роҳи ҳушёрӣ ва ақл, балки аз роҳи имон. Бояд ба ӯ гуфт: эй инсон! Ту, ки манфиатҷӯ ҳастӣ, ҷаҳони дигаре ҳаст, агар ин корро бикунӣ ба ин шакл зарар мекунӣ ва агар кори дигареро анҷом диҳӣ манфиати бузург дар ҷаҳони дигар мебарӣ. Пас боз бояд аз ҳамон ҳисси манфиатҷӯёнаи ӯ истифода кард ва зомини иҷроро тарс аз ҷаҳони дигар ва тамаъ ба ҷаҳони дигар қарор дод.

Тақрири дигар ин ки ахлоқи динӣ намехоҳад аз эҳсосоти манфиатҷӯёнаи инсон истифода кунад, балки мехоҳад аз эҳсосоти Худопарастонае, ки дар ҳар инсоне ба таври фитрӣ ва табиӣ ҳаст истифода намояд.

Мазҳаб, пуштвонаи ахлоқ

Ҳақиқат ин аст, ки ғолиби ин назариётро метавонем аз як назар дуруст ва аз як назар нодуруст бидонем. Ҳамаи инҳо он вақт дурустанд, ки як ҳақиқати эътиқоди мазҳабӣ пушти сари онҳо бошад. Худо сарсилсилаи маънавиёт аст ва ҳам подошдиҳандаи корҳои хуб.

Эҳсосоти навъпарастона, ки худ амре маънавӣ аст, вақте дар инсон зуҳуру буруз мекунад, ки инсон дар ҷаҳон, маънавияте қоил бошад, яъне вақте ки инсон ба Худое мӯътақид бошад, метавонад инсонҳоро дӯст дошта бошад ва ин эҳсосоти навъдӯстона дар ӯ зуҳуру буруз дошта бошад. Эътиқоди мазҳабӣ пуштвонаи мабонии ахлоқӣ аст.

Он касе, ки мегӯяд: ахлоқ аз мақулаи зебоӣ аст ва зебоиро ҳам зебоии маъқул ва маънавӣ медонад, (бояд таваҷҷӯҳ дошта бошад, ки) асосан то мо ба як ҳақиқат ва зебоии мутлақи маъқул ва маънавӣ ба номи Худо қоил набошем, наметавонем ба як зебоии маънавии дигар мӯътақид бошем, яъне зебоии маънавии руҳ ё зебоии маънавии феъл, он вақт маънӣ пайдо мекунад, ки мо ба Худое эътиқод дошта бошем. Агар Худое набошад, ин маънӣ надорад, ки феъл фақат дар дунё хуб ва зебо бошад ва асосан феъли зебо яъне феъли худоӣ; феъле, ки гӯӣ партаве аз нури Худо дар он ҳаст.

Вичдони ахлоқӣ, ки Кант мегӯяд низ то инсон эътиқод ба Худо надошта бошад, барои инсон маънӣ пайдо намекунад.

Ҳамаи инҳо ба одам мегӯяд ҳақ ин аст, ҳақиқат ин аст. Хуб агар ғайр аз модда чизи дигаре набошад, аслан ҳаққу ҳақиқат маънӣ надорад.

Ҳамчунин агар эътиқод ба маод бошад, назарияи ҳушёрӣ хуб кор мекунад. Инсон ба қавли ӯ манфиатҷӯ офарида шуда ва ҷуз манфиати худро намехоҳад, ҳисоб мекунад, ки дар охири кор суд дар кадом тараф аст. Агар эътиқод ба адли ниҳоӣ бошад, ин ҳисс зомини иҷроии хубе аст, вале вақте ин эътиқод набошад ва ҳар чи ҳаст, дар ҳамин дунё бошад, инсон таҳти шароите мӯътақид мешавад, ки нафъам дар ин аст, ки нафъи дигаронро замимаи худ кунам. Пас ин назария ҳам он натиҷаи ниҳоиро он вақт медиҳад, ки эътиқод ба Худо ва адли илоҳӣ дар кор бошад.

Таърифи феъли ахлоқӣ

Бинобар ин, тамоми ин назариёт дар воқеъ по дар ҳавост, магар он ки бар мабнои эътиқоди мазҳабӣ ва эътиқод ба Худо қарор гирад. Агар бар мабнои эътиқод ба Худо қарор гирад, ҳамаи инҳоро метавон қабул кард ва ҳамаро метавон гуфт дуруст аст. Ва зарурате ҳам надорад, ки мо феъли ахлоқиро маҳдуд ба яке аз инҳо бидонем; мегӯем,

феъли ахлоқӣ он феъле аст, ки ҳадаф аз он, манофеъи моддӣ ва фардӣ набошад, хоҳ инсон онро ба хотири эҳсосоти навъдӯстӣ анҷом диҳад, хоҳ ба хотири зебоии феъл, хоҳ ба хотири зебоии руҳи худ, хоҳ ба хотири истиқлоли руҳу ақли хеш ва хоҳ ба хотири ҳушёрӣ. Ҳамин қадр, ки "худӣ" ва манфиати фардӣ дар кор набуд, феъл, ахлоқӣ аст. Бинобар ин, зарурате надорад, ки мо ба яке аз он мактабҳо бипайвандем ва лайса илло бигӯем ва биравем ба сӯйи мактабе, ки рӯйи муҳаббат ё зебоӣ ва ё ақли муҷаррад бино шудааст. На, феъли ахлоқӣ он феъле аст, ки ҳадаф аз он, ҷалби манофеъи моддӣ ва дунёӣ набошад, хоҳ асаре, ки аз он дар ин дунё ношӣ мешавад, расидани нафъ ба ғайр бошад ва хоҳ ҳар чизи дигаре.

Бинобар ин, дар усули тарбиятӣ, он решаи аслӣ, ки бояд онро обёрӣ кард, ҳамон эътиқод ба Худост ва дар партави эътиқод ба Худо, ҳам бояд эҳсосоти навъдӯстонаро тақвият кард, ҳам ҳисси зебоиро парвариш дод, ҳам эътиқод ба руҳи муҷаррад ва ақли муҷаррад ва ақли мустақил аз баданро тақвият кард ва ҳам ҳатто аз ҳисси манфиатҷӯии инсон истифода кард, ҳамон тавр, ки ин корро дар адён кардаанд. Дар адён мебинед, ки аз ҳисси манфиатҷӯии башар ва низ аз ҳисси фирор аз зарари ӯ, ба нафъи ахлоқи башар истифода шудааст.

Ин баҳси мо, ки ба манзилаи мутаммими дуввуме барои баҳси ду ҷаласаи пеши мо буд, тамом шуд.

Баррасии назарияи нисбияти ахлоқ

Сӯҳбати имрӯз мо дар бораи масъалаи нисбияти ахлоқ аст. Бояд ба ин сурат суол кард, ки оё ахлоқ мутлақ аст ё нисбӣ? Яъне агар як хӯй ё хислат ва ё як феъл ба унвони ахлоқӣ тавсия мешавад, оё ин, амри мутлақе аст? Яъне як хислат, ки ахлоқӣ ҳаст, барои ҳама вақт ва барои ҳама кас ва дар ҳама шароит, ахлоқӣ аст? Ва ё як феъл, ки онро феъли ахлоқӣ меномем, нисбат ба ҳама афрод ва дар ҳама шароит ва дар ҳама замонҳо феъли ахлоқӣ аст, ончунон, ки масалан мегӯем, адади 4 дубаробари адади 2 аст? Ё ин ки на, нисбӣ аст? Агар гуфтем, нисбӣ аст, яъне ҳеч хислате ва ҳеч хӯй ва ҳамчунин ҳеч феълеро ба унвони феъли ахлоқӣ наметавон ба таври мутлақ тавсия кард ва онро дар ҳама замонҳо ва дар ҳама маконҳо ва дар ҳама шароит ва барои ҳама афрод содиқ донист.

Ин масъала бахусус барои мо ба мӯҷиби вобастагиамон ба ислом, лозим аст тарҳ шавад, зеро дини муқаддаси ислом — ҳамон тавр, ки уламои қадими мо гуфтаанд — маҷмӯаи дастурҳояш се бахши асосӣ аст: як бахш ақлиёт ё фикриёт аст, ки аз онҳо ба "усули ақоид" таъбир мешавад, бахши дуввум нафисёт аст, ки аз онҳо ба "ахлоқ" таъбир

мегардад ва бахши севвум баданиёт ё феълиёт аст, ки аз онҳо ба “аҳком” таъбир мешавад. Бахши ахлоқ бахши фавқулъода муҳимме аст. Дар худи Қуръони Карим як силсила тавсияҳо ва дастурҳо дастурҳои ахлоқӣ аст. Ва аз тарафе медонем, ки дини ислом хусусияте дорад ва он, масъалаи хотамият ва масъалаи ҷовидонагӣ аст ва ин амр мулозим аст бо ин ки мо ахлоқиётро мутлақ бидонем ё лоақал ба сурати суол матраҳ кунем, ки оё ин ки дастурҳои ислом дар ин боб ҷанбаи ҷовидонагӣ дорад, лозимааш ин аст, ки мо ахлоқро мутлақ бидонем ё ин амр бо нисбияти ахлоқ ҳам созгор аст?

Аввалан, мо бояд матлабро ҳал кунем, ки оё ахлоқ мутлақ аст ё нисбӣ ва баъд биравем суроғи ислом ва бибинем дастурҳои ислом дар бораи ахлоқ чӣ гуна аст, оё мутлақ аст ё нисбӣ? Ин масъала бастагии зиёде дорад бо масъалаи пешин дар боби меъёри феъли ахлоқӣ.

Бино бар баъзе аз он назариёт, ахлоқ мутлақ аст, на нисбӣ ва бино бар баъзе дигар, ахлоқ нисбӣ аст. Мо як ё ду назарияро, ки дар онҷо бояд зикр мекардем, зикр накардем. Ибтидо онҳоро зикр мекунем ва баъд ин масъаларо тавзеҳ медиҳем.

Писанд

Бархе асосан мӯътақиданд, ки ҳеч меъёре барои ахлоқӣ будан (-и як феъл) хориҷ аз худи инсон вуҷуд надорад, яъне хориҷ аз писанд ва интихоби худи инсон меъёре барои ахлоқӣ будан вуҷуд надорад. Ҳатман шунидаед, ки аз қадим — аз давраи Юнон — будаанд андешамандоне, ки мегуфтаанд миқёси ҳама чиз инсон аст ва инро дар мавриди илм ва фалсафа ва ҳақиқат ҳам мегуфтанд, ки меъёри воқеият ва ҳақиқат низ инсон ва ташхиси инсон аст, яъне як ҳаққи воқеӣ вуҷуд надорад, ҳаққи воқеӣ ҳамон аст, ки инсон ташхис медиҳад. Агар чизеро ташхис дод, ки ҳақ аст, ҳақ аст ва агар ташхис дод ботил аст, ботил аст. Дуруст назири ақидае, ки баъзе аз мутакаллимини исломӣ ба номи мӯътазила дар боби иҷтиҳод доштанд, ки ҳар муҷтаҳиде ҳар чиро, ки иҷтиҳод бикунад, ҳақиқат ҳамон аст, ки ӯ иҷтиҳод карда ва иҷтиҳоди хато надорад; ҳақ ҳамон аст, ки ин муҷтаҳид онро иҷтиҳод мекунад ва бинобар ин агар даҳ муҷтаҳид даҳ ҷур иҷтиҳод бикунанд, ҳақ даҳ ҷур аст. Нуқтаи муқобили онҳо мухаттиа буданд, ки мегуфтанд: ҳақ як чиз бештар нест; иҷтиҳод мумкин аст мутобиқ бо воқеъ ва муфид бошад ва мумкин аст бар хилофи воқеъ бошад.

Юнониҳо ҳам дар бораи ҳақиқат ин ҳарфро заданд ва гуфтанд, меъёри ҳақиқат, инсон аст; на ин аст, ки ҳақиқат меъёри инсон аст, инсон меъёри ҳақиқат аст. Баҳси юнониҳо роҷеъ ба ҳақиқат ва воқеият буд, роҷеъ ба улуми назарӣ буд, яъне роҷеъ ба он чи ҳаст.

Пас, агар мо мегуфтем масалан Худо ҳаст, мегуфтанд, чун ин инсон мегӯяд Худо ҳаст, пас ҳаст ва агар дигаре мегуфт, Худо нест, мегуфтанд нест, чун ин гуфта нест. Ин баҳси назарӣ аст.

Вале як назария дар боби ахлоқ дар даврaҳои ҷадид пайдо шуда, ки дар боби ҳақиқат ин ҳарфро намезананд, балки дар боби ахлоқ ин суханро мегӯянд. Ахлоқ бо ҳақиқат ин фаркро дорад, ки ҳақиқат марбут аст ба он чи, ки ҳаст ва ахлоқ марбут аст ба он чи, ки "бояд" бошад. Гуфтаанд: дар бораи он чи, ки бояд бошад ё ба иборати дигар, дар бораи хайри ахлоқӣ ва шарри ахлоқӣ ҳеч меъёре ҷуз писанди инсон дар кор нест. Ва изофа кардаанд, ки муроди мо аз ахлоқи хуб ахлоқи писандида аст. Мегӯянд, меъёр ин аст, ки чӣ ахлоқе маҳмуд яъне мавриди писанд аст. Ҳар хулқе, ки мавриди писанд буд, он хулқи хуб аст. Вале писанд мутағайир аст ва дар тӯли замон писандҳо тағйир мекунанд. Вақте писанд тағйир кард, худи ахлоқи ҳамида табъан тағйир мекунад. Фалон хулқ як замоне маҳмуд ва мавриди писанди умум буд, пас хуб буд. Баъд, дар замони дигар ҳамон хулқ номаҳмуд шуд ва хулқи дигаре, ки зидди он буд маҳмуд шуд. Ин навасонот ва тағйирот, ки як хулқ дар як замон мавриди писанд аст ва дар замони дигар мавриди писанд нест, бар асоси такомул аст ва маншаъи инҳо руҳи замон ва ба иборати дигар, руҳи иҷтимоъ аст.

Руҳи замон

Гегел як ҳарфе дорад, ки ба номи "руҳи замон" нақл мешавад. Ӯ мӯътақид аст, ки такомул, номуси ин ҷаҳон аст. Руҳи замон ҳамеша ҷомеаро ба пеш мебарад. Ин руҳ, ки ба манзилаи руҳи иҷтимоъ аст, барои ин ки ҷомеаро ба ҷилав бибарад, рӯйи фикрҳо ва писандҳо асар мегузорад, яъне руҳи замон он хулқу хӯйеро ба истилоҳ илҳом мекунад ва мавриди писанд қарор медиҳад, ки бо такомул мувофиқ бошад ва хулқу хӯйи дигареро, ки марбут ба шароити гузашта аст — ҳамон тавр, ки он шароит мансух шуда — насх мекунад. Ва дар воқеъ барои руҳи замон ё руҳи иҷтимоъ он ҳолатеро қоил аст, ки дигарон барои Худо қоиланд, ки мегӯянд, Худованд ахлоқи хубро ба инсон илҳом мекунад. Албатта Гегел қоил ба Худост, вале ин ҷур мегӯяд, ки руҳи ҷомеа ва руҳи замон хулқи хубро илҳом мекунад. Ва ду тафовут миёни назари ӯ ва назари соири тарафдорони илҳом ҳаст:

1) Ӯ мулҳимро руҳи ҷомеа ва руҳи замон медонад ва онҳо мулҳимро Худо ва моварои табиат медонанд;

2) Онҳо мулҳимро як амри собит ва якнавохт ва мутлақ медонанд ва ӯ мулҳимро як амри мутағайир ва нисбӣ ва тобеъи шароити замон медонад, ки зуд ба зуд (иваз) мешавад. Аз назари ӯ илҳомкунанда худаш бо тағйироти замон тағйир мекунад ва (илҳомоти қаблиро) насх менамояд.

Ин фикр аз он афкоре аст, ки рӯйи урупоиҳо ва дар натиҷа рӯйи дунё зиёд асар гузошт, яъне пояи меъёрҳои собитро мутазалзил кард. Яке аз дӯстон мегуфт, ки дар яке аз конфронсҳое, ки дар хориҷ додам, инҳоро мавриди ҳамла қарор додам, гуфтам, шумо фарангиҳо як рӯзе қоил ба Руҳулқудс будед ва аз Руҳулқудс илҳом мегирифтед ва як рӯзе ҳам аз руҳи замон илҳом мегиред. Бадбахтии шумо аз он рӯзе шурӯъ шуд, ки ба руҳи замон мӯътақид шудед ва ҳамон аҳаммият ва арзишеро, ки барои Руҳулқудс қоил будед, барои руҳи замон қоил шудед ва дар натиҷа тамоми усул ва меъёрҳои собитро аз даст додед ва фақат ба иқтизои замон таваҷҷӯҳ кардед, ки замон чунину чунон иқтизо мекунад. Руҳи замон яъне чӣ?! Чӣ касе чунин руҳеро кашф карда, ки ҷомеа ҳатман рӯ ба такомул меравад ва ин руҳи замон аст, ки дорад афродро ба пеш мебарад ва саҳнаҳо, ки тағйир мекунад, ҳатман бар асоси руҳи замон аст. Вале ба ҳар ҳол чунин фикре ва чунин назаре дар миёни урупоиҳо будааст, ки агар ин суханро бигӯем, мусаллам бояд ахлоқро нисбӣ бидонем.

Як нуктаи дигар ҳам ҳаст — агарчӣ ман инро дар навиштаҳояшон надидаам, вале хаёл мекунам манзурашон ҳамин аст — ва он ин ки руҳи замон чӣ гуна амал мекунад? Оё масалан сари як қарн, ки мерасад, фикрҳоро якдафъа тағйир медиҳад, ё ин ки тадриҷан фикрҳо тағйир мекунад? Тадриҷан ҳам, ки тағйир кунад, оё иддае ба истилоҳ пешрав ҳастанд, ки онҳо аввал илҳом мегиранд ва баъд дигарон аз онҳо илҳом мегиранд? Оё ҳамеша як табақаи пешрав ва равшанфикр дар ҷомеа вуҷуд дорад, ки инҳо ҳукми пайғамбаронро доранд, мунтаҳо пайғамбароне, ки на аз Худо илҳом мегиранд, балки аз руҳи замон илҳом мегиранд (ба истилоҳи худашон табақаи интеллектуал? Ин табақа дар ибтидо илҳом мегирад ва баъд дигарон ба думболон мераванд. Инҳо дар воқеъ барои ин табақа як навъ рисолат ва пайғамбарӣ қоиланд.

Агар ин суханро бигӯем, қатъан дигар ҳеч усули собити ахлоқӣ нахоҳем дошт, зеро меъёр, писанд мешавад. Албатта мо ҳам қабул дорем, ки меъёр, писанд аст ва писандҳо тағйир мекунад, вале мо мӯътақидем, ки тағйири писандҳо аз навъи тағйири як мизоҷ аст. Як мизоҷ як ҳолати таъодул дорад ва як ҳолоти инҳирофӣ. Ҷомеа низ тараққӣ ва инҳитот дорад ва ҳамаи таҳаввулот ҷомеаро намешавад ба ҳисоби такомул гузошт. Таълимоти қуръонӣ ҳам бар ҳамин асос аст, ки қавме тараққӣ мекунанд ва баъд фосид мешаванд ва ин фасод — ки Қуръон онро ба фасоди ахлоқӣ таъбир мекунад — мунҷар

ба ҳалокати он қавм мешавад. Таърих низ нишон медиҳад, ки ҷомеаҳо навасон пайдо мекунанд ва дар ин навасонот, ҳамин тавр, ки тараққиҳое доранд, гоҳе ҳам инҳитот пайдо мекунанд ва ҳамон инҳитот маншаъи суқут ва инҳирофашон мешавад. Бале, ин матлабро шояд бишавад қабул кард, ки ҷаҳон дар маҷмӯъи худ такомул пайдо мекунад, аммо ин ғайр аз ин матлаб аст, ки мо ҳар ҷомеаеро мутакомил бидонем. Писандҳо марбут ба ҷомеаҳои алоҳида аст. Агар масалан дар ҳар ҳазор сол ҳисоб кунем, мумкин аст битавон гуфт, ки башарият дар маҷмӯъ баъд аз ҳазор сол пешравӣ кардааст, вале ин ки инсон бихоҳад ин пешравиро аз ҳама ҷиҳат қоил шавад, кори мушкиле аст.

Сухани Сартр

Дар ҳар ҳол мегӯянд, як ҷомеа ба таври худкор ҳамин тавр, ки як гиёҳ рушд мекунад, рушд менамояд ва барои ин ки рушдаш ба марҳилаи амал бирасад, писандҳояш тағйир мекунад ва ин писандҳо ҳамеша ҳамоҳанг бо такомул аст.

Агар касе ин назарияро бипазирад, ахлоқ сад дар сад нисбӣ мешавад, камо ин ки оқои Сартр, ки ҳама чизро бар меҳвари интихоби шахсӣ месанҷид, мегӯяд, ки меъёре барои ахлоқӣ будани як феъл хориҷ аз вуҷуди инсон дар кор нест. Вале мегӯяд, ҳар кас, ки як кореро интихоб мекунад, маънии интихобаш ин аст, ки ин кор хуб аст, ки ман интихоб мекунам ва бадеҳӣ аст, ки ҳеч кас ҳеч кореро ба унвони як кори бад интихоб намекунад, балки ҳар кореро ба унвони як кори хуб интихоб мекунад. Ва изофа мекунад, ки инсон ҳар кореро, ки барои худ интихоб мекунад, дар воқеъ ба он кор арзиш дода ва бинобар ин барои дигарон ҳам ҳамон корро интихоб кардааст.

Ин ҳамон ҳарфе аст, ки мо ҳам мегӯем, ки инсон бо амали худ, кореро тарвиҷ карда; агар кори хуб бикунад, кори хуберо тарвиҷ карда ва агар кори бад бикунад, кори бадеро тарвиҷ карда. Он коре, ки инсон интихоб мекунад, дар айни ин ки ҷузъӣ аст, инсон ба он кор куллият медиҳад. Масалан, шумо маслакеро барои пайравӣ интихоб мекунед.

Ин кори шумо як ҷузъӣ аст, яъне кори шахсӣ ва фардӣ аст, ки ба шумо ва ин замон ва ин макон марбут аст. Вале дар воқеъ куллияте ҳам дар инҷо ҳаст, шумо ба ин кор куллият медиҳед. Вақте як корро интихоб мекунед, маънояш ин аст, ки ин кор ба таври куллӣ барои ҳамаи мардум хуб аст. Ба қавли ӯ, меъёри ахлоқӣ будани як феъл, ахлоқи фард (фоил) аст. Пас, ахлоқ як амри нисбӣ мешавад, зеро аз интихоби фард сарчашма мегирад. (Ҳоло ин ки ин ҳарф аз реша ҳарфи ғалате аст, коре надорам). Меъёри ахлоқӣ будан дар ин назария, интихоби фард аст. Бадеҳӣ аст ман як чиз интихоб мекунам ва шумо чизи дигаре интихоб мекунед. Пас, аз назари ман, ки ин феълро интихоб кардаам, феъли

ахлоқӣ ин аст ва аз назари шумо, ки феъли дигареро интихоб кардаед, феъли ахлоқӣ чизи дигаре аст. Дар замони дигар низ фарқ мекунад.

Вале агар аз ин назария бигузарем ва соири назариётеро, ки қаблан нақл кардем дар назар бигирем, метавонем бигӯем, ки ахлоқи нисбӣ нест. Ахлоқ ба он маъно, ки мо таъриф кардем мутлақ аст, вале феъли ахлоқӣ монеъе надорад, ки бигӯем нисбӣ аст.

Мафҳуми инсондӯстӣ

Дар назариёте, ки нақл кардем, аз ҷумла гуфтем, бархе меъёри ахлоқӣ будани як феълро муҳаббат донистаанд; ин ки ҳадаф, ғайр бошад. Инҷо мо ду чиз дорем: яке худи ахлоқ яъне хулқу хӯй ва хислати руҳии инсонӣ, ки он ҳамин ғайрдӯстӣ ва инсондӯстӣ ва алоқаманд ба сарнавишти инсонҳо будан аст. Бояд бигӯем, ки ин нисбӣ намешавад ва мутлақ аст. Намешавад ин амр барои як нафар нисбӣ бошад ва барои як нафари дигар мутлақ.

Дӯст доштани инсонҳо ва алоқаманд будан ба сарнавишти онҳо, ки маншаъи хидмат ба инсонҳо мешавад, худ амре мутлақ аст ва барои ҳама кас дар ҳамаи шароит ва дар ҳамаи замонҳо содиқ аст. Мумкин аст бигӯем, на, ин ҳам куллият надорад, зеро мумкин аст як инсон инсоне бошад озоррасон, масалан инсони ҷонӣ (ҷинояткор), инсони қотил, инсони муфсид. Ин инсонро ҳар мактабе мегӯяд, бояд бо ӯ мубориза кард ва ӯро аз миён бурд. Пас ин ҳам куллият надорад.

Ҷавоб ин аст, ки хайр, куллият дорад. Инсондӯстӣ бо мубориза бо инсони муфсид мунофот надорад ва лозимаи муҳаббати инсонҳо, мубориза накардан бо инсони муфсид нест. Аввалан, гуфтем инсонҳо, на инсони бахусус. Агар як касе барои инсонҳо яъне барои ҷомеаи инсоният музир аст, алоқа ва муҳаббат ба ҷомеаи инсоният ин тавр ҳукм мекунад, ки ин фардро аз байн бибарем. Сониян, он ки мегӯяд алоқа ба инсон, мақсудаш инсон ба унвони як ҳайвони ба истилоҳ муставиюлқома ва як сару ду гӯш, ки рӯйи ду пойи худ роҳ меравад, ки нест. Инсон яъне инсоният, яъне фазоили инсонӣ, на ин гӯшту пӯст. Агар инсон ин гӯшту пӯст бихоҳад бошад, ҳеч фарқе миён инсон ва ҳайвон нест, инсон ҳам ҳайвоне аст, ки ҷоне дорад ва мехӯрад ва мехобад ва шаҳавоте дорад, пас барояш наметавон арзиш қоил шуд. Вақте мегӯем “инсон”, ба эътибори он камолот ва эътиборҳои инсонӣ мегӯем. Агар касе зидди инсон бошад ва дар воқеъ инсони билқувва ва зидди инсони билфеъл бошад, ӯ инсон шумурда намешавад.

Ба ҳар ҳол, агар мо пояи ахлоқро дӯстии инсонҳо бидонем, ахлоқ ба маънии як хислат ва хӯй амре собит аст. (Феъли ахлоқиро баъд мегӯям.)

Ҳамин тавр, агар мо ахлоқро ба маънои як силсила илҳомоти виҷдонӣ бидонем — ки оқои Кант дар фалсафаи худ оварда ва як силсила усулро тарҳ карда, ки инҳо илҳомоте аст, ки виҷдони ҳар инсон ба ӯ илҳом мекунад — мусаллам он илҳомот як илҳомоти куллӣ ва доим аст ва дар ҳамаи замонҳо содиқ мебошад, зеро ӯ матлабро ба унвони (як амри) куллӣ дар ҳамаи замонҳо собит медонад.

Гуфтем, Рассел ва ғайри ӯ ахлоқро ба наҳви дигаре таъриф мекунанд ва мегӯянд, меъёри ахлоқӣ будан, ҳамоҳангии манофеъ фард ва масолеҳи иҷтимоъ аст, чун инсон як мавҷуди сад дар сад манфиатҷӯст ва ӯро дар ғайри тариқи манфиати шахсӣ намешавад ворид кард.

Ҳаддиаксар ин аст, ки агар интизори як кори ахлоқӣ аз вай дошта бошем, ки нафъаш ба ғайр бирасад, бояд ҳушёриашро зиёд кунем ва ба ӯ тафҳим намоем, ки масолеҳи худро бо манофеъи ҷомеа ҳамоҳанг кунад. Ахлоқ дар ин назария ба унвони як хислат матраҳ аст; хислати ҳушёрона, ки инсон дар ҳама ҷо манофеъи худро бо масолеҳи ҷомеа ҳамоҳанг кунад. Тибқи ин мактаб низ ахлоқ ба унвони як хислат, амре собит аст, на нисбӣ.

Гуфтем, ки мактаби дигаре дар боби ахлоқ ҳаст ва он мактаби қудамост. Онҳо дар боби ахлоқ назарашон ба асли адл аст, бар мабнои руҳи муҷаррад. Мегӯянд, хулқи хуб иборат аст аз ин ки навъе тавозун ва таъодул миёни ҷамиъи қувваҳо барқарор бишавад таҳти ҳукумати мутлақи қувваи оқила, ба тавре, ки қувваҳо ва ғароиз ҳукми раияти ин як ҳокимро дошта бошанд.

Тибқи ин маслак ҳам маълум аст, ки ахлоқ амри мутлақе аст. Ин ки инсон ба гунае бошад, ки тамоми қувваҳо ва ғароизаш дар муқобили нерӯи ақлаш ром бошанд, чизе нест, ки бигӯем дар ин замон бо замони дигар фарқ мекунад. Ром будан, ром будан аст.

Ҳамчунин мактаби афлотунӣ бар асоси зебоӣ буд ва мегуфт, решаи ахлоқ зебоии руҳ аст, ки ин ҳам як амри собите аст (ва ахлоқ аз назари ин мактаб, як амри мутлақ аст.) Албатта Афлотун решаи он зебоиро таъодул медонист.

Рафтор, нисбӣ аст

Як матлаб ҳаст ва он ин ки мутлақ будани ахлоқро бо мутлақ будани феъли ахлоқӣ набояд иштибоҳ кард. Яъне рӯйи як феъл намешавад такя кард ва гуфт, ҳамеша ин феъл ахлоқӣ аст, ҳамчунон, ки намешавад гуфт, ҳамеша ин феъл зидди ахлоқ аст. Ва ғолибан ин аст, ки асбоби иштибоҳи афрод шудааст; хаёл кардаанд, ки лозимаи ахлоқи мутлақ ва собит ин аст, ки афъолро аз аввал дастабандӣ кунем: як даста корҳоро бигузорем дар

тарафе ва бигӯем, ин корҳо корҳои ахлоқӣ аст ва як даста корҳоро бигузорем дар тарафи дигар ва бигӯем, ин корҳо корҳои ғайри ахлоқӣ аст.

Вале бояд гуфт чунин нест, ба қавли қудамо: бо вуҷуҳ ва эътибороти афъол фарқ мекунад, яъне мумкин аст як феъл бо як эътибор ахлоқӣ бошад ва бо эътибори дигар, зидди ахлоқӣ. Ин ки рафтор мутлақ аст ё нисбӣ, ғайр аз ин аст, ки ахлоқ мутлақ аст ё нисбӣ. Мисол мезанем: силӣ (шаппотӣ) задан ба ятим оё феъли ахлоқӣ аст ва хуб аст ё зидди ахлоқӣ аст ва бад аст? Ҷавоб ин аст, ки мутлақи силӣ задан ба ятимро намешавад ҳукм ба хуб будан ё бад буданаш кард.

Як вақт ҳаст, ки ба ятим силӣ мезанем, ки чизеро аз дасташ бигирем ва як вақт қасди таъдиб дорем ва таъдиб, ин корро иқтизо мекунад. Пас силӣ задан ба ятим ҳукми мутлақ надорад, ки мутлақан бад аст ва ё мутлақан хуб аст, балки дар як ҷо, ки ҷараёни адаб кардани ӯст, хуб аст ва дар ҷойи дигар масалан дар ҷараёни рубудани моли ӯ ё рондан ва дур кардани ӯ аз худ ва ё мақҳур намудани ӯ, бад аст:

فَأَمَّا الْيَتِيمَ فَلَا تَقْهَرْ. وَأَمَّا السَّائِلَ فَلَا تَنْهَرْ

(*“Пас ту ятимро ҳаргиз маёзор. Ва фақир ва гадои соилро ба зарр марон!” (Зуҳо/9-10)*)

Ё масалан дар муқобили як нафар хам шудан чӣ тавр аст? Мегӯем, маворид хеле фарқ мекунад. Як вақт инсон дар муқобили як касе ба қасди таъзим хам мешавад, боз то он шахс, ки бошад, агар одами шоистаи таъзиме аст, ин кор ахлоқӣ аст. Ва як вақт дар муқобили ҳамон шахс ба қасди тамасхур хам мешавад, дар ин сурат ин кор унвони дигаре ба худ мегирад. Пас худи ин феъл, ки моҳияташ хам шудан дар муқобили шахси дигар аст, дар ҷоҳои мухталиф ҳукмҳои мухталиф пайдо мекунад, яъне дар як ҷо мумкин аст феъли ахлоқӣ бошад ва дар ҷойи дигар феъли зидди ахлоқӣ. Мо шояд ҳеч кореро дар ислом надошта бошем, магар он ки ба истилоҳи талабаҳо, бо ановини сонавия, ҳукмаш фарқ мекунад.

Ановини аввалия ва ановини сонавия

Як истилоҳи хеле хубе уламои худамон доранд, мегӯянд: ановини аввалия дорем ва ановини сонавия. Мақсудашон ин аст, ки ҳар чизе худаш ба худии худ як ном ва унвоне дорад, яъне сифате бар он сидқ мекунад, вале гоҳе унвони дигаре бар он ориз мешавад. Мисли ин ки Зайд ба худии худ инсон аст, вале гоҳе як унвони сонавӣ бар он ориз мешавад, яъне як сифати дигаре ғайр аз сифати аввалияаш пайдо мекунад, масалан зидди инсон, инсони олиме аст ё инсони золим аст. Ин унвони дигаре, ки рӯйи ӯ меояд, як

унвони сонавӣ аст. Сонавӣ яъне дараҷаи дуввум. Мумкин аст солисе ва робеъе ва хомисе ва… ҳам дошта бошад. Дуруст мисли инсоне, ки чанд шуғл дорад: ба эътибори аввалӣ Зайд писари Амр аст, вале устоди донишгоҳ ҳам ҳаст ва дар ҳамон ҳол раиси маҷлис ҳам ҳаст ва дар ҳамон ҳол раиси як ширкат ҳам ҳаст, ановини мухталиф дорад. Он вақт мегӯянд, ҳар шайъе ба эътибори ҳар унвоне, ки бар он ориз мешавад, як ҳукм пайдо мекунад. Масалан, агар аз мо бипурсанд, ки оё гӯсфанд ҳалолгӯшт аст ё ҳаромгӯшт? Мегӯем, ҳалолгӯшт. Баъд мепурсанд, ки оё хук ҳалолгӯшт аст ё ҳаромгӯшт? Мегӯем, ҳаромгӯшт. Унвони аввалии гӯсфанд ҳалолгӯштӣ аст ва унвони аввалии хук ҳаромгӯштӣ. Вале ҳамин ҳалолгӯшт ба як унвони сонавӣ мешавад ҳаром. Фарз кунед, моли ғайр бошад, ба эътибори ин ки мамлуки ғайр аст, хӯрдани гӯшташ ҳаром мешавад, чун дуздӣ аст. Пас ин гӯсфанд аз ҷанбаи ҳалолгӯштӣ ҳалол аст, вале аз ҷанбаи ин ки моли ғайр аст, хӯрдани гӯшташ ҳаром аст. Ва гӯшти хук, ки ҳаром аст, дар ҷойи дигар ҳалол мешавад. Масалан, мавқеъе, ки шахс дар як махмасае гирифтор бошад, ки ҳаёташ бастагӣ ба он дошта бошад, на танҳо ҳалол мешавад, балки хӯрдани он воҷиб ҳам мешавад, яъне агар нахӯрад ва талаф шавад, кори ҳароме муртакиб шудааст ва амсоли инҳо, ки аз ин мисолҳо зиёд дорем.

Гоҳе мехоҳем рӯйи феъл ҳисоб кунем ва гоҳе рӯй хислат. Агар бихоҳем рӯйи хислат ҳисоб кунем, дар мабнои Гегел ё дар мабнои Сартр ва ашхосе, ки мегӯянд, меъёре барои ахлоқ ҷуз писанд ва интихоби инсон вуҷуд надорад, ахлоқ ва хӯй амре нисбӣ мешавад. Вале аз ин маслакҳо, ки бигузарем, ахлоқ ба унвони як хислат ва хӯйро метавон амри собите шумурд, аммо феъли ахлоқиро на.

Мисол ба ифоф ва иффат

Онҳое, ки мӯътақиданд ахлоқ нисбӣ аст, мегӯянд, масалан як рӯзе ифоф дар як ҷомеаҳое хуб буд — бар ҳасби эҳтиёҷ ва вазъи он ҷомеаҳо — зеро зиндагӣ, зиндагии кишоварзӣ буд ва зиндагии кишоварзӣ ин тавр иқтизо мекард, ки вазъи хонавода ба шакли мустақил ва ҷудое бошад ва зан дар дохили зиндагии мард бошад. Манфиат ва маслиҳати ин умур иқтизо мекард ва ночор ҳар чи, ки бештар бар усули ифоф таъкид мешуд беҳтар буд. Вале баъд зиндагии мошинӣ омад ва зан ба матни иҷтимоъ ва дохили корхонаҳо кашида шуд. Ифоф як рӯзе хулқи хубе буд ва имрӯз хулқи хубе нест.

Вале ин ҳарф рӯйи ин мабное, ки мо гуфтем, ғалат аст. Ифоф ва покдоманӣ ба унвони як ҳолати нафсонӣ яъне ром будани қувваи шаҳавонӣ таҳти ҳукумати ақлу имон, таҳти таъсири қувваи шаҳавонӣ набудан, шараҳ надоштан, аз он афроде, ки то дар муқобили

як шаҳвате қарор мегиранд, беихтиёр мешаванд ва маҳкуми ғариза худ ҳастанд набудан. Пас ифоф ҳама вақт хуб аст. Бале, он феъли ахлоқӣ, ки мо номи онро иффат мегузорем, монее надорад, ки фарқ кунад; албатта на дар ин миқёсе, ки инҳо мегӯянд, дар ин миқёс ҳеч вақт фарқ намекунад. Масалан дар ин мисолҳои маъруфи фиқҳӣ, ки зикр мекунанд, мегӯянд:

Зане аст мариз ва ниёз ба табиб дорад. Табиби зан вуҷуд надорад ва табиби мард ҳам бояд баданашро ламс кунад ва аҳёнан дар як бемориҳое мисли таби зо ҳатто бо аврати зан сару кор дорад ва фарз ин аст, ки ҷони зан дар хатар аст. Дар ин сурат муроҷеа ба табиби мард ҷоиз аст. Ламс кардан ва нигоҳ кардани бадани зан барои номаҳрам як феъли хилофи иффат аст, аммо ҳамин феъл дар як шароити хосс ҷанбаи ғайри ахлоқӣ будани худро аз даст медиҳад. Вале ин ғайр аз он аст, ки худи ифоф ба унвони як хулқу хӯй ва хислат, арзиши худро аз даст бидиҳад; арзиши он маҳфуз аст, ин феъл аст, ки тағйир мекунад.

Албатта аз ҳамин ҷо мешавад фаҳмид, ки феълҳо ва корҳое, ки бештар ба шароити иқтисодӣ ва санъатӣ ва фаннӣ бастагӣ доранд, худи феълҳо зиёд тағйир мекунанд, вале корҳое, ки камтар ба ин умур бастагӣ доранд мисли ҳамин масоили марбут ба ифоф ва сатр ва пӯшиш, зиёд тағйир намекунанд. Тағйирот ё марбут ба ҷамъият аст ё шароити иқтисодӣ ва фаннӣ, ки инҳо тағйире дар ин ҷиҳат эҷод намекунанд. Ин масоил марбут ба навъи иртиботе аст, ки ду ҷинс метавонанд бо ҳам дошта бошанд ва ҷозибае, ки ин ду ҷинс нисбат ба якдигар доранд. Чун усул собит аст, феъли ахлоқиаш ҳам ҳамеша якнавохт аст.

Бинобар ин, масъалаи феъли ахлоқӣ ва худи ахлоқро бояд аз якдигар тафкик кард.

Онҳое, ки таблиғи ахлоқ мекунанд, ду кор бояд бикунанд: аз назари тавсия кардан ба худи хулқу хӯйҳо бояд онҳоро ба унвони умури мутлақ тавсия кунанд, вале дар айни ҳол бояд навъе огоҳӣ ва иҷтиҳод низ ба мардум бидиҳанд, ки дар мақоми амал, феъли ахлоқиро бо феъли ғайри ахлоқӣ иштибоҳ накунанд.

Ёдам ҳаст авоиле, ки Қум будем, шунидам аз тарафи иддаи зиёде аз мардуми Япония, ки мазоҳиби мунҳатте доранд, тақозои ирсоли мубаллиғи ислом шуда буд. Аз бархе нуқоти ҷаҳон иддаеро ба Япония фиристода буданд, ки мазоҳиби худашонро муаррифӣ кунанд. Марҳум оқо шайх Абдулкарим ба оқое, ки воридтар аз дигарон буд дастур дод, ки ба Япония биравад. Он оқо мегуфтанд ман қабул накардам, чун фикр кардам шояд дар билоди куфр мурдам. Дар натиҷа аз Миср иддае рафтанд ва 20 ҳазор нафар мусалмони суннӣ шуданд. Ин, ҳисоб накардани кор аст.

Мисол ба ростӣ

Аз ин ҷур ҳисоб накарданҳо зиёд дорем. Феълеро, ки ахлоқӣ аст зидди ахлоқ мешиносем ва феълеро, ки зидди ахлоқӣ аст ахлоқӣ медонем. Масалан, ростӣ аз он ҷиҳат, ки ростӣ аст хуб аст ва бояд рост гуфт ва дурӯғ аз он ҷиҳат, ки таҳриф аст бад аст ва набояд дурӯғ гуфт, вале оё ростро дар ҳама ҷо метавон гуфт ва дурӯғ дар ҳама ҷо гуфтанаш ҳаром аст? Як ҷоҳое қатъан дурӯғ гуфтан воҷиб аст. Ва чизи аҷибе аст, ки ахиран иддае ба Саъдӣ ҳамла мекунанд, ки (ӯ гуфтааст) дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез аст. Бисёр ҳарфи дурусте аст. Вале иддае мегӯянд, касе, ки дурӯғ мегӯяд, лобуд маслиҳатеро дар назар дорад.

На. Дурӯғи манфиатомез ғайр аз дурӯғи маслиҳатомез аст. Ростро инсон чаро мехоҳад бигӯяд? Барои маслиҳати иҷтимоъ. Дурӯғро чаро набояд гуфт? Чун бар хилофи маслиҳати иҷтимоъ аст. Вале агар як ҷойе ҳамон дурӯғ ба маслиҳати иҷтимоъ ва фард бошад, бадеҳӣ аст, ки бояд онро гуфт. Хелеҳо аз ҷумла оқои Ҷордан, раиси коллеҷи омрикоиҳо, ба Саъдӣ ҳамла кардаанд, ки чаро гуфтааст дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез аст? Ҳамин тавр зардуштиҳо ба Саъдӣ ҳамла мекунанд, ки чаро ин ҷумларо гуфтааст?

Муҳити Таботабоӣ як вақт мақолае навишта буд, ки дар Ҳинд — ки қаблан дар онҷо форсӣ хеле маъмул буд — вақте англисиҳо омаданд, аз ҷумла китобҳое, ки тадриси онро дар мадорис мамнӯъ карданд ва зардуштиҳо ҳам онҳоро таъйид мекарданд, “Гулистон”-и Саъдӣ буд, чаро, ки ахлоқи баччаҳоро фосид мекунад, зеро гуфтааст: дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез аст. Ва баъд изофа карда буд, ки ҳиндиҳо медонистанд, ки ин кор иллати дигаре дорад ва он ин аст, ки дар авоили ин китоб ҳарфи дигаре аст:

Эй кариме, ки аз хазонаи ғайб,
Габру тарсо вазифахӯр дорӣ.
Дӯстонро куҷо кунӣ маҳрум,
Ту ки бо душманон назар дорӣ.

Аз аввал даруни калла бачча меравад, ки габр ва зардуштӣ ва низ тарсо (масеҳӣ) душмани Худо ҳастанд ва инҳо чун мехостанд он ҷумла гуфта нашавад, чизи дигареро баҳона карда буданд, вагарна кадом оқил аст дар дунё, ки маънии росту дурӯғро бифаҳмад ва нафаҳмад, ки дар як шароите рост гуфтан аз ҳар ҷиноятe болотар аст? Албатта дар ҳамон ҷо ҳам бояд фақат то он ҳадде, ки лозим аст, аз он рост, ки тарафро ба ҷинояташ роҳнамоӣ мекунад парҳез кард, бояд ба шакли тавриа бошад. Мисли

достони Абӯзар, ки мегӯянд, пайғамбарро ба дӯш гирифта буд дар ҳоле, ки рӯйи эшон ридое кашида буд. Омад ва пайғамбарро аз ҷилави куффори Қурайш убур дод. Гуфтанд: Абӯзар! Чист, ки бар пушт гирифтаӣ? Гуфт: Муҳаммад. Ин росте буд, ки онҳо бовар намекарданд. Вале агар ӯ медонист, ки чунончи ин ростро бигӯяд, онҳо бовар мекунанд, гуфтанаш барои ӯ ҳаром буд ва аз ҳар ҳароме ҳам ҳаромтар.

Бидуни шак, инсон дар як масоиле мисли ислоҳи зотулбайн, монее надорад, ки дурӯғ бигӯяд. Мо мавориде дар фиқҳ дорем, ки дар он маворид дурӯғ гуфтан ҷоиз аст, мисли оштӣ додани ду душман (маслиҳат яъне ин), бегуноҳеро бо як дурӯғ наҷот додан, ки достони Саъдӣ низ дар ҳамин маврид аст. Дар чунин шароите агар дурӯғ бигӯем, албатта беҳтар аст.

Ғараз ин аст, ки **миёни феъли ахлоқӣ ва худи ахлоқ бояд тафовут қоил шуд**. Ин ки феъли ахлоқӣ тағйир мекунад, бо ислом ҳам созгор аст…

Ҳадиси Алӣ ва назарияи нисбияти ахлоқ

Баҳси мо дар бораи масъалаи нисбӣ будани ахлоқ ва табъан нисбӣ будани тарбият буд. Бино бар назарияе, ки мегӯяд ахлоқ нисбӣ аст ва дар замонҳои мухталиф ва дар минтақаҳои мухталиф ва дар бораи афроди мухталиф, мухталиф мебошад, мо наметавонем як тарҳи ахлоқӣ барои ҳамаи афроди башар, он ҳам дар ҳамаи замонҳо ироа кунем ва ҳар тарҳи ахлоқӣ аз тарафи ҳар мактабе (аъамм аз ислом ва ғайри ислом) арза бишавад, бояд маҳдуд бошад ба минтақаи хосс, ба замони хосс, ба шароити махсус ва табъан дар ҷойи дигар бояд чизи дигаре ба ҷойи он ҳукумат кунад.

Мо дар баҳси худамон расидем ба инҷо, ки **фарқ аст миёни ахлоқ ва рафтор. Ахлоқ — ки иборат аст аз як силсила хислатҳо ва саҷоё ва малакоти иктисобӣ, ки башар онҳоро ба унвони усули ахлоқӣ мепазирад, ё ба иборати дигар, қолабе руҳӣ барои инсон, ки руҳи инсон дар он қолаб ва дар он кодр ва тибқи он тарҳу нақша сохта мешавад ва чигунагии руҳи инсон аст, ки чӣ гуна бояд бошад — як амри собит ва мутлақ ва ҳамагонӣ ва ҳамешагӣ аст. Вале рафтори инсон, ки иборат аст аз пиёда кардани ҳамон руҳиёт дар хориҷ, дар шароити мухталиф, мухталиф мешавад ва бояд ҳам мухталиф бишавад**.

Ва ба иборати дигар, мазоҳир ва маҷоли ахлоқи инсонӣ дар шароити мухталиф, мухталиф аст. Дар як ҷо инсон бояд як ҷур аксуламал нишон бидиҳад, дар ҷойи дигар ҷури дигар; на ин ки инсон дар як ҷо бояд як ҷур бошад ва дар ҷойи дигар ҷури дигар. Хеле фарқ аст байни ин ки бигӯем, башар худаш дар ҳар асре як ҷур бояд бошад ғайр аз

ҷуре, ки дар асри дигар бояд бошад ва дар ҳар минтақае як ҷур бояд бошад ғайр аз ҷуре, ки дар минтақаи дигар бояд бошад ва ин ки бигӯем, инсон метавонад онҷунон шахсияти олӣ дошта бошад, ки дар ҳама ҷо як ҷур бошад, вале мазоҳири рафтораш дар замонҳои мухталиф ва шароити мухталиф мутафовит бошад.

Тарҳи як ишкол

Мумкин аст касе бигӯяд, дар ислом дастурҳое ҳаст дар мавриди халқиёти зану мард, ки порае аз халқиётро, ки барои мард писандида аст, барои зан нописанд муаррифӣ мекунад ва баръакс порае аз халқиётро, ки барои зан писандида аст, барои мард нописанд муаррифӣ менамояд. Оё аз назари ислом модели ахлоқӣ ва модели инсони зану мард мутафовит аст? Яъне аз назари инсоният, инҳо ду навъ инсонанд? Ва аз назари ислом ду тарҳ барои қолабгирии руҳи инҳо пешниҳод мешавад? Зан аз назари он чи ки мо “хулқ” меномем, дар як қолаб бояд сохта бишавад ва мард дар қолаби дигар? Агар ин тавр аст, пас маълум мешавад, пояи ин ҳарф, ки хулқ, як ҳақиқати мутлақ ва собите аст мутазалзил аст ва ин сухан, асосе надорад. Аввалин далелаш ин аст, ки дар мавриди зану мард фарқ мекунад.

Дар “Наҳҷул-балоға” ҷумлае ҳаст, ки мумкин аст ҳамин ҷумларо касе тарҳ бикунад. Мефармояд:

خِيارُ خِصالِ النِّساءِ شِرارُ خِصالِ الرِّجالِ

“*Беҳтарин хислатҳо ва хӯйҳои занон, ҳамон бадтарини хислатҳои мардон аст*”. Яъне чизҳое, ки барои зан беҳтарин хислат аст, барои мард бадтарин хислат аст. Се чизро зикр мекунад:

الزَّهْوُ

(Такаббур)

وَالْجُبْنُ

(Ҷабон будан, тарсу будан)

وَالْبُخْلُ

(Бахил ва мумсик будан). Медонем, ки такаббур як хулқи бисёр бад муаррифӣ шудааст ва ҳатто аз назари равонӣ як навъ бемории равонӣ талаққӣ мешавад. Ҷубну тарс ҳам, ки маълум аст, заъф ва нотавонӣ аст. Бухл ва имсок ҳам, ки пулдӯстӣ ва молдӯстӣ аст. Инҳо, ки барои мардҳо бадтарини хулқу хӯйҳост, дар “Наҳҷул-балоға” мегӯяд, беҳтарин хулқу хӯйи зан аст ва зан бояд ин хулқҳоро дошта бошад.

Ин чӣ тавр мешавад? Баъд ҳазрат тавзеҳе медиҳанд, ки ин тавзеҳ мушкилро ҳал мекунад:

فَإِذا كانَتِ الْمَرْأَةُ مَزْهُوَّةً لَمْ تُمَكِّنْ مِنْ نَفْسِها

Зан вақте, ки мутакаббир бошад, марди бегонаро ба худ роҳ намедиҳад ва ба иборати дигар, миёни худ ва миёни марди бегона ҳарим эҷод мекунад.

وَإِذا كانَتْ بَخيلَةً حَفِظَتْ مالَها وَمالَ بَعْلِها

Агар мумсик бошад, моли худ ва шавҳарро нигаҳдорӣ мекунад.

وَإِذا كانَتْ جَبانَةً فَرِقَتْ مِنْ كُلِّ شَيْءٍ يَعْرِضُ لَها

Ва агар тарсу ва ҷабон бошад, аз ҳар ҳодисае, ки пеш меояд канор мекашад ва эҳтиёт мекунад.

Посух

Ибтидо матлаберо арз мекунам, агарчӣ мумкин аст хаёл кунед, ки ман мехоҳам бигӯям, ки ин ҳадис чандон қавӣ нест. Вале ин тавр нест. Мо бояд бибинем, ки ин ҷумла, аввалан маънӣ ва мафҳуми воқеиаш чист ва ҳазрат чӣ мехоҳад бигӯяд? Сониян, оё бо соири таълимоте, ки дар матни ислом ҳаст ва аз он ҷумла калимоти худи эшон вифқ медиҳад ё на? Муқаддимае, ки мехоҳам арз кунам ин аст:

Таъбире доранд уламои адаб — ва ғайри уламои адаб ҳам ин ҳарфро мезананд — ва он ин аст, ки мегӯянд, дар таъбироти забони арабӣ (дар форсӣ ҳам лобуд ҳаст ва дар ҳар забоне ҳаст, чун дар воқеъ марбут ба башар аст, на марбут ба як забони хосс) дар алфозе, ки марбут ба ҳолоти равонии инсон аст, гоҳе лафзро ба кор мебаранд, на ба эътибори худ он ҳолати равонӣ, балки ба эътибори асаре, ки маъмулан дар он ҳолати равонӣ аз инсон сар мезанад. Масалан меҳрубонӣ: худи меҳрубонӣ ё раҳм (дар забони арабӣ) як

ҳолати равонӣ аст ва эҳсосе аст дар инсон. Гоҳе ин калима ба кор бурда мешавад дар мавриди худи ин эҳсос ба унвони як ҳолати равонӣ ва гоҳе ба кор меравад дар ҷойе, ки асари ин кор буруз мекунад, аъамм аз ин ки худаш вуҷуд дошта бошад ё вуҷуд надошта бошад.

Мегӯем, фалонӣ бо фалон кас меҳрубонӣ кард, яъне коре, ки аз навъи кори меҳрубонона аст анҷом дод, аъамм аз ин ки он ҳақиқати меҳрубонӣ дар он вуҷуд дорад ё вуҷуд надорад. Ё масалан дар мавриди Худованд ҳамин луғоти инсонӣ ба кор бурда мешавад ва ҳол он ки ин луғот ба мафҳуми инсониаш дар мавриди Худованд содиқ нест, вале ба мафҳуми асараш содиқ аст, мисли ин ки мегӯем:

اَللّٰهُ يَسْتَهْزِئُ بِهِمْ

(*Бақара/15*) Худо онҳоро истеҳзо мекунад, ё мегӯем: Худо аз чунин чизе ҳаё мекунад. “Ҳаё” луғате аст, ки барои инсон вазъ шуда ва ҳолати инсонро баён мекунад. Дар инсон ҳаё як ҳолати шарм, инфиъол, хиҷлат ва таассур аст, як ҳолати равонӣ аст. Бидуни шак ҳаёи ба маънои шарм пайдо кардан, он ҳолати равоние, ки дар инсон падид меояд ва билохира таассур ва инфиъол, дар мавриди Худованд дуруст нест. Вале гоҳе рафторе, ки Худо бо инсон мекунад, назири ҳолате аст, ки аз рӯйи ҳаё ва шарм содир шуда бошад, мегӯянд: Худо ҳаё мекунад. Саъдӣ дар аввали “Гулистон” мегӯяд:

“*Ҳар гоҳ яке аз бандагони гунаҳкори парешонрӯзгор дасти инобат ба умеди иҷобат ба даргоҳи Ҳақ ҷалла ва ъало бардорад, Эзади Таъоло дар ӯ назар накунад, бозаш бихонад, боз эъроз кунад, дигар бораш ба тазарруъу зорӣ бихонад, Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло фармояд:*

يا ملائكتي قَد استَحْيَيتُ مِن عبدي ولَيس لَهُ غيري فَقد غَفَرت لَهُ

(Эй фариштагонам! Ҳамоно аз бандаи худ шарм дорам, чи ӯ касеро ҷуз ман надорад, бинобар ин ӯро бахшидам.) Даъваташро иҷобат кардам ва ҳоҷаташ баровардам, ки аз бисёрии дуо ва зории банда ҳаме шарм дорам…”

Ҳамчунин истеҳзо аз назари инсон як ҳолати равонӣ аст, ки як бурузоте дорад, вале вақте Худо як коре бо як башаре мекунад, ки дар амал, ӯро монанди касе қарор медиҳад, ки шахсе ӯро дар маърази масхараи мардум қарор додааст, мегӯяд:

اَللّٰهُ يَسْتَهْزِئُ

Худо истеҳзоъ мекунад. Ихтисос ба Худо надорад; дар бисёре аз мавориди дигар, дар мавриди инсонҳо ҳам ҳамин луғот ба кор бурда мешавад, вале ба эътибори рафторе, ки он навъ рафтор маъмулан маълули он ҳолат аст. Чӣ гуна?

Се луғате, ки инҷо омада, такаббур, ҷубн ва бухл аст. Худи такаббур маълум аст, ки як ҳолати равонӣ дар инсон аст. (Қабл аз ин ки ин ҳадисро маънӣ бикунем, бароятон қароин зикр мекунам). Ба мо гуфтаанд:

اَلتَّكَبُّرُ مَعَ الْمُتَكَبِّرِ عِبادَةٌ

Яъне бо мутакаббир такаббур кардан ибодат аст. Мақсуд ин аст, ки агар касе мутакаббирона рафтор мекунад, шумо тавре амал накунед, ки ӯро ба такаббураш ташвиқ кунед, балки дар муқобили одаме, ки мутакаббирона рафтор мекунад, мутакаббирона рафтор кунед, то димоғаш ба хок молида шавад ва дигар такаббур надошта бошад. Такаббур бо мутакаббир ибодат аст, на ин ки бихоҳад бигӯяд, худи такаббур ба унвони як ҳолати равонӣ, ки худписандӣ ва худбузургбинӣ аст (мамдуҳ аст ва) агар дар муқобили як одами мутакаббир қарор гирифтӣ, ту ҳам воқеан худбузургбин бош, балки мехоҳад бигӯяд, ту ҳамеша бояд мутавозеъ бошӣ, руҳат ҳамеша бояд мутавозеъ бошад, вале рафторат бо як одами мутакаббир мутакаббирона бошад, то димоғи ӯро ба хоки бимолӣ. Пас дар инҷо такаббур бо мутакаббир ба унвони “хулқ” тавсия нашудааст, такаббур ба унвони як рафтор, ки шабеҳи рафтори як одами мутакаббир аст тавсия шудааст.

Дастури Пайғамбар дар Умратулқазо

Умратулқазо умрае буд, ки дар соли ҳафтуми ҳичрӣ Пайғамбари Акрам баъд аз қарордоде, ки дар Ҳудайбия баста буданд ба Макка мушарраф шуданд. Ва ҷараёни Ҳудайбия ин буд, ки куффор монеъ шуданд, ки Пайғамбар дохили Макка шавад. Ва Пайғамбар аз наздики Макка баргашт, ба шарти ин ки баъд баргарданд ва баргаштанд. Макка ҳанӯз мусалмон набуд ва кофир буд ва душман. Тибқи қарордод, иҷоза доданд мусалмонон биёянд. Аммо барои ин ки бо мусалмонон талоқӣ накунанд ва чашми ғайри мусалмонҳо ба мусалмонҳо наафтад, ки таҳти таъсирашон қарор бигиранд, дастури умумӣ содир карданд, ки ҳама аз хонаҳои Макка хориҷ бишавед ва биравед берун аз

Макка, ки аслан муслиминро набинед ва онҳо ҳам се рӯз дар Макка мемонанд ва баъд аз се рӯз мераванд. Қарордод ҳам ин тавр буд.

Вақте муслимин ворид шуданд, Қурайш, зану марду бачча, ҳама берун рафта буданд, вале аз кӯҳҳои атроф он тарафтар нарафта буданд ва болои кӯҳҳо буданд. Пайғамбари Акрам медонист, ки инҳо аз дур муроқиби муслимин ҳастанд. Дастур дод, ки ҷомаи эҳромро аз рӯйи як шонаатон пойин биандозед ва дар ҳоле, ки тавоф мекунед, мардона ва босалобату шуҷоат ҳарвала кунед. Ва ягона тавофе, ки дар замони Пайғамбар муслимин тавоф карданд дар ҳоле, ки вақте, ки тавоф мекарданд мисли вақте буд, ки дар майдони ҷанг доранд амал мекунанд, он тавоф буд, барои ин ки онҳо муслиминро дар мазҳари қудрату шавкат бибинанд, дар сурате, ки мавқеъ мавқеъи ибодат аст ва ҳолат ҳолати дуо ва тазаррӯъу тавозӯъ. Вале дар онҷо Пайғамбари Акрам мехост, ки муслимин бузургманишона ва балки мутакаббирона рафтор кунанд, аммо намехост, ки онҳо воқеан мутакаббир бошанд.

Мисоли дигар: дастур дода шудааст, ки дар майдони ҷанг мутакаббирона рафтор кунед, яъне рашид ва беэътино роҳ биравед, дуруст мисли як одами мутакаббир, ки амирулмӯъминин зоҳиран дар ҷанги Хандақ баъд аз он ки Амрро кушт, вақте, ки аз майдон ба тарафи муслимин меомад, қадамҳоро оҳиста бармедошт ва худашро хеле рашид гирифта буд ва мутакаббирона меомад.

Пайғамбари Акрам фармуд: ин навъ роҳ рафтан роҳ рафтане аст, ки Худованд ҷуз дар ин мавқеъ онро мабғуз медорад.

Ин, рафтори мутакаббирона аст, вале ислом худ такаббурро дар майдони ҷанг ҳам мабғуз медорад ва дар ҳама ҷо мабғуз медорад. Ҳеч як аз афроде, ки вориди фиқҳулҳадис ҳастанд нагуфтааст, ки худи такаббур ба унвони як хулқу хӯй ва як ҳолати равонӣ истиснопазир аст, дар майдони ҷанг хуб аст, дар ғайри майдони ҷанг бад аст, дар куҷо хуб аст, дар куҷо бад.

Пас “такаббур” дар ин маворид яъне рафтори мутакаббирона. Инҷо ҳам дар мавриди зан — ба қаринаи ин ки мегӯяд:

لَمْ تُمَكِّنْ مِنْ نَفْسِها

— намегӯяд зан хуб аст мутакаббир бошад мутлақан, ҳатто бо занони дигар. На, зан бо занони дигар набояд мутакаббир бошад. Бо маҳорими худаш чӣ тавр? Бо шавҳараш, бо падараш, бо бародараш, бо амуяш, бо доиаш. Бадеҳӣ аст, ки бо инҳо низ набояд мутакаббир бошад. Инсон ҳам, ки ду ҷур хулқ наметавонад дошта бошад. Одам ё

мутакаббир аст ё мутакаббир нест. Ин ҳадис мегӯяд, зан дар муқобили марди номаҳрам рафтораш мутакаббирона бошад. Албатта “заҳв”, ки инҷо омада бо калима “такаббур” каме фарқ дорад, яъне рафтораш бузургманишона бошад. Он тавозӯъҳо ва фурӯтаниҳое, ки масалан як мард дар муқобили марди дигар ё як зан дар муқобили зани дигар ва ё як зан дар муқобили як марди маҳрам аз худ нишон медиҳад, ки қадами шумо рӯйи чашм, дили моро равшан кардед, ташриф биёваред ва аз ин қабил, барои зан шоиста нест, ки дар муқобили марди номаҳрам аз худ нишон диҳад ва ин ҳама худашро кучак кунад. Зан дар муқобили як марди номаҳрам, ки қарор мегирад, бояд худашро бигирад. Ва аз ин рӯ мефармояд, ки агар зан бо як марди номаҳрам ин тавр рафтор бикунад, он номаҳрам ҳамеша миёни худаш ва он зан як ҳарим қоил мешавад. Пас ин такаббур марбут ба рафтор шуд, на марбут ба хулқ. Худи ҳадис нишон медиҳад, ки агар зан ин ҷур бошад, марди номаҳрамро бар худ мутамаккин намекунад.

Мо як аслеро ҳамеша гуфтаем, ки ислом ба таври куллӣ мехоҳад як ҳариме, ҳам амалӣ мисли он чи ки дар мавриди пӯшиш гуфтааст ва ҳам ахлоқӣ мисл он чи ки дар ин ҷур маворид мегӯяд, миёни мард ва зани номаҳрам вуҷуд дошта бошад ва ин ҳарим ҷилави он иштиъолеро, ки хатари он ҳамеша вуҷуд дошта ва дорад мегирад.

Пас ин, рафтори мутакаббирона аст, на худи такаббур.

Мафҳуми “ҷубн” дар ин ҳадис

Аммо масъалаи ҷубн. Масъалаи ҷубн низ инҷо нозир ба масъалаи ифофи зан аст, на масъалаи ҷубн ва шуҷоат мутлақан. Шуҷоат ба унвони хулқи руҳӣ, ки ба истилоҳи маъруф яъне қуввати қалб доштан ва натарс будан ва худро набохтан дар муқобили дигарон, барои мард мамдуҳ аст, барои зан ҳам мамдуҳ аст. Ҳеч вақт ислом намегӯяд, ки мард хуб аст шуҷоъ ва қавиюлқалб бошад, вале зан хуб аст тарсу бошад. Ба чӣ далел? Ба далели ин ки аввалан он чи мо дар боби мадҳи шуҷоат ва мазаммати ҷубн дорем — ки зиёд аст — ихтисос ба зан ё мард надорад, ҳам дар мавриди мард аст ва ҳам дар мавриди зан. Ва сониян, сираи занони муслимин ин аст, ки ҳамеша шуҷоъ будаанд, яъне занони шуҷоъи муслимин мавриди тамҷиду табҷил қарор гирифтаанд, чун шуҷоат яъне натарс будан ва бок надоштан ва ин ки инсон вақте дар муқобили хатар қарор мегирад фикри ҷон ё мол, ӯро натарсонад ва ақибнишинӣ накунад, фидокор бошад; ҳозир бошад аз ҷонаш, аз молаш ва аз ҳайсияташ бигузарад ва дар муқобили душман биистад.

Достони Сафия духтар Абдулмутталиб

Масалан, мо мебинем дар таърихи ислом достони Сафия духтари Абдулмутталиб ба унвони як достони ҳамосӣ ва қобили тамҷид ва ин ки аз як зани ҳошимӣ чунин интизор меравад, нақл шудааст. Дар ҷанги Хандақ, ки муслимин маҳсур буданд ва куффор онҳоро муҳосира карда буданд, Пайғамбари Акрам занҳоро дар як ҳисори махсусе дар як маҳалли муайяне қарор дода буд. Мардест ба номи Ҳассон ибни Собит, шоири маъруф ва ба истилоҳ шоири муфлиқе аст яъне аз шуарои бисёр забардаст аст ва бо забонаш ҳам хеле ба ислом хидмат карда ва шоири мухазрам ҳам ҳаст, яъне ҳам дар давраи ҷоҳилият шоир будааст ва ҳам дар давраи ислом ва ӯро аз шуарои дараҷаи аввали араб мешуморанд. Ӯ низ монанди аксари шуарои дигар ва монанди аксари касоне, ки шуғлашон ҳарф задан аст ва нерӯяшон бештар дар ҳарф задан масраф мешавад ва қаҳран дар амал кӯтоҳ ҳастанд (дар амал нотавон буд.) Он ҷо, ки дигар пойи амал ва ҷанг ба миён омад, майдони ҷангро раҳо кард ва рафт дар миёни занҳо махфӣ шуд. Иттифоқан яке аз афроди душман омад ва вақте иттилоъ пайдо кард, ки инҷо занҳо ҳастанд, ба ҳамон дежи занҳо ҳамла кард. Занҳо ба Ҳассон гуфтанд: баланд шав, шамшерро бардор, душман омад. Вале ӯ ин корро накард, мисли баъзеҳои дигар чодар сараш кард, рафт он ақибҳо махфӣ шуд. Вале инҷо дигар ҷойи ин набуд, ки занон шуҷоат ба харҷ надиҳанд. Сафия духтари Абдулмутталиб мардона омад ҷилав, шамшерро бардошт, зад ва он мардро аз по даровард. Ё шуҷоати ҳазрати Заҳро ва ё шуҷоати ҳазрати Зайнаб. Мо мебинем, ки аз назари қувват ва қудрати қалб ва ҳамоса доштани руҳ ва натарсидан аз кушта шудан, ҳазрати Зайнаб як намунаи бисёр олии исломӣ аст ва дар таърихи ислом достони ӯ ба унвони як намунаи комил ҳамеша нақл шудааст.

Он чизе, ки барои зан гуфтаанд, ки нисбат ба он бояд ҷабон бошад яъне амалаш ҷабонона ва мӯҳтотона бошад, дар мавриди тарс аз ҷон ё тарс аз молу сарват нест, дар мавриди тарс аз ифоф аст. Одами шуҷоъ наметрасад, мегӯяд, меравам ҳаддиаксар кушта мешавам, кушта ҳам шудам бо ифтихор аст. Зан дар мавриди кушта шудан ҳамин ҷур бояд бошад. Вале дар мавриде, ки иффаташ дар мақоми хатар аст яъне хатари ин аст, ки иффаташ лаккадор бишавад, ҷойи шуҷоат нест, чун шуҷоат яъне фидокорӣ (ва агар дар инҷо шуҷоат ба харҷ бидиҳад, яъне) меравам, бигузор иффатам аз байн биравад. На. Иффат як амри шахсӣ нест, ки ба ту бигӯянд аз он бигузар, то аз як “худӣ” гузашта бошӣ. Иффат як амрест, ки ту амонатдори он ҳастӣ. Мисли ин аст, ки фарде, ки амини як шайъи гаронбаҳое ҳаст ва вазифааш ин аст, ки он шайъи гаронбаҳоро ба мақсад бирасонад, дар

байни роҳ шуҷоаташ гул бикунад, ба ҷойи ин ки ҳамаи кӯшиши ӯ сарфи ин бошад, ки шайъи гаронбаҳоро ба мақсад бирасонад, онро дар маърази хатар қарор бидиҳад.

Як вақте оқои Ҳумоюн[28] масали хуб ва омӯзандае зикр мекард. Мегуфт: 40-50 сол пеш ҳаммолеро дидам, ки табақи бузурге аз ин ҷинсҳои гаронбаҳо, ки дар хонаводаҳои салтанатӣ ё аъёну ашроф ба нудрат пайдо мешавад ва ҷузъи нафоиси як мамлакат аст — рӯйи сараш буд ва аз хонае ба хонаи дигар мунтақил мекард. Дар ҳамин ҳол баъзе аз риндҳо диданд фурсати хубе аст барои ин ки ӯро азият кунанд. Омаданд як амали иҳонатомезе нисбат ба ӯ анҷом доданд. Ман дилам рехт, гуфтам алъон ин одам асабонӣ мешавад ва барои ин ки аз худаш дифоъ кунад ин табақро меандозад ва ҳама мешиканад. Вале дидам ӯ таҳаммул кард, чун мефаҳмид чӣ боре дорад ва инҷо ҷойи шуҷоат кардан ва дифоъ намудан аз худ нест, инҷо ҷойе аст, ки бояд амонатро ба манзил бирасонад; арзиши онро дарк кард.

Зан, ҳомили як амонати инсонӣ

Зан ба унвони як соҳиби иффат, ҳомили як амонати бузурги инсонӣ аст, на дорои як амри шахсӣ, ки агар аз он бигузарад, аз шахси худаш гузашта; агар бигузарад, ба як амонати инсонӣ хиёнат кардааст.

Мард ҳам бояд афиф бошад, зан ҳам бояд афиф бошад. Вале медонем, ки агар дунёро ҳам аз номи тасовии ҳуқуқи зану мард пур кунанд, ташобуҳи ҳуқуқи зану мардро касе наметавонад дуруст кунад ва дар ин ки зану мард ду ҷинсе ҳастанд, ки дар бархе умури инсонӣ бо якдигар муштарак ҳастанд ва дар бархе дигар аз назари кайфӣ бо якдигар ихтилоф доранд, тардиде нест.

Ва аз ин рӯ, иффати зан як амрест, ки мавриди таҷовузи мард қарор мегирад, вале иффати мард ҳеч вақт мавриди таҷовузи зан қарор намегирад. Мо дар дунёи имрӯз ҳам дар Урупо ва Омрико низ нашунидаем, ки як вақт бинависанд фалон мард мавриди таҷовузи фалон зан қарор гирифт. Асосан вазъи зану мард мутафовит аст ва зан ҳеч вақт наметавонад дар чеҳраи як мутаҷовиз ба иффати мард зоҳир шавад. Ин мард аст, ки метавонад мутаҷовиз ба иффати зан бошад. Ҳамеша шумо мебинед ду то писар ҷилави як дабиристони духтаронаро, ки мегиранд, воқеан сад то духтарро азият мекунанд, вале оё то ба ҳол дидаед ва имкони чунин чизе ҳаст, ки чанд то духтар биёянд ҷилави дабиристони писарона ва музоҳими писарҳо бишаванд?! Музоҳимат дар амри ифоф

[28] *Аз муассисини Ҳусайнияи Иршод*.

ҳамеша аз тарафи мард аст ва ин зан аст, ки дар дараҷаи аввал бояд ҳофиз ва нигаҳбони ин амонати иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ва инсонӣ бошад.

Ин ҳадис ҳам, ки фақат занро тавсия мекунад, ки рафтораш ҷабонона бошад, намегӯяд, зан дар муқобили зан, зан дар муқобили шавҳар, зан дар муқобили маҳрами худаш ва зан дар муқобили ғайри масъалаи иффат, балки мегӯяд, зан дар муқобили марди бегона ва дар масъалаи хосси марбут ба иффат. Барои як зан ин шуҷоат нест, ки бигӯяд: ман танҳо меравам миёни хеле аз мардҳо, ҳеч тавр ҳам намешавад, ман шуҷоъ ҳастам ва наметарсам. Шуҷоъ он аст, ки дар ҷойи фидокорӣ натарсад, яъне агар амонатро аз ӯ гирифтанд, бигӯяд, фидокорӣ кардам, вале агар иффатро аз ту гирифтанд, фидокорӣ накардаӣ, ба амонат хиёнат кардаӣ.

Бинобар ин, масъалаи ҷубн дар инҷо, ки амирулмӯъминин тавсия мекунад, ки зан бояд мӯҳтот бошад, ба ин маънӣ аст, ки рафтораш бояд ҷабонона бошад, он ҳам на дар мутлақи масоил, на дар мавриди хатари ҷон, на дар мавриди хатари мол, на дар мавриди хатари ҳайсияти иҷтимоӣ, балки дар мавриде, ки иффат дар маърази хатар қарор мегирад. Тавсия, ба эҳтиёткории зан аст.

Мафҳуми “бухл” дар ин ҳадис

Масъалаи бухл ҳам ҳамин ҷур аст. Қуръон мегӯяд:

وَمَنْ يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِ فَأُولَئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ

(*Ҳашр/9*) Як ҳолатеро Қуръон ба номи “шуҳҳи нафс” меномад, яъне гирифтагии руҳ, пулпарастӣ, ин ки инсон ҳолате дошта бошад, ки агар бихоҳанд як риёл аз ӯ бигиранд, гӯӣ бахше аз ҷонашро мехоҳанд аз ӯ ҷудо кунанд. Исломе, ки дини тавҳид аст, исломе, ки мехоҳад тааллуқоти инсонро аз байн бибарад ва намехоҳад инсон (аъамм аз зану мард) ба ғайри Худо вобаста бошад, оё чунин эҳтимоле ҳаст, ки масалан ба ҳазрати Заҳро тавсия кунад, ки (мутобиқи ин ҳадис) шумо хуб аст хеле пулпараст бошед, пулро хеле бояд дӯст дошта бошед, молу сарватро хеле бояд дӯст дошта бошед?! Пас чаро ин ки ҳазрати Заҳро меояд, ҳатто пероҳани шаби арӯсии худашро дар роҳи Худо инфоқ мекунад, дар ислом як фазилати бузург талаққӣ шуда? Ва воқеан ҳам фазилати бузурге аст.

Мақсуд аз бухл дар ин ҳадис, бухл дар моли фардӣ ва шахсӣ нест. Зан, амонатдори моли шавҳар аст. Махсусан таъбир дорад:

— ки ба назари ман яъне моли муштараке, ки моли ду нафарашон ҳаст. Ба иборати дигар ва ба таъбири урфии худамон, зан дар хонадорӣ набояд даст ба бод бошад. Саховатмандӣ дар дохили хонавода, аз ҷайби Ҳотам бахшидан аст, хусусан дар низоми исломӣ, ки он ки даромадро таҳсил мекунад, мард аст ва зан бояд мудири дохилаи хонавода бошад ва табъан ин тавр аст, ки он касе, ки заҳмати даровардани пулро накашида арзиши пулро ҳам он қадрҳо дарк намекунад.

Зан аз назари моли муштараке, ки дар хонавода ҳаст, амонатдор аст ва агар барои як риёл ҳам ҳисоб бикунад ва аз пеши худ набахшад, ин кори ӯ мамдуҳ аст.

Пас, бухл низ дар инҷо на бухл ба маънои он сифати нафсонӣ аст, ки хулқ аст, балки ба маънои рафтори мумсикона аст, на аз моли худ, балки аз моли шавҳар. Ва ин ихтисос ба зан надорад, дар ғайри зан ҳам ҳаст.

Амирулмӯъминин, аввали ҷавод ва аввали мумсик буд. Таърих инро нишон медиҳад. Аввали ҷавод ва бахшанда буд аз моли худаш, аввали мумсик буд дар моле, ки амонатдори он буд яъне байтулмол, ки ба бародараш Ақил ҳам ҳозир нест як риёл аз он мол бидиҳад. Оё Алӣ алайҳиссалом ду сифати мутазодд дошт? На, ин ду сифат аз назари хулқ мутазодд набуд. Рафтан ва заҳмат кашидан, ғанимати ҷангӣ ба даст овардан ё қанот ҷорӣ кардан ва ҳатто аз роҳи амалагӣ пул ба даст овардан ва баъд онро ба дигаре додан, ин ҷуд аст. Ва байтулмоли муслиминро ба диққат нигаҳдорӣ кардан ва ҳатто он шамъеро, ки марбут ба байтулмол аст, ҳангоми кори шахсӣ хомӯш кардан, амонатдорӣ аст, на бухл.

Вақте онҷо машғули расидагӣ ба ҳисоби байтулмол аст ва шамъ ҳам аз байтулмол равшан аст, чанд нафар ворид мешаванд, ки кори хусусӣ доранд ва корашон марбут ба кори байтулмол нест, фавран шамъро хомӯш мекунад. Чаро хомӯш кардӣ? Ин шамъ марбут ба байтулмол аст, шумо кори хусусӣ доред, ин кор ба он марбут нест. Пас бигӯянд, чӣ одами мумсики пулпарасте аст, аз ин ки шамъ масраф бишавад, музоиқа дорад! На, ин ҷур нест. Агар ин тавр бошад, мо бояд Усмонро хеле сахӣ ва ҷавод бидонем, ки байтулмоли муслиминро беҳисоб ба ин тарафу он тараф медод. Ҳар инсоне дар он моле, ки нисбат ба он мол амонатдор аст, бояд мумсик бошад, вале ба ин маъно, ки рафтораш мумсикона бошад, на ин ки хулқаш имсок бошад. Ин ба хулқ иртибот надорад.

Пас **ин ҳадис, ки се чизро аз хулқиёти мусаллами зан зикр кардааст: кибр ва ҷубн ва бухл ва инҳоро дар мавриди зану мард ба ду гуна тавсиф намудааст, бо асли**

нисбӣ набудани ахлоқ мунофоте надорад. Дар мавриди ҷубн арз кардем, ки нуқтаи муқобилаш, ки шуҷоат ва қувват ва нерӯмандӣ аст, барои зану мард ҳар ду матлуб аст. Ҷубн ба маънии хулқ, барои зану мард ҳар ду бад аст ва шуҷоат барои зану мард ҳар ду хуб аст.

Шуҷоат ва дифоъ аз ҳақиқат

Мо дар ислом ду дифоъ дорем: яке, дифоъ аз ҳақ ба маънии ҳақиқат ва дигар дифоъ аз ҳақ ба маънии ҳуқуқи иҷтимоӣ. Он ҷо, ки ҳақоиқе дорад дар иҷтимоъ поймол мешавад, пойи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар, мубориза бо мункарот ва тарвиҷ ва ишоъаи он чи, ки ислом онро нек мешиносад дар миён меояд. Як далел бар ин ки шуҷоат ба маънии хулқ ихтисос ба мард надорад ин аст: оё дифоъ аз ҳақ ба маънии дифоъ аз ҳақиқат ё ба иборати дигар, амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар, аз мухтассоти мардон аст ва ё аз умури муштарак миёни марду зан? Амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар як шарташ шуҷоат ва нерӯмандӣ аст. Як одами тарсу, ки наметавонад ин муборизаи иҷтимоиро анҷом диҳад. Насси Қуръони Карим аст, ки амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар ихтисос ба мардҳо надорад:

وَالْمُؤْمِنُونَ وَالْمُؤْمِنَاتُ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاءُ بَعْضٍ يَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ

(*Тавба/71*) Мардони мӯъмин ва занони мӯъмин дӯстони якдигаранд — ва ба маънии дақиқтаре, “авлиё” — ҳомиёни якдигар ҳастанд (вале ҳимоят бар асоси усули ислом, на бар асоси тамоюлоти шахсӣ) ва сарпарастони якдигар мебошанд. Ҳамон таъбире, ки дар ҳадис омада:

كُلُّكُمْ راعٍ وَكُلُّكُمْ مَسْؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ

(*Ал-ҷомеъус-сағир, с.95*) Ҳама, чӯпонони якдигар ҳастанд. Мукаррар гуфтаем- ва дар мақолаи “Валоъҳо ва вилоятҳо” низ гуфтаам — ки маънои “валӣ” дӯст нест, ҳимоят ва сарпарастӣ аст. Гоҳе валӣ исми фоил аст, яъне сарпараст ва гоҳе исми мафъул аст, яъне сарпарастшуда. Бар вазни “фаъил” аст, ки дар луғати араб, ҳам ба маънии фоъил меояд ва ҳам ба маънии мафъул.

وَالْمُؤْمِنُونَ وَالْمُؤْمِنَاتُ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاءُ بَعْضٍ

Баъзе мардони мӯъмин ва занони мӯъмин бархе нисбат ба бархе сарпарастӣ доранд. Ҳар чо дар Қуръон “баъзу баъз” меояд, яъне ҳеч фарқ намекунад, ду тарафӣ аст ва мо аз ин қабил дар мавриди зану мард зиёд дорем, аз ҷумла дар ояти:

الرِّجَالُ قَوَّامُونَ عَلَى النِّسَاءِ بِمَا فَضَّلَ اللَّهُ بَعْضَهُمْ عَلَى بَعْضٍ

(*Нисо/34*) Дар мақолае аз оқои Мӯсавии Занҷонӣ дидам, нуктаи хеле хуберо мутазаккир шудаанд. Эшон гуфта буданд, ки Қуръон мегӯяд:

الرِّجَالُ قَوَّامُونَ عَلَى النِّسَاءِ بِمَا فَضَّلَ اللَّهُ بَعْضَهُمْ عَلَى بَعْضٍ

Намегӯяд:

بِما فَضَّلَ اللهُ الرِّجالَ عَلَى النِّساءِ

Мехоҳад бигӯяд: ба мӯҷиби бартариҳое, ки баъзе нисбат ба баъзе доранд, ба мӯҷиби маҷмӯъи бартариҳое, ки мард аз ҷанбае бар зан ва зан аз ҷанбае бар мард дорад, вазифаи қивомат моли мард аст, ки ҳарфи бисёр дурусте аст ва шояд бештар аз ин эҳтиёҷ ба баён дошта бошад. Мӯъминин ва мӯъминот баъзеашон ҳомӣ ва роъӣ ва сарпарасти баъзеи дигар ҳастанд. Чӣ мекунанд? Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунанд.
Пас дар дифоъ аз ҳақиқат ҳеч фарқе миёни марду зан нест ва ҳар дифоъе аввалин шарташ шуҷоат ва қувват ва нерӯмандӣ аст.

Шуҷоат ва дифоъ аз ҳуқуқи иҷтимоӣ

Дар дифоъ аз ҳақ ба маънии дифоъ аз ҳуқуқи иҷтимоӣ — ки як асли мусаллам дар ислом аст — боз ба қавли фуқаҳо, умумоти мо ихтисос ба зан ё мард надорад.

لا يُحِبُّ اللهُ اَلْجَهْرَ بِالسُّوءِ مِنَ اَلْقَوْلِ إِلاّ مَنْ ظُلِمَ

(*Нисо/148*) Худо фарёд кашидан ва бадгӯӣ карданро дӯст намедорад, магар дар мавриди мазлум. Калимаи “ман” ихтисос ба зан ё мард надорад. Ё ояти дигар, ки дар бораи шеъру шоир мегӯяд:

وَالشُّعَرَاءُ يَتَّبِعُهُمُ الْغَاوُونَ. أَلَمْ تَرَ أَنَّهُمْ فِي كُلِّ وَادٍ يَهِيمُونَ. وَأَنَّهُمْ يَقُولُونَ مَا لَا يَفْعَلُونَ. إِلَّا الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ وَذَكَرُوا اللَّهَ كَثِيرًا وَانْتَصَرُوا مِنْ بَعْدِ مَا ظُلِمُوا وَسَيَعْلَمُ الَّذِينَ ظَلَمُوا

(*“Ва шоиронро мардуми ҷоҳили гумроҳ пайравӣ кунанд. Оё нангарӣ, ки онҳо худ ба ҳар водии ҳайрат саргаштаанд? Ва онҳо бисёр суханон мегӯянд, ки якеро амал намекунанд. Магар он шоирон, ки аҳли имон ва некӯкор буда ва ёди Худо бисёр карданд ва барои интиқом аз ситаме, ки дар ҳаққи онҳо шуда, ба интиқом ва дифоъ бархостанд…” (Шуъаро/224-227*))

Қуръон бо шеър ба маънои он тахайюлбофиҳо, ки фақат як василаи тахдир ва саргармӣ барои афроди башар аст, мувофиқ нест. (Ба иборати дигар,) ислом бо шеъри тахайюлӣ ва шеърҳое, ки сирфан ҷанбаи саргармкунандагӣ ва дар воқеъ ҷанбаи тахдирӣ ва ҷанбаи инсонфосидкунӣ дорад, мувофиқ нест. Вале Пайғамбар фармуд:

إِنَّ مِنَ الشِّعْرِ لَحِكْمَةً

Ислом бо каломи манзум мухолиф нест. Мумкин аст дар шеъре ҳикмат бошад. Он вақт он шеър, шеър ба он маъно нест. Қуръон шоиронро мазаммат мекунад; ҳамон шоироне, ки дар он замон буданд ва дар ағлаби замонҳо шоирон ҳамон ҷур ҳастанд ва дар миёни онҳо афроди маъдуде мисли Иқболи Лоҳурӣ, шоирмаслаке пайдо мешавад, ки шеърро дар хидмати ҳадафи худаш қарор дода, на ин ки онро ба унвони як ҳунар ҳар ҷо, ки шуд масраф кунад. Қуръон мегӯяд:

أَلَمْ تَرَ أَنَّهُمْ فِي كُلِّ وَادٍ يَهِيمُونَ

Дар водиҳои мухталиф ҳайронанд: як рӯз мадҳи ин, як рӯз мадҳи он, як рӯз дар ин мавзӯъ, як рӯз дар он мавзӯъ, як рӯз як чизеро мадҳ мекунад, рӯзи дигар ҳамон чизро мазаммат мекунад, ки мазҳари томму тамоми бемаслакӣ аст. Вале

إِلَّا الَّذِينَ آمَنُوا

Магар шоирони боимон ва ба қавли мо, маслакӣ ва ҳадафдор, ки шеърашон дар хидмати имонашон аст. Имрӯз экзистенсиалистҳо мегӯянд, адабиёти мутааҳҳид, шеъри мутааҳҳид. Ҳарфи Қуръон тақрибан ҳамин матлаб аст; бо шеър мухолифат мекунад, магар бо шеъри мутааҳҳид:

إِلَّا الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ وَذَكَرُوا اللَّهَ كَثِيرًا وَانْتَصَرُوا

Магар онон, ки мазлум воқеъ шуданд ва бо шеър доранд интисор мекунанд ва кӯмак мехоҳанд, яъне шеъре, ки шиори як мазлум аст дар барангехтани мардум алайҳи золим. Дар инҷо ҳам таъбири Қуръон таъбири мутлақ ва аъамме аст (ва ихтисос ба мард ё зан надорад.) Ҳамчунин амирулмӯъминин дар таъбироташон дар “Наҳҷул-балоға” доранд, ки:

لايَمْنَعُ الضَّيْمَ الذَّليلُ وَلا يُدْرَكُ الْحَقُّ اِلاّ بِالْجِدِّ

Мефармояд: одами залилу забун ҳаргиз наметавонад займ (яъне хорӣ ва зиллати зулм)-ро аз худаш дафъ кунад ва ба ҳақ натавон расид магар бо ҷиддият ва тасмим.
Инҳо ба таъбири усулиюн, як умумоте аст, ки ибокунанда аз тахсис аст. Усулийин як ҳарфи бисёр зебо ва хубе доранд, мегӯянд: бисёре аз умумот (яъне куллиёт) қобили истисно аст; як қоида, як қонунро зикр мекунем, баъд барояш истисно зикр менамоем. Вале баъзе аз умумот ва куллиёт аст, ки ибокунанда аз истисно аст, яъне аслан лаҳн ва мантиқ ва тарзи баёнаш мегӯяд, ман истиснонопазир ҳастам ва асосан истисно барои он маънӣ надорад.

Шуҷоати ҳазрати Заҳро

Ин умумоте, ки дар инҷо омадааст, умумоти истиснонопазир ва ибокунанда аз тахсис аст ва беҳтарин ва мусалламтарин далелаш ҷараёни таърихии ҳазрати Заҳро (Саломуллоҳи алайҳо) ва ҳазрати Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо) аст. Қазияи ҳазрати Заҳро аз як ҷанба воқеан аҷиб ва фавқулъода аст. Шумо дар маҷмӯъ дар назар бигиред. Аз як тараф Алӣ ва Заҳро як завҷе ҳастанд, ки нишон доданд, аз ҷанбаи моддӣ ва ҷамъи сарват, ба дунё ва мофиҳояш беэътино ҳастанд. Гуфт:

وَما أَصْنَعُ بِفَدَكٍ وَغَيْرِ فَدَكٍ؟ وَالنَّفْسُ مَظانُّها في غَدٍ جَدَثٌ

(*“Ва маро бо Фадак ва ғайри Фадак чӣ кор?! Дар ҳоле, ки фардо пас аз марг ҷойгоҳи нафс гӯр аст.” (“Наҳҷул-балоға”, номаи 45)*) Аслан Алӣ чӣ эътино ба Фадак дорад?

Он ки раст аз ҷаҳон, Фадак чӣ кунад,
Он ки ҷаст аз ҷиҳат, фалак чӣ кунад.

Як одами ҷаста аз абъоди ҷаҳон аст. Ба унвони як пул ва як сарват ва як мояи зиндагӣ, воқеан инҳо нишон доданд, ки ба Фадак беэътино ҳастанд. Ва аз тарафи дигар, аз мусалламоти таърихи ислом аст — ва ин ривояти маъруфро аҳли тасаннун бештар ривоят кардаанд — ки дар марази вафоти Пайғамбари Акрам, ҳазрати Заҳро зиёд гиря мекарданд. Паёмбари Акрам бо ҳазрати Заҳро наҷвое карданд ва гиряаэшон афзун шуд ва баъд аз муддате наҷвои дигаре карданд ва ҳазрати Заҳро мутабассим шуд. Ва баъдҳо, ки аз эшон суол карданд, ки ин ду наҷво чӣ буд, фармуданд: дар наҷвои аввал падарам ба ман хабар дод, ки ба таври қатъ аз дунё меравад. (Гиряам) дар фироқи падар буд. Ва дар наҷвои дуввум ба ман гуфт: вале ту ба суръат ба ман мулҳақ мешавӣ. Хурсандиам аз ин ҷиҳат буд.

Ва ба илова, медонем эшон бемор ҳам буданд, ба тавре, ки ҳамеша дар бистар буданд. Барои эшон матлаб мусаллам буд, ки дигар аз умрашон чизе боқӣ намонда. Он вақт дар ҳамин ҳол Фадакро мебаранд. Фадак ба унвони як сарват барои Заҳро арзише надорад, вале Фадак ба унвони як ҳаққи рубудашуда ва ин ки ҳақро бояд эҳё кард, барои ҳамон Заҳро он қадр арзиш дорад, ки меояд дар масҷиди Мадина –

عَلى حَشَدٍ مِنْ نِسائِها

— бо як идда аз занони Банӣ Ҳошим ва занони алоқаманд ба эшон, дар ҳузури халифаи вақт ва хутбае ба он ғарроиро дар онҷо иншо мекунад ва тарафро мекӯбад ва аз ҳаққи худашон дифоъ мекунад.

Чаро натарсид? Оё ин бар хилофи тарбияти исломӣ буд? Барои зан масалан сабук буд ин кор? Барои зан зишт буд ин кор, ки биёяд дар масҷиди Мадина дар ҳузури чанд ҳазор нафар ҷамъият, дам аз моли дунё бизанад ва аз ҳаққаш дифоъ кунад? На, ҳеч зишт набуд, дифоъ аз ҳақ буд. Ҳамон Заҳрои беэътино ба дунё ва мофиҳо ба унвони як пул ва як амри моддӣ ва сарвати шахсӣ ва мояи лаззати фардӣ ва ҳамон Заҳрои мутмаин, ки то чанд рӯзи дигар аз дунё меравад — ки инсон вақте бидонад, ки ба зудӣ аз дунё меравад, дигар матомеъаш ба моддиёти дунё ба куллӣ аз байн меравад — ба унвони ин ки посдори ҳақ аст ва набояд гузошт ҳақ қурбонӣ бишавад ва суннати поймол кардани ҳуқуқ ҷон бигирад, меояд дар камоли шуҷоат аз ҳаққи худаш дифоъ мекунад. Шахсан меравад ба хонаи халифаи вақт ва фармонро аз ӯ мегирад. Баъд он фармонро ба унф аз эшон мегиранд ва сипас ба шакли дигаре бо амирулмӯъминин дар масҷиди Мадина (ҳозир мешавад) ва авзоъи аҷибе (пеш меояд), ки охири кор, ки дигар маҷбур шуд бо онҳо дарбиафтад, расман дарафтод.

Шуҷоати ҳазрати Зайнаб

Ё ҷараёни ҳазрати Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо). Агар барои зан ҷубн ба маънои як хӯю хулқи ахлоқӣ, хуб буд, ҳазрати Зайнаб мебоист аз ҳамаи занҳои дигар тарсутар ва бешахсияттар бошад ва ба истилоҳи маъруф, сараш аз локи худаш берун наёяд. Магар дами дарвозаи Куфа касе Зайнабро маҷбур карда буд, ки биёяд суханронӣ бикунад? Магар суханронӣ қобили иҷбор аст?! Ё дар маҷлиси Ибни Зиёд магар касе Зайнабро маҷбур карда буд, ки ончунон дар муқобили Ибни Зиёд биистад ва ҳатто ба ӯ носзо бигӯяд, ки воқеан хатари кушта шудани худаш ва касонаш вуҷуд дошт?!

Ва болотар аз ин, дар маҷлиси Язид аст бо он тантана ва дабдаба, ки хеле бо маҷлиси Ибни Зиёд фарқ мекард, чун аввалан Ибни Зиёд ҳоким буд ва Язид халифа ва сониян, Ибни Зиёд дар Куфа буд ва Язид дар Шом ва Шом ба эътибори ин ки муҷовир бо Бизонс (Қустантанияи он вақт) буд, (шукӯҳи хоссе дошт.) Муъовия ба баҳонаи ин ки мо бояд шавкати зоҳирии исломро ҳифз кунем, дастгоҳи Шомро дастгоҳи қайсарӣ ва касроӣ ва салтанатӣ карда буд, ки таворих ҳам навиштаанд як кохҳои ту дар ту бо дарҳои ту дар ту ва фаррошҳо будааст, ки аз ин дар бояд дохили он дар шуд, аз он дар дохили он дар ва ғайра. Як боргоҳи бисёр азим, курсиҳои заррин онҷо ниҳодаанд, суфаро ва умаро онҷо нишастаанд, як маҷлиси фавқулъода боубуҳҳате.

Вале ин зан аслан инҳоро ба чизе намегирад, ба Язид мегӯяд: ту ҳақиртар ва кучактар аз ин ҳастӣ, ки ман туро мухотаби худам қарор бидиҳам, ту арзиши ин ки ман туро мухотаби худам қарор бидиҳам низ надорӣ.

Оё як зани тарсу метавонад ин корро бикунад? На. Дар онҷо ҳадди аксар ин буд, ки ҷони Зайнаб дар хатар буд; дар хатар бошад. Аз додани ҷон, ки наметарсид. Иззат ва шарафаш дар хатар набуд, баръакс бар иззат ва шарафаш бо ин шуҷоат афзуда мешуд.

Пас, ин тафовут марбут ба як вазъи хоссе аст, ки зан дорад ва тоза ин тафовут дар рафтор аст, на дар ахлоқ ва шахсият. Аз назари шахсияти ахлоқӣ, ҳеч фарқе байни зану мард нест ва медонем, ки мард ҳам агар дар як шароите амонатдори иҷтимоъ бошад, онҷо, ки мехоҳад амонатро ҳифз кунад, дигар ҷойи бахшандагӣ ва шуҷоат нест, ҷойи амали мутавозеъона нест; онҷо, ки амонатдор аст, ҷойи амали мутакаббирона ва мӯҳтотона ва мумсикона аст.

Пайванди ибодат бо барномаҳои тарбиятӣ

Баҳси мухтасаре дорем дар бораи омилҳои тарбияти саҳеҳ ва касби ахлоқи саҳеҳ аз назари ислом. Яъне омилҳое, ки дини муқаддаси ислом ба онҳо таваҷҷӯҳ кардааст. Яке

аз он омилҳо, таъаққул ва тафаккур ва таъаллум аст, ки қаблан таҳти унвони “ғоёт ва аҳдоф” аз он ном бурдем.

Таъаққул ва тафаккур барои равшан шудан аст, яъне ҳукм (-и чароғ)-ро барои инсон дорад. Дар бораи ин омил баҳс шуд.

Омили дуввум, ки дар ислом рӯйи он зиёд такя шудааст, тақво ва тазкияи нафс аст, ки дар худи Қуръони Карим ба он тасреҳ шудааст. Тақво ва тазкия мӯҷиби парвариши иродаи инсон мешавад ва иродаро барои ба кор бастан омода мекунад. Яъне равшан шудан ба танҳоӣ кофӣ нест, бояд равшан шуд ва бояд иқтидор пайдо кард барои ба кор бастан. Тақво ва тазкияи нафс, ба иродаи ахлоқии инсон қудрат ва тавоноии ба кор бастан медиҳад ва то ҳудуде дар мактабҳои ғайри мазҳабӣ ҳам ҳаст, вале на ба ин шакл, ки дар макотиби мазҳабӣ вуҷуд дорад.

Омили севвум, ки манзури мо бештар баҳс дар бораи ин омил аст, масъалаи ибодат аст ба унвони як омил барои тарбият ва касби ахлоқи фозила. Ҳамон тавр, ки тафаккур ва таъаққул ҷиҳати равшан шудани фикр барои қувваи оқила ва тақво ва тазкияи нафс барои тақвияти нерӯи ирода дар инсон буд, ибодат барои тақвияти ишқ ва алоқаи маънавӣ ва эҷоди ҳарорати имонӣ дар инсон аст. Яъне ҳамон тавр, ки имон худаш ба навбаи худ маншаъи ибодат аст, ибодат ҳам тақвияткунандаи имон аст, ки ба ин матлаб дар мутуни исломӣ зиёд тасреҳ шудааст, яъне таъсири мутақобили имон ва амал дар якдигар. Имон ба навбаи худ маншаъи амал мешавад ва амале, ки мунбаъис аз он имон аст, маншаъи тақвияти ҳамон имон мегардад.

Руҳи ибодат

Мукаррар гуфтаем, ки руҳи ибодат тазаккур аст, яъне ёди Худо будан ва аз ғафлат аз Худо хориҷ шудан.

وَأَقِمِ الصَّلَاةَ لِذِكْرِي

(*Тоҳо/14*) Ва дар ояти дигар мефармояд:

إِنَّ الصَّلَاةَ تَنْهَى عَنِ الْفَحْشَاءِ وَالْمُنْكَرِ وَلَذِكْرُ اللَّهِ أَكْبَرُ

(*Анкабут/45*) Ибодат, ки барои тазаккур аст, дар ислом ба унвони фариза ва нофила зиёд тавсия шудааст ва ислом бо мӯҷиботе, ки руҳи ибодат яъне тазаккурро аз миён мебарад ва ғафлат эҷод мекунад низ мубориза кардааст. Ҳар чи ки мӯҷиби инсироф ва ғафлати

инсон аз Худо бишавад, ба навъе мамнӯъ (макрӯҳ ё ҳаром) аст, мисли ифрот дар хӯрдан, ифрот дар гуфтан, ифрот дар муошират бо афрод ва ифрот дар хобидан. Албатта, баъзе аз инҳо монанди тавсия ба парҳез аз пур хӯрдан, мумкин аст, ки иллатҳои ҷисмӣ ҳам дошта бошад, яъне манзури беҳдошт ва ҳифзи сиҳҳати ҳам дар кор бошад, вале қатъан танҳо он нест, яъне –

قلّة الطّعام

— дар масоили исломӣ дар радифе қарор мегирад, ки маълум аст ҳадаф, танҳо беҳдошт ва ҳифзус-сиҳҳа нест, балки ҳамчунин барои ин аст, ки руҳи инсон сабуктар бошад ва камтар мӯҷиботи ғафлат дар инсон пайдо шавад.

Шакли ибодат ва барномаҳои тарбиятӣ

Дар ислом як хусусияте ҳаст ва он ин аст, ки бо ин ки руҳи ибодат иртибот ва пайванди банда бо Худо ва шикастани девори ғафлат ва таваҷҷӯҳ ба Худост, аммо нуктаи ҷолиб ин аст, ки ислом ба ибодат шакл дода ва ба шакл ҳам ниҳояти аҳаммиятро дода ва дар он шакл низ як силсила барномаҳои тарбиятиро дар либоси ибодат ворид кардааст.
Масалан, аз назари ин ки қалби инсон мехоҳад мутаваҷҷеҳи Худо бошад, ин чӣ асаре дорад, ки бадани инсон пок бошад ё набошад?

إن الله ينظر إلى قلوبكم ولا ينظر إلى صوركم

(*Ал-ҷомеъус-сағир, ҷ.1, с.74, бо тафовут дар иборат. Ҳадис аз Расули Акрам аст.*) Мо, ки бо бадан намехоҳем пеши Худо биравем, ҳоло баданамон пок бошад ё набошад, мо бо дил мехоҳем пеши Худо биравем, диламон бояд пок бошад. Вале ислом вақте, ки ибодатро ташреъ мекунад, чун мехоҳад махсусан ибодат ҳам як асари хоссе аз назари тарбиятӣ дошта бошад, чизеро, ки ба ибодат рабти зиёде надорад, вале дар таълиму тарбият муассир аст, дар либоси ибодат (аъамм аз воҷиб ва мустаҳаб) пиёда мекунад ва дар зимни он мегунҷонад, мисли масъалаи ғусл, масъалаи вузӯ, доимулвузӯ будан, доимуттаҳора будан — ки яке аз суннатҳои исломӣ аст — ва ғуслҳои мустаҳаббӣ ба ановини мухталиф. Ба ҳар ҳол, (ислом мегӯяд) ба намоз, ки меистед, бадан ва ҷомаатон пок бошад. Ин худ як барномаи назофат аст дар зимни ибодат.

Ибодат ва ҳуқуқи иҷтимоӣ

Масъалаи дигар масъалаи ҳуқуқ аст. Боз аз назари руҳи ибодат воқеан фарқ намекунад, ки мо рӯйи як фарши ғасбӣ нишаста бошем ва ё рӯйи як фарши мубоҳ. Инҳо қарордодҳои иҷтимоӣ аст, ки ин фарш моли шумо бошад ва он фарш моли ман, ман дар моли шумо тасарруф накунам ва шумо дар моли ман тасарруф накунед. Инҳо як дастуроте аст, ки барои зиндагии иҷтимоӣ муфид аст, вагарна як воқеият ва ҳақиқате нест, ки масалан агар ин фарш моли ман бошад, як кайфияти воқеӣ дошта бошад ва агар моли шумо бошад, як кайфияти воқеии дигар дошта бошад. Масъалаи ибодат як амри воқеӣ аст.

Яъне аз назари он ҳолат ва робитаи равонӣ, ки миёни инсон ва Худо барқарор мешавад, ин умур наметавонад воқеан асаре дар ибодат дошта бошад. Баъзе чизҳо асар дорад. Масалан, агар инсон дучори бархе аворизи ҷисмӣ ва руҳӣ бошад, аслан ибодат барҳам мехӯрад ва ин авориз монеъи ҳузури қалб ва таваҷҷӯҳ мешавад. Вале умури мазкур чунин асаре надоранд. Бо ин вуҷуд, ислом мегӯяд, ҷойе, ки дар он намоз мехонӣ, обе, ки бо он вузӯ мегирӣ ва ҳатто он маҳалле, ки дар он оби вузӯи ту рехта мешавад, либосе, ки бо он намоз мехонӣ, тамоми он чи ки бо ин амали ту иртибот дорад, бояд мубоҳ бошад, яъне набояд ҳаром бошад, агар як нахи ғасбӣ ҳам дар либоси ту бошад, ин ибодат пазируфта нест.

Ин низ пиёда кардани як барномаи тарбиятии марбут ба ҳуқуқи иҷтимоӣ дар пайкараи ибодат аст, зеро агар ин шартро барои ибодат қарор намедоданд, зарбае бар ибодат аз он ҷиҳат, ки ибодат аст ворид намеомад.

Намоз ва рӯ ба қибла истодан

Масъалаи дигар — ки боз аз намоз мисол меоварем — ин аст, ки (ислом мегӯяд, ҳангоми намоз) ҳама рӯ ба як нуқта биистанд, бо ин ки худи ислом тасреҳ мекунад, ки аз назари воқеияти ибодат, рӯ ба ҳар тараф биистед, фарқ намекунад:

وَلِلَّهِ الْمَشْرِقُ وَالْمَغْرِبُ فَأَيْنَمَا تُوَلُّوا فَثَمَّ وَجْهُ اللَّهِ

(*Бақара/115*) Аз назари воқеияти ибодат, мо рӯ ба машриқ ё мағриб, шимол ё ҷануб, рӯ ба ҳар тараф, ки биистем, фарқ намекунад. Яъне ин тавр нест, ки агар рӯ ба Каъба биистем, бо Худо мувоҷеҳ ҳастем, вале агар рӯ ба Каъба наистем ва ба тарафи дигар биистем, бо Худо мувоҷеҳ нестем; насси Қуръон аст. Вале дар айни ҳол ислом ба хотири як маслиҳати тарбиятии иҷтимоӣ, ки бо руҳи ибодат иртибот надорад, яъне руҳи ибодат

мутаваққиф ба он нест, чунин истифодаи тарбиятие дар инҷо мекунад, мегӯяд: ба ҷойи ин ки намозе, ки мехонӣ ба ҳар тараф, ки мехоҳӣ бошад, ҳамаи мардум рӯ ба як нуқтаи муайян биистанд, то афрод бифаҳманд, ки бояд як ҷиҳат бошанд. Яъне ин дарсе аст барои ваҳдат ва иттиҳод ва як ҷиҳат доштан ва рӯ ба як сӯ будан. Вале вақте, ки мехоҳад нуқтаеро интихоб кунад, чӣ нуқтаеро интихоб мекунад? (Бо ин ки мегӯяд, нисбати ҳама ҷо бо Худо мутасовӣ аст) –

إِنَّ أَوَّلَ بَيْتٍ وُضِعَ لِلنَّاسِ لَلَّذِي بِبَكَّةَ مُبَارَكًا

(*Оли Имрон/96*) Яъне аввалин маъбад ва аввалин масҷиде, ки барои ибодати Худои ягона сохта шуд. Зимнан, моро бо таърихи гузашта марбут мекунад:

Суннати Иброҳим ва қабл аз Иброҳим, ҳамаро ба ёд оваред. Чун дуруст аст, ки Каъба ба дасти Иброҳим бино шуд, вале қабл аз ӯ ҳам буда ва бар ҳасби ривоёт, Иброҳим он чиро, ки дар замони Нӯҳ ва ё қабл аз Нӯҳ бино шуда буд, таҷдиди бино кард ва баъд аз таҷдиди бинои Иброҳим, дигар боқӣ монд. Яъне ҳеч вақт муддате нагузаштааст, ки Каъба хароб бошад. Ҳар гоҳ хароб шуда, таҷдиди бино кардаанд, на ин ки муддати замоне бошад, ки махруб монда бошад.

Худи ин интихоб, эҳтироме аст ба ибодат. Яъне ибодат ончунон муҳим аст, ки аввалин нуқтае, ки дар ҷаҳон барои ибодат вазъ шуда, аввалин масҷид, аввалин маъбад, имрӯз ҳам бояд рӯ ба он нуқта биистед.

Дар китоби "*Ҳадамоти мутақобили ислом ва Эрон*" ин баҳсро пеш кашидаам. Масъалаи тақдиси оташ дар миёни зардуштиҳо аз қадимулайём яъне аз беш аз ҳазор сол пеш дар он маҷолиси баҳсӣ, ки ташкил мешуд — махсусан дар замони Маъмун ва баъд аз он — матраҳ будааст ва вақте муслимин ба зардуштиҳо ба хотири оташпараст будан эътироз мекарданд, онҳо тавҷеҳ мекарданд; гоҳе мегуфтанд, агар мо оташпараст ҳастем, шумо ҳам хокпараст ҳастед, барои ин ки рӯ ба Каъба меистед ва гоҳе мегуфтанд, мо оташпараст нестем ончунон, ки шумо хокпараст нестед, мо рӯ ба оташ меистем, на ин ки оташро парастиш мекунем. Ин ҳарф дар ҳеч шаклаш ҳарфи дурусти нест.

Эҳсосе, ки як нафар мусалмон дар мавриди Каъба дорад ва эҳсосе, ки як нафар зардуштӣ дар мавриди оташ дорад (ва ҳар ду эҳсос ношӣ аз таълимоте аст, ки мутуни мавҷуди динӣ ба онҳо додааст) хеле фарқ мекунад. Як нафар мусалмон, ки рӯ ба Каъба меистад, ҳеч вақт тасаввур намекунад, ки дорад Каъбаро тақдис мекунад ва ҳатто дар зеҳни як бачча ҳам намеояд, ки ҳангоми рукӯъу суҷуд, дорам Каъбаро таъзим мекунам. Вале ҳар оташпарасте дорад оташро парастиш мекунад, ҳоло ба ҳар навъе; ба унвони мазҳаре (аз

Худо) ё ба ҳар унвони дигар. Намегӯянд, оташро холиқ медонем. Ҳар бутпарасте ҳам бутро халққунанда намедонад, балки онро тақдис мекунад. Як оташпараст низ оташро тақдис мекунад.

Ба ҳар ҳол, ин ки ҳангоми намоз ҳама бояд рӯ ба як ҷиҳат биистанд, худ навъе шакл додан ба ибодат аст. Руҳи ибодат як амри муҷарраде аст, ки агар инсон дар гӯшаи хилвате ҳам бошад ва ба қавли Саъдӣ сар ба ҷайби муроқибат фурӯ барад ва Худоро ёд кунад, он руҳ барои ӯ ҳосил шудааст, вале ислом чунин ибодатеро қабул надорад.

Гузашта аз ин ки худи шаклҳои мухталифи рукӯъ ва суҷуд аз назари он тазаккур, таъсироте дорад. (Яъне ҳар ҳолате намояндаи як хузӯъу хушӯъ дар ҳузури парвардигор аст.) Ислом хоста ин руҳро дар либоси як силсила тарбиятҳои дигар, ки онҳоро барои зиндагӣ лозим медонад, пиёда кунад.

Тамрини забти нафс

Яке аз муҳимтарин хусусиёти шаклӣ, ки ислом ба ибодат дода, масъалаи тамрини забти нафс дар ҳангоми ибодат аст. Намоз воқеан ибодати ҷомеъ ва аҷибе аст. Албатта ин хусусият дар ҳаҷ ҳам ҳаст, вале ба сурати дигаре, яъне ҳамон ҷо, ки инсон муҳрим мешавад, худро забт мекунад ва (аз бархе умур) манъ менамояд ва тамрин (-и забти нафс) мекунад. Рӯза ҳам ҳамин тавр аст, албатта ба шакли дигаре.

Дар тамоми муддати намоз, хӯрдан — ҳарчанд як зарра қанд инсон бихоҳад бихӯрад — набояд сурат гирад. Намоз бисёре аз усули тарбиятии исломиро дар худ гунҷондааст.

Хӯрдан ва ошомидан дар он мамнӯъ аст, хандидан онро хароб мекунад; гиристан барои ғайри Худо, барои ҳар мавзӯе аз мавзӯъоти дигар харобаш мекунад, зеро дар ҳоли намоз инсон бояд бар тамоюлоти худ аз қабили хӯрдан ва хобидан ғалаба кунад ва бар эҳсосоти худ аз қабили хандидан ва гиристан мусаллат бошад ва худро нигаҳ дорад; ҳар мӯҷиби шадиде барои хандидан бошад, набояд бихандад ва ҳар мӯҷиби шадиде барои гиристан бошад, набояд бигиряд. Ба чапу рост мутамоил шудан ва нигоҳ кардан, намозро ботил мекунад. Ин як ҳолати инзиботи ҷисмӣ ва руҳӣ аст; инзиботи ҷисмӣ мисли ҳамин, ки дар ҳоли намоз ба чапу рост ё пушти сар нигоҳ накунед, аз назари руҳӣ ҳам набояд асири эҳсосот бишавед. Дар он ҳол агар каломе, ки аз навъи каломи одамӣ аст (яъне аз каломҳое, ки ду инсон бо ҳам мегӯянд) бар забони инсон ҷорӣ шавад, намозро ботил мекунад, то чӣ расад ба он чи, ки ба истилоҳ муҳдис аст яъне боиси заволи таҳорат мешавад назири хобидан.

Тамрини вақтшиносӣ

(Масъалаи дигаре, ки дар боби намоз мавриди таваҷҷӯҳ воқеъ шуда) диққати зиёд нисбат ба масъалаи вақт (аст) ба тавре, ки дақиқан рӯйи дақиқа ва сонияи он ҳисоб мешавад. Бидуни шак ин амр дар руҳи ибодат ва робитаи инсон бо Худо муассир нест, ки масалан агар мо як дақиқа қабл аз заволи зуҳр намозро шурӯъ кунем, он ҳолати тақарруб ва таваҷҷӯҳи қалб ба Худо пайдо намешавад, вале ҳамин қадр, ки заволи зуҳр анҷом шуд, тақарруб эҷод мешавад. Вале ислом инро шарт қарор дода ва нахоста ҳарҷу марҷе аз назари вақт ва замон бошад; навъе вақтшиносӣ ва тамрини эҳтиром гузордан ба назми замонӣ ва вақтӣ аст. Масалан, намозро мехонем, баъд мутаваҷҷеҳ мешавем, ки дар вақт набуда ё қисмате аз он дар вақт буда ва қисмати дигар набуда. Ин намоз ботил аст. Вале агар шахс иштибоҳ карда ва амд надошта бошад, намозашро қабл аз вақт шурӯъ кунад ва масалан як ракъати он дар вақт бошад, намозаш дуруст аст.

Мусоламатталабӣ

Масъалаи дигар мусоламатталабӣ ва сулҳҷӯӣ бо мардуми дигар аст, ки дар матни таълимоти намоз омадааст. Дар сураи Ҳамд — ки хондани он дар намоз воҷиб аст — баъд аз Ҳамду сано, Худоро мухотаб қарор медиҳем:

إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ. اهْدِنَا الصِّرَاطَ الْمُسْتَقِيمَ. صِرَاطَ الَّذِينَ أَنْعَمْتَ عَلَيْهِمْ غَيْرِ الْمَغْضُوبِ عَلَيْهِمْ وَلَا الضَّالِّينَ

(*Ҳамд/5-7*) Парвардигоро! Мо мунҳасиран туро парастиш мекунем. Парвардигоро! Мо мунҳасиран аз ту кӯмак мегирем. Сӯҳбати “мо” аст, на “ман”. Бо ин ки аз назари руҳи ибодат ҳар чи ғайри Худо дар зеҳни инсон наёяд беҳтар аст, вале ислом ба хотири як маслиҳати иҷтимоии бисёр муҳим, барои ин ки руҳи як мусалмонро руҳи иҷтимоӣ карда бошад, онро бо чошнии ибодат ба хӯрди мардум дода ва мегӯяд: бигӯед:

إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ. اهْدِنَا الصِّرَاطَ الْمُسْتَقِيمَ

Мо умуман мунҳасиран туро парастиш мекунем ва мунҳасиран аз ту кӯмак мехоҳем. Худоё! Ҳамаи моро ба роҳи рост ҳидоят кун. Дар инҷо ҳамкорӣ ва ҳамдилӣ ва ҳамгомӣ комилан машҳуд аст.

Ва болотар, масъалаи сулҳу силмталабӣ аст, ки дар саломи намоз матраҳ аст:

السَّلامُ عَلَيْنا وَعَلى عِبادِ اللهِ الصّالِحينَ

Ин як эъломи силмталабӣ аст, вале на барои умуми башар ҳатто афроде, ки бояд решаи онҳоро канд, то башарият солим бимонад, балки барои бандагони солеҳ ва шоистаи Худованд, яъне Худовандо! ман бо ҳеч бандаи дурусти ту сари ҷангу ситез надорам.

Ният

Худи масъалаи ният ҳам яке аз масоиле аст, ки ба он хеле таваҷҷӯҳ шуда, яъне аз мусалламоти фиқҳи исломӣ аст, ки руҳи ибодат ба таври куллӣ ният аст. Пайғамбари Акрам фармуд:

لا عَمَلَ اِلاّ بِنِيَّةٍ

(*“Усули Кофӣ”, ҷ.1, с.70*) ё:

لِكُلِّ امْرِئٍ ما نَوى

(*Саҳеҳи Бухорӣ, ҷ.1, с.2*) Барои ҳар касе ҳамон аст, ки ният ва қасд карда ва хостааст.
Коре, ки ҳамин тавр пайдо шавад, арзиш надорад. Коре, ки аз рӯйи ният ва қасд ва огоҳӣ ва интихоб ва таваҷҷӯҳ ба ҳадаф пайдо шавад, боарзиш аст.
Коре, ки инсон анҷом медиҳад, ду ҷур аст: як вақт инсон кореро мошинвор анҷом медиҳад, ки гӯӣ як мошин аст, ки дорад кор мекунад, на як инсон. (Мисли ағлаби намозҳое, ки мо мехонем.) Ва як вақт кореро аз рӯйи таваҷҷӯҳ ва огоҳӣ анҷом медиҳад. Вақте, ки инсон кореро аз рӯйи таваҷҷӯҳ ва огоҳӣ анҷом медиҳад, ҳадаф ва мақсудро дар назар мегирад ва ба кори худ таваҷҷӯҳ дорад. Оқои Буруҷердӣ дар боби ният кофӣ намедонистанд, ки доӣ дар нафси инсон вуҷуд дошта бошад ва авоил мо тааҷҷуб мекардем, ки дар боби ният чунин баҳсе оқои Буруҷердӣ дошта бошанд. Чун дар боби ният, ағлаби уламо доиро кофӣ медонанд, яъне ҳамин қадр, ки инсон як ангезаи руҳӣ яъне қасди қурбат дошта бошад, кофӣ аст, ба тавре, ки агар аз ӯ бипурсем чӣ мекунӣ, бигӯяд, барои Худо намоз мехонам. Ва агар ғафлат аз ин миқдор бештар шавад, ҳеч олиме онро кофӣ намедонад. Масалан, инсон намоз мехонад; агар вақте аз ӯ мепурсанд чӣ мекунӣ, фикр кунад ва ҷавоб диҳад, намоз ботил аст, яъне агар ҳадди ғафлат ва мошинвории кор ба инҷо бирасад, ки агар аз ӯ бипурсем чӣ мекунӣ, каме фикр кунад ва баъд ҷавоб диҳад, ба иҷмоъи уламо намоз ботил аст. Вале марҳуми оқои Буруҷердӣ як

ҳарфи дигаре ҳам мегуфтанд ва он ин ки: асосан дар ибтидои амал, ин миқдор таваҷҷӯҳ, ки доии шахс ба амал қасди қурбат бошад ба тавре, ки ғафлат надошта бошад, кофӣ нест, балки бояд дар қалби худ хутур диҳад, ки гӯӣ худаш дорад бо худаш ҳарф мезанад: чаҳор ракъат намози зуҳри адоӣ (ба қасди адо) бачо меоварам қурбатан илаллоҳ, он вақт бигӯяд: Аллоҳу Акбар. Албатта аз лиҳози ангеза таъсире надорад; ангеза ба ҷойи худ, вале вақте, ки ба ин сурат дарбиёяд, кори бештар аз сатҳи ноогоҳӣ ба сатҳи огоҳӣ меояд, яъне инсон корашро огоҳонатар анҷом медиҳад.

Аркони ният

Ислом ҳеч ибодатеро бидуни ният намепазирад ва ният аз назари ислом дорои ду рукн аст:

1) Яке ин ки амал бояд аз рӯйи таваҷҷӯҳ бошад, на аз рӯйи одат, ончунон одате, ки инсон бидуни ин ки худаш таваҷҷӯҳ дошта бошад, гӯ ин ки баданаш дорад амалро анҷом медиҳад, мисли хеле корҳое, ки инсон бидуни таваҷҷӯҳ анҷом медиҳад монанди роҳ рафтан. Инсон вақте дорад роҳ меравад, таваҷҷӯҳ надорад, ки дорад роҳ меравад, аз рӯйи бетаваҷҷӯҳӣ аст. (Пас аввалин рукни ният ин аст, ки инсон) бояд зеҳнашро мутамаркиз кунад ба тавре, ки амал аз рӯйи таваҷҷӯҳ бошад, на бетаваҷҷӯҳӣ. Ин ки мегӯянд, истидомаи ният ҳам шарт аст, барои ҳамин аст. Таваҷҷӯҳе ҳам, ки (дар ибтидои намоз) дорӣ, кофӣ нест, яъне агар инсон дар васати намоз ончунон аз кори худ ғафлат кунад, ки бояд мутаваҷҷеҳаш кард, намозаш ботил аст.

2) Рукни дуввуми ният, ихлос аст ва ин ки ангезаи инсон аз амал чист.

(Бинобар ин, ду рукни ният ба ин шарҳ аст):

1) Чӣ мекунам?

2) Барои чӣ ин корро анҷом медиҳам?

“Чӣ мекунам” асли ният аст, ки ҳатман бояд барои наздикӣ ба Худо ва ризои ӯ бошад.

Аҳаммияти ният

Ният он қадр аҳаммият дорад, ки агар худи амалро ва ниятеро, ки тавъам бо амал аст андозагирӣ кунанд, ҷанбаи ният бар пайкари амал руҷҳон дорад. Ин, мафҳуми он ҳадисе аст, ки Пайғамбари Акрам фармуд:

نِيَّةُ الْمُؤْمِنِ خَيْرٌ مِنْ عَمَلِهِ

(*Кофӣ, ҷ.2, с.84*) Нияти мӯъмин аз амалаш болотар аст.

Яъне чӣ? Оё яъне нияти бидуни амал аз амали бидуни ният беҳтар аст? Амали бидуни ният, ки арзиш надорад ва ҳамин тавр нияти бидуни амал. Пас чӣ маънӣ медиҳад? Оё манзур ин аст, ки нияти мӯъмин аз амали тавъам бо нияти ӯ беҳтар аст? Бадеҳӣ аст, ки ин низ дуруст нест; нияти холӣ, ки аз амали тавъам бо ният наметавонад беҳтар бошад. Пас чист?

Ҳарфҳое дар ин замина зада шуда, вале ҷавоб равшан аст; мақсуд ин аст, ки инсон бо амали тавъам бо нияташ ду кор мекунад: яке… (вақте мегӯем, руҳ аз бадан ашраф аст, мумкин аст касе) суол кунад, ки руҳ аз бадани бидуни руҳ ашраф аст (аз як лоша, чун бадани бидуни руҳ як лоша аст) ё аз бадани бо руҳ ашраф аст? Руҳи танҳо, ки наметавонад аз бадани бо руҳ ашраф бошад, чун бадан бо руҳ ҳамон руҳро дорад бо як чизи дигаре. Дар ҷавоб мегӯем: мақсуд ин аст, ки ин мавҷуди мураккаб аз руҳу бадан, он ҷузъаш бар ин ҷузъаш шарофат ва бартарӣ дорад.

Ин ниҳояти эҳтимоми ислом ба ниятро мерасонад, ки амал бояд тавъам бо ният бошад, тавъам бо таваҷҷӯҳ бошад, ки инсон бифаҳмад чӣ мекунад ва амалро ба сурати ноогоҳона анҷом надиҳад.

Хоссияти одат

Уламои равоншиносӣ мегӯянд: як кор ҳамин қадр, ки барои инсон одат шуд, ду хоссияти мутазодд дар он ба вуҷуд меояд. Ҳар чи ки бар одат буданаш афзуда шавад ва тамрини инсон зиёдтар гардад, кор саҳлтар ва соддатар анҷом мешавад. Як мошиннавис, ки ба мошиннависӣ одат мекунад, ҳар чи бештар одат мекунад, кор сареътар ва саҳлтар барояш сурат мегирад. Вале ҳар чи бештар одат мекунад, аз таваҷҷӯҳаш коста мешавад, яъне аз ин ки ин амали ӯ як амали иродӣ ва аз рӯйи таваҷҷӯҳ бошад, коста мешавад ва ба як амали ғайри иродӣ наздиктар мегардад. Хоссияти одат ин аст. Ин ки дар ислом ба масъалаи ният то ин андоза таваҷҷӯҳ шуда, барои ҷилавгирӣ аз ин аст, ки ибодатҳо ончунон одат нашавад, ки ба воситаи одат, ба як кори табиӣ ва ғайри иродӣ ва ғайри фикрӣ ва ғайри ҳадафӣ ва кори бидуни таваҷҷӯҳ — ки ҳадаф дарк нашавад ва фақат ба пайкари амал таваҷҷӯҳ гардад — табдил шавад.

Инҳо чизҳое аст, ки мо танҳо дар намози исломӣ ба даст меоварем ва мутаваҷҷеҳ мешавем, ки бисёре аз барномаҳои тарбиятӣ ба василаи ин ибодат ва дар пайкари ин ибодат пиёда мешавад; гузашта аз ин ки худи ин амал, парвариши ишқ ва муҳаббати Худо ва маънавият дар инсон аст, ки руҳи ибодат аст.

Ду масъала аст, ки бояд гуфта шавад: яке ин ки дар ахлоқ ва тарбияти исломӣ ба чӣ усул ва мабоние тавоҷҷӯҳ шуда. Дар ахлоқ ва тарбият, саҳеҳ нест, ки бигӯем: ахлоқи хуб, тарбияти хуб. Ахлоқи хуб ва тарбияти хубро бояд ба даст овард. Касе намегӯяд ғайр аз ин аст, вале умда ин аст, ки ҳар мактабе чӣ системаи ахлоқиро хуб медонад ва чӣ системаи ахлоқиро бад медонад. Мактабҳои ахлоқии дунё, ки ҳама ахлоқи пешниҳодии худро ба унвони ахлоқи хуб пешниҳод кардаанд, тафовуташон бо якдигар дар ҳадди тазодд аст, яъне ҳадди аксари табоюн миёнашон ҳаст; як амалро мактабе ахлоқӣ медонад ва мактаби дигар зидди ахлоқӣ. Ахлоқ илми дастурӣ аст, яъне илми "чӣ гуна бояд буд" ва фармони ин ки ин тавр бош. Суол ин аст, ки чӣ гуна бошем аз назари ин мактаб хуб хоҳем буд? Пас сирфи тавсия кардан ба ин ки ахлоқи хуб дошта бошед, муаррифи як мактаби ахлоқӣ наметавонад бошад. Ва шояд мукаррар гуфта бошем, ки пӯктарин ва бемағзтарини ҳарфҳо ҳамин ҳарфи мансуб ба Зардушт аст, ки мегӯяд:

"*Гуфтори нек, пиндори нек, кирдори нек*."

Охир некӣ чӣ ҳаст? Мисли ин аст, ки аз муҳандисе барои сохтмони як масҷид тарҳ бихоҳанд, ба ӯ бигӯянд: тарҳи шумо чист? Бигӯяд: як сохтмони хуб. Аввал бояд дид "хуб" ва "сохтмон" дар назари ӯ чист. Ё ба як хайёте бигӯянд: чӣ модел либос медӯзӣ? Бигӯяд: як модели хуб, вале маълум набошад хуби ӯ чӣ гуна аст. Ин аст, ки вақте мегӯем, усул ва мабонии ахлоқи исломӣ, маънояш ин аст, ки бибинем ислом чӣ чизҳоеро ахлоқи хуб медонад ва чӣ чизҳоеро ахлоқи бад. Дар ин сурат мо метавонем равиши ахлоқӣ ва тарбиятии исломро бифаҳмем.

Назарияи Нитше

Дар аксари мактабҳои ахлоқии дунё меъёри ахлоқро мубориза бо худӣ яъне худхоҳӣ ва худпарастӣ медонанд. Яъне феъли ахлоқӣ он феъле аст, ки ҳадафи инсон аз он феъл худи инсон набошад, барои худ набошад ва ахлоқ он аст, ки девори "худ" хароб шавад; деворе, ки инсон миёни худ ва дигарон аз худхоҳӣ кашидааст. Фақат ду се то аз ин мактабҳоро суроғ дорем, ки мегӯянд, инсон бояд "худаш"-ро парвариш бидиҳад ва "хуб" ҳамин аст, мисли ҳарфҳое, ки Нитше гуфта ва аслан бо таълимоте, ки таҳти унвони ғайрдӯстӣ ва инсондӯстӣ ва ғайрхоҳӣ ва эсор ва ғайра гуфта шуда мубойин аст.

Мегӯяд, ин ҳарфҳо ҳама бехуд аст, инсони саодатманд инсоне аст, ки дунболи қудрат ва нерӯ биравад ва нафскушӣ маънӣ надорад, нафсро бояд парвариш дод, тараҳҳум ба зуъафо маънӣ надорад, заъиф бояд аз байн биравад, агар касе дар чоҳ афтод, бояд санге ҳам рӯйи ӯ андохт ва ӯ болотарин гуноҳаш ин аст, ки заъиф аст; ва агар мо чунин

ахлоқеро тарвиҷ кунем, башариятро тақвият кардаем, зеро пас аз муддате интихоби насл мешавад ва афроди қавӣ боқӣ мемонанд ва бар асари интихоби аслаҳ, башарият ҷилав меравад ва бузургтарин хиёнатро ба башарият онҳое кардаанд, ки тавсияи кӯмак ба зуъафо кардаанд.

Ин ҳарф дар дунё ғавғое ба роҳ андохт, зеро Масеҳро, ки беш аз ҳама тавсия ба дӯстии якдигар ва кӯмак ба зуъафо кардааст, маҳкум мекард ва таълимоти ӯро мазарраттарини таълимот ба ҳоли ҷомеаи башар медонист.

Масъалаи дигар, ки тарҳ шуда ин аст, ки мо ду навъ "худӣ" дорем. Яке он "худӣ", ки бояд онро шикаст ва хурд кард ва ҳамон аст, ки эҳтимом ба онро нафспарварӣ ва нафспарастӣ ва гоҳе шаҳватпарастӣ меномем. Вале дар айни ҳол як навъ "худӣ"-и дигар ҳаст, ки бояд онро парвариш дод ва тарбият кард ва набояд гузошт мунҳадим шавад, ки бо инҳидоми он, решаи ахлоқи ислом ба куллӣ қатъ мешавад.

Се навъ ахлоқ дар ҷомеаҳои исломӣ

Дар ҷомеаҳои исломӣ се навъ ахлоқ дорем:

1) Ахлоқи файласуфона ё ахлоқи суқротӣ, ки ба далели ин ки хеле хушк ва илмӣ буда, аз муҳити уламо ва фалосифа таҷовуз накарда ва ба миёни умуми мардум нарафтааст. Вале ду навъ ахлоқи дигар дар миёни мардум муассир будааст;

2) Ахлоқи орифона, яъне ахлоқе, ки урафо ва мутасаввифа мураввиҷи он будаанд, ки албатта бо миқёси васеъе мубтанӣ бар китобу суннат аст;

3) Ахлоқи ҳадисӣ, яъне ахлоқе, ки муҳаддисин бо нақл ва нашри ахбор ва аҳодис дар миёни мардум ба вуҷуд овардаанд.

Ин ду навъ ахлоқ (2 ва 3) вуҷуҳи муштараки зиёде доранд гӯ ин ки дар баъзе нуқот мумкин аст ихтилоф дошта бошанд. Ахлоқи орифона меҳвараш мубориза ва муҷоҳида бо нафс будааст, ки ин албатта дар асос, таълими саҳеҳе аст ва бо ахлоқе, ки дар китобу суннат зикр шуда низ вифқ медиҳад, вале дар он, навъе ифроткорӣ шудааст, ки мунҷар ба як силсила таълимот, ки бо китобу суннат созгор нест гардида ва ахлоқи исломиро як миқдор аз зиндагӣ ба мурдагӣ кашондааст. Инҳо таҳти унвони мубориза бо нафс ва худхоҳӣ ва худпарастӣ, он чизеро, ки дар ислом ба маънии каромати нафс ва шарофати нафс омадааст ва ба ҳифзи он тавсия шуда нодида мегиранд. Ислом бо нафспарастӣ ба маънии шикампарастӣ ва занпарастӣ ва ё пулпарастӣ ва ҷоҳпарастӣ мухолиф аст ва бо ҳамаи инҳо агар бихоҳад ба сурати маъбуд дарояд мубориза мекунад. Табъи инсон ҳам моил ба инҳост ва ба ин ҷиҳат бо инҳо мубориза мешавад, ки инсон табъан ба сӯйи инҳо

моил аст. Вале чизҳое ҳаст, ки табъ моил ба онҳо нест ва бо тавсия бояд онҳоро тақвият кард, аз қабили иззатхоҳӣ, шарофатхоҳӣ ва каромати нафсхоҳӣ ва ин маънояш ин аст, ки инсон таваҷҷӯҳе ба хилофи он умур яъне ба гавҳари руҳу нафси худ дорад ва гавҳари руҳу нафс худро бартар медонад аз порае корҳо ва хулқиёт.

Эҳтимом ба ин "худӣ" ва зинда кардани ин "худ", бо мубориза кардан бо он "худ", ҳар ду ба сӯйи як ҳадаф аст ва баръакс, куштани ин "худ", асари куштани он "худ"-ро ҳам аз миён мебарад. Масалан, ҳадисе аст дар "Наҳҷул-балоға", ки мефармояд:

مَنْ كَرُمَتْ عَلَيْهِ نَفْسُهُ هانَتْ عَلَيْهِ شَهَواتُهُ

Он ки нафсаш барояш иззату шараф дошта бошад ва эҳсоси шарофат ва каромат барои нафси худ кунад, шаҳавот дар назараш хор аст. Яъне агар ин ҳисс дар инсон пайдо шавад, зуд шаҳватпарастиро раҳо мекунад. Инсонро ирҷоъ медиҳад ба "худӣ" дар даруни худаш, ки ба "худ"-ат таваҷҷӯҳ кун, "худи" ту як мақоми олӣ дорад ва бартар аст аз ин ки олуда ба ин чизҳо шавад. Мисли ин аст, ки касеро ба тоблуи бисёр зебое, ки дорад огоҳ мекунем, ки: медонӣ ин тоблу чӣ тоблуе аст?! Хеле олӣ ва фавқулъода аст, ҳайф аст инҷо бошад, ки гарду ғубору дуд бигирад. То онро намешиносад, аҳаммият намедиҳад, вале вақте, ки шинохт, фавран онро ҳифз мекунад.

Ҳадиси дигар аз Имом Ҳодӣ аст:

مَنْ هانَتْ عَلَيْهِ نَفْسُهُ فَلا تَأْمَنْ شَرَّهُ

Битарс аз одаме, ки худаш барои худаш қимат надорад; он касе, ки ҳисси каромати нафс — ин сармояи азимро аз даст дода, аз чунин одаме битарс; одаме, ки эҳсоси шарофат ва каромат дар худ намекунад, аз шарри ӯ эмин мабош.

Дар он ҳадиси маъруфи ақлу ҷаҳл дар "Туҳафул-уқул" (сафҳа 389) чунин омада:

لا دينَ لِمَنْ لا مُرُوَّةَ لَهُ

Касе, ки мардонагӣ надорад, дин надорад. (Даъват ба мардонагӣ, худ даъват ба навъе "худ" аст).

وَلا مُرُوَّةَ لِمَنْ لا عَقْلَ لَهُ

Ва он ки ақл надошта бошад, наметавонад мардонагӣ дошта бошад.

إِنَّ أَعْظَمَ النّاسِ قَدْرا مَنْ لا يَرَى الدُّنْيا لِنَفْسِهِ خَطَرًا

Аз ҳамаи мардум баландмартибатар ва азимулқадртар он касе аст, ки барои тамоми дунё ба андозаи нафси худ арзиш қоил нест. (Албатта ин нафспарастӣ нест). Аз ҳамаи мардум, азимулқадртар он касе аст, ки агар тамоми дунёро як тараф бигузоранд ва каромат ва иззати нафсро тарафи дигар, ӯ худаш ва иззати нафси худашро бар тамоми дунё муқаддам медорад, яъне ҳозир нест шарофат ва каромати худро лаккадор кунад дар муқобили ин ки тамоми неъматҳои дунёро ба ӯ бидиҳанд. Дар “Наҳҷул-балоға” мефармояд:

قَدْرُ الرَّجُلِ عَلى قَدْرِ هِمَّتِهِ

Азамат ва аҳаммияти ҳар кас ба ҳамон андозае аст, ки ҳимматаш баланд аст.

وَصِدْقُهُ عَلى قَدْرِ مُروءَتِهِ

Ва ростӣ ва ростгуфтории ҳар кас ба андозаи эҳсоси мардонагии ӯст.
Ҷумлаи аҷибе аст! Касе, ки дар худ эҳсоси ҷавонмардӣ ва мардонагӣ кунад, дурӯғ намегӯяд ва дурӯғро дуни шаъни худ медонад. (Ин таваҷҷӯҳ ба шаъни хеш доштан, худ матлабе аст).

وَعِفَّتُهُ عَلى قَدْرِ غَيْرَتِهِ

(Ин ҳам ҳарфи аҷибе аст) Иффат ва покдомании ҳар кас дар амри ҷинсӣ, ба андозаи ғайратмандии ӯст. Яъне касе, ки нисбат ба номуси худ ғайратманд аст, ба номуси дигаре таҷовуз намекунад ва агар касе ба номуси дигарон таҷовуз кард, он ғайратро аз даст додааст.
Аз ҳамаи инҳо сареҳтар, ҷумлаест дар васият ба Имом Ҳасан алайҳиссалом:

أَكْرِمْ نَفْسَكَ عَنْ كُلِّ دَنِيَّة

Нафси хешро аз ҳар кори пасте бартару болотар бидор.

وَإِنْ ساقَتْكَ اِلَى الرَّغائِبِ

Ҳар андоза нафс туро ба сӯйи шаҳавот ва рағбатҳо бикашонад, ту нафсро аз ин олудгиҳо бартар бидон.

فَإِنَّكَ لَنْ تَعْتاضَ بِما تَبْذُلُ مِنْ نَفْسِكَ عِوَضا

Ту ҳар чиро аз даст бидиҳӣ, метавонӣ ивазашро ба даст оварӣ, магар он миқдор, ки аз худ ва ҷонат аз даст бидиҳӣ; агар нафсатро лаккадор кунӣ, он дигар иваз надорад.

وَلا تَكُنْ عَبْدَ غَيْرِكَ وَقَدْ جَعَلَكَ اللهُ حُرّا

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 31, қисмати 45*) Ҳаргиз бандаи дигаре мабош, зеро Худо туро озод офаридааст.

Мумкин аст касе бигӯяд, агар одам мехоҳад бо нафспарастӣ мубориза кунад, агар бандаи касе набошад, ки бештар нафспарастӣ карда, то ин ки озод бошад. На, он нафсе, ки бояд бо он мубориза кард, ғайр аз ин нафсе аст, ки бояд онро ҳифз кард. Ин ҷумлаҳоро Алӣ алайҳиссалом мегӯяд, ки тамоми шиораш мубориза бо ҳавопарастӣ ва нафспарастӣ аст. Маълум мешавад, ки он ҳавопарастӣ ва нафспарастӣ, ки ислом бо он мубориза мекунад, ғайр аз он чизе аст, ки мехоҳад онро зинда кунад.

Муҳаммад Иқболи Покистонӣ (дар китоби “Иқболшиносӣ”, тарҷума оқои Сайидғуломризо Саъидӣ) як бахши ашъор ва ё яке аз фаслҳои афкораш “фалсафаи худӣ” аст. Дар миёни шуаро танҳо касе, ки ба ин нукта (яъне бозгашт ба “худ”, дарёфти “худ” ва пайдо кардани “худ”) таваҷҷӯҳ дошта, Иқбол аст.

Имом Содиқ дар ҳадисе, ки дар “Туҳафул-уқул” (сафҳаи 304) ҳаст, мефармояд:

ولا تكن فظا غليظا يكره الناس قربك ولا تكن واهنا يحقرك من عرفك

Аз он ашхоси тундхӯ мабош, ки мардум хуш надоранд ба онҳо наздик шаванд, вале хеле ҳам сусту шул набош, ки ҳар ки туро мебинад, таҳқират кунад. Яъне ислом намеписандад, ки як нафар мусалмон таҳти унвони ин ки бо нафс бояд мубориза кард, худро ба сурати як фарди пасту ҳақир дароварад, ки ҳар кас ба ӯ мерасад, эътино ба вай накунад. Иззат ва шарофатро бояд ҳифз кард:

وَلِلّٰهِ اَلْعِزَّةُ وَلِرَسُولِهِ وَلِلْمُؤْمِنِينَ

(*Мунофиқун/8*) Қуръон чунин мегӯяд.

Нуқтаи заъфи ахлоқи сӯфиёна

Дар ахлоқи орифона ва сӯфиёна, нуқтаи заъфе вуҷуд дорад, бо ин ки урафо ба ахлоқи исломӣ хеле хидмат кардаанд, зеро мураввиҷи он будаанд, ба забони шеър, наср ва тамсил, вале башар гоҳе иштибоҳ мекунад. Ин таълими амирулмӯъмининро бибинед, ки:

وَلا تَكُنْ عَبْدَ غَيْرِكَ وَقَدْ جَعَلَكَ اللهُ حُرّا

Ва ё таълими Имом Содиқ алайҳиссалом:

ولا تكن واهنا يحقرك من عرفك

Ва дар муқобил, ин қавлро бибинед, ки Ибни Абилҳадид дар шарҳи “Наҳҷул-балоға” мегӯяд:

Иброҳими Адҳам[29] гуфт, ки ман ҳеч вақт он қадр хушҳол нашудам, ки дар се мавқеъ хушҳол шудам[30]: яке ин ки як вақте савор бар киштӣ будам. Дар онҷо марде буд, ки мардумро механдонд ва аҳли киштӣ давру бари ӯро гирифта буданд ва ӯ ҳам бозӣ дармеовард. Ман ҳам онҷо будам. Ин мард ҷузъи достонҳояш нақл мекард, ки мо сарбоз будем ва дар фалон ҷо меҷангидем ва афродро мегирифтем. Баъд барои ин ки бигӯяд чӣ тавр инҳоро мекашидем ва меовардем, ба атроф нигоҳ кард, дид, ҳеч кас аз ман муносибтар барои кашидан ба саҳна нест, омад ва мӯйи сарамро гирифт ва маро кашон-кашон оварда гуфт: мо ин ҷур мекашидем. Бисёр хушҳол шудам, чун дидам, дар киштӣ ҳеч кас аз ман пасттар дар назари ӯ нест. (Ва Ибни Абилҳадид ҳам инро ба унвони матлаби хуб баён мекунад. Ин, нуқтаи муқобили гуфтаи ҳазрати Алӣ алайҳиссалом ва Имом Содиқ алайҳиссалом аст).

Дар вақти дигаре мариз будам ва дар масҷиде хобида будам. Мавқеъе буд, ки гадоҳоро берун мекарданд. Муаззин — ки фаррош ҳам буд — омад ба ман гуфт, баланд шав, бирав

[29] *Иброҳим Адҳам амир буда, баъд тавба мекунад ва сӯфӣ мешавад*.

[30] *Албатта ӯ аз ҷанбаи ахлоқӣ мегӯяд*.

берун. Ман мариз будам ва наметавонистам баланд шавам. Дид, ман наметавонам баланд шавам, пойи маро гирифт ва аз масҷид берун андохт. Хеле хушҳол шудам, ки дар назари ӯ ин қадр паст ҳастам. (Ин шахс таҳти унвони мубориза бо худпарастӣ ва нафспарастӣ, ҳақорат ва иҳонатро дорад таҳаммул мекунад ва инро таҳти унвони ахлоқ, хотираи хуш барои худ медонад).

Вақти дигар пӯстине доштам, ба он нигоҳ кардам, нафаҳмидам шупуши он бештар аст ё пашмаш:

فلم أميّز بين شعره والقملة

Инҳо албатта бо ахлоқи исломӣ ҷур дарнамеояд. Ислом мегӯяд, ба даҳони он марди масхарачӣ бикӯб, ё назофатро аз имон медонад, вале инҳо ҳама ба ҳисоби мухолифат ва ҷиҳод бо нафс гузошта шуда ва дуруст нест.

Ҳамчунин Ибни Абилҳадид нақл мекунад — ба унвони мадҳ — ки шахсе яке аз машоҳири тасаввуфро ба меҳмонӣ даъват кард. Ӯ рафт, он шахс маъзарат хост. Дафъаи дуввум ва севвум ҳам ҳамин тавр ва ӯ ба рӯйи худ наёварда ва аслан аз ин таҳқир нороҳат нашуд. Сӯфия аз таҳқир нороҳат намешуданд:

الصوفيّ لا يغضب ولا يضجر

Он мард баъдан ӯро ситоиш кард, ки ту хеле одами бузургворе ҳастӣ, ман се дафъа ба ту тавҳин кардам ва ту нороҳат нашудӣ. Сӯфӣ гуфт: на, ин фазилате нест. Ту маро барои хулқе мадҳ мекунӣ, ки саг ҳам ҳамин хулқро дорад. Ба саг ҳам агар нон бидиҳӣ, меояд ва агар надиҳӣ, ақиб меравад. Ин дарвеш аз ин тавҳин нороҳат намешавад, дар ҳоле, ки он шахс каромати инсонии ӯро лаккадор карда ва ба илова, дар ҷавоби мадҳи ӯ модели худро саг қарор медиҳад.

Аз Ҷунайд ҳам каломе нақл мекунанд, ки як ҷумлааш ҷумлаи хубе нест, ду ҷумлааш хуб аст. Мегӯяд:

لا يَكونُ العارِفُ عارِفا حَتّى يَكونَ كَالْأَرْضِ يَطَؤُهُ الْبَرُّ وَالْفاجِرُ

Ориф нест магар ин ки мисли замин бишавад, ки ҳама ӯро лагад кунанд.

كَسَحابٍ يُظِلُّ كُلَّ شَيْءٍ

(Албатта ҳарфи дурусте аст) монанди абр бошад, ки бар ҳама соя андозад.

وَكَالْمَطَرِ يَسْقي ما يَنْبُتُ وَما لا يَنبُتُ

Ва монанди борон бошад, ки бар замини тару хушк биборад. Ин ҳам дуруст аст.
Ҳол, ҷумлаи аввалро бо ин ҷумла муқоиса кунед: дар “Васоил” бобе дорад таҳти унвони “Кароҳати зулм” ва ин ки инсон ихтиёри моли худро дорад, ихтиёри шуғли худро дорад ва ҳатто занашро метавонад талоқ диҳад, вале ихтиёри обрӯяшро надорад ва наметавонад бигӯяд, ихтиёри обрӯи худамро дорам. Ин яке аз усули ахлоқи исломӣ аст: ҳифзи шарофат ва каромати нафс, ки иншоаллоҳ дар ҷаласаи оянда дар бораи он бештар баҳс мекунем.

Каромати нафс дар Қуръон ва ҳадис

Дар ҷаласаи гузашта баҳси мо расид ба масъалаи каромати нафс ва ё иззати нафс ва таъбироте амсоли инҳо, ки дар мутуни таълимоти исломӣ ворид шудааст ва гуфта шуд, ин худ масъалае аст, ки камтар мавриди таваҷҷӯҳ воқеъ шуда ва ё асосан мавриди таваҷҷӯҳ воқеъ нашудааст ва ҳол он ки мо реша ва мабно ва зербинои ахлоқи исломиро аз ҳамин ҷо метавонем истинбот ва истихроҷ кунем, аз навъе бозгашт додани инсон ба “худ” ва мутаваҷҷеҳ кардани ӯ ба шарофат ва каромати зотии хеш. Аввалан бояд бибинем, оё дар мутуни исломӣ чунин таъбироте, ки аз он, таваҷҷӯҳ додани инсон ба “худ” ва дар воқеъ навъе идроки азамат ва аҳаммияти “худ” мафҳум бошад, вуҷуд дорад ё на? Ва агар вуҷуд дорад, аҳёнан бо баъзе таълимоти дигари ислом, ки дар бораи нафйи “худ” аст таъоруз надорад?

Иззати нафс

Дар бисёре аз таъбироти исломӣ ин ҳолати ғурур ё маноъат ва эҳсоси шарофат, таҳти унвони “иззати нафс” баён шудааст. Дар раъси инҳо таъбири худи Қуръони Карим аст, ки таъбире ҳамосӣ аст:

وَلِلَّهِ الْعِزَّةُ وَلِرَسُولِهِ وَلِلْمُؤْمِنِينَ

(*Мунофиқун/8*) Иззат ихтисосан аз они мӯъминон аст, яъне мӯъмин бояд бидонад иззат ихтисосан дар инҳисори мӯъминон аст ва ӯст, ки бояд азиз бошад; иззат шоистаи ӯст ва ӯ шоистаи иззат аст. Ин як навъ таваҷҷӯҳ додан ба нафс аст.

Ҳадисе аст набавӣ:

اُطْلُبُوا الْحَوائِجَ بِعِزَّةِ الأَنْفُسِ

(*"Наҳҷул-фасоҳа", ҳадиси 325, с.64*) Агар ҳоҷате ба дигарон доред, аз онҳо бихоҳед, вале бо иззати нафс бихоҳед. Яъне барои ҳоҷате, ки доред, худатонро назди дигарон пасту залил накунед, иззататонро ҳифз кунед ва дар ҳоле, ки онро ҳифз мекунед, агар ҳоҷат ва ниёзе доред, онро тарҳ кунед, ниёзи худатонро бо қимати аз даст рафтани иззататон рафъ накунед.

Ҷумлаи маъруфест дар "Наҳҷул-балоға", ки ҳазрат зимни хитобае ба асҳобашон мефармоянд:

فَالْمَوْتُ في حَياتِكُمْ مَقْهورينَ وَالْحَياةُ في مَوْتِكُمْ قاهِرينَ

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 51*) Мурдан ин аст, ки бимонед, вале мағлубу мақҳур бошед ва зиндагӣ ин аст, ки бимиред, вале пирӯз бошед.

Инҷо асосан масъалаи иззат ва қоҳирият ва сиёдат он қадр арзиши волое дорад, ки аслан зиндагӣ бидуни он маънӣ надорад; агар бошад муҳим нест, ки тани инсон рӯйи замин ҳаракат кунад ё накунад ва агар набошад, ҳаракат кардан рӯйи замин ҳаёт нест.

Ба ҳамин таъбир, шиори маъруфи ҳазрати Сайидушшуҳадо (Имом Ҳусайн) аст, ки дар рӯзи Ошӯро фармуд:

اَلْمَوْتُ أَوْلى مِنْ رُكوبِ الْعارِ

Марг аз мутаҳаммил шудани як нанг болотар аст. Яъне ман фақат иззат мехоҳам. Ё ин ҷумлаи эшон:

هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

— ки шиори дигаре аст дар он рӯз ва таъбироти дигаре, ки дар хилоли Ошӯро зиёд гуфтанд ва ҳеч матлабе ҷуз ин матлаб дар хилоли таърихи Ошӯро мавқ намезанад:

إِنّي لا أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً وَلاَ الْحَياةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَما

Ва ҷузъи калимоте, ки аз эшон зикр кардаанд ин аст:

مَوْتٌ في عِزٍّ خَيْرٌ مِنْ حَياةٍ في ذُلٍّ

Мурдани бо иззат аз зиндагии бо зиллат беҳтар аст.
Таъбири дигар, ки ба матлаби мо наздиктар аст, боз аз эшон аст:

الصِّدْقُ عِزٌّ وَالْكِذْبُ عَجْزٌ

Аз он ҷиҳат инсон бояд ростгӯ бошад, ки ростӣ барои инсон иззат аст (дар инҷо ростӣ мабнои иззат қарор гирифта) ва дурӯғ гуфтан аҷзу нотавонӣ аст; одами нотавон дурӯғ мегӯяд, одами қавӣ, ки дурӯғ намегӯяд.
Дар “Наҳҷул-балоға” ҷумлаи дуввум аз ҳикматҳо чунин аст:

أَزْرى بِنَفْسِهِ مَنِ اسْتَشْعَرَ الطَّمَعَ

Яъне он касе, ки тамаъро шиори худ қарор дода, ҳақорат ба нафси худ ворид кардааст.
Инҷо тамаъ ба ин ҷиҳат маҳкум шудааст, ки инсонро хор мекунад. Мабнои ин хулқи палид, ҳақорати нафс зикр шуда.

وَرَضِيَ بِالذُّلِّ مَنْ كَشَفَ عَنْ ضُرِّهِ

Шаръан макрӯҳ аст, ки инсон агар гирифторӣ ва ибтилое дорад, пеш ҳар кас, ки расид, бигӯяд, чун ин амр одамиро ҳақир мекунад.
Ҳадисе аз ҳазрати Содиқ ҳаст, ки дар “Достони ростон” нақл кардаам: марде омад хидмати ҳазрати Содиқ ва шикоят аз рӯзгор кард, ки чунину чунонам, дармондаам ва қарз дорам. Ҳазрат миқдоре пул ба ӯ доданд. Ӯ гуфт: ман мақсудам ин набуд, ки бихоҳам чизе бигирам, хостам шарҳи ҳоламро бигӯям, ки дуое бифармоед. Фармуданд: ман ҳам

нагуфтам мақсуди ту ин буд, вале инро бигир ва ба масрафи худат бирасон, чизе ҳам мегӯям ва он ин аст:

وَلا تُخْبِرِ النّاسَ بِكُلِّ ما أَنْتَ فيهِ فَتَهونَ عَلَيْهِمْ

Ҳар гирифторие, ки дорӣ, ҷилави мардум бозгӯ накун, (зеро) назди эшон хор мешавӣ ва ин кор яъне дар зиндагӣ шикаст хӯрдаам.
Ҷумлаи:

وَرَضِيَ بِالذُّلِّ مَنْ كَشَفَ عَنْ ضُرِّهِ

Яъне он ки дарду ранҷу нороҳатии худро ҷилави мардум бозгӯ мекунад, ба зиллат тан дода.

وَهانَتْ عَلَيْهِ نَفْسُهُ مَنْ أَمَّرَ عَلَيْها لِسانَهُ

Ҳар кас шаҳавоташро бар худ ҳукумат диҳад, нафсашро дар муқобили худ хор карда. Ин ҷумла хеле пурмаънӣ аст.
Ҷумлаи дигаре дар “Наҳҷул-балоға” ҳаст:

الْمَنِيَّةُ وَلاَ الدَّنِيَّةُ

Марг ва на пастӣ.

وَالتَّقَلُّلُ وَلاَ التَّوَسُّل

Боз ҳамон руҳи иззати нафс мавҷ мезанад. Инсон чаро даст пеши дигарон дароз кунад?! Ба кам месозам ва даст пеши дигарон дароз намекунам. Саъдӣ достоне дар “Бӯстон” дорад, ки онро аз орифе нақл мекунад. Вале ин достон, ҳадис аст, ки ҳазрати амир аз ҷилави дӯкони қассобӣ мегузаштанд. Қассоб гуфт: гӯштҳои хубе овардаам. Ҳазрат фармуданд: алъон пул надорам, ки бихарам. Гуфт: ман сабр мекунам. Ҳазрат фармуданд: ман ба шикамам мегӯям, ки сабр кунад.
Ҳадиси дигаре аст аз ҳазрати Содиқ дар “Туҳафул-уқул”, ки ин низ марбут ба муошират аст. Мефармояд:

وَلا تَكُنْ فَظّا غَليظا يَكْرَهُ النّاسُ قُرْبَكَ

Яъне тундхӯ ва бадбархӯрд мабош, ки мардум нахоҳанд бо ту муошират кунанд.

وَلا تَكُنْ واهِنا يُحَقِّرُكَ مَنْ عَرَفَكَ

Ва худатро он қадр шулу паст нагир, ки ҳар кас туро мешиносад, таҳқират кунад. На фаззи ғализ бош ва на воҳин. Ин дуруст нуқтаи муқобили он чизе аст, ки дар ҷаласаи пеш аз Ибни Абилҳадид нақл кардем, ки ӯ аз яке аз машоҳири сӯфия нақл карда буд, ки ман дар се мавқеъ чӣ қадр хушҳол шудам, яке масалан ин ки дар киштӣ будем ва дунболи як масхара мегаштанд, ки масхарааш кунанд, маро пайдо карданд. Чун эҳсос кардам, ки ҳеч кас дар назари инҳо аз ман пасттар нест, хеле хушҳол шудам. Ин бар хилофи гуфтаи ислом аст. Ин ки инсон дар руҳи худ мутавозеъ бошад, ғайр аз ин аст, ки худро дар назари мардум паст қарор диҳад. Дар “Васоил” (*ч.2, с.203*) аз ҳазрати Содиқ алайҳиссалом ҳадисе нақл мекунад, ки амирулмӯъминин ҳамеша мефармуд:

لِيَجْتَمِعْ في قَلْبِكَ الاْفْتِقارُ اِلَى النّاسِ وَالاْسْتِغْناءُ عَنْهُمْ

Ҳамеша дар қалби худ ду ҳисси мутазоддро бо ҳам дошта бош: ҳамеша эҳсос кун, ки ба мардум ниёзмандӣ, яъне монанди як ниёзманд бо мардум рафтор кун ва ҳамеша эҳсос кун, ки аз мардум бениёзӣ ва монанди як бениёз ва беэътино бо мардум рафтор кун. Аммо ин амр дар они воҳид нисбат ба як чиз, ки намешавад, лобуд нисбат ба ду чиз аст. Худашон тавзеҳ медиҳанд:

فَيَكونُ افْتِقارُكَ إِلَيْهِمْ في لينِ كلامِكَ وَحُسْنِ بِشْرِكَ

Амммо он марҳилае, ки бояд монанди як ниёзманд рафтор кунӣ, дар нармии суханат аст ва дар ҳусни сират ва тавозӯъ ва ибтидо ба салом.

وَيَكونُ اسْتِغْناؤُكَ عَنْهُمْ في نَزاهَةِ عِرْضِكَ وَبَقاءِ عِزِّكَ

Ва он марҳилае, ки бояд бениёз бошӣ ва ҷойи тавозӯъ нест, дар ҳифзи обрӯ ва бақои иззати туст. Он ҷо, ки пойи ҳайсият ва шарафат дар миён аст, он ҷо, ки дидӣ, ки агар бихоҳӣ заррае нармиш нишон диҳӣ, ъирзу обрӯ ва иззати худатро аз даст медиҳӣ, дигар ҷойи ин нест, ки рафтори як ниёзмандро дошта бошӣ, балки бояд рафтори як беэътино

ва бениёзро дошта бошӣ. Ин таъбирот, таъбироте буд, ки мо таҳти унвони “иззат” доштем.

Баъзе таъбирот таҳти унвони “улувв” аст, боз мисли таъбири худ Қуръон:

وَلَا تَهِنُوا وَلَا تَحْزَنُوا وَأَنْتُمُ الْأَعْلَوْنَ إِنْ كُنْتُمْ مُؤْمِنِينَ

(*Оли Имрон/139*) Суст нашавед, маҳзун ҳам набошед, агар мӯъмин бошед шумо бартар аз ҳама хоҳед буд. Масъалаи улувв ва даъват ба он аст.

Таъбири дигар таъбири қувват ва нерӯмандӣ аст, аз навъи бозгашт ба нафс аст, вале ба шакли (эҳсоси қудрат дар худ.) Ҳадисе аз ҳазрати Имом Ҳусайн хондем, ки:

الصِّدْقُ عِزٌّ وَالْكِذْبُ عَجْزٌ

Дурӯғ гуфтан аз забунӣ аст, одами нерӯманд ҳаргиз дурӯғ намегӯяд. Ин, мутаваҷҷеҳ кардан ба ин нукта аст, ки инсон бояд дар худ эҳсоси нерӯ кунад ва ҳам ин ки дурӯғ ва ғайбат ва аз ин қабил, аз забунӣ аст, камо ин ки ҳадисе дар боби ғайбат дорем, ки:

الْغيبَةُ جُهْدُ الْعاجِزِ

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 453*) Яъне ғайбат кардан мунтаҳои кӯшиши нотавон аст; як одами нерӯманд ба худ иҷоза намедиҳад, ки пушти сари мардум ҳарф бизанад.

Дар ҳадиси дигаре ҳаст:

لِيَكُنْ طَلَبُكَ لِلْمَعيشَةِ فَوْقَ كَسْبِ الْمُضَيِّعِ

Дунболи рӯзӣ бош, вале дунболи рӯзӣ рафтани ту аз ҳадди касоне, ки худро тазйеъ мекунанд болотар бошад.

تَرَفَّعْ نَفْسَكَ عَنْ مَنْزِلَةِ الْواهِنِ الضَّعيفِ

Нафси худро бартар бигир аз ин ки дар мазҳари афроди сусту заъиф дароӣ. Мегӯяд, инсон бояд худаш ба дунболи рӯзии худ бошад. Дар инҷо масъалаи лузуми рафтан дунболи маишат, аз ҷанбаи ахлоқӣ рӯйи пояи қувват гузошта шуда ва нарафтан, ки матруду маҳкум аст, ба эътибори заъфу нотавонӣ дониста шудааст.

Нафосати нафс

Таъбири дигаре ҳаст ва он “нафосати нафс” аст, яъне руҳи инсон ба манзилаи як шайъи нафис талаққӣ шуда ва ахлоқи хуб ба унвони ашёъи мутаносиб бо ин шайъи нафис ва ахлоқи разила ба унвони ашёъи номутаносиб бо ин шайъи нафис, ки онро аз арзиш меандозад талаққӣ гардидааст. Дар ин таъбир, инсон дорои як сармояи бисёр пуразриш талаққӣ шуда, ки он ҳамон “худ”-и ӯст ва ба инсон мегӯянд, мувозиб бош, ки ин “худ”-ро аз даст надиҳӣ ё олуда накунӣ, зеро ин “худ” хеле боарзиш ва нафис аст.
Масалан, амирулмӯъминин дар номае, ки дар “Наҳҷул-балоға” аст, хитоб ба Имом Ҳасан мефармоянд:

أَكْرِمْ نَفْسَكَ عَنْ كُلِّ دَنِيَّةٍ

Нафси хешро аз ҳар пастӣ бузург бидор, бартар бидор.

فَإِنَّكَ لَنْ تَعْتاضَ بِما تَبْذُلُ مِنْ نَفْسِكَ عِوَضا

Он чи ки аз нафси худ бибозӣ, иваз надорад; нафси худро набоз, ки он, гавҳаре аст, ки онро бо ҳар чи муомила кунӣ, мағбун ҳастӣ.
Пас таъбир, таъбири нафосат ва боарзиш будан аст ва ин ки ин шайъи боарзишро, ки мофавқи ҳар арзише аст (яъне он қадр арзиш дорад, ки ҳеч чизе бо он баробарӣ намекунад), набояд аз даст дод. Мисли ин ки чизҳое, ки тамоми ҳайсияти як кишвар бастагӣ ба он дорад, барои он миллат мофавқи арзиш ва қимат аст, яъне ҳеч миллате — ҳарчанд ин ки аз фақр бихоҳад бимирад — ҳозир нест онҳоро муомила кунад, мисли баъзе аз осори нафиси илмӣ, адабӣ ва ҳатто завқӣ. Масалан масҷид Шайх Лутфуллоҳ барои Эрон арзише мофавқи арзишҳои моддӣ дорад.
Таъбири дигаре амирулмӯъминин доранд, мефармоянд:

لا دينَ لِمَنْ لا مُرُوَّةَ لَهُ

Он ки мардонагӣ надорад, дин надорад. (Дин аслан мардонагӣ шинохта шуда.)

وَلا مُرُوَّةَ لِمَنْ لا عَقْلَ لَهُ

Агар касе ақл ва ташхис надошта бошад, наметавонад (мурувват дошта ва) мард бошад.

وَإِنَّ أَعْظَمَ النّاسِ قَدْرا مَنْ لا يَرَى الدُّنْيا لِنَفْسِهِ خَطَرًا

Аз ҳамаи мардум боарзиштар ва баландмартибатар, он касе аст, ки тамоми дунёро барои баҳои худ кам медонад.

Ин “худ” чист, ки ҳамаи дунёро барои худ кам медонад, ки агар ҳамаи дунёро дар муқобили он бидиҳанд, ӯ худро бартар аз дунё ва мофиҳо медонад.

Таъбире аз ҳазрати Содиқ ҳаст дар як рубоӣ, ки як вақт дар ҷилди 12 “Биҳор” дидам. Рубоӣ аз худи эшон аст, ки ман ду мисроъи аввалшро ҳифз ҳастам:

أُثامِنُ بِالنَّفْسِ النَّفيسَةِ رَبَّها

وَلَيْسَ لَها فِي الْخَلْقِ كُلِّهِمْ ثَمَنٌ

Ман саман қарор медиҳам бо ин нафси бисёр пуразриш Худои ӯро. Дар ҳамаи махлуқоти Худо мавҷуде пайдо намешавад, ки арзишаш баробари нафс бошад.

Ғайрат

Таъбири дигар, таъбири “ғайрат” аст, яъне порае аз масоили ахлоқӣ ба ҳукми ин аст, ки ғайрати инсон иқтизо мекунад чунин бошад ё чунин набошад. Масалан, амирулмӯъминин мефармояд:

قَدْرُ الرَّجُلِ عَلى قَدْرِ هِمَّتِهِ

Ҳадду дараҷаи ҳар кас, ба дараҷа ва мизони ҳиммати ӯ бастагӣ дорад.

وَشَجاعَتُهُ عَلى قَدْرِ أَنَفَتِهِ

Ва шуҷоати ӯ ба он андозае аст, ки дар худ эҳсоси мардонагӣ кунад.

وَعِفَّتُهُ عَلى قَدْرِ غَيْرَتِهِ

Иффати ҳар кас баробар бо андозаи ғайрати ӯст. Яъне инсон ба ҳар андоза, ки нисбат ба номуси худ эҳсоси ғайрат кунад, нисбат ба номуси дигарон низ эҳтиром қоил аст, яъне ғайрати худаш иҷоза намедиҳад, ки ба номуси дигарон таҷовуз кунад. Аз ин рӯ дар таъбири дигаре фармуда:

ما زَنی غَیورٌ قَطُّ

Одамм боғайрат ҳаргиз зино намекунад. Яъне ҳар кас, ки зино кунад ва иффати дигареро поймол намояд, худаш ғайрат надорад.

Таъбири дигар дар ин замина, калимаи “ҳуррият” аст, ҳуррият ва озодӣ ва озодагӣ. Амирулмӯъминин мефармояд:

لا تَكُنْ عَبْدَ غَيْرِكَ وَقَدْ جَعَلَكَ اللهُ حُرّا

Бандаи дигаре мабош, зеро Худо туро озод офаридааст.

Таъбироте ҳам дар бораи “каромати нафс” аст, мисли:

مَنْ كَرُمَتْ عَلَيْهِ نَفْسُهُ هانَتْ عَلَيْهِ شَهَواتُهُ

Он касе, ки нафси худро бузург эҳсос кунад, шаҳавот наметавонад бар ӯ мусаллат шавад. Ҳазрати Ҳодӣ мефармояд:

مَنْ هانَتْ عَلَيْهِ نَفْسُهُ فَلا تَأْمَنْ شَرَّهُ

Битарс аз он одаме, ки худаш назди худ хор аст, яъне пеши худ эҳсоси шараф намекунад.

Оё таноқуз аст?

Тамоми инҳо таъбироте аст, ки навъе таваҷҷӯҳ додан ба “худ” аст. Аз тарафе, дар худи таълимоти исломӣ таълимоти дигаре мебинем, ки онҳоро бештар аз инҳо мешиносем ва нуқтаи муқобили инҳо талаққӣ мешаванд. Масалан, вақте мегӯем, иззати нафс, пас бо тавозӯъ чӣ кунем? Магар тавозӯъ ғайр аз тазаллул аст? Агар биност, ки иззати нафси худро ҳифз кунем, пас набояд мутавозеъ бошем. Оё иззати нафс бар зидди тавозӯъ аст ё на? Ҳамчунин аст улувви нафс. Мебинем, дар Қуръон аз як тараф мефармояд:

وَأَنْتُمُ الْأَعْلَوْنَ إِنْ كُنْتُمْ مُؤْمِنِينَ

Вале дар ҷойи дигар, иродаи улуввро мазаммат мекунад, мефармояд:

تِلْكَ الدَّارُ الْآخِرَةُ نَجْعَلُهَا لِلَّذِينَ لَا يُرِيدُونَ عُلُوًّا فِي الْأَرْضِ وَلَا فَسَادًا وَالْعَاقِبَةُ لِلْمُتَّقِينَ

(*Қасас/83*) Ё масалан дар боби қувват ва заъф, мо то ба ҳол ҳар чи шунидаем, дар бораи заъф буда.

Саъдӣ мегӯяд:

Ман он мӯрам, ки дар поям бимоланд,

На занбӯрам, ки аз дастам биноланд.

Куҷо худ шукри ин неъмат гузорам,

Ки зӯри мардумозорӣ надорам.

Ин дигар болотарин неъмат аст, ки наметавонам мардумозорӣ кунам!

Ё дар мавриди нафосати нафс, магар нафс ҳамон шайъи палиде нест, ки ташбеҳ ба саг ва ҳар мавҷуди палиде шудааст? Пас чӣ тавр дар инҷо ба унвони як шайъи нафис муаррифӣ мешавад? Ва ҳамин тавр аст таъбироти дигар аз қабили ҳуррият, каромат ва амсоли инҳо. Ва асосан магар на ин аст, ки дар ислом ҷиҳод бо нафс тавсия шуда? Нафс, ки биност бо ӯ ҷиҳод бишавад ва ба чашми як душман ба ӯ нигариста шавад ва Пайғамбари Акрам фармуд:

أَعْدى عَدُوِّكَ نَفْسُكَ الَّتي بَيْنَ جَنْبَيْكَ

(*“Маҳаҷҷатул-байзо”, ҷ.5, с.6*) Нафси ту душмантарини душманони туст! Пас чӣ тавр дар инҷо ин қадр мӯҳтарам шумурда шуда? Ҳамон, ки бояд бо ӯ мубориза кард.[31] Ё мебинем уҷб мазмум аст. Уҷб магар ғайр аз худбинӣ ва худбузургбинӣ ва худхуббинӣ аст? Ва ҳамин тавр такаббур, ки худбузургбинӣ аст. Инҳо бо он таъбирот чӣ гуна ҷур меояд? Оё танқуз аст? Ё на, танқуз нест, инсон дорои ду “худ” аст. Як “худ”, ки хуб дидани ӯ уҷб аст, бузург дидани ӯ кибр аст, хостани ӯ худхоҳӣ ва мазмум аст, бо ӯ бояд

---

[31] *“Куштани нафс” дар аҳодис наёмада ва таъбире ирфонӣ аст, вале “мухолифат бо нафс” насси ояти Қуръон аст:*

فَأَمَّا مَنْ طَغَى. وَآثَرَ الْحَيَاةَ الدُّنْيَا. فَإِنَّ الْجَحِيمَ هِيَ الْمَأْوَى. وَأَمَّا مَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِ وَنَهَى النَّفْسَ عَنِ الْهَوَى. فَإِنَّ الْجَنَّةَ هِيَ الْمَأْوَى

(Нозиъот/37-41) ё дар сураи Юсуф, ояти 53 мефармояд:

وَمَا أُبَرِّئُ نَفْسِي إِنَّ النَّفْسَ لَأَمَّارَةٌ بِالسُّوءِ إِلَّا مَا رَحِمَ رَبِّي

“Барӣ намедорам нафсамро, ки нафс амркунанда аст ба бадӣ, магар он ки раҳм кард парвардигорам…”

ҷиҳод кард, ба ӯ бояд ба чашми як душман нигоҳ кард ва бо ҳавоҳои ӯ бояд мубориза кард. Ва як “худ”-и дигар, ки бояд онро азизу мукарраму мӯҳтарам дошт, бояд ҳуррият ва озодиашро ҳифз кард, бояд қуввату қудраташро ҳифз кард ва олуда ба заъфаш накард. Аммо ду “худ”-ро чӣ гуна метавон тавҷеҳ кард? Оё ин ки инсон дорои ду “худ” аст, яъне ҳар кас ду “ман” дорад?

Шак надорад, ки ҳар касе як “ман” аст, на ду “ман” ва ин қобили қабул нест, ки бигӯем, инсон (дучори) тааддуди шахсият аст. Дар равоншиносӣ номи як бемориро “тааддуди шахсият” гузоштаанд, вале ҳамон бемор ҳам воқеан ду шахс нест. Агар ду шахс бошад, ҳар кадом ба роҳи худ меравand. Як шахси номутаъодилро гоҳе мегӯянд, ки ба бемории тааддуди шахсият дучор шуда, вагарна воқеан ӯ тааддуди шахсият надорад. Инсон, ки воқеан дорои ду “худ” нест, пас лобуд чизи дигаре аст.

Инсон дорои ду “худ” ба ин маъност, ки дорои як “худ”-и воқеӣ ва ҳақиқӣ ва як “худ”-и маҷозӣ аст, ки он “худ”-и маҷозӣ “нохуд” аст. Ва мубориза бо нафс, ки мо мегӯем, мубориза бо “худ”, дар воқеъ муборизаи “худ” бо “нохуд” аст.

Мо як “худ” дорем ба унвони як “худ”-и шахсӣ ва фардӣ, яъне он гоҳ, ки ман мегӯям, “ман”, он вақтест, ки худамро дар баробари “ман”-ҳои дигар қарор медиҳам ва дар воқеъ “ман”-ҳои дигарро нафй мекунам: ман, на шумо. Чизеро барои ин худ хостан, яъне барои ин шахс дар муқобили ашхоси дигар ва аҳёнан бар зидди ашхоси дигар. Ҳар андоза, ки “худ”-и инсон ҷанбаи шахсӣ ва фардӣ ва ҷудоӣ аз “худ”-ҳои дигар пайдо кунад, марбут ба “нохуд”-и ӯст, яъне марбут ба ҷанбаҳои баданӣ ва тан аст.

Вале инсон дар ботини зоти худ ҳақиқате дорад, ки аслан ҳақиқати аслии зоташ ӯст ва инҳои дигарро, ки ба унвони “худ” эҳсос мекунад, дар воқеъ “нохуд”-ро “худ” эҳсос мекунад. Ӯ ҳамон чизе аст, ки Қуръон аз ӯ ба баёни:

فَإِذَا سَوَّيْتُهُ وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي

(*Ҳиҷр/29*) таъбир мекунад, яъне як ҳақиқате аст, на аз синхи модда ва табиат, балки аз синхи малакут ва қудрат ва аз синхи олами дигар. Ба он “худ” тавоҷҷӯҳ кардан, яъне ҳақиқати инсонияти хешро дарёфтан ва шуҳуд кардан. Вақте инсон ба ӯ тавоҷҷӯҳ мекунад, онро ба унвони маҳзи ҳақиқат дармеёбад, чун ҷавҳари ӯ ҷавҳари ҳақиқат аст ва бо ботил ва зидди ҳақиқатҳо ва пучҳо ва адамҳо носозгор аст. Ӯ чаро бо ростӣ созгор аст? Чун ростӣ ҳақиқат аст. Ва дурӯғ чун пучӣ ва нестӣ ва беҳақиқатӣ аст, бо ӯ носозгор аст. Аслан ҷинсаш бо дурӯғ носозгор аст. Ӯ аз синхи қудрат ва малакут аст, пас бо аҷзу заъфу забунӣ носозгор аст; аз синхи илм аст, бо ҷаҳл носозгор аст; аз синхи нур аст, бо

зулмат носозгор аст; аз синхи ҳуррият ва озодӣ аст, чун мани воқеии инсон озод аст. Ӯ чун аз ҷавҳари ирода ва ҳуррият ва озодӣ аст, пас бо зидди озодиҳо ва зиллат ва бардагӣ — аъамм аз ин ки инсон бихоҳад бардаи инсони дигаре бошад ё бардаи шаҳавоташ, ки нохуди ӯст — носозгор аст.

Аз синхи қадосат яъне таҷарруд ва моварои хокӣ будан аст; бо олудгиҳои хокӣ ва табиӣ, ки инсон бихоҳад асири табиат бошад, носозгор аст.

Бинобар ин, таваҷҷӯҳ ба “ман” ба унвони як фард, ки алъон дорам зиндагӣ мекунам дар муқобили афроди дигар — ки ҷангҳо ҳама ба хотири ин аст — ё ба қавли урафо “ман” ба унвони як тан ва он чи аз шъуни ин тан аст: хӯрдан, хобидан, шаҳавоти ҷинсӣ ва ҳар чи ки марбут ба ҳаёти ин тан аст, оре, таваҷҷӯҳ ба “ман” ба ин унвон мазмум аст ва он мане, ки бояд онро таҳти контрол даровард ва ба чашми як душман ба ӯ нигарист, ки ихтиёрро аз инсон нагирад ва ба чашми як навкаре, ки як вақт чашми арбобро ғофил набинад; мане аст, ки дар муқобили афроди дигар қарор мегирад.

Вале он “ман”, ки таҳти унвони иззати нафс, қуввати нафс, каромати нафс, шарофати нафс, ҳуррияти нафс аз ӯ ёд шуда, дигар ман ва мо дар ӯ вуҷуд надорад. Ӯ ҳамон ҷавҳари қудсии илоҳӣ аст, ки дар ҳар касе ҳаст ва лузуме надорад, ки касе онро ба касе дарс бидиҳад. Ҳар касе агар ба ботини зоти худ муроҷеа кунад, мебинад як силсила сифот бо ӯ мутаносиб аст ва ҷур меояд ва як силсила сифотро дуни шаъни худ ва пастӣ ва ҳақорат медонад ва ҳамон тавр, ки агар як тоблуи нафисеро дохили зуболаҳо биндозанд, эҳсос мекунад, ки ҷойи ин тоблу он ҷо нест, вақте, ки худашро олуда мебинад, эҳсос мекунад, ки ин олудагӣ шоистаи ӯ нест. Он “ман” маънност ва дар муқобили маъонӣ қарор мегирад, ин “ман” як фард аст ва дар муқобили афроди дигар қарор мегирад. Ин “ман” мехоҳад ҳисоби худашро аз афрод ҷудо кунад, ба ӯ мегӯянд: ин корро накун; он “ман” мехоҳад худро аз маъоние, ки дуни шаъни ӯст ҷудо кунад, ба ӯ мегӯянд: ин корро бикун.

Пас тазодд ва мунофоте миён ин ду таъбир нест, ки аз тарафе ба мо дастури муҷоҳидаи нафс ва тазкияи нафс додаанд ва нафсро ба ин шакл муаррифӣ кардаанд, ки:

وَاجْعَلْ نَفْسَكَ عَدُوّا تُجاهِدُهُ

Ба нафсат ба чашми як душман нигоҳ кун, ки бо ӯ мубориза мекунӣ, ҳамеша ба ӯ бадбин бош:

إِنَّ الْمُؤْمِنَ لا يُصْبِحُ وَلا يُمْسي اِلاّ وَنَفْسُهُ ظَنونٌ عِنْدَهُ

Нафси мӯъмин назди ӯ мавриди бадгумонӣ аст. Ва аз тарафи дигар мегӯянд, нафси худатро бишнос, нафси худатро мӯҳтарам бидор, мукаррам бидор, азиз бидор, иззаташро ҳифз кун, шарофаташро ҳифз кун, караматашро ҳифз кун, ҳурриятаташро ҳифз кун. Ин, он гавҳари шарифи инсоният инсон аст, ки як ҳақиқате аст ва дар ҳар касе ин бориқаи илоҳӣ вуҷуд дорад ва ин аст, ки дар бораи он фармуда:

فَإِذَا سَوَّيْتُهُ وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي

Ӯ аз синхи оламе аст бартар аз ин олам.
Пас, миёни ин ду талоқе вуҷуд надорад.

Решаи илҳомоти ахлоқӣ

Қабл аз ин ки баҳси имшабро шурӯъ кунем, чанд ҳадисе дар татиммаи аҳодисе, ки дар ҷаласаи гузашта қироат кардем — ва дар таъйиди онҳо — зикр мекунем, то маълум шавад, ки чӣ руҳе дар дастурҳои ахлоқии исломи ҳаст ва махсусан ҳамон масъалаи эҳсоси иззату карамат то чӣ андоза мавриди таваҷҷӯҳи нусуси исломӣ аст. Ҳадисе аст дар “Туҳафул-уқул” (*сафҳаи 279*) аз Имом Саҷҷод алайҳиссалом, ки фармуд:

طَلَبُ الْحَوائِجِ إِلَى النّاسِ مَذَلَّةٌ لِلْحَياةِ وَمُذْهِبَةٌ لِلْحَياءِ وَاسْتِخْفافٌ بِالْوَقارِ وَهُوَ الْفَقْرُ الْحاضِرُ

“*Дасти ҳоҷат назди мардум дароз кардан зиндагиро пасту хор мекунад ва ҳаё ва шарму озармро аз байн мебарад, виқору сангиниро кам мекунад ва ҳамин худ фақри нақд аст*.” Яъне фақр мунҳасир ба надоштани пул нест. (Фақр яъне ниёз. Надоштани пул, ниёз ва фақр аст). Изҳори ин ниёзҳо ҳам айни фақр аст.

وَقِلَّةُ طَلَبِ الْحَوائِجِ إِلَى النّاسِ هُوَ الْغِنَى الْحاضِرُ

“*Ба ҳар нисбат, ки инсон камтар дасти ҳоҷат пеши мардум дароз кунад, ба навъе ғино ва бениёзии нақд ноил шудааст*.”
Руҳи ин ҷумла ин аст, ки фақру ғино мунҳасир ба фақру ғинои молӣ нест; бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки фақру ғинои дигаре ҳам дар кор аст ва инсон набояд иштибоҳ кунад, ки барои рафъи фақри молӣ, худро ба фақри дигаре мубтало кунад ва бояд арзиши ғинои маънавиро болотар аз арзиши ғинои молӣ бидонад.

Ҷумлае дар “Наҳҷул-балоға” ҳаст, ки мефармояд:

ما أَحْسَنَ تَواضُعَ الأَغْنِياءِ لِلْفُقَراءِ طَلَبًا لِما عِنْدَ اللهِ

Чӣ қадр некӯст тавозӯъ ва фурӯтании сарватмандон дар муқобили ниёзмандон ба хотири Худо.

وَأَحْسَنُ مِنْهُ تيهُ الْفُقَراءِ عَلَى الأَغْنِياءِ اتِّكالاً عَلَى اللهِ

Ва беҳтар аз он, такаббури фуқарост (яъне беэътиноии онҳо) дар муқобили ағниё ба ҳукми иттико ба Ҳақ.

Инҷо масъалае, ки аз он таъбир ба “тиҳ” шуда, мафҳуме тақрибан мусовӣ бо тафохур ва ё такаббур дорад. Вале албатта мақсуд такаббур ба он маънои мазмум нест, манзур ҳифзи шахсият аст ва ба хотири ғино ва сарват сар фуруд наёвардан, балки гарданфарозӣ доштан, яъне сарвати дигарӣ гарданашро кач ва камарашро хам накунад. Мефармояд: аз тавозӯъи ағниё зеботар ва некӯтар, беэътиноии фуқарост нисбат ба ағниё ба ҳукми иттико ва иттикол ба Ҳақ.

Боз инҷо мехоҳад як навъ ҳисси шарофати нафс ва иззати нафс ва каромати нафсро бедор кунад ва дар воқеъ навъе ҳамоса эҷод кунад.

Дар ҳикмати 2 “Наҳҷул-балоға” аст, ки:

اَلْبُخْلُ عارٌ وَالْجُبْنُ مَنْقَصَةٌ وَالْفَقْرُ يُخْرِسُ الْفَطِنَ عَنْ حُجَّتِهِ وَالْمُقِلُّ غَريبٌ في بَلْدَتِهِ وَالْعَجْزُ آفَةٌ وَالصَّبْرُ شَجاعَةٌ وَالزُّهْدُ ثَرْوَةٌ وَالْوَرَعُ جُنَّةٌ

Дар инҷо бухлу имсок, ҷубн, фақр (тиҳидастӣ) ва нотавонӣ нафй шудааст — ки далоили онро мегӯям — ва сабр, зуҳд ва вараъ исбот шуда ба далоили дигар. Далоиле, ки онҳоро нафй мекунад ва далоиле, ки инҳоро исбот мекунад, ҳама бар меҳвари эҳсоси шахсияти инсон барои худ ва бар меҳвари эҳсоси иззат ва каромат аст. Бухл, нанг аст, яъне одаме, ки аз нанг ибо дорад, набояд муртакиби бухл шавад. Намегӯяд, инсон бояд бар зидди худхоҳӣ амал кунад ва нангу орро бештар таҳаммул намояд, то нафсро бештар кӯбида бошад, балки дар ҷиҳати хилоф мегӯяд. Ҷубн, нақс аст барои инсон, яъне инсон набояд ин нақс ва камбуд ва костиро таҳаммул кунад. Фақр ва ниёзмандӣ одами боҳушро дар истидлолаш гунг мекунад, яъне агар инсон дар баён хеле қавӣ ҳам бошад, вақте, ки фақир аст ва ниёзманд, дар муқобили як бениёз, ки мехоҳад ҳарф бизанад, забонаш банд меояд.

Пас фақр ба ин далел, ки инсонро кучак мекунад, бад аст.

الْمُقِلُّ غَريبٌ في بَلْدَتِهِ

(“Муқилл” яъне касе, ки кам дорад) одаме, ки тиҳидаст аст (тиҳидаст бо ниёзманд фарқ мекунад), дар шаҳри худаш ҳам ғариб аст. Аҷзу нотавонӣ барои инсон офат аст, на камол. Дар муқобил, сабр шуҷоати инсон аст, хештандорӣ нерӯ ва қувват аст. Зуҳд сарват аст, яъне як навъ сарват, зуҳд доштан аст, ки инсон ба дигарон мӯҳтоҷ набошад. Сарватро инсон барои чӣ мехоҳад? Барои бениёзӣ. Худи зуҳд варзидан навъе бениёзӣ барои инсон эҷод мекунад.

وَالْوَرَعُ جُنَّةٌ

Ва порсоӣ сипари инсон аст.
Ин ҳадис ҷузъи он аҳодисе аст, ки таҳти унвони “иззат” баён кардем. Баъзе аҳодисро таҳти унвони “нафосат” баён кардем.
Ҳадисе аз Имом Саҷҷод алайҳиссалом нақл шуда, ки аз эшон суол шуд:

مَنْ أَعْظَمُ النّاسِ خَطَرًا

Аз ҳама мардум муҳимтар ва бошахсияттар кист?

قالَ: مَنْ لَمْ يَرَ الدُّنْيا خَطَرًا لِنَفْسِهِ

Он касе, ки тамоми дунёро бо нафси худ баробар намебинад. Яъне барои нафси худ иззат ва шарофате қоил аст, ки агар тамоми дунёро дар як каффаи тарозу бигузоранд ва шарофат ва каромати нафсро дар каффаи дигар, ҳозир ба муомила нест.
Аҳодисе дар боби каромат хондем, аз ҷумла ҳадисе аз “Туҳафул-уқул” аз ҳазрати Саҷҷод алайҳиссалом, ки фармуд:

مَنْ كَرُمَتْ عَلَيْهِ نَفْسُهُ هانَتْ عَلَيْهِ الدُّنْيا

Ҳар ки нафси ӯ барояш бузургвор буд, дунё дар назараш кучак мешавад. Ҳамеша инсон дар муқобили чизе, ки дорад, он чи ки надорад (ва камарзиштар аст) барояш беаҳаммият аст. Инсон агар чизе надошта бошад, ҳама чиз наметавонад барои ӯ беаҳаммият бошад. Вале вақте як шайъи беҳтар ва азимтареро дорад, он чи надорад барояш муҳим нест.

Мехоҳад бифармояд, ки инсон агар каромати нафси худашро дарёбад ва эҳсос кунад, тамоми дунё дар назараш хору кучак аст.

Дар “Наҳҷул-балоға”, хутбаи 85 ду ҷумла аст, ки боз бар ҳамин масъалаи каромат ва иззат такя дорад ва (муфоди он ин аст), ки ростӣ ва ростгӯй, шараф ва каромат аст барои башар ва дурӯғ суқут ва пастӣ:

الصّادِقُ عَلى شَفا مَنْجاةٍ وَكَرامَةٍ، وَالْكاذِبُ عَلى شُرُفِ مَهْواةٍ وَمَهانَةٍ

Ростгӯ мушриф бар наҷот ва каромат ва бузургворӣ аст ва дурӯғгӯ дар партгоҳи хорӣ ва суқут.

Дар худи Қуръон ду оят дорем, ки комилан матлабро равшан мекунад:

وَلَا تُطِعْ كُلَّ حَلَّافٍ مَهِينٍ. هَمَّازٍ مَشَّاءٍ بِنَمِيمٍ

(*Қалам/10-11*) Сухани афроди зиёд савгандхӯри пастро гӯш макун. Такя рӯйи маҳонат ва пастӣ аст ва дар воқеъ шояд мегӯяд, ки зиёд савганд хӯрдан ношӣ аз пастӣ аст. Инсоне, ки дар худ эҳсоси иззат кунад, пуштвонаи ҳарфашро ин қадр савганд қарор намедиҳад ва аз ин рӯ савганд хӯрдан, дурӯғаш ҳаром аст, росташ ҳам амри макрӯҳе аст.

Ва аз ин сареҳтар ояти:

وَلَقَدْ كَرَّمْنَا بَنِي آدَمَ وَحَمَلْنَاهُمْ فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ وَرَزَقْنَاهُمْ مِنَ الطَّيِّبَاتِ وَفَضَّلْنَاهُمْ عَلَى كَثِيرٍ مِمَّنْ خَلَقْنَا تَفْضِيلًا

(*Исро/70*) аст. Мо мукаррам доштем Банӣ Одамро.

Гиромӣ доштан ду ҷур аст. Як вақт мисли гиромӣ доштани инсоне аст инсони дигарро. Ин бармегардад ба як амри қарордодӣ ва эътиборӣ. Масалан, вақте, ки шумо ворид бар манзили ман мешавед, ман ду ҷур аксуламал метавонам дошта бошам: яке ин ки чандон эътиное ба омадану рафтани шумо накунам ва дуввум ин ки бо шумо дар амал мӯҳтарамона рафтор кунам ва тавозӯъ намоям. Вале вақте, ки Худо мегӯяд:

وَلَقَدْ كَرَّمْنَا

— маълум аст, ки мақсуд ин нест, ки дар як муошират, ки бо инсон доштем, ӯро эҳтиром кардем ва болодасти мавҷудоти дигар нишондем. Мақсуд ин аст, ки мо дар хилқат ва офариниш, ӯро мукаррам қарор додем. Яъне ин каромат ва шарофат ва бузургвориро дар

сиришт ва офариниши ӯ қарор додем, аслан каромат ва иззат ва бузургворӣ ҷузъе аз сиришти инсон ва дар сиришти инсон аст. Ин аст, ки инсон агар худро ончунон, ки ҳаст биёбад, каромат ва иззатро меёбад.

Инҳо чизҳое буд, ки ба унвони таъйиди он чи ки дар ҷаласоти гузашта гуфтем, овардем.

Лаззоти моддӣ ва лаззоти маънавӣ

Дар такмили ин матлаб бояд бигӯям, масъалае аз қадим барои башар матраҳ буда ба номи модда ва маъно. Умурро тақсим мекардаанд ба умури моддӣ ва умури маънавӣ. Феълан мақсуд аз умури маънавӣ умури муҷарради мовароуттабиа (Худо ва фариштагон ва ғайра) нест. Дар матни ҳамин зиндагии дунёии инсон, ду силсила масоил вуҷуд дорад: 1) моддӣ; 2) маънавӣ. Ва яке аз тафовутҳои инсон ва ҳайвон дар ҳамин аст, ки дар матни зиндагии инсон масоиле матраҳ аст, ки маҳсусу малмус нест, дорои ҳаҷму вазн нест, вале вуҷуд дорад, мисли ҳамин чизҳое, ки зикр шуд. Ҳамеша барои башар ин масъала матраҳ буда, ки озодагӣ чист.

Қарор дар кафи озодагон нагирад мол,

На сабр дар дили ошиқ, на об дар ғирбол.

(*Саъдӣ*)

Он чи ки башар барояш арзишу қимат қоил буда, мунҳасир ба умури моддӣ ва ҷисмонӣ, умури маҳсус, умуре, ки ҳаҷме дорад ва вазне ва ба истилоҳ, муштпуркун аст, нест. Обу нон барои инсон боарзиш аст, вале чизҳои дигаре ҳам арзиш дорад, мисли озодагӣ, озодии иҷтимоӣ ва озодии ақида. Озодии ақида барои инсон як арзиши хоссе дорад, ки ман ҳар ақидаеро, ки дилам мехоҳад ихтиёр кунам ва баъд ҳам дар ақидаи худам озод бошам, яъне касе ба хотири ақидаам музоҳими ман нашавад. Уламои қадим инҳоро ба ҳамин таъбири “умури маънавӣ” баён мекарданд. Инсон аз найл ба аҳдофи моддии худ лаззат мебарад ва аз найл ба аҳдофи маънавии худ низ лаззат мебарад ва аз ин рӯ лаззатҳои инсон ду гуна мешавад: лаззатҳои моддӣ ва лаззатҳои маънавӣ. Мутақобилан ранҷҳои инсон ҳам ду гуна мешавад, ки аз нарасидан ба ҳадафҳои моддӣ ё маънавӣ ва ё аз расидан ба зидди онҳо ҳосил мешавад: ранҷҳои моддӣ ва ранҷҳои маънавӣ.

Дар равоншиносӣ ҳам чунин тафсир мекунанд ва аз лаззоти моддӣ ва лаззоти маънавӣ ва олом ва ранҷҳои моддӣ ва олом ва ранҷҳои маънавӣ сухан мегӯянд ва миёни инҳо фарқ мегузоранд, ки масалан лаззоти моддӣ узвӣ аст яъне ба як узви хосс бастагӣ дорад ва ба илова, бо як омили моддии хориҷӣ иртибот дорад, яъне дар асари талоқӣ ва тамос бо як омили хориҷӣ пайдо мешавад, мисли лаззати хӯрдан, ки аввалан ба узв бастагӣ

дорад (яъне инсон онро дар як узви муайян эҳсос мекунад, дар зоиқааш эҳсос мекунад ва масалан дар кафи дасташ эҳсос намекунад) ва ба илова, шайъе бояд бошад, ки рӯйи забони инсон қарор гирад, то ин феълу инфиъол эҷод шавад ва лаззат даст диҳад. Аммо лаззатҳои маънавӣ аввалан ба узв бастагӣ надорад, маҳал надорад, намешавад як ҷойеро нишон дод, ки инҷо маҳалли ин лаззат аст ва сониян мавкул ба ин нест, ки омиле аз хориҷ бо инсон талоқӣ пайдо кунад.

Басо ҳаст худи як фикр ба инсон лаззат медиҳад, мисли лаззати ифтихоре, ки ба барандаи як мусобиқа даст медиҳад. Фарз кунем, як касе ба унвони беҳтарин ҳунарманд ё нависанда шинохта мешавад, иттилоъ пайдо мекунад, ки дар фалон ҷо аз ӯ ситоиш кардаанд; дар худ эҳсоси лаззат мекунад. Набояд гуфт, ки ин ҳам омили хориҷӣ дорад ва ӯ шунида. Ин шунидан василаи иттилоъи ӯст. Лаззаташ лаззати гӯш нест мисли лаззате, ки аз мусиқӣ мебарад. Ин лаззат дар куҷост? Дар босира аст? Дар сомеъа? Зоиқа? На, ӯ бо тамоми вуҷуд ва дар тамоми вуҷуд эҳсоси лаззат мекунад бидуни ин ки битавонад нуқтаеро нишон диҳад ё лоақал битавонад феълан эҳсос кунад, ки ин, он нуқта аст, ки дорад лаззат мебарад.

Ба ҳар ҳол, умури моддӣ ва умури маънавӣ барои инсон матраҳ буда. Фалосифа эътиқод доранд, ки лаззот се қисм аст: 1) лаззоти ҷисмӣ; 2) лаззоти ақлӣ; 3) лаззоти восита ё ваҳмӣ, ки дастаи ахир дар муқобили лаззоти ақлӣ ҳақир аст ва инсон бояд ба дунболи лаззоти ақлӣ бошад, на ваҳмӣ. Ин аст, ки дар дастурҳои ахлоқии онҳо лаззоти ҷисмӣ тақрибан маҳкум аст, яъне ташвиқ намешавад, вале ба таври қатъ лаззоти ваҳмӣ ҷузъи лаззоти ҷисмӣ ва ҳиссӣ нестанд.

Решаи арзиш

Инҷо масъалаи дигаре тарҳ мешавад: башар, ки ин умурро мехоҳад ва ба онҳо алоқа дорад, пас ночор барои онҳо як арзише қоил аст. Арзиш ҳамин аст, ки мо дар истилоҳи худамон мегӯем: қимат, баҳо.

Ҳоло арзиш аз куҷо пайдо мешавад ва чаро як чиз арзиш дорад? Агар чизе ба ҳар навъе муфид бошад ва манзуреро таъмин кунад ва камоле барои як дараҷа аз дараҷоти вуҷуди инсон ва як қувва аз қуввахои инсон бошад ва аз тарафи дигар ройгон набошад, яъне ба соддагӣ дар дастраси ӯ набошад ва қобили инҳисор ҳам бошад, инҷо арзиш пайдо мешавад. Ҳаво арзиш надорад, чаро? Зеро аввалан ройгон аст, яъне ба андозае, ки ҳама аз он истифода кунанд, вуҷуд дорад ва сониян қобили моликият ва инҳисор нест. Вале

дар мавриди замин чунин нест; иддае заминҳоро ба худ ихтисос медиҳанд ва дигаронро маҳрум мекунанд ва аз инҷо арзиш ба вуҷуд меояд.

Умури маънавӣ ҳам ба ҳамин далел арзиш пайдо мекунад. Ва фарз ин аст, ки ба ҳамон далеле, ки инсон билфитра ба сӯйи умури моддӣ кашиш дорад — ки далели он ҷуз хилқат чизи дигаре нест — ба умури маънавӣ ҳам кашиш дорад. Ин аст, ки мо умури маънавиро дорои арзиш медонем, вале арзиши маънавӣ. Масъалаи “инсоният” ба ин далел матраҳ мешавад, ки арзишҳои маънавӣ аз мухтассоти инсон аст ва арзишҳои моддӣ аз мухтассоти инсон нест. Инсонияти ҳар инсоне ба ин аст, ки арзишҳои маънавӣ дар ӯ нерӯманд бошад ва ба ҳар миқдор, ки ӯ бештар пойбанди арзишҳои маънавӣ бошад, мо ӯро дар инсоният комилтар мешуморем.

Қудамои мо, ки ин масоилро ба ин шакл тарҳ мекарданд, рӯйи як силсила мабонӣ тарҳ мекарданд, ки қаҳран ба бунбасте ҳам бархӯрд намекард. Вале имрӯз фарангиҳо ин масъаларо ба шакли дигаре тарҳ кардаанд ва ба ҳамин далел дучори бунбаст шудааст; ҳам худашон ба бунбаст расидаанд ва ҳам башариятро дучори бунбаст кардаанд. Омадаанд миёни умури моддӣ ва умури маънавӣ ва низ миёни манфиат ва арзиш тафкик кардаанд, гуфтаанд: як чизҳое барои инсон нофеъ аст ва як чизҳои барои инсон нофеъ нест, вале инсон барои онҳо арзиш қоил аст. Дастаи аввал, умури моддӣ аст. Дастаи дуввум, бо вуҷуде, ки мисли дастаи аввал нофеъ нест, вале инсон барои онҳо арзиш қоил аст. Мегӯем, чаро? Чӣ тавр чизе, ки бо воқеияти вуҷуди инсон иртибот надорад ва камолафзо ба инсон нест ва инсон биззот ҷӯёи он намебошад, барои инсон арзиш дорад? Решаи арзишҳоро чӣ гуна ироа медиҳед? Вақте ман чизе бароям нофеъ аст, дунболаш меравам. Вале як чизе, ки асосан барои хайри ман, барои саодати ман, барои камоли ман ҳеч нафъе надорад, ман арзиш барояш қоил бошам? Ва баъд ҳам барои ман камоли инсонӣ шумурда шавад ва дигарон биёянд онро таҳсин кунанд? Як умури фарзӣ ва хаёлӣ ва қарордодӣ.

Иллат ин аст, ки инҳо намехостанд миёни модда ва маъно тафкик кунанд, яъне нахостанд дар муқобили модда ба маъное қоил шаванд ва нахостанд барои воқеияти инсон як маънавияте қоил шаванд ва бигӯянд, одамӣ шикам дорад, як моварои шикам ҳам дорад; барои он чи ки шикамаш ниёз дорад, арзиш қоил аст, барои он чи ҳам, ки моварои шикамаш ниёз дорад, арзиш қоил аст. Онҳо намехостанд моварои ин қувваи моддӣ ба қувваи дигаре қоил шаванд. Дидаанд зоҳиран барои инсон ҷуз ин бунияи моддӣ чизи дигаре нест; он чиро, ки барои бунияи моддиаш муфид аст ба ҳисоб овардаанд, вале чизе, ки барои бунияи моддиаш муфид нест, хостанаш зидди мантиқ аст ва он гоҳ

исмгузорӣ кардаанд, ки инсон барои ин даста умур арзиш қоил аст. Ҳол решаи ин арзиш чист? Ҷавоб надорад.

Баъзе омадаанд, гуфтаанд: мо ба кори худамон арзиш медиҳем; мо худ арзишро меофаринем. Магар арзиш офаридани ва қарордодӣ аст?! Чизе, ки мо метавонем биёфаринем, қарордодҳо ва эътиборҳост. Магар ин як амри қарордодӣ аст, ки мо бечиҳат барои чизе арзиш биёфаринем?! Арзиш ва манфиат ҳар ду аз як мақулаанд, яъне аз як ҷиҳат як ҷур ҳастанд, ҳар ду бо воқеияти инсон иртибот доранд, яъне инсон ба дунболи хайр ва камоли худ меравад ва чорае аз ин надорад. Мунтаҳо инсон танҳо ин буняи моддӣ нест; хайри моддӣ барои ӯ навъе арзиш дорад, хайри маънавӣ навъе дигар. Мо ба ҷойи ин ки бигӯем манфиат (суд) ва арзиш, мегӯем, модда ва маъно ё арзиши моддӣ ва арзиши маънавӣ ва ҳарфи мантиқӣ ҳамин аст ва ин ки дунёи имрӯзро дунёи тазалзули арзишҳо номидаанд барои ин аст, ки ҳам мехоҳанд решаи арзишҳоро бизананд ва ҳам мехоҳанд арзишро ба башар бидиҳанд ва ин таноқуз аст. Решаи арзишҳоро бо он навъ инсоншиносӣ, ки доранд, заданд. Вақте бо як назарияи материалистӣ ба инсон нигоҳ мекунанд ва инсонро сирфан ҳамин буняи моддӣ медонанд, ахлоқ ва арзишҳои маънавӣ ва асолати башар ва инсоният, ҳама бемаънӣ аст. Вақте инсон ҳаддиаксар ин аст, ки моддаи печидатаре аз моддаҳои дигар аст, дигар шарофат яъне чӣ?! Apollo, ки мегӯянд панҷ миллион ҷузъ ва қитъа дорад, ки инҳоро ба ҳам пайванд кардаанд, бо як курсича, ки чаҳор тикка бештар нест, қобили муқоиса нест, вале оё барои Apollo ҳайсият ва шарофат қоилед он тавр, ки барои як инсон арзиш ва ҳайсият қоил ҳастед? На, он ҳеч фарқе бо моддаҳои дигар намекунад, фақат печидатар аст. Агар мо инсонро як мошини азим бидонем, чунончи ин мошин ба андозаи дунё ҳам бошад, боз арзиш надорад. Ин аст, ки решаи он чизҳоеро, ки худашон “арзишҳо” номидаанд (ё он чизе, ки мо номашро маънавият гузоштаем) задаанд. Мо модда ва маъноро тафкик намекунем ва намегӯем, ки касе бемантиқ чизеро мехоҳад, балки мегӯем (хостан) ҳар ду як навъ мантиқ дорад; маҳол аст, ки инсон бемантиқ дунболи чизе биравад.

Худшиносӣ, решаи илҳомоти ахлоқӣ

Ҳол, ки ин матлаб дониста шуд, ба фалсафаи он чизе, ки дар ислом рӯйи он зиёд такя шудааст хуб пай мебарем. Дидем, ки вақте мехоҳанд инсонро ба ахлоқи ҳасана — ё ба қавли имрӯзиҳо ба арзишҳои олии инсонӣ — савқ диҳанд, ӯро ба як навъ дарунниғарӣ мутаваҷҷеҳ мекунанд, ки худатро, он худи ақлониро, он ҳақиқати вуҷудии худатро бо дарунниғарӣ кашф кун, он гоҳ эҳсос мекунӣ, ки шарофати худатро дарёфтаӣ. Вақте

инсонро ба ботини зоташ савқ медиҳанд, вақте инсон худашро мебинад (шарофат ва каромати хешро эҳсос мекунад), ин дигар дарс намехоҳад, аз ҳамин ҷо илҳом мегирад. Яъне эҳсос мекунад, ки пастӣ ва даноат бо ин ҷавҳари олӣ созгор нест; қалби моҳият кардан, дурӯғгӯӣ ва нифоқ бо он созгор нест, фаҳшо бо он созгор нест. Ин аст, ки инсон бо навъе маърифатуннафс, бо таваҷҷӯҳ ба нафс, илҳомоти ахлоқиро дарёфт мекунад. Ва ин илҳомот ин тавр нест, ки ҳатман як касе дарсе ба гӯши инсон гуфта бошад, балки ҳамон дарки "худ" кофӣ аст барои ин дастур, ки инсон ин корро бояд бикунад ва он корро набояд бикунад. Ва ин аст маънӣ:

وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّاهَا. فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا. قَدْ أَفْلَحَ مَنْ زَكَّاهَا. وَقَدْ خَابَ مَنْ دَسَّاهَا

(*Шамс/7- 10*)

Азоб ва ризояти виҷдон

Маънии виҷдон ва илҳомоти виҷдонӣ ҳамин ҷо комилан дониста мешавад: тазаккури нафс, таваҷҷӯҳ ба худ; ва бо таваҷҷӯҳ ба худ, дарк кардани ин ки чӣ чизе муносиб бо ин гавҳар ва ҷавҳар аст ва чӣ чизе мутазодд бо ӯст ва ҳамин ҳолате, ки (ба номи азоби виҷдон) дар ҳама мардум каму беш вуҷуд дорад. Ин масъалаи "азоби виҷдон" дар башар чист? Масъалаи "ризояти виҷдон" чист? Воқеан инсон вақте як корҳои хосссеро анҷом медиҳад, дар умқи виҷдони хеш розӣ аст ва барои худ муваффақият медонад, ки ин корро карда ва вақте як силсила корҳои дигарро муртакиб мешавад, дар умқи виҷдони худ чунон норозӣ аст ва чунон як қуввае ӯро саркӯфт ва ранҷ медиҳад ва нороҳат мекунад, ки аз ҳар зиндони хориҷӣ бадтар аст. Чӣ қадр аз ҷониҳо будаанд, ки худашон ба пойи мизи муҳокима омадаанд ва гуфтаанд, маро бикушед, ман мустаҳиққи куштан ҳастам. Ин чӣ эҳсосе аст дар инсон, ки инсон натавонад худашро таҳаммул кунад?! Ағлаби ҷониҳо ҳамин тавр ҳастанд. Дар ҳамин достони Карбало мехонем, ки бисёр нодим ва дучори кобус буданд. Яке аз онҳо ба пардаи Каъба овехта буда, ки: Худоё! Маро биёмурз, агарчӣ медонам, ки намеомурзӣ. Ин ҷуз виҷдони ӯ чӣ буда? Халабони Ҳирошима оқибат кораш ба дорулмаҷонин кашид. Ин илҳоми фуҷур ва тақво ношӣ аз ҳамон идроки зот аст ва ин танҳо ва танҳо бо фалсафаи моваройуттабиӣ ҷур дармеояд, ки инсон танҳо ин колбуд ва ин бадан нест ва масъала инсоният ҳам танҳо ва танҳо бо ин фикр метавонад мафҳум ва маънӣ дошта бошад. Дар он мақолоти "Зани рӯз" мақолаи муфассале навиштам, ки дунёи Урупо аз як тараф инсонро ба куллӣ аз арзиш соқит мекунад ва ӯро ҷуз мошин чизе намедонад ва аз тарафи дигар сухан аз ҳуқуқи башар ва

ҳайсияти зотии башар меронад. Ин хеле ҳарфи музҳике аст, ки дар муқаддимаи Эъломияи ҳуқуқи башар омадааст:

Назар ба ин ки ҳар инсоне аз инсонҳо дорои як ҳайсияти зотӣ аст, ки ба мӯҷиби ин ҳайсияти зотӣ аз як навъ шарофате бархӯрдор аст…

Ин ҳайсияти зотӣ чист? Инсоне, ки шумо муаррифӣ кардаед, бо ин автомобиле, ки ман савор мешавам фарқе надорад ҷуз ин ки автомобили печидатаре аст. Пас ҳайсияти зотӣ маънӣ надорад, на дар ман ва на дар шумо. Ман як мошин ҳастам ва шумо як мошини дигар ҳастед. Аслан башар бо ғайри башар фарқ намекунад, ҳама дар ҳукми мошин ҳастанд. Гондӣ дар китоби "*Ин аст мазҳаби ман*" ҷумалоти бисёр олие дар ин боб дорад. Пас ин фалсафа аст, ки гузашта аз ин ки ба мо мешиносонад, ки меҳвар ва пояи ахлоқи исломӣ чист ва ё лоақал як пояи ахлоқи исломӣ чист, ба мо нишон медиҳад, ки ин ахлоқ бар пояи мантиқе қарор гирифта, ки метавонад тамоми он чиро, ки имрӯз арзиши ахлоқӣ мегӯянд — ва дар фалсафаҳои имрӯз зери пойи ин арзишҳои ахлоқӣ ба куллӣ холӣ шуда ва холӣ кардаанд — тавҷеҳ намояд.

Тазалзули арзишҳо дар дунёи ғарб

Ёдам ҳаст, як вақте дар яке аз ҷаласот, ибороте аз китоби "Некниёзӣ"-и муҳандис Бозаргон нақл кардем, ки ӯ аз як мақолае аз маҷаллаи "Ҷаҳони нав" нақл карда буд аз Дорюши Ошурӣ; хеле олӣ буд ва тақрибан дар ҳамин замина буд, ки дунёи ғарб коре кард, ки ҳамаи арзишҳои башариро мутазалзил намуд ва зери пойи онҳоро холӣ кард ва ҳоло, ки худ ба натоиҷи кори худ расида, мехоҳад ба як сурати дигаре он арзишҳоро эҳё кунад, вале хеле дер шудааст. Он гоҳ суханони Сартр ва амсоли ӯро нақл мекунад ва "асолати башарият"-и инҳоро нақд мекунад ва мегӯяд, ки Сартр ва Ҳайдеггер, мавҳумеро сохтаанд ва дар воқеъ ин мавҳум Худои инҳост. Фарз кардаанд, ки башар як вуҷуде дар ҷамъ дорад ғайр аз вуҷуди фардӣ[32] ва ғайр аз афрод чизи дигаре ба номи "инсоният" вуҷуд дорад, ки доиман дар ҷараён аст ва ҳамеша вуҷуд дорад ва ҳаст. Ва он чиро, ки Худошиносон барои Худо гуфтаанд, ки корро бояд барои Худо кард, инҳо барои башарият ё Худои мавҳуми худ мегӯянд, ки корро бояд барои башарият ва инсоният анҷом дод ва барои ин Худои мавҳум вуҷуди воқеӣ қоиланд ва барои худ вуҷуди эътиборӣ ва фардро чизе дар муқобили ӯ намедонанд.

[32] *Он баҳсеро, ки қудамои мо дар мавриди куллии табиӣ доштанд, ба як шакли дигар овардаанд, вале бо ҳарфи онҳо тафовут дорад*.

Инҳо дар асари ин бунбастҳое аст, ки дар мавриди масоили маънавӣ ва ба қавли худашон дар мавриди арзишҳои инсонӣ падид овардаанд: мазҳабро аз аввал инкор карданд, ахлоқ ва тарбияти мубтанӣ бар мазҳабро нафй карданд (он ҳам бар асоси фарзи соддае, ки мазҳаб бар асоси тарс аз ҷаҳаннам ва ба эътибори тамаъи биҳишт ва аз ин ҳарфҳост, пас он чиро, ки эътиқоде ба он надорем, раҳо кунем) ва барои мазҳаб ҳеч арзиши дигаре қоил нашуданд ва ҳол он ки арзиши мазҳаб ин аст, ки милокҳо ва меъёрҳои арзишро дар инсон эҳё мекунад. Мазҳаб на фақат аз роҳи биҳишту ҷаҳаннам ҷабран ахлоқро таҳмил мекунад, балки дар эътиқоди инсон чизҳое аз инсониятро эҳё мекунад ва (ба иборати дигар) инсонияти инсонро ба шакли хоссе эҳё менамояд, ки дар партав иэҳёи он, тамоми арзишҳои инсонӣ — ки имрӯз воқеан ва амалан бемаънӣ аст — маънои мантиқӣ ва дақиқ пайдо мекунад.

Тавсиаи “худӣ”

Сухан роҷеъ ба навъе таваҷҷӯҳ ба нафс ва ё тазаккури нафс ва ба таъбири дигар, маърифатуннафс ва ба иборати дигар, таваҷҷӯҳ ба зоти худ буд, ки аз ҳамон ҷо фасли аввалии ахлоқро илҳом гирифтаанд. Он баҳс ба поён расид. Ду асли дигарро, ки онҳо ҳам ҷузъи мабонии ахлоқӣ ва тарбиятии ислом шумурда мешавад, зикр мекунем ва ба ин баҳс ба таври куллӣ поён медиҳем.

Яке аз онҳо масъалаи виҷдони умумӣ аст. Дар ҷаласоти пеш гуфта шуд, ки шак надорад, ки ислом дар усули тарбиятӣ ва ахлоқии худ бо навъе худӣ, ки худи шахсӣ ва фардӣ ва нафсонӣ бошад мубориза мекунад. Худхоҳӣ ба мафҳуми (хостани) худи фардӣ, ки мусталзими нафйи афроди дигар аст, ҳамон чизе аст, ки аз назари мантиқи ислом ва ағлаби мантиққҳои ахлоқии дигар амрест мазмум ва бояд нафй шавад. Мафҳуми худхоҳӣ ва худпарастӣ дар истилоҳи имрӯзи мо ҳам ҳаст, масалан мегӯем, ки фалон кас одами худпарасте аст ё худхоҳ аст; ва гуфтем, ки ин “худ” ғайр аз он худи инсонӣ ва малакутии ҳар шахс аст, балки ба истилоҳ худи табиӣ ва худи милкии инсон аст.

Инсон мавҷуде дорои маротиб аст

Инсон дорои ду навъ “ман” аст: яке, “ман”-и малакутӣ, яъне ҳамон, ки дар Қуръон аз он ба

وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي

(*Ҳиҷр/29*) таъбир шуда ва дар ҳаёт ва бақои худ ниёзманд ба табиат нест.

Вале инсон як мавҷуди дорои маротиб аст. Як мартиба аз вуҷуди инсон табиат аст. Хусусияти инсон ҳамин аст, ки як мавҷуди соҳиби мақомот ва маротиб аст. Ин ки мегӯянд, “инсон як малаки ҳайвонии наботии ҷамодӣ аст” дуруст аст, на ба ин маъно, ки ҳам малак аст, ҳам ҳайвон ва ҳам набот, балки як чиз бештар нест, вале ин як чиз як вуҷуди соҳиби маротиб аст. Дар мақоми ташбеҳ мисли як сохтмони чандтабақа аст, ки як табақаи он як ҳақиқат аст, табақаи дигар ҳақиқати дигар ва ғайра… Инсон чунин мавҷуди соҳиби маротиб ва дараҷоте аст, ки дар олитарин дараҷаи худ як фариштаст ва балки болотар аз фариштаст, дар дараҷаи дигар як гиёҳ аст ва дар дараҷаи дигар як ҷамод. Инсон ба ҳасби он дараҷаи олии худ, миёни “ман”-ҳо табюне намебинад. Ҳамон тавр, ки миёни фариштагон ҷангу танозӯъ ва ману мое вуҷуд надорад, инсон ҳам дар он марҳилаи вуҷудии хеш миёни худ бо афроди дигар ману мое намебинад, ҳама мисли пораҳои нур ҳастанд, ки бо якдигар тазоҳуме ба ҳеч шакл надоранд. Вале вақте, ки ба дараҷоти донӣ ва табиии “худ” мерасад, ба ҳукми тангӣ ва тазоҳуме, ки дар табиат ҳаст, ҳар “ман”-е худ ба худ барои ҳифз ва бақои хеш кӯшиш мекунад ва табъан дигаронро нафй менамояд, ки масъалаи танозӯъи бақо ва ғайра пеш меояд. “Ман”-и ҳар касе дар муқобили “ман”-ҳои дигар аст, яъне он ҳолати инҳисорталабӣ ва фақат худро дидан ва ғайрро надидан, ки лозимаи “ман”-и табиии инсон аст. Бо инҳо мубориза мешавад ва инҳост, ки бояд хурд шавад, ин девор аст, ки бояд шикаста шавад, девори “ман”-и табиӣ бо “ман”-ҳои дигар.

Ба таъбири оқои Таботабоӣ, инсон як мавҷуди истихдомгар аст, яъне мехоҳад мавҷудоти дигар ва аз ҷумла инсонҳои дигарро дар истихдоми худ биёварад ва ба истилоҳи имрӯз, инсони мустасмир аст яъне ба ҳар мавҷуде ба чашми абзор ва васила нигоҳ мекунад ва ҳама чизро барои худ мехоҳад. Мавлавӣ мегӯяд:

Ҷони гургону сагон ҳар як ҷудост,

Муттаҳид ҷонҳои шерони Худост.

Вақте, ки ҷону руҳи инсон гургӣ ва сагӣ бошад, яъне инсон “худ”-и воқеии хешро аз даст бидиҳад ва бештари вуҷудаш ҷанбаи табииаш бошад, дар инҷо ҷуз ҷангу низоъу даъво чизи дигаре нест ва ҳама гургу саг мешаванд, ки мазҳари ҷангу низоъ ҳастанд. Аммо вақте, ки ҷон, ҷони гургу саг нашуд, ҷони марди Худо шуд, дар онҷо асосан наметавонад ҷангу низоъ вуҷуд дошта бошад.

Издивоҷ, аввалин марҳилаи хуруҷ аз “худ”-и фардӣ

Дар масъалаи “худӣ”, ин ки мо мегӯем инсон бояд аз локи худпарастӣ хориҷ шавад — ки мақсуди “худ”-и табиӣ аст ва ҳама инро қабул доранд — хориҷ шудан аз локи худпарастӣ ва фардпарастӣ, маротиб ва мароҳиле дорад. Аввалин марҳилааш ғайрдӯстӣ аст. Дар воқеъ мисли ин аст, ки “ман”-и инсон — ба таъбири Рассел дар китоби “Умедҳои нав” ва баъзе дигар — тавсиа меёбад. Онҳо чун “ман”-ро фақат “ман”-и табиӣ медонанд, қаҳран аз инҷо шурӯъ мекунанд. Масалан, як кӯдак фақат дар ҳамон “ман”-и фардии худаш аст ва фақат худашро мебинад ва ҳама чизро барои худи фардӣ мехоҳад, ҳатто ба падару модар ҳам ба чашми васила ва абзор барои худаш нигоҳ мекунад. Дар даврони ҷавонӣ, ки ишқе пайдо мекунад ва ҳамсаре интихоб менамояд, барои аввалин бор ин эҳсос дар ӯ пайдо мешавад, ки ба як шахси дигар монанди худ алоқа дорад (албатта дар ҳама ин тавр нест) яъне аз худ бадар меояд, худаш ва ӯ яке мешаванд ва ҳама чизро барои ин “худ”-и бузургтар мехоҳад.

Маҷмӯъи ду “худ” як “худ” шудаанд. Албатта ин дар шароите аст, ки шахс воқеан як улқае (алоқае) ба тараф пайдо кунад, Улқа муонасат ва ба таъбири Қуръон, видод ва раҳмат:

وَمِنْ آيَاتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُمْ مِنْ أَنْفُسِكُمْ أَزْوَاجًا لِتَسْكُنُوا إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُمْ مَوَدَّةً وَرَحْمَةً إِنَّ فِي ذَلِكَ لَآيَاتٍ لِقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ

(*Рум/21*)

То вақте, ки робитаи завҷайн бо якдигар робитаи шаҳавонӣ яъне робитаи ҷинсӣ аст, қаҳран инҳо ба ҳам ба чашми як абзор нигоҳ мекунанд. Робитаи ҷинсӣ як амри ҳайвонӣ ва табиӣ аст. Барои итфои ғаризаи ҷинсӣ, зан барои мард як абзор бештар нест ва мард ҳам барои зан як абзор аст. Вале масъалаи завҷайн ва конуни хонаводагӣ ва фалсафаи хонаводагӣ ва руҳи хонаводагӣ иборат аст аз руҳи мофавқи ғаризаи ҷинсӣ, ки миёни ду нафар пайдо мешавад, яъне шахсияти якдигарро дӯст доранд ва то синини пирӣ, ки дигар масъалаи ғаризаи ҷинсӣ ба куллӣ заъиф ё нобуд мешавад, улқаи хонаводагӣ ва муҳаббат миёнашон ҳаст ва рӯз ба рӯз ҳам шадидтар мешавад ва ҳатто ба гуфтаи уламои ҷадид мисли Уилям Дюрант дар китоби “Лаззоти фалсафа” улқаи завҷайн ба якдигар дар асари муошират ва тамоси зиёд шиддат пайдо мекунад ва он қадр асар мегузорад, ки кам-кам қиёфаҳои онҳо шабеҳи ҳам мешавад, яъне тадриҷан руҳҳои онҳо он қадр бо ҳам интибоқ пайдо мекунанд, ки кам-кам аҷсоми онҳо низ бо ҳам интибоқ пайдо мекунанд ва қиёфаҳо

ба якдигар шабеҳ мешавад. Ин аввалин марҳилае аст, ки инсон аз локи “худ”-и фардӣ хориҷ мешавад. Ва ба ҳамин далел, издивоҷ дар ислом ҷанбаи ахлоқӣ дорад бо ин ки як амри шаҳавонӣ аст ва ин танҳо амрест, ки бо вуҷуди ин ки пояи табиӣ ва шаҳавонӣ дорад, ҷанбаи ахлоқӣ низ дорад. Масалан, ҳеч вақт хӯрдан ҷанбаи ахлоқӣ пайдо намекунад, вале издивоҷ худаш ҷанбаи ахлоқӣ дорад. Ва дар миёни ғароизи шаҳавонии инсон ҳар ғаризае, ки ишбоъ шавад, ишбоъи он таъсире дар маънавияти инсон надорад ҷуз ғаризаи ҷинсӣ. Аз ин рӯ издивоҷ аз назари ислом суннат ва мустаҳаб таъбир шуда.

Иллати асосӣ ин аст, ки ҳар миқдор, ки улфати завҷайн ба якдигар бештар бошад, як қадам аз “худ”-и фардӣ хориҷ шудаанд. “Худ” каме, ки бузургтар шуд, рқиқтар мешавад, мисли моеъи ғализ, ки вақте об дохилаш кунанд, рақиқ мешавад ва тавсиа меёбад.

Таҷриба нишон додааст, ки афроде, ки дар тамоми умр ба хотири ҳадафҳои маънавӣ, муҷаррад зиндагӣ карда ва нахостаанд зану бачча дошта бошанд, ки монеъи расидани онҳо ба маънавиёт шавад,[33] дар ҳамаи онҳо як навъ нақс — ҳарчанд ба сурати як хомӣ — вуҷуд доштааст. Гӯӣ инсон як навъ камоли руҳӣ дорад, ки он камоли руҳӣ ҷуз дар мадрасаи хонавода дар ҳеч мадрасае касб намешавад. Ҳамаи камолоти руҳӣ дар мактабҳо ва мадрасаҳо ҳосил намешавад, мисли шуҷоат дар муқобили душман. Оё инсон бо хилватнишинӣ ва мубориза кардан бо ҳавои нафс метавонад шуҷоъ шавад? Шуҷоат ҷуз дар мактаби ҷиҳоди амалӣ барои инсон ҳосил намешавад ва чизе аст, ки агар инсон бихоҳад дар руҳаш пайдо шавад, бояд дар амал даргир шавад, то онро касб кунад.

Ҳадисе аз Расули Акрам

Як ҳадиси набавӣ ҳаст, ки дар ривоёти аҳли тасаннун омада:

مَنْ لَمْ يَغْزُ وَلَمْ يُحَدِّثْ نَفْسَهُ بِغَزْوٍ ماتَ عَلى شُعْبَةٍ مِنَ النِّفاقِ

(*Сунани Абидовуд, боби ҷиҳод*) Он ки наҷангида бошад ва лоақал дар нафси худ ҳадиси ҷиҳод накарда бошад (орзуи ҷиҳод накарда бошад), мемирад дар ҳоле, ки шӯъбае аз нифоқ дар руҳаш ҳаст.

---

[33] *Хеле аз бузургони ахлоқи мо касоне будаанд, ки муҷаррад зиндагӣ кардаанд. Мирзои Ҷилва дар Теҳрон то охири умр муҷаррад зиндагӣ кард. Марҳуми Ҷаҳонгирхони Қашқоӣ дар Исфаҳон — ки ҳаким ва файласуф буд — то охири умр муҷаррад зист. Охунди Кошӣ, ки барояш каромате қоил буданд низ ҳамин тавр. Марҳуми Оқо Шайх Муҳаммадҳасани Толиқонӣ ҳам муҷаррад зиндагӣ кард*.

Ин шӯъбае аз нифоқро ҷуз мувоҷеҳ шудан бо душман, чизи дигаре аз ҷони инсон берун намебарад. Дуруст мисли шиноварӣ аст. Оё агар инсон тамоми китобҳоеро, ки дар боби шиноварӣ навишта шуда бихонад, шиновар мешавад? На, магар ин ки муддате шино кунад ва чанд дафъа зери об биравад ва миқдоре об бихӯрад, нороҳат ҳам бишавад, то шино биёмӯзад. Шуҷоатро ҷуз бо мувоҷеҳ шудан бо хатароте, ки барои ҷони одам ҳаст ва ҷуз бо мувоҷеҳ шудан бо душман наметавон касб кард. Бояд инсон он ҳолатро пайдо кунад, ки вақте бо касе мувоҷеҳ мешавад, ки тасмим дорад ӯро бикушад, ба таври худкор ҳолати дифоъӣ бигирад ва монеъ аз кушта шудани худ шавад, балки бихоҳад тарафро аз байн бибарад. Инҳоро дар китоб наметавон хонд ва ёд гирифт.

Марди зоҳид ва ҷиҳод дар роҳи Худо

Мавлавӣ як достоне овардааст, мегӯяд: марди зоҳиде буд, ки чун анвоъи аъмоли бирру хайрро анҷом дода ва фаризаҳоро баҷо оварда буд ва фақат ҷиҳод монда буд, ба иддае сарбоз гуфт: агар ҷанг бо куффор пеш омад, маро ҳам хабар кунед. Ба ӯ хабар доданд, ки фардо омодаи ҳаракат бош. Рӯзе чодар зада ва нишаста буданд, ки хабар доданд душман ҳамла кардааст. Онҳо, ки омодагии сарбозӣ доштанд, фавран париданд рӯйи аспҳо ва рафтанд ва ҷангиданд ва ин оқои зоҳид то зиреҳ ва шамшерашро пайдо кард ва вирду зикр хонд, ҷанг гузашт ва тамом шуд ва то ба худ ҷунбид, сарбозҳо баргаштанд. Пурсид: чӣ шуд? Гуфтанд: рафтем, куштем, кушта додем ва баргаштем. Гуфт: аҷаб! Пас мо чӣ?! Гуфтанд: ҳеч, кор тамом шуд. Охираш касе дилаш ба ҳоли ӯ сӯхт. Як асиреро гирифта буданд. Гуфт: инро мебинӣ? Ин аз он душманҳои чунину чунон аст ва хеле аз саворони моро кушта, то асир шуда ва ҳоло бояд кушта шавад. Ту ӯро бибар ва гардан бизан. Асир ҳам дастбаста буд.

Марди зоҳид асирро бурд, ки гардан бизанад. Тӯл кашид ва наомад. вақте рафтанд, диданд, ки ин зоҳид афтода ва марди асир ҳам бо ҳамон дастҳои баста рӯйи ӯ афтода ва дорад бехи гулӯи ӯро меҷавад ва ъанқариб аст, ки шоҳраги ӯро бибуррад. Асирро куштанд ва марди зоҳидро оварданд даруни хайма ва об ба сураташ заданд ва ба ҳуш оварданд. Қазияро аз ӯ пурсиданд. Гуфт: вақте аз инҷо рафтем, якдафъа ба суратам нигоҳ кард ва як пих кард, ман дигар чизе нафаҳмидам.

Шуҷоатро дар хилвати шаб наметавон ба даст овард, ҳамон тавр, ки осори хилвати шабро дар майдони ҷанг намешавад касб кард.

Як хасоиси ахлоқӣ ҳаст, ки инсон ҷуз дар мактаби ташкили хонавода наметавонад онҳоро касб кунад. Ташкили хонавода яъне як навъ алоқаманд шудан ба сарнавишти

дигарон. То инсон зан нагирад ва бачча пайдо накунад ва он бачча шадидан авотифи ӯро таҳрик накунад ва масалан дар мавоқеъе, ки мариз мешавад, ӯро ба ҳаяҷон наёварад ё масалан лабханди бачча дар ӯ асар нагузорад, алоқаманд шудан ба сарнавишти дигарон дар ӯ падид намеояд. Бо мутолеаи китоб ин амр дар ӯ пайдо намешавад. Таҷриба нишон додааст, ки ахлоқиюн ва риёзаткашҳо, ки ин давронро нагузарондаанд, то охири умр як навъ хомӣ ва як навъ баччагӣ дар онҳо вуҷуд доштааст. Ва яке аз иллатҳои ин ки дар ислом издивоҷ як амри муқаддас ва як ибодат талаққӣ шуда, ҳамин аст. Дар ҳоле, ки аз назари масеҳият таҷарруд муқаддас аст ва тааҳҳул палидӣ ва касоне иҷоза мегиранд мутааҳҳил шаванд, ки тоби таҷаррудро надоранд, яъне агар муҷаррад бимонанд, фосид мешаванд ва бинобар ин,аз бобидафъи афсад ба фосид мегӯянд, бояд издивоҷ кард. Аз ин рӯ Поп аз миёни муҷаррадҳо интихоб мешавад, ки дар тамоми умр ин олудагиро пайдо накардааст. Дар ислом бар хилофи масеҳият аст:

مِنْ أَخْلاقِ الأَنْبِياءِ حُبُّ النِّساءِ

(*Кофӣ, ҷ.5, с.320*) Пас издивоҷ аввалин марҳилаи хуруҷ аз “худ”-и табиии фардӣ ва тавсиа пайдо кардани шахсияти инсон аст. Баъд аз издивоҷ, вақте мехоҳем кор кунем, барои мани танҳо нест; он “ман” табдил ба “мо” мешавад ба тавре, ки инсон он қадр ба сарнавишти хонавода алоқаманд аст, ки ба сарнавишти шахси худаш ва ранҷ мебарад, то онҳо дар осоиш бошанд. Ин як дараҷа аз “худ” аст. Вале оё ин кофӣ аст, ки “худ”-и инсон то ин миқдор тавсиа пайдо кунад? Шак надорад, ки на. Ин нисбат ба “худ”-и фардии табиӣ дараҷае аз камол аст, аммо агар ба ҳамин ҷо маҳдуд шавад, яъне ин “худ” аз мани фардӣ тавсиа пайдо кунад ва мани ба иловаи ҳамсар ва баччаҳо шавад ва ғайри он нафй гардад, кофӣ нест.

“Ман”-и қабилаӣ

Мумкин аст “худ”-и як нафар аз ин ҳам бештар тавсиа пайдо кунад, масалан шомили фомил бишавад, яъне “худ”-и фардӣ аз “худ”-и хонаводагӣ ҳам таҷовуз кунад ва ба фомил ва қабила кашида шавад; ҳамон, ки дар қабоили бадавӣ ва араби ҷоҳилӣ зиёд мебинем. Араби ҷоҳилӣ воқеан афроди қабиларо бо “худ” фарқ намегузошт, яъне дуруст мисли ин буд, ки як руҳ бар тамоми афроди қабила ҳоким аст. “Ман”-и ӯ барои вай як “ман”-и қабилае буд. Дар дохили қабила, ҳамаи усули инсонӣ мислии гузашт, эҳсон ва эсор вуҷуд дошт, вале каме он тарафтар дигар ин руҳ вуҷуд надошт. Пас кофӣ нест, ки “ман”-и инсон ин миқдор тавсиа ёбад.

“Ман”-и қавмӣ

Меравем болотар: “ман”-и қавмӣ. Масалан, дар мавриди мо эрониҳо агар инсон ончунон ватанпараст бошад, ки тамоми мардуми Эронро мисли ҷони худ дӯст дошта бошад, боз ҳам кофӣ нест, зеро аз он ҳадд, ки гузашт, ҳама чизро ҷоиз медонад. Ба эронӣ дурӯғ намегӯяд, ба эронӣ хиёнат намекунад, ба эронӣ хидмат мекунад, ба эронӣ эҳсон мекунад, аммо ба ғайри эронӣ дурӯғ гуфтнро ҷоиз медонад, таҷовуз ба ҳуқуқашро ҷоиз медонад, истибдодро ҷоиз медонад. Ин ҳамон “худ”-е аст, ки дар урупоиҳо ҳаст, яъне “худи миллӣ” дар онҳо рушд ёфта ва “ман”-и фардӣ ба сурати “ман”-и миллӣ тавсиа пайдо кардааст. Фарангиҳо то ҳадди зиёде нисбат ба ҳамватанони худ хоин нестанд ва дурӯғ намегӯянд ва истибдод намеварзанд, вале поро, ки аз доираи ҳамватан он тарафтар мегузоранд, золиму ситамгар мешаванд. Дурӯғу хиёнатро ба нафъи миллати худ ҷоиз медонад, яъне хиёнат ва ҷиноятро дохили мамлакати худ муртакиб намешавад, вале бузургтарин ҷиноятҳоро нисбат ба мардуми кишварҳои дигар эъмол мекунад. Молу сарвати миллатҳои дигарро барои кишвари худ тасоҳуб мекунад ва инро як ифтихор медонад, ки одами ватанпарасте аст.

Шак нест, ки чунин одаме, ки лоақал дар дохили мамлакати худ, “худ”-и фардиро пеш намекашад, яъне онҷо ба сурати “мо” зиндагӣ мекунад, на ба сурати “ман”, нисбат ба он одами худпараст; фарде, ки дар дунё фақат шахси худро мебинад, мутакомилтар аст, вале инро наметавон ахлоқ номид. Мантиқан наметавон ин ҳарфро қабул кард, ки ман чӣ кор ба миллатҳои дигар дорам.

Инсондӯстӣ

Як қадам болотар биравем, бирасем ба инсондӯстӣ ва инсонпарастӣ. Агар воқеан як касе башардӯст бошад, ба ҳамаи инсонҳо хидмат мекунад ва ба ҳеч инсоне аз он ҷиҳат, ки инсон аст хиёнат намекунад, ҳаққи ҳеч инсонеро поймол намекунад аз он ҷиҳат, ки инсон аст. Ба назар мерасад, ки ҳадди ниҳоии хуруҷ аз худхоҳӣ ин аст, ки дӯстӣ нисбат ба ҳамаи инсонҳо тавсиа пайдо кунад. Дар ин сурат “худ”-и инсон яъне ҳамаи инсонҳо аз он ҷиҳат, ки инсон ҳастанд.

Ба ин (назария) ҳам эроде ворид аст: чаро мо инсондӯст бошем, вале ҳайвондӯст набошем? Ин марз барои чист? Оё мантиқӣ аст, ки ин марз бояд дар инҷо мутаваққиф шавад ва “худ” ба инҷо, ки расид, бояд ҳисоре ба даври хеш бикашад? Ё аз ин ҳам метавон ҷилавтар рафт, ки номи он мешавад ҳақпарастӣ ва Худопарасти, ки чун Худо

мавҷуде дар канори мавҷудоти дигар нест, дар масири Худопарастӣ ҳама чиз дар дунё ҳаст.

Ба ҷаҳон хуррам аз онам, ки ҷаҳон хуррам аз Ӯст,

Ошиқам бар ҳама олам, ки ҳама олам аз Ӯст.

(Саъдӣ)

Баргардем ба суол дар мавриди инсондӯстӣ, ки оё марзи “худӣ” инҷост ва дар инҷо мутаваққиф мешавад? Ё ҷилавтар меравад ва далел надорад, ки мутаваққиф шавад? Ба илова, дар мавриди инсондӯстӣ як суоли дигар матраҳ аст ва он ин ки: вақте мегӯем инсондӯстӣ, мақсуд аз “инсон” чист? Ҳар ҳайвоне ва ҳар ҷамоде ҳамон чизе аст, ки ҳаст. Масалан, агар бигӯем гулдӯстӣ, гул ҳамин аст, ки ҳаст, гул, ки дигар усуле надорад.

Ҳайвон ҳам ҳамин тавр. Вале инсон танҳо мавҷудест дар ин дунё, ки билқуввa аст ва бояд билфеъл шавад, яъне инсонро наметавон ҳамин мавҷуди як сару ду гӯш ҳисоб кард ва гуфт, башардӯстӣ яъне ҳар ҷо, ки ин ҳайвони муставиюлқомаи паҳннохун вуҷуд дошт, бояд ӯро дӯст дошт. На, инсон як инсонияте ҳам дорад. Як инсон мумкин аст зидди инсон бошад. Вале ҳайвони зидди ҳайвон надорем, ҳайвон ҳамеша ҳайвон аст.

Инсонияти инсон ба як силсила маъонӣ ва ба як силсила ҳақоиқ ва ба як силсила латоиф бастагӣ дорад, ки агар фарде фоқиди онҳо ё бар зидди онҳо бошад, наметавон ӯро инсон шумурд. Он гоҳ баҳс инҷо пеш меояд, ки агар инсоне зидди инсоният шуд ё зидди инсонҳои дигар шуд — ки зиёд ҳам суроғ дорем: он инсоне, ки инсонҳои дигарро залилу хор мекунад, ба онҳо ситам менамояд ва ба ҳуқуқи онҳо таҷовуз мекунад ва фосид аст — оё бояд ӯро мисли дигарон дӯст дошт ва гуфт, билохира инсон, ки ҳаст? Ё бояд ӯро аз байн бурд? Дар сурати дуввум, ин кор бо инсондӯстӣ чӣ гуна созгор аст?

Ҷавоб ин аст, ки агар мақсуд аз инсондӯстӣ дӯст доштани ин ҳайвони дупост, аз ин назар инсони воқеӣ бо инсони зидди инсон ҳеч фарқе намекунад. Аммо агар гуфтем, мо аз инсоният як маънӣ мефаҳмем ва инсон як мавҷуди маънодоре аст, ки мумкин аст аз маънии инсоният пур бошад ва мумкин аст холӣ бошад ва ё бар зидди маънии инсоният бошад, он вақт мафҳуми инсондӯстӣ барои мо маънии дигаре пайдо мекунад, ки инсонҳоро бояд дар масири инсоният дӯст дошт, на дар хилофи ин масир. Ва ба ҳамин далел агар инсоне бар зидди масири инсоният буд, аҳёнан бояд бо ӯ ба шадидтарин ваҷҳе мубориза кард, бо хушунат рафтор намуд ва ба ӯ ба чашми як хор дар сари роҳи инсонҳо нигоҳ кард ва ин кор, худ навъе алоқа ба инсон аст. Яъне мубориза кардан бо инсони зидди инсон ба хотири инсоният, худ навъе алоқа ба инсоният ва алоқа ба башарият аст, аммо башарияти маънидор, башарияте, ки маънии башарият дар он бошад.

“Худ”-и мазҳабӣ

Дар инҷо мумкин аст касе бигӯяд, ки ту омадӣ “худ”-ҳоро дараҷа ба дараҷа баршумурдӣ, гуфтӣ, “худ”-и фардӣ, “худ”-и хонаводагӣ, “худ”-и қавмӣ ва миллӣ, “худ”-и нажодӣ, то расондӣ ба “худ”-и инсонӣ. “Худ”-и мазҳабӣ чӣ тавр? Он ҳам як “худ”-е аст; оё ин метавонад барои мо як ҳисор бошад? Мо худамон ҳам мегӯем, мусалмон бояд мусалмонро дӯст дошта бошад, мусалмон бо ғайри мусалмон робитаи видод барқарор намекунад:

أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ

(*Фатҳ/29*) Агар биност марз қоил шудан бад бошад, инҷо ҳам бад аст ва кори зидди ахлоқ аст.

Ҷавоб ин аст: воқеан ҳам агар ин масъала бихоҳад ба сурати як таассуб зоҳир шавад, яъне шахс таассуб дошта бошад дар мавриди ҳар касе, ки дар зери ливои ислом аст ва дар натиҷа таассуб дошта бошад алайҳи ҳар касе, ки дар зери ливои ислом нест, хайрхоҳи он бошад ва бадхоҳи ин, чунин чизе хуб нест ва ислом ҳам онро нахостааст.

Ислом хоста, ки мо хайрхоҳи ҳамаи мардум ва ҳамаи афроди башар ҳатто куффор бошем. Душманӣ бо кофир агар аз бадхоҳӣ сарчашма бигирад, зидди ахлоқ аст. Мо ҳатто набояд бадии кофирро бихоҳем, балки бояд мисли Пайғамбари Акрам бошем, ки фармуд: “Ман дилам ба ҳоли инҳо месӯзад, ки чаро ба он чи ки хайр ва ҳаққи худашон аст намерасанд.”

Вале вақте, ки инҳо худ ҳидоят намешаванд ва гузашта аз ин ба сурати хор дар сари роҳи дигарон дармеоянд, бояд ба инҳо ба чашми як монеъ нигоҳ кард, вале набояд бадхоҳашон буд. Ҳатто инсон, бадхоҳи Абӯҷаҳл ҳам набояд бошад ва масалан бигӯяд: Худо накунад, ки Абӯҷаҳл мусалмон шавад ва ба шаҳодат бирасад! Набояд орзу кунем, ки Абӯҷаҳл ё Абӯҷаҳлмонандҳо як вақт роҳ ба ҳақ пайдо накунанд. Язид ибни Муъовия ҳам вақте, ки аз Зайнулобидин алайҳиссалом суол мекунад, ки оё агар ман тавба кунам, тавбаи ман қабул аст ё на, ҳазрат мефармоянд: бале, қабул аст. Яъне ӯ ҳам бадхоҳи Язид нест, ки орзу кунад, ки чун Язид қотили падараш аст, тавфиқи тавба наёбад, то ба ҷаҳаннам биравад, балки барои ӯ ҳам хайр мехоҳад. Он чи ки мо нисбат ба инҳо “бадӣ” меномем, маънояш ин аст, ки чун инҳо дар масири саодати худашон нестанд ва барои дигарон ҳам вуҷудашон музир аст, ба ин эътибор бояд инҳоро душман дошта бошем.

Эҳсон ба кофир

Пас душман доштани кофир ношӣ аз дӯст доштани дигарон ва хайрхоҳӣ барои дигарон аст, на ношӣ аз бадхоҳӣ барои онҳо. То ҳар ҳадде ба кофир метавон эҳсон кард, вале ба ин шарт, ки ин эҳсон исоа ба дигарон набошад, исоа ба инсоният набошад, ба зарари масолеҳи башарият набошад.

لَا يَنْهَاكُمُ اللَّهُ عَنِ الَّذِينَ لَمْ يُقَاتِلُوكُمْ فِي الدِّينِ وَلَمْ يُخْرِجُوكُمْ مِنْ دِيَارِكُمْ أَنْ تَبَرُّوهُمْ وَتُقْسِطُوا إِلَيْهِمْ إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الْمُقْسِطِينَ. إِنَّمَا يَنْهَاكُمُ اللَّهُ عَنِ الَّذِينَ قَاتَلُوكُمْ فِي الدِّينِ وَأَخْرَجُوكُمْ مِنْ دِيَارِكُمْ وَظَاهَرُوا عَلَى إِخْرَاجِكُمْ أَنْ تَوَلَّوْهُمْ وَمَنْ يَتَوَلَّهُمْ فَأُولَئِكَ هُمُ الظَّالِمُونَ

(*Мумтаҳина/8-9*) Яъне Худо наҳй намекунад шуморо аз эҳсон нисбат ба он идда аз куффор, ки ба шумо бадӣ накардаанд ва дар роҳи дин бо шумо наҷангидаанд; Худо наҳй мекунад шуморо аз эҳсон нисбат ба онҳое, ки мисдоқи ояанд, чун эҳсон ба онҳо тазъифи мусалмонон аст. Масалан, агар инсон ба касе, ки бо ӯ дар ҳоли ҷанг аст аслиҳа бифурӯшад, бадеҳӣ аст, ки дар ин сурат ба шикасти худ кӯмак карда. Он тақвияте, ки мӯҷиби тазъифи ҷабҳаи исломӣ шавад ҳаром аст. Эҳсон ба кофир, ки мусталзими тазъифи ҷабҳаи исломӣ аст ҳаром аст.

Эҳсон ба кофир, ки мусталзими тазъифи ислом ва муслимин бошад ҳаром аст. Агар ислом ҳақиқат аст ва агар ислом саодати инсоният аст, ин кор бояд ҳам ҳаром бошад. Аммо он эҳсон ба кофир, ки ин хусусиятро надошта бошад ҳаром нест, хуб ҳам ҳаст.

Ин ҷост, ки ба ин матлаб мерасем, ки асосан доираи хориҷ шудани инсон аз марзи худхоҳӣ, ба ҳеч чиз ҳатто ба инсон маҳдуд намешавад, тамоми олами вуҷуд ва ҳастиро дарбар мегирад, вале ҳастӣ дар масири камоли худ, яъне дар масири ҳаққпарастӣ ва ҳақхоҳӣ ва он чи ки Худо барои олам мехоҳад яъне саодат, ки инсон он чизеро бихоҳад, ки Худо мехоҳад. Хуруҷ аз худпарастӣ ба маънии воқеӣ он вақт ҳақиқат пайдо мекунад, ки дар як марзе мутаваққиф нашавад ҳатто марзи инсонҳо. Аз ин рӯ мо дар ислом ба унвони инсондӯстӣ чизе надорем, ки бихоҳад моро ба инсонҳо маҳдуд кунад, балки дар ислом калимаи ҳақ ва Худо матраҳ аст; доираи хеле аз инҳо васеътар аст ва албатта гоҳе маҳдуд мешавад, на ба ин маънӣ, ки бадхоҳи касе бошад, балки дар амал наметавон бо ҳамаи инсонҳо як ҷур рафтор кард. Бо касоне, ки мехоҳанд садду монеъи ҳақ ва ҳақталабӣ гарданд, рафтори дигаре бояд дошт ва монанди як душман бояд рафтор кард, мисли дандони фосид, ки бояд онро канд, аммо ин бад-он маънӣ нест, ки инсон бадхоҳи

дандони худаш аст, балки кор ба марҳилае расида, ки агар ин узви фосид берун наёяд, баданро нороҳат мекунад, мизоҷ ва дандонҳои дигарро хароб мекунад.

Вичдони умумӣ

Бинобар ин, он “вичдони умумӣ”, ки дар ибтидо гуфта шуд манзур фақат дӯст доштани ҳамаи инсонҳо нест, балки болотар аз он, дӯст доштани ҳамаи ашё ва дар айни ҳол дар амал ва дар масири такомул, бардоштани мавонеъ аз пеши пост, ки ҳам инсон ва ҳам кулли олам, мавҷудоти мутаваққифе нестанд.

Дар ин замина, ки ислом ба усули инсоният таваҷҷӯҳ дорад, на ба фард ва шахс, мисолҳое ҳаст. Масалан, Қуръон хитоб ба муслимин мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُونُوا قَوَّامِينَ لِلَّهِ شُهَدَاءَ بِالْقِسْطِ وَلَا يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَآنُ قَوْمٍ عَلَى أَلَّا تَعْدِلُوا اعْدِلُوا هُوَ أَقْرَبُ لِلتَّقْوَى وَاتَّقُوا اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ

(*Моида/8*) Барои Худо қиём кунед ва шаҳодатро аз рӯйи адолат бидиҳед. Водор накунад шуморо душманӣ бо мардуме, ба ин ки адолат накунед. Ин, хитоб ба муслимин аст. Ва қавми душман ҳамон куффор ҷоҳилият ҳастанд, ки бутпараст буданд; ҳамонҳо, ки илова бар ин ки бадтарин хислатро, ки бутпарастӣ аст доштанд, душмани хунини муслимин низ буданд. Дар айни ҳол Қуръон мегӯяд, нисбат ба онҳо ҳам набояд беадолатӣ кард, чун адолат як асл аст, на танҳо асли инсонӣ, балки асли ҷаҳонӣ. Яъне инсони ҳаққпараст наметавонад золим бошад. Зулм манфӣ аст, ҳарчанд дар мавриди душмане, ки кофир бошад. Ва назири ин матлаб аст он ҷумлаи маъруфи амирулмӯъминин хитоб ба Молики Аштар, ки дар “Наҳҷул-балоға” ҳаст. Мефармояд:

وَلا تكونَنَّ عَلَيْهِمْ سَبُعا ضاريا تَغْتَنِمُ أَكْلَهُمْ، فَإِنَّهُمْ صِنْفانِ: إِمّا اَخٌ لَكَ فِي الدّينِ وإِمّا نَظيرٌ لَكَ فِي الْخَلْقِ

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 53*) Нисбат ба онон (мардуми Миср) ҷонвари даранда набош, ки хӯрдани онҳоро ғанимат бидонӣ, ки онон бар ду дастаанд: ё бо ту бародари динианд ва ё дар офариниш монанди ту ҳастанд.

Зеро адл, танҳо пояи инсонӣ надорад, балки пояи ҷаҳонӣ дорад.

Амирулмӯъминин пирамарди кӯре аз аҳли зиммаро диданд, ки гадоӣ мекунад. Фармуданд: ин чаро гадоӣ мекунад? Гуфтанд: марде яҳудӣ аст. То вақте, ки тавониста кор карда, ҳоло нотавон шуда ва гадоӣ мекунад. Фармуд: аҷаб! То вақте, ки метавонист,

кор кард, ҳоло, ки наметавонад, гадоӣ кунад?! Дастур доданд, аз байтулмол чизе барояш муқаррар карданд. Ин дар воқеъ навъе бознишастагӣ аст.

Ғараз ин аст, ки эҳсон ва кӯмак (ба кофир) он чо, ки мӯҷиби тазъифи ҷабҳаи ҳақ нашавад, монее надорад. Чӣ қадр дар ривоёт дорем, ки яҳудӣ ё масеҳие, ки мусалмон шуда буд, назди Имом омадааст, ки бо падару модарам чӣ гуна рафтор кунам? Гуфтаанд, бояд мисли собиқ, балки беҳтар рафтор кунӣ.

Бахши дуввум: Баҳсҳои Анҷуман исломии пизишкон

Парвариши ҷисм ва парвариши истеъдоди ақлонӣ

Баҳс дар бораи тарбият аз назари таълимоти исломӣ буд. Ба инҷо расидем, ки тарбият дар асл ду гуна метавонад бошад: яке, ба наҳве, ки бештар дар бораи он, “сохтан” ва дар воқеъ “санъат” сидқ мекунад ва он, тарбияте аст, ки дар он, инсон монанди як шайъ фарз мешавад ва барои манзур ё манзурҳое сохта мешавад. Чизе, ки дар ин сохтан манзур нест, худи он моддаи мавриди назар аст. Созанда ва санъатгар ҳадафи хосси худашро дорад ва аз моддае, ки аз он модда мехоҳад санъате бисозад, ба унвони як шайъ истифода мекунад. Ҳар амале, ки бо манзури худаш вифқ бидиҳад, бар рӯйи он анҷом медиҳад ва эй басо, ки он чи ӯ анҷом медиҳад, аз назари он шайъ хароб кардан ва ноқис намудан аст, вале аз назари инсон, ки мехоҳад аз он шайъ истифода кунад, санъат аст. Масалан, инсон ба гӯсфанд ба назари як шайъе, ки мехоҳад аз он истифода кунад, нигоҳ мекунад. Арзиши гӯсфанд барои инсон аз он назар аст, ки чӣ гуна мавриди истифодаи ӯ қарор мегирад. Ҳол, мо як гӯсфанди нарро дар назар мегирем. Инсоне, ки мехоҳад аз ӯ истифода кунад, бояд чоқаш кунад, то ӯро бифурӯшад ва ё худаш аз гӯшти ӯ истифода кунад. Агар ин гӯсфанд ба ҳоли табиӣ бошад, он таҳрикоти ҷинсӣ доиман ӯро ба ин тарафу он тараф мекашонад ва ин ҷур нест, ки сараш пойин бошад ва алаф бихӯрад, то чоқ шавад. Меояд, гӯсфандро ахта мекунад. Вақте, ки ахта шуд, ин ҳайвон дигар сарашро пойин меандозад ва фақат ба алаф хӯрдан машғул мешавад ва шурӯъ мекунад бо хаёли роҳат ва бидуни ҳавосспартӣ, аз алафҳои саҳро истифода кардан. Баъд чоқ мешавад ва инсон аз гӯшти ӯ истифода мекунад. Аз назари як инсон, ахта кардани гӯсфанд, комил кардани ӯст, вале аз назари худи гӯсфанд чӣ тавр? Оё аз назари худи гӯсфанд такмилаш кардаанд ё нақсе дар ӯ ба вуҷуд овардаанд? Аз назари гӯсфанд мусаллам нақсе дар ӯ ба вуҷуд овардаанд.

Айни ҳамин ҳарф дар мавриди ғуломҳо матраҳ аст. Ғуломҳоро, ки дар қадим хоҷа мекарданд, аз назари худи ғулом нақсе дар ӯ эҷод мекарданд, вале аз назари онҳое, ки мехостанд аз ин бардагон истифода кунанд, камоле дар ӯ эҷод карда буданд, яъне дигар беҳтар метавонистанд аз ӯ ба сурати як абзор дар ҳарамсаро ва ғайри ҳарамсаро истифода кунанд.

Ба таври куллӣ, дар тарбияти руҳии инсонҳо ҳам айни ин матлаб ҳаст. Як вақт мактабе, манзуреро дар назар мегирад ва мехоҳад инсонро тавре бисозад, ки он манзур таъмин

шавад, ҳарчанд ин ки дар ӯ як костиҳое ба вуҷуд оварад, бархе эҳсосоти табииро аз инсон бигирад ва нақси руҳӣ ё ҷисмӣ дар ӯ эҷод кунад, вале билохира инсон барои он манзур, хуб сохта мешавад.

Мактаби тарбиятии инсонӣ

Аммо як вақт ҳаст, ки мактаб дар хидмати инсон аст, яъне манзуре берун аз инсон надорад, ҳадафи ӯ ба саодат расондан ва такмили инсон аст, на ин ки манзури дигаре дошта бошад ва инсонро барои он манзур бихоҳад бисозад. Ба истилоҳ, мактабе мешавад инсонӣ. Мактаби тарбиятии инсонӣ, мактабе аст, ки ҳадафи он берун аз худи инсон нест, яъне бар асоси ба камол расондани инсон аст. Ин мактаб бояд бар асоси парвариши истеъдодҳо ва нерӯҳои инсонӣ ва танзими онҳо бошад. Яъне ҳадди аксар коре, ки ин мактаб метавонад анҷом диҳад, ду чиз бештар нест: яке ин ки дар роҳи шинохти истеъдодҳои инсонии инсон ва парвариш додани онҳо ва на заъиф кардани онҳо кӯшиш кунад ва дуввум ин ки низоме миёни истеъдодҳои инсонӣ барқарор намояд, ки чун инсон аз як навъ озодии хоссе дар табиат бархӯрдор аст, дар асари ин низом ҳеч гуна ифроту тафрите ҳукмфармо набошад, яъне ҳар нерӯ ва истеъдоде насиби худашро бибарад ва ба бақия таҷовуз накунад.

Истеъдодҳои инсон ду навъ аст: як навъ, истеъдодҳое, ки дар онҳо бо ҷондорҳои дигар ширкат дорад ва навъи дигар истеъдодҳои ихтисосӣ. Истеъдодҳое, ки дар онҳо бо ҷондорҳои дигар ширкат дорад, умури ҷисмонӣ аст.

Парвариши ҷисм аз назари ислом

Масъалаи аввал ин аст, ки оё ислом тарафдори парвариши ҷисм аст ё тарафдори тазъифи ҷисм? Оё ислом тарафдори танпарварӣ аст ё мухолифи танпарварӣ? (Парвариши ҷисм, таъбири дигараш танпарварӣ аст). Инҷо ду матлаб аст ва ин таъбирот гоҳе мӯҷиби иштибоҳ мешавад. Ислом тарафдори парвариши ҷисм аст бо ин ки мухолифи танпарварӣ ба мафҳуми мусталаҳи адабии он аст. Оё равиши инсон аз назари ислом бояд чунон бошад, ки ҷисмаш солим бошад, ҳадди аксари рушдро дошта бошад, бемориҳо, офатҳо ва осебҳо ба он ворид нашавад? Ё ислом мегӯяд: на, ҷисм мисли хонаест, ки ҳар чи инсон ба вайрониаш кӯмак кунад ё ба ҳоли худаш бигузорад, беҳтар аст? Як сохтмонро, як вақт шумо риоят мекунед, аз боду борону барф ҳифз мекунед ва ҳадди аксари кӯшишро барои ҳифзаш ба амал меоваред ва як вақт ба ҳоли худаш мегузоред, ҳар чи пеш омад омад, хароб ҳам шуд аҳаммият надорад.

Ҷойи шакку тардид нест, ки таълимоти ислом бар асоси ҳифз ва рушд ва саломати ҷисм аст. Иллати ҳурмати бисёре аз умур, музир будани онҳо ба ҳоли бадан аст. Яке аз мусалламоти фиқҳ ин аст, ки бисёре аз умур ба ин далел таҳрим шудаанд, ки барои ҷисми инсон зарар доранд ва як асли куллӣ барои фуқаҳо матраҳ аст, ки ҳар чизе, ки муҳраз бишавад, ки барои ҷисми инсон музир аст — ҳарчанд ҳеч далеле аз Қуръон ва суннат надошта бошад — қатъан ҳаром аст. Албатта инро ҳам мегӯянд, ки зиёнҳо баъзе мӯътадун биҳӣ (яъне қобили ба ҳисоб овардан) ҳастанд ва баъзе ғайри мӯътадун биҳӣ яъне зиён он қадр кам аст, ки қобили эътино нест. Ислом дар таколифи худ ҳарағ эҷод намекунад, яъне ин миқдорҳоро аз назари ислом таҳрим намекунанд, ба сурати макрӯҳ зикр мешавад ё мегӯянд, таркиш мустаҳаб аст. Вале агар як чизе зиёнаш қатъӣ бошад ва мусаллам бишавад, ки зиён дорад, аз назари ислом қатъан ҳаром аст. Ва агар фуқаҳо дар баъзе масоил фатво надода бошанд, аз ин лиҳоз аст, ки ба ҷанбаи матлаб воқиф нестанд, яъне матлаб барояшон равшан нест, ки оё воқеан зарар дорад ё надорад.

Масалан, фатво дар масъалаи кашидани тарёк, чунонки марҳум оқо Сайид Абулҳасан дар рисолаи “Василатун-наҷот” зикр карда чунин аст: як вақт мегӯем, ки як пук ба тарёк задан чӣ тавр аст (на ба сурати одат даромадан)? Чун бар миқёси зарар аст ва ин он миқдори мӯътадун биҳӣ нест, пас ҳаром нест, вале одат кардан яъне тарёк кашидан ба гунае, ки мунҷар ба одат шавад ва низ ҳар муқаддимае, ки мӯҷиби ин одат гардад ҳаром аст. Ва ҳол он ки мо на дар Қуръон чизе дар мавриди тарёк дорем ва на дар суннат. Мӯътод шудан ба тарёкро фақат ба ин далел мегӯянд ҳаром аст, ки зиён дорад. Ё масалан, героин, ки як масъалаи ҷадиде аст ва дар қадим набуда, чун муҳраз аст, ки як амре аст, ки қатъан зиён дорад, дар ҳурматаш ҳам шакке нест. Дар мавриди сигор ва қилён низ ба ҳамин тартиб истидлол мешавад.

Куллии он ин аст, ки ҳар чизе, ки зиён дорад ҳаром аст. Мумкин аст як фақеҳе худаш қилён ва сигор ҳам бикушад, вале ӯ фикр намекунад, ки як чизи пурзарараре аст. Аммо фақеҳи дигаре, ки ба зарарҳои ин ду огоҳтар аст ва барояш муҳраз аст, ки воқеан кашидани онҳо садама задан ба бадан аст, умрро кӯтоҳ мекунад, ба саломат латма ворид меоварад ва хулоса барояш муҳраз аст, ки эътиёд ба сигор зарар дорад, фатво медиҳад, ки ҳаром аст. Худи ҳамин оқоён ҳам, ки эътиёд доранд, вақте мариз мешаванд ва ба табиб муроҷеа мекунанд ва табиб ба онҳо мегӯяд, сигор зарар дорад, мегӯянд, чун табиб гуфта, ман шубҳа мекунам ва дигар ҳаром аст ва намекашам. Асли куллӣ аст, ба хусусиёти масоил коре надорам. Ин асли куллӣ дар ислом ҳаст, ки ҳар чизе, ки барои ҷисми инсон зиён дошта бошад, ҳаром аст. Ва баръакс, дар суннат зиёд мебинем, ки хӯрдани фалон мева ё фалон сабзӣ масалан мустаҳаб аст, чун дандонҳоро муҳкам

мекунад, дигаре фалон бемориро аз бадан берун мебарад. Ва ин маворид дар суннат зиёд аст, ки милоки як ҳаром ё як мустаҳаб ва ё як макрӯҳ, зиён расондан ё муфид будан ва ё муфид набудан аст. Фалон чиз чун барои меъда хуб аст, мустаҳаб аст.

Бинобар ин, парвариши ҷисм дар ҳудуди парвариши илмӣ, беҳдошт, саломат ва тақвияти ҷисм, ки ҷисм нерӯ бигирад, як камол аст. Медонем, ҳамаи касоне, ки аз назари бадан нерӯманд будаанд, ин нерӯмандӣ барояшон камол шумурда шудааст. Масалан, амирулмӯъминин нерӯманд буда ва нерӯи баданӣ доштааст ва ин ҷузъи камолоти он ҳазрати аст.

Парвариши ҷисм ва танпарварӣ

Мумкин аст бигӯед, агар ислом тарафдори рушди ҷисм аст, пас чаро ин қадр мегӯянд, танпарварӣ бад аст? Танпарварие, ки бад аст, ғайр аз парвариши тан ба маънии беҳдошт аст. Он танпарварӣ дар воқеъ нафспарварӣ аст, ки ағлаб бар зидди беҳдошти ҷисм ва парвариши ҷисм — ба ин маъно, ки гуфтем — мебошад. Он танпарварие, ки бад аст, маъниаш ин аст, ки инсон нафспарвар ва шаҳватрон бошад, яъне ҳамеша дунболи тамоюлоти нафсонии худ бошад ва рабте ба масъалаи рушди ҷисм надорад. Ва иттифоқан қазия дуруст баръакс аст, яъне агар инсон зиёд дунболи парвариши тан ба маънии нафспарварӣ биравад, ба ҷисмаш зиён мерасонад. Одами нафспарвар фақат дар бораи шикамаш фикр мекунад, ки лаззати шикамро ҳар чи бештар бибарад. Ва шак надорад, ки касе, ки мехоҳад ҷисмашро солим нигаҳ дорад, наметавонад ин ҷур бошад, балки бояд бо шикампарастӣ мубориза кунад. Як одами танбал ва танпарвар дунболи лаззатҳои дигар аст. Шаб то субҳ намехобад барои ин ки дар фалон маҷлиси айш ширкат кунад, падари ҷисму аъсоби худашро дармеоварад. Ин танпарварӣ ба маънии нафспарварӣ аст ва бар зидди парвариши ҷисм ба маънии беҳдошти ҷисмӣ мебошад.

Ба ҳар ҳол, он танпарварие, ки ин ҳама дар калимоти шуаро ва урафо ва удабои мо омадааст ва таъбири адабии форсӣ ҳам ҳаст — ва дар арабӣ низ мумкин аст дар забони шуаро омада бошад — ва онро “танпарварӣ” мегӯянд, чун шаҳавот марбут ба ҷисм аст, оре он танпарварӣ ғайр аз масъалаи рушд додан ва парвариши воқеии нерӯҳои ҷисмонӣ аст ва балки ин ду то ҳадде бар зидди якдигаранд. Яъне агар инсон бихоҳад ҷисмашро парвариш диҳад ба ин маънӣ, ки бар асоси табиат такмилаш кунад ва саломаташро ҳифз намояд ба гунае, ки аз осебҳо ва бемориҳо дур бимонад ва умрашро тӯлонӣ кунад, бояд бо он навъ танпарварие, ки нафспарварӣ ва шаҳватпарварӣ аст мубориза кунад.

Дар ин ҷиҳат ман хаёл намекунам ниёзе ба баҳс бошад, ки дар тарбияти исломӣ масъалаи парвариши ҷисм ҷузъи усул аст. Умда ин аст, ки дар бораи истеъдодҳои махсуси инсон баҳс кунем. Он ҷост, ки арзиши як мактаб бештар равшан мешавад.

Парвариши истеъдоди ақлонӣ

Дар миёни истеъдодҳои махсуси инсон, дар дараҷаи аввал истеъдоди ақлонӣ аст ва ин ҳамон чизе аст, ки дар адён, мо мебинем, ки агар ҳам худи адён ва соҳибони аслии адён ин ҷур набошанд, вале ғолибан дар миёни пайравон ва руҳониёни адён ин матлаб будааст, ки ҳамеша динро ба унвони ҳақиқате бар зидди ақл ва нуқтаи муқобили ақл арза медоштаанд ва ақлро ба унвони як вуҷуди музоҳим ва як монеъи дин ва чизе, ки як инсони мутадайин бояд онро канор бигузорад, вагарна наметавонад диндор бошад муаррифӣ мекардаанд. Дар масеҳият бахусус ин матлабро ба вузуҳ мебинем ва дар хеле адёни дигар. Ҳол, ислом бо ин истеъдоди инсони чӣ гуна мувоҷеҳ шудааст?
Инҷо яке аз он ҷоҳое аст, ки арзиши воқеии исломро ба равшанӣ мебинем.
Ислом як дини тарафдори ақл аст ва ба наҳви шадиде ҳам рӯйи ин истеъдод такя кардааст; на фақат бо ӯ мубориза накарда, балки аз ӯ кӯмак ва таъйид хостааст ва таъйиди худро ҳамеша аз ақл мехоҳад. Дар ин замина оёти Қуръон зиёд аст; оёти даъват ба таъаққул ва тафаккур ё оёте, ки ба шакле матлабро тарҳ кардаанд, ки фикрангез ва андешаангез аст. Мо барои ин ки баҳсамон муфассал нашавад, ин матлабро ба тафсил зикр намекунем, чун возеҳ аст ва ниёзе ба тавзеҳ надорад. Фақат ба унвони намуна андаке арз мекунем.

Таъаққул дар Қуръон

Ислом тарафдори таъаққул аст ва шадидан ҳам тарафдор аст. Як оят ва як ҳадисро мехонам ва аз оят шурӯъ мекунам, ки он ҳадис ҳам аз ин оят шурӯъ карда. Дар сураи Зумар мехонем:

فَبَشِّرْ عِبَادِ. الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ أُولَئِكَ الَّذِينَ هَدَاهُمُ اللَّهُ وَأُولَئِكَ هُمْ أُولُو الْأَلْبَابِ

(*Зумар/17, 18*) Бандагони маро навид бидеҳ; он бандагони инчунониро…
Матлаб бо “бандагони ман” шурӯъ шудааст; гӯӣ Қуръон мехоҳад бигӯяд, бандаи Худо он аст, ки чунин бошад ва лозимаи бандагии Худо ин аст.

الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ

Онон, ки суханро истимоъ мекунанд. Намегӯяд:

يَسْمَعونَ

Фарқ аст байни “самоъ” ва “истимоъ”. Самоъ яъне шунидан ҳарчанд инсон намехоҳад бишнавад. Истимоъ гӯш фаро додан аст, мисли ин ки шумо инҷо нишастаед ва худро омода кардаед барои шунидан. Дар боби мусиқӣ мегӯянд: самоъаш ҳаром нест, истимоъаш ҳаром аст. Қуръон мегӯяд:

الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ

Онон, ки суханро истимоъ мекунанд. Яъне ин ҷур нест, ки ҳар ҳарферо ҳанӯз дарк накарда рад кунанд ва бигӯянд, мо намехоҳем бишинавем. Аввал истимоъ мекунанд, ба диққат дарёфт мекунанд.

فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ

Баъд ғирбол мекунанд, таҷзияву таҳлил мекунанд, хубу бадашро месанҷанд ва беҳтарини онро интихоб ва пайравӣ менамоянд.
Аслан маънии оят, истиқлоли ақл ва фикр аст, ки фикр бояд ҳукми як ғирболро барои инсон дошта бошад ва инсон ҳар ҳарферо, ки мешунавад дар ин ғирбол қарор диҳад, хубу бадро бисанҷад, резу дурушт кунад ва хубтарини онҳоро интихоб ва иттибоъ намояд.

أُولَئِكَ الَّذِينَ هَدَاهُمُ اللَّهُ

Қуръон ин ҳидоятро бо ин ки ҳидояти ақлӣ аст, ҳидояти илоҳӣ медонад.

وَأُولَئِكَ هُمْ أُولُو الْأَلْبَابِ

Инҳо ҳастанд ба маънии воқеӣ соҳибони ақл.
“Албоб” ҷамъи “лубб” аст. Лубб яъне мағз, на ба маънии мух, балки ба маънии аъамм, ки дар мавриди меваҳо масалан мегӯем, мағзи бодом, мағзи гирду. Ин истилоҳ шояд аз истилоҳоти махсуси Қуръон бошад (чун дар ғайри Қуръон мо гаштем ва надидем) ва

агар ҳам истилоҳи махсуси Қуръон набошад, Қуръон дар бораи ақл калимаи “лубб”-ро зиёд ба кор бурда, гӯё инсонро ташбеҳ ба як гирду ё бодом карда, ки тамоми як гирду ё бодом пӯста аст ва он асосаш мағзаш мебошад, ки дар даруни он қарор дорад. Тамоми ҳайкалу андоми инсонро, ки дар назар бигиред, он мағзи инсон, ақлу фикри инсон аст. Агар бодоме мағз надошта бошад, чӣ мегӯем? Мегӯем, пуч асту пӯк ва ҳеч ва бояд дураш андохт.

Инсоне, ки ақл надошта бошад, ҷавҳар ва мағзи инсоният ва он милок ва муқаввими инсониятро надорад, инсони пӯку пуч аст, яъне як сурати инсон аст ва маънии инсон дар ӯ нест. Ба ҳасби ин таъбир, маънии инсон ҳамон ақли инсон аст; ақле, ки дар ин ҳадд бошад. Ақл будани ақл ба истиқлолаш аст:

الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ

Аз ин беҳтар асосан дигар намешавад таъбире пайдо кард дар мавриди даъват ба ин ки инсон бояд ақлаш билистиқлол ҳоким бошад, ақлаш мустақил бошад, дорои қудрати нақду интиқод бошад ва битавонад масоилро таҷзияву таҳлил кунад. Одаме, ки аз ин мавҳибат бебаҳра аст, ҳеч аст.

Ин як оят буд, ки чун оёти Қуръон дар ин боб зиёд аст ва агар бихоҳем арз кунем, чанд ҷаласа фақат бояд дар бораи оёти Қуръон сӯҳбат кунем, ҳамин миқдор ба унвони намуна кофӣ аст.

Таъаққул дар суннат

Дар суннати исломӣ ва бахусус дар ривоёти шиъӣ низ ба ақл ва таъаққул аҳаммияти зиёде дода шудааст ва яке аз имтиёзҳои ривоёти шиъӣ бар ривоёти ғайри шиъӣ эҳтимоми бештаре аст, ки дар ривоёти шиъӣ ба ақл шуда ва ба он такя гардидааст ва ба ҳамин далел нависандагони иҷтимоии имрӯзи ҳатто аҳли тасаннун эътироф доранд, ки дар давраи ислом, ақли шиъӣ ҳамеша қавитар аз ақли суннӣ будааст.

Аҳмад Амин китоби маъруфе дорад ба номи “Фаҷрул-ислом” ва “Зуҳал-ислом” ва “Зуҳурул-ислом” ва “Явмул-ислом”, ки “Фаҷрул-ислом” як ҷилд аст, “Зуҳал-ислом” се ҷилд, “Зурул-ислом” чаҳор ҷилд ва “Явмул-ислом” як ҷилд ва маҷмӯъан нӯҳ ҷилд мешавад. Китоб, хеле фаннӣ аст ва албатта аз назари шиъа дорои нуқоти заъфи фаровоне аст ва ҳатто иддае онро як китоби зидди шиъӣ талаққӣ мекунанд, вале аз назари илмӣ бидуни шак аз китобҳои бисёр пурмағз аст.

Ӯ бо ин ки маъруф аст, ки зидди шиъӣ аст, дар ин китоб ба ин ҷиҳат эътироф дорад, ки ақли шиъӣ ақли истидлолӣ аст ва дар тамоми адвор ақли шиъӣ истидлолитар будааст ва мехоҳад ин ҷур тавҷеҳ кунад, ки иллати ин ки ақли шиъӣ истидлолитар аст ин аст, ки инҳо бештар мутаваҷҷеҳи таъвилот будаанд. Вале воқеъи матлаб ин аст, ки сарманшаъи ин амр, имомони шиъа ҳастанд, ки мардумро бештар даъват ба таъаққул ва тафаккур кардаанд.

Мегӯяд: масалан фалсафа дар давраи исломӣ дар миёни шиъа шукуфтааст ва дар миёни аҳли тасаннун нашукуфт. Дар Миср фалсафа вуҷуд надошт то вақте, ки Миср шиъа шуд; шиъа, ки шуд, фалсафа омад. Баъд, ташайюъ, ки аз Миср рафт, фалсафа ҳам заъиф шуд ва набуд, то дар қарни ахир, ки як сайиди шиъӣ (Сайидҷамолро ном мебарад) ба Миср омад ва дуввумартиба бозори фикр равнақ гирифт. Ва баъд таъбири ширине дорад, мегӯяд:

وَالْحَقُّ أَنَّ الْفَلْسَفَةَ بِالتَّشَيُّعِ أَلْصَقُ مِنْها بِالتَّسَنُّنِ

“Ва ба таври куллӣ, ақли шиъӣ истидлолитар аст“. Решааш — ки шояд ӯ таваҷҷӯҳ надошта — ин аст, ки дар суннати шиъӣ беш аз суннати суннӣ ба ин масъала аҳаммият дода шудааст. Сунниҳо, ки аз ибтидо ду даста шудаанд: мӯътазила ва ашоира, бо ҳам ихтилоф доштаанд. Мӯътазила бештар тарафдори ақл будаанд ва ашоира тарафдори тааббуд. Шиъа бо мӯътазила ҳамгом буд. Ихтилофи назар бо мӯътазила дошт, вале дар усул бо якдигар ҳамгом буданд ва ваҷҳи муштараки ин ду ин буд, ки ҳар ду барои ақл ва истидлол арзиш ва эҳтиром қоил буданд.

Дар ривоёти шиъӣ таъбироти аҷибе дар бораи ақл аст, ки ин таъбиротро дар кутуби суннӣ пайдо намекунем. Дар кутуби шиъӣ мисли “Кофӣ”, “Биҳор” ва дигар китобҳое, ки давраи ҳадис ҳастанд, китобҳо аз “Ал-ақлу вал-ҷаҳл” шурӯъ шуда ва аввал “Китобул-ақли вал-ҷаҳл”-ро меоваранд, баъд “Китобут-тавҳид”, “Китобун-нубувва”, “Китобул-ҳуҷҷа” ва ғайра… Аввалин китобе, ки ифтитоҳ мешавад, “Китобул-ақли вал-ҷаҳл” аст ва албатта ҷаҳл дар баробари ақл қарор мегирад, ки тавзеҳашро арз мекунам. Мо мебинем, ки ривоёти шиъа эҳтиром ва арзиши аҷибе барои ақл ва ҳуҷҷияти ақл қоил аст.

Ақл ва ҷаҳл дар ривоёти исломӣ

Ин шӯхӣ нест, ки дар ҳадисе як пешвои мардум бигӯяд: Худо ду ҳуҷҷат дорад: ҳуҷҷати зоҳир ва ҳуҷҷати ботин. Ҳуҷҷати зоҳир анбиё ҳастанд ва ҳуҷҷати ботин ақли мардум.

Ин ҳадисе аст, ки аз мусалламоти аҳодиси шиъа аст ва дар “Кофӣ” ҳаст. Мумкин аст бигӯед, баъзе амал накарданд. Ман ба он кор надорам, ба ҳар ҳол ин матлаб ҳаст.

Ҷаҳле, ки дар ин ҳадис омада низ нуқтаи муқобили ақл аст ва ақл дар ривоёти исломӣ он нерӯ ва қувваи таҷзияву таҳлил аст. Дар ғолиби мавориде, ки мебинед, ислом ҷоҳилро кӯбида, ҷоҳил дар муқобили олим ва ба маънии бесавод нест, балки ҷоҳил зидди оқил аст. Оқил касе аст, ки аз худаш фаҳм ва қудрати таҷзияву таҳлил дорад ва ҷоҳил касе аст, ки ин қудратро надорад. Мо хеле афроди олимро мебинем, ки олиманд, вале ҷоҳиланд; олиманд ба маънии ин ки фарогирифта аз берун зиёд доранд, хеле чизҳо ёд гирифтаанд, аммо зеҳнашон як анбор бештар нест, худашон иҷтиҳод надоранд, истинбот надоранд, таҷзияву таҳлил дар масоил надоранд. Ин ҷур ашхос аз назари ислом ҷоҳиланд, яъне ақлашон рокид аст. Мумкин аст илмаш зиёд бошад, вале ақлаш рокид аст.

Ин ҳадисро зиёд шунидаед:

الْحِكْمَةُ ضالَّةُ الْمُؤْمِنِ

Ҳикмат гумшудаи мӯъмин аст.

Ҳикмат бидуни шак яъне илме, ки дабардорандаи ҳақиқат бошад; илме, ки истеҳком ва поя дошта бошад ва хаёл набошад.

Мо наметавонем инҳоро дуруст нақҳошӣ кунем ва корҳоеро, ки таблиғотчиҳо мекунанд анҷом диҳем, вагарна ҳар як аз инҳо аз назари арзиши таблиғотӣ барои ислом фавқулъода аст, ки имон то ин ҳадд тақдискунандаи ҳикмат бошад, ки бигӯяд, ҳикмат гумшудаи мӯъмин аст. Яъне ҳолати мӯъмин барои дарёфти ҳақоиқ, бояд ҳолати касе бошад, ки шайъи нафисе аз ӯ гум шуда ва доиман дар ҷустуҷӯи он аст. Ин ҳадис дар аҳодиси зиёде дунбола дорад. Ман як вақте мадорикашро ҷамъ кардам, шояд ба ин мазмун бист ҷо пайдо кунем, ки:

خُذُوا الْحِكْمَةَ وَلَوْ مِنْ أَهْلِ النِّفاقِ

Ҳикматро фаро гиред ҳарчанд аз мунофиқон, ҳарчанд аз кофирон, ҳарчанд аз мушрикон:

وَلَوْ مِنْ مُشْرِكٍ

Яъне агар эҳсос кардӣ, ки он чи ӯ дорад дуруст аст ва илму ҳикмат аст, фикр накун, ки ӯ кофир аст, мушрик аст, наҷис аст, мусалмон нест; бирав бигир, ҳикмат моли туст, дар дасти ӯ ория аст.

أَيْنَما وَجَدَها فَهُوَ أَحَقُّ بِها

Мӯъмин ҳар ҷо, ки ҳикматро пайдо кунад, худашро аз дигарон сазовортар мебинад.

Эҳтимоми муслимин ба талаби илм

Бигузарем аз ин вазъи масхи фарҳангӣ, ки мо дорем, ки ҳама чизи моро бад тавҷеҳ мекунанд; дар авоили қарни дуввуми ҳиҷрӣ, ки он ҳама шӯру нишоти ислом барқарор буд ва бозори ислом доғу пурравнақ буд, якмартиба он ҳама улуми хориҷиҳоро аз эронӣ ва румӣ ва ҳиндӣ ва юнонӣ ва ҳар ҷо, ки дастрасӣ доштанд тарҷума карданд ва вориди дунёи ислом намуданд. Иллати ин кор чӣ буд ва чӣ тавр дунёи ислом аксуламали мухолиф нишон надод? Иллаташ ҳамин буд, ки ин таълимот вуҷуд дошт. Ин таълимот заминаро омода карда буд, ки агар дар ақсо билоди Чин ҳам китоберо пайдо мекарданд, монеъ намедиданд, ки тарҷумааш кунанд.

اُطْلُبُوا الْعِلْمَ وَلَوْ بِالصّينِ

Масалан Абдуллоҳи Муқаффаъ, ки мантиқи Арастуро тарҷума кард, дар замони Имом Содиқ алайҳиссалом буд. Аз қабл аз замони Имом Содиқ алайҳиссалом, балки аз замон Банӣ Умайя ин корҳо шурӯъ шуда буд, вале дар замони Имом Содиқ алайҳиссалом авҷ гирифт. Дар замони Ҳорун ва Маъмун ва дар асри имомон бо чӣ шиддате улум авоил тарҷума шуд. Байтулҳикма мадрасае буда, ки дар дунёи замони худаш назир надошта ва баъдҳо ҳам кам барояш назир пайдо шуда. Мо дар миёни аҳодис ва ахбори имомони худамон — ки ин ҳама бо чашми нақд ба хулафо нигоҳ мекарданд ва инҳирофоти онҳоро мукаррар бозгӯ менамуданд ва хулафо, ки ин ҳама малъуну матруд шудаанд, бар асари ин буда, ки имомон ин ҳама малъунашон гуфтаанд ва шинохташонро дар бораи онҳо чунин баён доштаанд — дар як ҳадис намебинем, ки ин кори хулафо ба унвони як бидъат талаққӣ шуда бошад ва бигӯянд, ки яке аз чизҳое, ки инҳо корро хароб карданд ин буд, ки улуми миллатҳои кофирро аз Юнон ва Рум ва Ҳинд ва Эрон тарҷума карданд ва

вориди дунёи ислом намуданд ва ҳол он ки ин дар миёни авом беҳтарин васила буд барои кӯбидани онҳо, вале мо ҳатто дар як ҳадис надидаем, ки ин кори хулафо ба унвони як бидъат ва як амри зидди ислом талаққӣ шуда бошад.
Ғаразам ин ҷиҳат буд, ки ин худаш як асле аст, ки ислом оварда:

خُذُوا الْحِكْمَةَ وَلَوْ مِنْ أَهْلِ النِّفاقِ

Аҳодиси ин мавзӯъ мазомини хеле олӣ дорад. Ҳадисе аст, ки ривоёти мо аз ҳазрати Масеҳ нақл мекунанд, ки эшон фармуд:

كونوا نُقّادَ الْكَلامِ

Яъне он тавр, ки сарроф сиккаро нақд мекунад, хубу бадашро ташхис медиҳад ва хубашро мегирад, шумо ҳам роҷеъ ба нуктаҳо ва суханҳо чунин бошед. Ҳар чи дигарон доранд мегирем, худамон фикру ақл дорем, аз худ наметарсем ва бим надорем, рӯйи инҳо фикр мекунем, хубҳояшро мегирем ва бадҳояшро тард мекунем.
Ҳол, решаи:

خُذُوا الْحِكْمَةَ وَلَوْ مِنْ أَهْلِ الشِّرْكِ

Ё:

وَلَوْ مِنْ أَهْلِ النِّفاقِ

— чист?
Ҳамин оят аст:

الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ أُولَئِكَ الَّذِينَ هَدَاهُمُ اللَّهُ وَأُولَئِكَ هُمْ أُولُو الْأَلْبَابِ

Ҳадисе аз Имом Мӯсои Козим

Ҳадисе ҳаст дар “Кофӣ” аз ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳиссалом, ки мухотабашон Ҳишом ибни Ҳаками маъруф аст. Ҳишом яке аз ровиёни мост, вале аз ровиёне, ки бештар дар масоили усули дин кор мекарда ва ба истилоҳи он замон, “мутакаллим” буда (гӯ ин ки худашон намеписандиданд, ки исми “мутакаллим” рӯйи онҳо бигузоранд), бо аҳли калом сару кор дошта, яъне ҳамеша дар тавҳид ва нубувват ва маод ва (ба таври

куллӣ) усули дин баҳс мекардааст ва дар миёни шиъа ва суннӣ иттифоқи назар аст, ки яке аз қавитарин мутакаллимини замони худаш будааст.

Чанде пеш ба муносибати нигориши китоби “*Хадамоти мутақобили ислом ва Эрон*”, китоби таърихи илми каломи Шиблӣ Нӯъмонро — ки донишманде ҳиндӣ буда ва китоби ҷолибе навиштааст — мехондам ва баъдҳо дар шарҳи ҳоли Абулҳузайли Аллоф низ — ки яке аз мутакаллимини забардаст буда ва эрониюласл аст ва бисёре аз эрониҳо ва зардуштиҳои зиёде ба дасти ӯ мусалмон шудаанд — дидам, ки навиштааст:

“*Ҳама аз мубоҳаса бо Абулҳузайл парҳез доштанд ва Абулҳузайл аз танҳо касе, ки парҳез дошт, Ҳишом ибни Ҳакам буд*.”

Ғараз, Ҳишом марди бисёр қавие будааст. Ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳиссалом мухотабаш Ҳишом ибни Ҳакам аст, ки аслан кораш кори ақлӣ ва фаннӣ аст. Ӯро бештар мӯъмин ба таъаққул ва тафаккур мекунад, мефармояд:

يا هِشامُ! إِنَّ اللهَ تَبارَكَ وَتَعالى بَشَّرَ أَهْلَ الْعَقْلِ وَالْفَهْمِ في كتابِهِ

Худо аҳли фаҳму ақлро дар Қуръон башорат дода:

فَبَشِّرْ عِبَادِ الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ

— ки дар ояти шарифа хоссияти таҷзияву таҳлил ва ғирбол кардан ва хубу бадро аз ҳам ҷудо намудан, ки аслан хоссияти ақл ҳамин аст баён шудааст. Хоссияти ақл яке фаро гирифтани илм ва омӯхтан аст, ки ин муҳим нест. Аз вақте, ки шурӯъ мекунад ба таҷзияву таҳлил ва ғассу самин кардан ва ташхис хуб аз бад ва резу дурушт кардан, аз он вақт ақл ба маънии воқеӣ ба кор меафтад.

Сухани Бӯалӣ Сино

Ду ҷумлаи хуб аз Бӯалӣ Сино дар ин замина ҳаст, ки ҳар ду дар китоби “Ишорот” аст. Яке ин ки:

مَنْ تَعَوَّدَ أَنْ يُصَدِّقَ بِغَيْرِ دَلِيلٍ فَقَدِ انْخَلَعَ مِنْ كَسْوَةِ الْأَنْسانِيَّةِ

Ҳар кас, ки одат карда ҳарфро бидуни далел қабул кунад, ӯ аз либоси одамӣ берун рафта. Яъне одам ҳарфро бидуни далел намепазирад.

Нуқтаи муқобилаш: касоне, ки одат доранд ҳар чизеро бе далел инкор кунанд; ин ҳам бад аст. Мегӯяд:

كُلُّ ما قَرَعَ سَمْعَكَ مِنَ الْعَجائِبِ فَذَرْهُ في بُقْعَةِ الاْمْكانِ ما لَمْ يَذُدْكَ عَنْهُ قائِمُ الْبُرْهانِ

Агар як чизи аҷибе шунидӣ, модоме, ки далеле бар имкон ё адами имконаш надорӣ, рад накун ва қабул ҳам накун, бигӯ: мумкин аст бошад. Инсони воқеӣ он аст, ки қабулу раддаш бар меъёри далел бошад ва ҳар ҷо, ки далел набуд, “ло адрӣ” ва “намедонам” бигӯяд.

Лузуми тавъам будани ақлу илм

Ҳадис, хеле муфассал аст. Ман қисматҳое аз онро арз мекунам.

Баъд Имом фармуд: вале ба ақли танҳо ҳам набояд иктифо кард, ақлро бояд бо илм тавъам кард.

Чун ақл як ҳолати ғаризӣ ва табиӣ дорад, ки ҳар касе дорад, вале илм ақлро тарбият мекунад; ақл бояд бо илм парвариш пайдо кунад. Дар “Наҳҷул-балоға” ва ҳам дар ҳадис, аз ақлу илм ин ҷур таъбир шуда, ки гоҳе ба илм гуфтаанд “ақли масмуъ” ва ба ақл гуфтаанд “илми матбӯъ”, яъне ба ақл, илм итлоқ шуда ва ба илм, ақл, бо ин тафовут, ки якеро гуфтаанд, “матбӯъ” яъне фитрӣ ва дигареро “масмуъ” яъне иктисобӣ. Ва рӯйи ин нукта хеле такя шудааст, ки ақли масмуъ ва илми самъӣ ва иктисобӣ он вақт муфид аст, ки илм ва ақли матбӯъ ва он илми фитрӣ ба кор биафтад… Инсонҳое, ки фақат гиранда ҳастанд, мисли як анбор мебошанд. Ин инсонҳо шадидан дар ривоёт тахтиа шудаанд.

Сухани Бэкон

Ҷумлаи маъруф ва хубе аз Бэкон (*Фрэнсис Бэкон*) нақл мекунанд, ки мегӯяд: уламо бар се дастаанд: баъзе монанди мӯрча ҳастанд, ҳамвора аз берун дона меоваранд ва анбор мекунанд. Зеҳни инҳо як анбор аст. Дар воқеъ як забти савт ҳастанд, ҳар чи шунидаанд, забт кардаанд ва ҳар вақт бихоҳӣ ҳамонро, ки ёд гирифтаанд мегӯянд. Дастаи дуввум монанди кирми абрешиманд, мураттаб аз луъоби худ метананд ва аз даруни худашон дармеоваранд. Ин ҳам олими воқеӣ нест, зеро аз берун чизе иктисоб намекунад, аз хаёлу даруни худаш мехоҳад бисозад ва ин оқибат дар даруни пиллаи худ хафа хоҳад шуд. Дастаи севвум уламои воқеӣ ҳастанд. Инҳо монанди занбӯри асаланд, гулҳоро аз хориҷ мемаканд ва меоянд асал месозанд.

Ин масъалаи ақли масмуъ ва матбӯъ ҳамин аст, ки ривоят мегӯяд. Илми масмуъ агар ба матбӯъ замима нашавад, кофӣ нест. Яъне инсон он чиро, ки аз берун мегирад, бояд бо

он нерӯи ботинӣ, бо он хамирмоя ва бо он нерӯи таҷзияву таҳлили худ бисозад, то як чизе аз об дарояд.
Сипас Имом алайҳис салом фармуд:

يا هِشامُ! ثُمَّ بَيِّنَ أَنَّ الْعَقْلَ مَعَ الْعِلْمِ

Ақл бояд бо илм тавъам бошад ва аз ин рӯ дар он ояти Қуръон фармуд:

وَتِلْكَ الْأَمْثَالُ نَضْرِبُهَا لِلنَّاسِ وَمَا يَعْقِلُهَا إِلَّا الْعَالِمُونَ

(*Анкабут/43*) Мо ин масалҳои таърихиро зикр мекунем, аммо дарк намекунанд инҳоро магар олимон. Яъне аввал бояд инсон олим бошад, маводди хомро фароҳам кунад ва баъд ақл таҷзияву таҳлил намояд.
Масалан, агар мо ақли қавӣ дошта бошем мисли Бӯалӣ Сино ва Қуръон ҳам бигӯяд, ки "таърих" ибрати бисёр хубе аст, вале ман, ки аз таърих иттилооте надорам, ақли ман чӣ мефаҳмад? Ё ба мо бигӯянд, дар тамоми ин олами таквин оёти илоҳӣ ва нишонаҳои Худо ҳаст, ақли ман ҳам олитарин ақл бошад, вале ман, ки аз маводди ба кор рафта дар ин сохтмон беиттилоъам, бо ақли худам чӣ чизеро мефаҳмам ва оёти илоҳиро чӣ гуна кашф кунам? Бояд бо илм онҳоро кашф кунам ва бо ақлам оят ва нишона будани онҳоро дарк намоям.

Масъалаи тақлид

Ҳамчунин фармуд:

يا هشام! ثم ذم الذين لا يعقلون فقال: اذا قيل لهم اتبعوا ما أنزل الله قالوا بل نتبع ما ألفينا عليه آبائنا أولو كان آباؤهم لا يعقلون شيئا ولا يهتدون

(*Бақара/170*) Масъалаи тақлидро зиёд шунидаед. Қуръон бо масъалаи — ба истилоҳи имрӯз — "суннатгароӣ" яъне пазируфтани он чи ки дар гузашта будааст, бо ин ҳолати гӯсфандсифатӣ дар инсон ва бо пайравии кӯр-кӯрона аз обо ва аслоф ва ниёгон, фақат ба далели ин ки онҳо обо ва ниёгон ҳастанд, сахт мубориза кардааст.
Ман истихроҷ кардаам, дидаам, ҳар пайғамбаре бо умматаш, ки мувоҷеҳ буда, масъалаи бахусусе буда, ки рӯйи он таъкид дошта ва мардумро ба он даъват мекардааст, вале ду се чизи муштарак буда, ки ҳар пайғамбаре онҳоро тарҳ мекардааст, баъзе мусбат ва баъзе манфӣ. Масалан, тавҳид аз умури мусбате аст, ки ҳар пайғамбаре онро тарҳ мекардааст.

Яке аз чизҳое, ки муштарак буда ва ҳар пайғамбаре онро матраҳ карда ва маълум мешавад ҳамаи миллатҳо гирифтори он будаанд, пайравӣ аз аслоф аст, ки мегуфтанд: мо ҳарфи туро қабул намекунем, чун ҳарфи ту тоза аст ва мо насли гузашта ва падаронамонро бар роҳи дигаре дидаем ва роҳи падарони худамонро меравем. Ин ҳолати таслим дар муқобили гузаштагон, як ҳолати зидди ақл аст. Қуръон мехоҳад, ки инсон роҳи худашро ба ҳукми ақл интихоб кунад. Пас муборизаи Қуръон бо тақлид ва ба истилоҳ, "суннатгароӣ", муборизае аст ба унвони ҳимоят аз ақл.

Пайравӣ аз аксарият

Масъалаи дигар, масъалаи адад аст. Инсон ҳамон тавр, ки гӯсфандсифат аз гузаштагон пайравӣ мекунад, дар муқобили ҷамъу адад, ки қарор мегирад, мехоҳад ҳамранги ҷамоат шавад. Мегӯянд: "Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав".

Вақте ҷамоат расво бошад, ҳамранги ҷамоат шудан, расво шудан аст. Вале дар инсон тамоюл ба ин ки ҳамранги ҷамъ шавад, зиёд аст. Дар фуқаҳо ин қазия зиёд аст. Як фақеҳ масъалаеро истинбот мекунад, вале ҷуръат намекунад иброз намояд. Меравад мегардад бибинад дар фуқаҳои аср, ҳамфикр ва ҳамраъй барои худаш пайдо мекунад ё на. Ва камтар фақеҳе аст, ки вақте рафт гашт ва дид ҳеч кас чунин чизе нагуфта ҷуръат кунад фатвояшро эълом намояд. Яъне вақте худашро дар роҳе танҳо мебинад, ваҳшат мекунад. Соири риштаҳо ҳам чунин аст… Ҳоло такравӣ мӯд шуда ва фарангиҳо такравиро мӯд кардаанд, яъне қазия рӯйи ғалатаки ифрот афтодааст, ҳар кас кӯшиш мекунад як ҷури махсус бошад, ки бигӯянд фикри тозае дорад, дуруст бар зидди қудамо. Қудамо агар як ҳарфе аз худашон буд, аз танҳоӣ ваҳшат мекарданд бигӯянд ва барои ин ки бигӯянд мо танҳо нестем, иддаеро ҳамфикри худ эълон мекарданд. Бӯалӣ тасреҳ мекунад, ки ман ҳар ҳарфе дорам, ба забони Арасту мегӯям, барои ин ки агар ба забони худам бигӯям, касе қабул намекунад. Мулло Садро исрор дорад, ки ҳарфи қудаморо биёварад ва ҳарфҳои худашро бо онҳо тавҷеҳ кунад. Чун он вақт пайравӣ аз ҷамъ мӯд буд. Ҳоло баръакс агар касе сухане бигӯяд, ки дигаре онро гуфтааст, дигар арзише надорад. Вале ба ҳар ҳол Қуръон меъёр қарор додани касратро мазаммат мекунад ва мегӯяд, касрат меъёр нест.

Имом алайҳис салом мефармояд: Қуръон касратро мазаммат кардааст он ҷо, ки мефармояд:

وَإِنْ تُطِعْ أَكْثَرَ مَنْ فِي الْأَرْضِ يُضِلُّوكَ عَنْ سَبِيلِ اللَّهِ إِنْ يَتَّبِعُونَ إِلَّا الظَّنَّ وَإِنْ هُمْ إِلَّا يَخْرُصُونَ

(*Анъом/116*) Агар аксари мардумро пайравӣ кунӣ, туро гумроҳ мекунанд; чун аксари мардум тобеъи ақл нестанд, тобеъи гумону тахминанд, ҳамин ки чизе дар хаёлашон пайдо мешавад, дунболаш мераванд.

Чун аксар ин ҷур ҳастанд, пас ба аксар эътимод накун.

Ин ҳам худаш навъе дигар истиқлол бахшидан ба ақл аст ва даъват ба ин ки ақл бояд меъёр бошад.

Беэътиноӣ ба ташхиси мардум

Имом алайҳис салом дар дунболаи ҳамин матолиб таъбире мефармояд, ки: Ҳишом! Ба ҳарфи мардум эътино накун, ба ташхиси мардум эътино накун; ташхис, ташхиси худат бошад. Эй Ҳишом! Агар дар дасти ту як гирду бошад ва ҳар кас ба ту бирасад бигӯяд: баҳ-баҳ! Чӣ гавҳари олие! Дар ҳеч хизонае пайдо намешавад, ту, ки мебинӣ гавҳар нест, набояд гӯли онҳоро бихӯрӣ.

Нуқтаи муқобилаш: ва агар дар дасти ту гавҳаре бошад ва ҳар кас ба ту бирасад бигӯяд: ин гирдуро аз куҷо овардаӣ?, ту набояд эътино кунӣ. Агар ҳамаи мардум ба ин гавҳар гуфтанд гирду, ту тобеъи ташхис ва ақл ва фикри худат бош ва ақлро роҳнамои худ қарор бидеҳ.

Баҳси ақл дар инҷо хотима пайдо мекунад. Ҷаласаи баъд иншоаллоҳ баҳси иродаро матраҳ хоҳем кард, ки дунболаи баҳси ақл аст. Роҷеъ ба ақл, дар Қуръон ва суннат матлаб зиёд дорем ва хаёл мекунам ҳамин миқдор, ки аз назари тарбиятӣ тарҳ кардем, кофӣ аст, ки ислом аз назари тарбиятӣ роҳаш тарафдорӣ аз парвариш ва рушд додан ва истиқлол бахшидан ба ақл аст, на кӯбидан ва хафа кардан ва хомӯш намудани он.

Таърихчаи “таъаққул аз назари муслимин”

Мавзӯъи баҳс, парвариши истеъдоди ақлонӣ ва фикрӣ буд; таъаққул, ақл ва илм, ки аз шуъуни ақл аст. Ислом дорои чунин мантиқе аст, ки ҳамеша аз ақл истимдод мекунад ва кӯмак мехоҳад, яъне вақте, ки мардумро даъват мекунад, ақли мардумро бармеангезад ва намегӯяд, “агар мехоҳед имон пайдо кунед, ҳаргиз фикр накунед, таъаққул надошта бошед, таъаққул инсонро ба ҷойе намерасонад, имон марҳилае аст ғайр аз марҳилаи таъаққул ва тафаккур ва инсон бояд таслим бишавад, то ҳақиқати имон барояш кашф гардад”, аз ин ҷур ҳарфҳое, ки бахусус дар масеҳият зиёд дида мешавад.

Дар поёни ҷаласаи гузашта, оқои муҳандис Бозаргон тазаккур доданд, ки ин матлаб чандон эҳтиёҷ ба тавзеҳ надорад, яъне ниёзе ба ин ки дар ин ҷиҳат баҳс бишавад чандон нест, вале як матлаби дигар хуб аст баҳс бишавад ва он ин ки аз забони бисёре аз муслимин, мо нуқтаи муқобили ин ҳарфро мешунавем. Дар Қуръон матлаб ин ҷур аст, ақл тақдису таъзим ва ба кӯмак гирифта шудааст, вале дар мантиқи муслимин масъалаи таҳқири ақлу илм аҳёнан зиёд дида мешавад.

Банда ба эшон арз кардам, ки ман ба ин нукта таваҷҷӯҳ доштаам ва дар ёддоштҳои қаблии худам ҳам инҳоро дорам ва тазаккури ба ҷое аст ва имрӯз мехоҳам миқдоре дар бораи ин матлаб сӯҳбат бикунам.

Воқеан ҳам чунин аст. Дар дараҷаи аввал, дар адабиёти мо таҳқири ақл зиёд дида мешавад, ҳам дар адабиёти ирфонӣ ва ҳам дар адабиёти ғайри ирфонӣ. Ва ба илова, ҷараёнҳое дар таърихи ислом рух додааст, ки дар он ҷараёнҳо масъалаи ақл матраҳ буда: яке, ҷараёни каломи ашъарӣ ва мӯътазилӣ аст, дигар ҷараёни фиқҳии қиёси Абӯҳанифа ва мухолифат бо қиёси Абӯҳанифа ва севвум масъалаи ирфон ва тасаввуф аст, ки ин се тақрибан се ҷараёни асил аст, ки бояд баҳс бишавад.

Дар инҷо воқеан мо бо се мактаб бархӯрд мекунем, ки дар каломи ҳар як аз онҳо, аз як виҷҳаи хоссе, навъе мухолифат бо ақл мебинем, вале ҳар кадом як роҳи бахусусе аст ва як виҷҳаи хоссе дорад. Аз ин се мактаб, ки бигузарем, ба таври мутафарриқа ҳам — на ба сурати мактаб — суханоне аст, ки дар миёни мо ҳукми масали соирро пайдо карда (ва ин чизҳое, ки дар миёни мардум ҳукми масали соирро пайдо мекунад, асари тарбиятии фавқулъодае дорад, яъне асари бисёр зиёде дар таквини руҳияи мардум дорад). Ибтидо аз ин мутафарриқаҳо шурӯъ мекунем ва баъд вориди он се мактаб мешавем.

Таҳқири ақл дар амсоли соир миёни мардум ва дар адабиёт

Дар ин мутафарриқаҳо гоҳе аз ақл ва ҳуш ба ин унвон интиқод шуда, ки ақл ва ҳуш душмани инсон аст, ба маънии ин ки осоишро аз инсон салб мекунад, роҳатро аз инсон мегирад, омили салби осоиш ва роҳатӣ аст. Чаро? Барои ин ки инсон агар ақл ва ҳуш надошта бошад, ҳис намекунад, вақте ҳис накунад, нороҳатиҳоро дарк намекунад ва вақте, ки мӯҷиботи нороҳатиро дарк накард, он дарде, ки ношӣ аз ин мӯҷиботи нороҳатӣ аст, барояш пайдо намешавад. Масалан шеъри маъруфе аст, ки мегӯяд:

Душмани ҷони ман аст ақли ману ҳуши ман,
Кош гушода набуд чашми ману гӯши ман.

Худи мо ҳам гоҳе масалан мегӯем: хушо ба ҳоли фалон кас, ки баъзе чизҳоро намефаҳмад! Ё: хушо ба ҳоли ту, чӣ қадр ту роҳатӣ, ки намефаҳмӣ, ман бадбахтам, ки ҳис мекунам ва мефаҳмам. Фаррухии Яздӣ, аз шуарои инқилобии ним қарни ахир мегӯяд:

Чизҳое, ки набоист бибинад бас дид,

Ба Худо қотили ман дидаи бинои ман аст.

Аз ин намуна зиёд дорем. Оё ин мантиқ асосан мантиқи саҳеҳе аст ё мантиқи саҳеҳе нест?

Агар инро мо ба забони ҷидд бихоҳем бигирем, саҳеҳ нест. Ағлаби инҳо, ки чунин суханоне гуфтаанд — ба истилоҳи уламои маъонии баён — хостаанд лозимаи матлабро бифаҳмонанд, на худи матлабро, яъне он касе, ки мегӯяд:

Душмани ҷони ман аст ақли ману ҳуши ман,

Кош гушода набуд чашми ману гӯши ман.

— воқеан манзураш ин нест, ки чӣ хуб буд ман намефаҳмидам, балки мехоҳад бигӯяд, дард вуҷуд дорад, вале вақте мехоҳад бигӯяд мӯҷиботи нороҳатӣ вуҷуд дорад, онро ба ин таъбир баён мекунад. Яъне ин воқеан интиқод аз ақл нест, навъе таъбири адабӣ аст, ҳамчунон, ки худи ҳамин оқои Фаррухӣ, ки мегӯяд:

Чизҳое, ки набоист бибинад бас дид,

Ба Худо қотили ман дидаи бинои ман аст.

— ба масоили иҷтимоӣ назар дорад, ки ман нақсҳо ва костиҳо ва камбудҳои иҷтимоъро мебинам, ҳаминҳо қотили ман хоҳад шуд ва қотилаш ҳам шуд, охир ӯро куштанд. Ва агар шумо ба ҳамин оқои Фаррухӣ бигӯед: оё ту тарҷеҳ медиҳӣ мисли фалон шахс бошӣ, ки аслан ҳеч дарк намекунад, як ҳолати бетафовутӣ ва лахтӣ пайдо кунӣ? Мегӯяд: на.

Як истидлоли ақлӣ бар зидди ақл метавон кард, ки ақли инсон мӯҷиби эҳсоси дард мешавад. Дард хуб аст ё бад? Дард, ки бад чизе аст, ҳар чизе ҳам, ки мӯҷиби дард аст, бад аст.

Ҷавоби ин ҳам равшан аст: дард, ки мо мегӯем бад аст, худи дард як фалсафае дорад. Дард, огоҳӣ аст. Дард хуб нест, ба маънии ин ки мӯҷибаш бояд набошад. Ин ки мегӯем, хуб аст дард набошад, яъне хуб аст мӯҷиби дард набошад, вагарна агар мӯҷиби дард бошад, ки он беморӣ ва нақс ҳаст. Дард барои инсон, огоҳӣ аст.

Дарди узве ҳам ҳамин ҷур аст. Ин ки инсон дардеро дар баданаш эҳсос мекунад, ба ин далел аст, ки нороҳатӣ вуҷуд дорад. Бо ин дард, табиат ба ӯ эълом мекунад, ки дар инҷо нақсе ҳаст мисли чароғи қирмизе, ки дар сафҳаи ҷилави ронанда равшан мешавад ва нишон медиҳад, ки равғани мошин кам аст ё бензин дорад тамом мешавад. Одам нороҳат

мешавад, ки чаро равғани мошин кам аст, алъон мотор месӯзад. Бадеҳӣ аст, ки набояд гуфт бад чизе аст, ки чароғт қирмиз равшан мешавад, зеро ин чароғ дорад эълом мекунад, ки инҷо нақс вуҷуд дорад.

Агар дард намебуд, инсон эҳсоси нақс намекард ва дар натиҷа узви дардмандро муолиҷа наменамуд. Пас худи дард бад нест, он ки бад аст, он чизе аст, ки ин дард эъломи он аст. Дард, тозиёна задан ба инсон аст, ки бирав дунболи илоҷ. Ва аз ин рӯ бадтарин бемориҳо он беморӣ аст, ки ҳеч дард надорад яъне эълом намекунад, мисли баъзе саратонҳо, ки вақте инсон хабардор мешавад, ки кор аз кор гузашта, вагарна агар он лаҳзаи аввале, ки саратон пайдо мешавад эълом бикунад, зуд муолиҷа мешавад.

Ақлу ҳушу ҳисси инсон, ба далели ин ки маншаъи эҳсоси дард мешавад, маҳкум нест, чун ин, ҳисси огоҳӣ аст ва огоҳ мекунад ва дар муқобили лахтӣ ва беҳиссӣ аст. Ва ба ҳамин далел аст, ки мо дар адабиёти худамон як матлаби бисёр олӣ мебинем, ки агар интиқод аз ақлу ҳушро ба забони ҷидд бигирем, он матлаб нуқтаи муқобил аст ва он ситоиши дард аст: “Илоҳӣ! Синаи дардошно деҳ!” Чаро дардро дар ҷоҳои дигар ситоиш кардаанд? Онҳо таваҷҷӯҳ ба ҳамин нукта доштаанд, ки дард доштан, огоҳӣ доштан аст, дард доштан, тозиёнае аст барои ҷунбиш ва ҳаракат ва чорաҷӯӣ ва дард надоштан сукун ва беҳиссӣ ва лахтӣ аст.

Мавлавӣ як шеъри бисёр олӣ дар ҳамин замина дорад, мегӯяд:

Ҳасрату зорӣ гаҳи беморӣ аст,

Вақти беморӣ ҳама бедорӣ аст.

Нороҳатиҳои дар ҳоли беморӣ, эҳсосҳои бемор бедориҳои бемор аст, эълом ба бемор аст, ки огоҳ бош, ки бемор ҳастӣ. Баъд мегӯяд:

Пас бидон ин аслро, эй аслҷӯ,

Ҳар киро дард аст, ӯ бурдаст бӯ.

Соҳиби дардҳо бӯйе аз ҳақиқат бурдаанд. Он ки дард эҳсос намекунад, як мавҷуди лахти беҳисси ҷамодӣ аст.

Ҳар ки ӯ бедортар, пурдардтар,

Ҳар ки ӯ огоҳтар, рухзардтар.

Шумо дар ҳамин масоили иҷтимоии инсонӣ таваҷҷӯҳ кунед. Як касе як одами бетафовуте аст, сараш фақат ба охури худаш гарм аст, ҳамон бехи гӯшаш ҳам ҳар чи бигузарад, ӯ аслан коре ба ин корҳо надорад, фақат мехоҳад хари худаш аз пул бигузарад; хари худаш ҳам, ки аз пул гузашт — ба қавли Ҷалоли Оли Аҳмад — пул ҳам агар хароб шуд, хароб шуд, чун хари ӯ ба ҳар ҳол аз пул гузаштааст. Вале як фарди

дарддорро дар муқобили ӯ дар назар бигиред, ки ӯ чизеро, ки фикр намекунад, масъалаи хари худаш аст.

Таъбири амирулмӯъминин ҳам дар инҷо ҳамон таъбири “дард” аст. Дар он номае, ки ба Усмон ибни Ҳунайф менависанд, мефармоянд: ин дард барои инсон кофӣ аст, ки шиками сер бихобад ва дар атрофаш шикамҳои гурусна бошад:

وَحَسْبُك داءً أَنْ تَبيتَ بِبِطْنَةٍ

وَحَوْلَكَ أَكبادٌ تَحِنُّ اِلَى الْقِدِّ

Як инсон ин ҷур аст, ки агар худаш сер бошад ва мардуми дигар гурусна, эҳсоси дард мекунад ва ба таъбири худи ҳазрат:

وَلَعَلَّ بِالْحِجازِ أَوِ الْيَمامَةِ مَنْ لا طَمَعَ لَهُ فِي الْقُرْصِ

Ӯ дар Куфа сер бошад ва дар Ҳиҷоз дар фосилаи чаҳорсад фарсах роҳ гуруснае бошад; ӯ аз гуруснагии вай дар инҷо эҳсоси дард мекунад.

Оё дардмандӣ мамдуҳ аст ё мазмум?

Ҳол, ман аз шумо мепурсам: оё ин дард доштан беҳтар аст ё он бедардӣ, ки одам бар ҳамсояаш ҳам ҳар чи бигузарад ҳеч ҳиссе накунад, сари ҳамсояашро ҳам бибуранд ох нагӯяд?

Мо онро инсони комил медонем, на инро, ба ин ҷиҳат, ки он дард доштан, ҳассосият аст, беморӣ нест, нақс нест, камол аст, яъне нишонаи пайванди ӯ бо инсонҳои дигар аст; нишон медиҳад, ки ӯ воқеан худашро нисбат ба инсонҳои дигар монанди як узв аз аъзои як пайкар дарк мекунад ва ба сабаби беморӣ ё ҷароҳате, ки бар узви дигар ворид шудааст бетобӣ мекунад.

Ҷумлае Расули Акрам дар ин замина доранд, ки Саъдӣ онро ба шеър даровардааст:

مَثَلُ المُؤمِنينَ في تَوادِّهِمْ وَتَعاطُفِهِمْ وَتَراحُمِهِمْ مَثَلُ الجَسدِ إذا اشتكى مِنهُ عُضوٌ تَداعى سائرُ الجَسَدِ بالسَّهَرِ والحُمّى

(*“Ҷомеъус-сағир”, ҷ.2, с.155*) Фармуд: масали мӯъминин масали аъзои як пайкар аст; ҳамин ки як узв ба дард ояд, соири аъзо роҳат намехобанд. Масалан, ин тавр нест, ки вақте дандон дард мекунад, соири аъзо бигӯянд, гӯри падари дандон, дард бикаш, то

ҷонат дарояд. Даст бигӯяд, ман чаро роҳатамро аз байн бибарам? Чашм бигӯяд, ман чаро роҳати худамро аз байн бибарам? Ва ҳамин тавр аъзои дигар. Як узв, ки ба дард меояд, соири аъзо бо ӯ ҳамдардӣ мекунанд. Чӣ гуна ҳамдардӣ мекунанд? Ба таб ва бедорӣ. Як ҷо, ки нороҳатӣ пайдо мешавад, тамоми бадан якҷо таб мекунад ва саҳару бедорӣ дорад. Мефармоянд: мӯъминин ин ҷур ҳастанд.

Ҳамдардӣ, ҳассосият аст ва бинобар ин нақс нест ва айни камол аст.

Бинобар ин, ин мантиқ (агар касе воқеан ба лисони ҷидд тарафдори лахтӣ ва беҳиссӣ бошад ва ақлу ҳушро ба далели ин ки ба инсон эҳсос медиҳад ва эҳсос маншаи нороҳатӣ ва дард аст, маҳкум кунад), мантиқи ғалате аст, бар зидди инсоният аст ва ислом ҳам онро маҳкум мекунад.

Ислом он ҷур дард доштанро тамҷид кардааст. Вале агар лисон, лисони ҷидд набошад, балки шахс мехоҳад матлабро ба таври киноя бигӯяд ва дар воқеъ мехоҳад бигӯяд, ки дар хориҷ чунину чунон аст, мунтаҳо ба ин иборат мегӯяд, (дар ин сурат ишколе надорад), мисли ин ки худамон мегӯем: эй кош ман кӯр шавам ва фалон чизро набинам! Ҳоло агар ҳодисаи баде рух дод, ман, ки кӯр шудам ва надидам, дар воқеият, ки тағйире рух намедиҳад, ғайр аз ин ки тоза ман ҳам кӯр шудаам. На, мақсуд ин аст, ки он шайъ он қадр нороҳаткунанда аст, ки ман орзу мекунам чашм надошта бошам ва онро набинам ва дар воқеъ мехоҳад бадии он шайъро баён карда бошад.

Ин як мантиқ дар ашъор ва адабиёти мо, ки онро тавзеҳ додам.

Таҳқири ақл ва илм ва масъалаи маош

Мантиқи дигаре дорем, ки агар инро ҳам ҷиддӣ бигирем, аз ин пасттар аст ва он ин аст, ки иддае илм ва ақл ва ҳама чизро ба чашми як абзор барои ҷалби моддиёти зиндагӣ менигаранд. Вақте як касе, ки фикр мекарда аз мардуми дигар оқилтар ва олимтар аст, дида хеле аз бесаводҳо ва нодонҳо дар зиндагӣ ҷилав афтодаанд, шурӯъ карда шаллоқи фуҳшро ба ҷони ақл ва илм кашидан, ки: ин ҳама маълумоте, ки агар одам бибарад, дами дӯкони баққолӣ як қирон сабзӣ ба ӯ намедиҳанд, фоидааш чист?! Дар ин замина ҳам зиёд дорем. Он шеъри Убайди Зоконӣ маъруф аст ва ӯ дар амал ҳам ҳамин ҷур шуд. Гуфт:

Эй Хоҷа, макун то битавонӣ талаби илм,

К-андар талаби ротиби[34] *ҳаррӯза бимонӣ.*

Рав, масхарагӣ пеша куну мутрибӣ омӯз,

[34] *Ротиб: ҷира, ҳуқуқи рӯзона*.

То додои худ аз кеҳтару меҳтар биситонӣ.

Зимнан, интиқод аз замони худаш аст, ки дар замони ман илм арзиш надорад ва арзиши як мутриб даҳ баробари арзиши як нафар олим аст ва арзиши як соати кори ӯ баробар аст бо арзиши як моҳи кори ин. Дар амал ҳам худи ин мард ҳамин ҷур шуд, яъне воқеан ҳам баъд зад ба дари масхарагӣ, бо ин ки марди олиме буд. Албатта ин матлаб ҳам матлаби нодурусте аст, яъне инсон набояд илм ва ё ҳушро бо миқёси пулу сарват бисанҷад ва бигӯяд, агар инҳо маншаи гирдоварии пулу сарват шуд хуб аст ва агар нашуд, дигар арзише надорад.

Як шеъре ҳаст дар арабӣ, зоҳиран аз Абулъалои Маарриӣ ё Ибни Ровандӣ аст, аз инҳое, ки дар таърихи ислом маъруф ба зандақа ҳастанд. Мегӯяд:

كَمْ عاقِلٍ عاقِلٍ أَعْيَتْ مَذاهِبُهُ

وَجاهِلٍ جاهِلٍ تَلْقاهُ مَرْزوقا

هذَا الَّذي تَرَكَ الأَوْهامَ حائِرَةً

وصَيَّرَ الْعالِمَ النِّحْريرَ زِنْديقا

Мегӯяд: чӣ қадр одамҳои оқили оқилро одам мебинад, ки дар роҳи зиндагӣ дармонда, намедонад аз кадом тараф биравад, бечора аст. Ва чӣ нодонҳои нодон, ки инсон мебинад чӣ рӯзии фаровоне доранд ва ин чизе аст, ки як олими ниҳрирро аз дин бармегардонад ва зиндиқаш мекунад.

Дар сурате, ки ӯ бояд дар инҷо баръакс натиҷагирӣ мекард ва мегуфт, ба далели ин ки ризқ тобеъи ин зарангиҳо нест, пас ман бояд бифаҳмам, ки тадбири ризқ ба дасти каси дигар аст.

Ин мантиқро ҳам мо зиёд мебинем ва маълум аст, ки як ҳарфи ғалате аст ва инсон набояд илм ва ақлро бо ин миқёсҳо бисанҷад. Аз ин ҳам аҷолатан мегузарем.

Таъаққул аз назари мӯътазила ва ашоира

Биёем суроғи он ҷараёнҳое, ки дар воқеъ ба сурати мактаб падид омаданд. Яке аз онҳо мактаби ашъарӣ аст, ки воқеан бузургтарин зарбатҳое, ки дар таърихи ислом ба таъаққули мусалмонон ворид шуда, аз ноҳияи ин ҷараён аст.

Яз авосити қарни дуввуми ҳичрӣ, дар дунёи ислом роҷеъ ба тафаккур дар усули ақоиди исломӣ ду ҷараён пайдо шуд. Гурӯҳе тарафдори ин шуданд, ки ақл, худаш метавонад як миқёс бошад барои дарки усули ақоиди исломӣ ва мо ҳамаи масоилро (масоили марбут ба Худо, масоили марбут ба маод, масоили марбут ба малоика, масоили марбут ба нубувват, аҳком ва ғайраро) дар дараҷаи аввал бояд ба ақли худамон арза бидорем ва ақл барои инсон як миқёси сад дар сад қатъӣ аст. Ин гурӯҳ ба иллати хоссе, ки решаи таърихӣ дорад, баъдҳо ба номи "мӯътазила" номида шуданд.

Нуқтаи муқобили инҳо иддаи дигаре буданд, ки боз ба як иллати таърихӣ онҳоро "ашоира" номиданд. Ашоира тарафдори таъаббуд ва таслими маҳз шуданд, гуфтанд, ақл ҳаққи фузулӣ дар масоили исломро надорад.

Ҳусну қубҳи ақлӣ

Асли матлаб аз масъалаи маъруфи "ҳусну қубҳи ақлӣ" оғоз шуд. Мӯътазила мӯътақид шуданд, ки корҳо фӣ ҳадди зотиҳ (яъне ба худии худ) ё дорои ҳусни зотӣ аст ва ё дорои қубҳи зотӣ ва ақли инсон низ он ҳусн ё он қубҳро дарк мекунад ва аз инҷо ҳукми исломро кашф менамояд, чун ҳукми ислом наметавонад ҷудо аз ақл бошад.

Шоҳмасалашон масъалаи адл ва зулм буд. Гуфтанд: ақл ҳусни адолатро дарк мекунад ва ҳусни адолат зотӣ аст ва қарордодӣ нест. Касе ҳуснро барои адолат қарор надода, ҳамон тавр, ки хоссияти ҷуфт буданро барои адади 4 касе қарор надодааст. Яъне ин ҷур набуда, ки як 4 буда, ки метавониста ҷуфт бошад, метавониста тоқ бошад, баъд омаданд ҷуфт буданро ба он замима карданд, балки лозимаи зоти 4 ҷуфт будан аст. Ё 4 дар дунё вуҷуд надорад, ё он ҷо, ки вуҷуд дорад, ҷуфт ҳам ҳаст.

Гуфтанд: ҳусни адл ва қубҳи зулм, ҳамчунин чизе аст. Ҳол меравем суроғи корҳо: ин кор адолат аст, пас ҳусн дорад, пас ҳатман ҳукми ислом ҳам мувофиқ бо он аст. Он кор зулм аст ва чун зулм аст, пас қатъан қабеҳ аст ва чун Худованд қабеҳро иҷоза намедиҳад, пас қаҳран манҳийюн анҳу аст.

Ашоира гуфтанд: аслан ашё ҳусну қубҳи зотӣ надоранд ва ақл ҳам дар ин ҷур масоил дарке надорад, ҳусну қубҳҳо шаръӣ аст; ҳар чиро, ки Худо амр кунад, чун ӯ амр карда хуб аст, на чун хуб аст ӯ амр карда. Ва ҳар чиро Худо наҳй кунад, чун Худо наҳй карда бад аст, на чун бад буда Худо наҳй кардааст. Мӯътазила гуфтанд: ҳар чи Худо амр карда, чун хуб буда Худо амр кардааст, пас хубиаш тақаддум дорад бар амри Худо ва хубии он иллати амри Худост. Ва ашоира гуфтанд: на, ҳар чи ки Худо амр карда, чун Худо амр

карда хуб аст ва амри Худо иллати хубӣ аст; вақте мо мегӯем, ин кор хуб аст, яъне Худо амр карда. Дар наҳӣ ҳам айни ҳамин матлаб такрор мешавад.

Ҷанги таъаққул ва таъаббуд

Инҷо буд, ки таъаққул дар як ҷиноҳ қарор гирифт ва таъаббуди маҳз дар як ҷиноҳи дигар. Ин ҷараён, фавқулъода дар дунёи ислом авҷ гирифт. Аз охирҳои Банӣ Умайя шурӯъ шуд ва дар аввалҳои Банӣ Аббос — ки озодии фикр бештар буд ва хулафои ба истилоҳи имрӯз равшанфикре назири Ҳорун ва бахусус Маъмун пайдо шуданд ва он маҷолиси эҳтиҷоҷот ва муҷодилотро ташкил медоданд — ба авҷи худ расид. Маъмун бахусус (ва баъд аз ӯ бародараш, Мӯътасим ба табаият аз Маъмун) ба ҳукми ин ки худаш марди олиме буд ва фикраш фикри мантиқӣ ва фалсафӣ буд, тарафдори мӯътазила шуд ва ашоираро дарҳам кӯбид. Ва аз уламои ҳадис, Аҳмади Ҳанбал ба хотири тарафдорӣ аз қишригарӣ тозиёнаи сахте хӯрд. Инҷо буд, ки ба истилоҳ, тарафдорони таъаққул бар тарафдорони таъаббуд пирӯз шуданд ва сахт ҳам пирӯз шуданд ва иттифоқан дар миёни муҳаддисин ва фуқаҳои он аср ашхоси сахтгире набуданд.

Замони Мутаввакил расид. Мутаввакил як халифаи бисёр қишрӣ буд. Истилоҳе имрӯз роиҷ аст. Ба афроде, ки тобеъи гузашта ҳастанд, мегӯянд “суннатӣ”. Калимаи “суннӣ” яъне суннатӣ; касе, ки тобеъи суннат аст, на тобеъи фикр ва таъаққул. Мунтаҳо чун суннатро суннати набавӣ медонистанд, ин калима як қадосати хоссе пайдо кард. Мутаввакил суннатӣ шуд ва сахт мухолифи таъаққул ва мӯътазила, ки дастур дод онҳоро торумор карданд ва аҷиб торумор карданд ва Аҳмади Ҳанбалро бурд дар он авҷи олӣ ва он одаме, ки зиндон кашида буд ва аз ҳукумати вақт тозиёна хӯрда буд, мақоме пайдо кард, ки олитарини мақомҳо буд ва мегӯянд, дар ташйеъи ҷанозааш ҳаштсад ҳазор нафар ширкат карданд.

Хулафои баъд равиши Мутаввакилро бештар ҳимоят карданд ва равиши Маъмун барои ҳамеша дар дунёи ислом маҳкум шуд.

Калимаи “суннӣ”

Сунниҳоро, ки имрӯз суннӣ мегӯянд, дар муқобили шиъа нест. Мо хаёл мекунем, суннӣ яъне касе, ки мӯътақид ба хилофати билофасли Абӯбакр аст ва шиъа яъне касе, ки ба ин амр мӯътақид нест. На, калимаи “суннӣ” дар ибтидо дар муқобили шиъа вазъ нашуд, дар муқобили мӯътазила вазъ шуд. Вақте мегуфтанд: ин суннӣ аст, яъне мӯътазилӣ нест. Вале имрӯз мо мӯътазила ва ашоира, ҳамаро мегӯем суннӣ.

Шиъа дар он замон, ки замони имомон буд, дар ин фикр тарафдори мӯътазила буд, на тарафдори ашоира. Гарчӣ калимаи “суннӣ” дар муқобили “мӯътазила” буд, вале чун шиъа тарафдори фикри мӯътазилӣ буд, баъд, ки мӯътазилиҳо ҳама торумор шуданд ва аз тарафдорони таъаққул фақат шиъа боқӣ монд, калимаи “шиъа” дар муқобили “суннӣ” қарор гирифт ва баъд як фикре пайдо шуд, ки шояд калимаи “суннӣ” дар бораи масъалаи хилофат вазъ шуда, дар сурате, ки решааш он нест.

Вале кам-кам истилоҳ ҳамин ҷур қарор гирифт.

Як вақт оқои *Ҳоҷӣ Мирзо Халили Камарай* дар кунгураи ҳазораи Шайх Тӯсӣ дар Машҳад, таъбири ширине кард роҷеъ ба калимаи “суннӣ”, ки аҳли тасаннун исми хуберо барои худашон интихоб карданд. Гуфт: кулоҳи моро дар торикӣ бардоштанд, омаданд ин исми зеборо барои худашон интихоб карданд, ки мо суннатӣ ҳастем яъне тобеъи суннати Расулуллоҳ ҳастем, яъне дигарон тобеъи суннати Расулуллоҳ нестанд. Дар сурате, ки баҳс дар суннати Расулуллоҳ нест, ки яке бигӯяд суннати Расулуллоҳ мӯътабар аст, дигаре бигӯяд мӯътабар нест. Ҳатто мӯътазила ҳам намегуфтанд, мо суннати Расулуллоҳро қабул надорем. Баҳс дар кайфияти истинбот ва мувоҷеҳа буд, ки бо Қуръон ва суннати Расулуллоҳ бо ақл бояд мувоҷеҳ шуд, агар ақлро канор бигузорем, суннати Расулуллоҳ ва Қуръонро ҳам намефаҳмем ва дуруст ҳам мегуфтанд.

Ҷумуди Ибни Таймия ва наҳзати ваҳҳобигарӣ

Бузургтарин уламои зидди ақл ва таъаққул, пайравони Аҳмади Ҳанбал ҳастанд, ки дар раъси онҳо Ибни Таймия аст. Ибни Таймия дар қарни ҳаштум (ҳ) ва дар Димишқ мезиста. Ӯ марде бисёр пуркор ва ба як маъно нобиға аст. Воқеан ҳам нубуғе дорад, вале як фикри бисёр-бисёр қишрӣ ва мутаҳаҷҷире дорад. Баъзеҳо фикрашон дар сатҳ, хеле тавсиа пайдо мекунад, вале дар умқ нуфузе надорад. Ибни Таймия аз он ашхос аст. Яъне вақте инсон маҷмӯъи китобҳои ӯро мебинад, ҳайрат мекунад, ки як инсон чӣ гуна ин ҳама мутолеа дошта, вале мебинад амиқ нест.

Ибни Таймия эҳёкунандаи суннати Аҳмади Ҳанбал аст, яъне дар миёни пайравони Аҳмади Ҳанбал ҳеч кас ба андозаи ӯ равиши Аҳмади Ҳанбалро эҳё накард ва ҳатто китобе дар таҳрими мантиқ навишт, ки аслан хондани мантиқ ҳаром аст, то чӣ расад ба фалсафа.

Наҳзати ваҳҳобигарӣ ҳам, ки тақрибан дар як қарну ними пеш пайдо шуд, дунболаи Ибни Таймия аст. Инҳо шогирдони Ибни Таймия ҳастанд. Решаи ин наҳзат ҳам наҳзати

зидди ақл аст ва аз ин рӯ, шадидан мантиқ ва фалсафаро таҳрим мекунанд ва хеле ба истилоҳ, суннатӣ ҳастанд, яъне зоҳирӣ ва зоҳирпараст ва қишрӣ мебошанд.

Дар сафари аввале, ки мо ба ҳаҷ мушарраф шудем ва ба Ал-ҷомеъа ал-исломияи Мадина рафтем, бо як донишҷӯи покистонӣ ба номи Ҳофиз Эҳсон — ки донишҷӯи бисёр боҳуше ҳам буд — рафиқ шудем. Ӯ баъд, ки бо ман ошно шуд ва фаҳмид, ки ман дар Теҳрон тадриси мантиқ ва фалсафа мекунам, хеле алоқаманд шуд ва доиман меомад дар корвони мо ва суолоте мекард.

Ман дидам ӯ ташна аст. Мегуфт, ин бад-он ҷиҳат аст, ки дар инҷо тадриси мантиқ ҳаром аст. Ин ҳамон табаият аз суннати Ибни Таймия аст.

Пас ин ҷараёнҳо аз ашъаригарӣ дар муқобили мӯътазилигарӣ шурӯъ шуд ва дар замони Аҳмади Ҳанбал ба авҷи худ расид. Мутаввакил заъими сиёсӣ ва Аҳмади Ҳанбал заъими мазҳабӣ, ин ду заъим, яке сиёсӣ ва яке мазҳабӣ, қишригариро ба авҷи худ расонданд.

Баъдҳо ҳам Аҳмади Ҳанбал шогирдоне пайдо кард ва аз ҳамаашон хатарноктар ҳамин Ибни Таймия аст, чун мактаби Аҳмади Ҳанбал пас аз муддате аз минтақаи тамаддуни исломӣ ронда шуд ва рафт дар ғарби Офриқо, вале баъд Ибни Таймия думартиба ин мактабро зинда кард ва бори дигар ваҳҳобиҳо онро матраҳ карданд, ки ҳамаи инҳо ҷараёнҳои зидди таъаққул дар дунёи ислом аст ва ҷараёнҳои таассуфоваре ҳам ҳаст.

Ахборигарӣ

Дунёи шиъа аз қишригарӣ маҳфуз буд ва иллаташ ҳам ҳамин аст, ки арз кардам, ки ин наҳзати қишригарӣ муқорини асри имомон буд ва имомон роҳашон ба роҳи мӯътазила бисёр наздик буд ба тавре, ки дар таърих, шиъа ва мӯътазиларо бо ҳам зикр мекарданд ва ба онҳо “адлия” мегуфтанд ва ҳатто бисёре, шиаҳоро мӯътазилӣ мегӯянд ва мӯътазилиҳоро шиъӣ.

Наҳзати қишригарӣ дар шиъа роҳ наёфт, то дар чаҳор қарн пеш, тақрибан муқорини аввалҳои сафавия, марде ба номи Мирзо Муҳаммади Астарободӣ пайдо мешавад, ки равиши аҳли ҳадисро пеш мегирад ва аз ӯ муассиртар шогирдаш Мулло Амини Астарободӣ аст. Ва аҷиб ин аст, ки касоне, ки асли як наҳзатро шурӯъ мекунанд — ҳарчанд наҳзат, наҳзати қишригарӣ бошад — худи инҳо аз як нубуғе баҳраманд ҳастанд ва агар чунин набошанд, наметавонанд поягузори як наҳзат бошанд. Худи Аҳмади Ҳанбал ҳам як одами кучаке нест.

Мулло Амини Астарободӣ марде аст, ки солҳо дар Макка ва Мадина муҷовир буда ва китобе навишта ба номи *“Ал-фавоидул-мадания”*, ки дар он як тохту този аҷибе ба

уламои шиъа мекунад, ки таъаққулро вориди ислом карданд. Масалан, ба Аллома Ҳиллӣ сахт фуҳш медиҳад.

Як роҳеро пеш гирифт, гуфт, аз ин чаҳор далеле, ки инҳо мегӯянд (Қуръон, суннат, иҷмоъ, ақл) се далелаш ботил аст, яъне ҳеч кадом барои мо далел нест; Қуръон далел нест, ақл ҳам далел нест, иҷмоъ ҳам далел нест. Дар бораи иҷмоъ гуфт, аслан иҷмоъ решае надорад ва аз аҳли суннат гирифта шуда. Ҳамин иҷмоъ падари исломро дароварда. Иҷмоъ ҳамон аст, ки хилофати Абӯбакрро дуруст кард. Сунниҳо омаданд инро як асл қарор доданд барои ин ки хилофати Абӯбакрро дуруст кунанд, баъд онро вориди фиқҳ карданд ва шиъа ҳам омад иҷмоъро вориди фиқҳ кард. Иҷмоъ моли мо нест, моли сунниҳост.

Қуръонро ҳам ба сабки мӯҳтарамонае бӯсид ва гузошт лаби тоқча. Нагуфт, мо Қуръонро қабул надорем, гуфт, Қуръонро қабул дорем, Қуръон китоби Худост, аммо Қуръон, ки барои мо нест, Қуръон барои имомон аст. Фақат имомон метавонанд бифаҳманд, ки Қуръон чӣ мегӯяд, мо, ки ҳақ надорем дар Қуръон таъаққулу тадаббур кунем. Қуръон аслан нозил шуда барои мухотабини худ; онҳо, ки бо забони Қуръон ошно ҳастанд ва маънои онро мефаҳманд. Қуръон бо забони махсусе ҳарф мезанад ва он забонро фақат ва фақат имомон мефаҳманду бас. Қуръонро низ ин ҷур бӯсид ва гузошт лаби тоқча.

Дар бораи ақл иттифоқан як истидлолҳои хеле равшанфикрона ва мутаҷаддидонае мекунад назири ҳарфҳое, ки Декарт ва ғайра алайҳи фалсафа гуфтанд, ӯ алайҳи ақл гуфт, ки ҳарфҳои муҳимме аст. Ҳарфҳои фалосифаро матраҳ ва нақд мекунад, ки инҷо инчунин иштибоҳ карданд, онҷо ин ҷур иштибоҳ карданд, баъд ин баҳсеро, ки дар миёни уламои ҷадид низ пайдо шуда матраҳ мекунад, ки маншаи хатои зеҳн чист? Ё дар сурат аст ё дар модда. Баъд мегӯяд, мантиқи Арасту мантиқи сурат аст ва ҳадди аксар метавонад хатои зеҳнро дар назми фикр ва ба иборати дигар, хатои назмро нишон бидиҳад, мисли як меъмор, ки фақат хуб метавонад тарҳи сохтмонро бидиҳад, аммо моддаи сохтмон масалан оҷур, оҷури хубе аст ё бад, сементаш хуб аст ё бад, оҳанаш хуб аст ё бад, ин дигар кори ӯ нест.

Мантиқи Арасту ҳам фақат сурати истидлолро метавонад тасҳеҳ кунад.[35] Вале бештарин хатои инсон дар моддаи фикр аст, на дар сурати фикр. Онро чӣ кор мекунед? Роҳе нест. Чун роҳе нест, дар умури динӣ набояд ба ақл эътимод кард.

[35] *Ва ҳарфи дурусте ҳам ҳаст. Имрӯз ҳам мантиқи Арастуро "мантиқи сурат" мегӯянд ва дуруст ҳам гуфтаанд. Худи Арасту низ беш аз ин иддао надорад ва мисли Бӯалӣ ҳам беш аз ин иддао надоранд*.

Ақлро ҳам гузошт канор, гуфт: мо ҳастем ва ҳадис, мо ҳастем ва суннат ва иҷтиҳодро, ки уламои шиъа вориди фиқҳ карданд, шадид маҳкум кард, гуфт: иҷтиҳод яъне таъаққул ва таъаққул ҷоиз нест. Тақлид ҳам ҷоиз нест, мо фақат бояд муқаллиди имомон бошем. Рисола навиштан ва иҷтиҳод кардан дар масоил, ҳама ҳаром андар ҳаром аст.

Ин мард ҳарфҳои худашро ончунон кӯбанда гуфт, ки воқеан як наҳзати бузурге дар дунёи ислом эҷод кард ба номи наҳзати ахборигарӣ, ки пайравони онро "ахборийин" меноманд ва ин наҳзат муддате дунёи шиъаро ларзонд ва дар бархе навоҳӣ ҳатто маншаи ҷангҳо ва кушторҳо гардид. Махсусан дар шайхнишинҳои халиҷи Форс, ин мантиқ аҷиб нуфуз кард. Дар аввалҳои сафавия, Наҷаф ва Карбало маҳди ахборийин буд ва касе ҷуръат надошт дар онҷо роҷеъ ба тафсири Қуръон ё роҷеъ ба ақлу истидлол ва ё роҷеъ ба иҷмоъ ҳарф бизанад. Мегуфтанд, фақат ва фақат мо ҳастем ва суннат, мо ҳастем ва ҳадис. Ва инҳо ҳамла карданд ба касоне, ки мегуфтанд, ҳадис ё саҳеҳ аст ё заъиф ё мувассақ ва ё ҳасан.

Алломаи Ҳиллӣ ва дигарон аҳодисро тақсимбандӣ карданд, гуфтанд: баъзе аҳодис саҳеҳ аст, баъзе мувассақ аст, баъзе заъиф аст ва баъзе ҳасан (ҳар кадом як истилоҳи хоссе доштанд); ҳадиси саҳеҳро ин ҷур мешавад бо он амал кард, ҳадиси мувассақро ин ҷур ва ҳадис заъиф эътибор надорад. (Мулло Амин) гуфт: ин музахрафот чист?! Ҳадис, дигар заъифу ғайри заъиф надорад, ҳар чи ки ҳадис аст, мӯътабар аст…

Назири наҳзати Аҳмади Ҳанбал ва Ибни Таймия дар миёни аҳли тасаннун, ба василаи Мулло Амин Астарободӣ дар миёни мо пайдо шуд.

Пирӯзии иҷтиҳод бар ахборигарӣ

Албатта ин наҳзат баъдҳо ба василаи уламои бузурге, ки яке аз онҳо марҳуми Ваҳиди Беҳбаҳонӣ аст саркӯб шуд. Ваҳиди Беҳбаҳонӣ устоди Баҳрулулум буда ва дар давраи баъд аз сафавия мезистааст. Ин мард аз он касоне аст, ки наҳзати таъаққул ва иҷтиҳодро дар муқобили ахборийин поягузорӣ кард ва аз нав иҷтиҳодро дар муқобили ин ҷумуд ва қишригарӣ зинда кард ва баъд аз ӯ марҳум Шайхи Ансорӣ — ки ӯро устодулмутааххирин мегӯянд — охирин зарбаро ба нафъи иҷтиҳод ва алайҳи ахборигарӣ ворид кард,[36] ба тавре, ки дигар баъд аз он ахборийин камар рост

[36] *Нуқтаи муқобили ахборийин, муҷтаҳидин ҳастанд. Мегӯянд, муҷтаҳидин ва ахборийин*.

накарданд.[37] Вале фикри ахборигарӣ ба куллӣ аз байн нарафта. Ҳатто дар бисёре аз муҷтаҳидин низ афкори ахборигарӣ ҳанӯз нуфуз дорад ва бақоёяш дар афкори онҳо ҳаст. Ин як таърихчаи мухтасаре буд (аз арзиши таъаққул дар назари мусалмонон), ки нишон медиҳад дар айни ин ки ислом (ҳатто дар мазҳари ҳадиси он) ин ҳама барои ақл эҳтиром қоил шуда, вале ҷараёнҳои иҷтимоӣ гоҳе ҳама чизро дарҳам мепечад. Ин ҷараёнҳо дар олами ислом пайдо шуд, ҳам дар дунёи тасаннун ва ҳам дар дунёи ташайюъ.

Дар ин замина мо намехоҳем ба тафсил баҳс кунем, чун хушбахтона бояд бигӯем, ки акнун дар миёни мо шиъаён адлигарӣ бар ашъаригарӣ пирӯз аст, лоақал аз назари мантиқ. Шумо ҳар китобе аз китобҳоеро, ки имрӯз дар ҳавзаҳои илмия тадрис мешавад боз кунед, ин матлабро мулоҳиза менамоед. Аз ҳар талабае агар бипурсед: мо, ки шиъа ҳастем, аз адлия ҳастем ё аз ғайри адлия? Мегӯяд аз адлия. Ё агар бипурсед: оё мо тарафдори ҳусну қубҳи ақлӣ ҳастем ё мункири он? Мегӯяд: мо тарафдори ҳусну қубҳи ақлӣ ҳастем. Иллаташ ин аст, ки амсоли Шайх Ансорӣ пояи ин матлабро комилан таҳким карданд ва он ҷараёни Мулло Амини Астарободӣ ҳам ҷараёне буд, ки дар ин васатҳо пайдо шуд.

Решаи ахборигарӣ аз назари Оятуллоҳ Буруҷердӣ

Марҳум оқои Буруҷердӣ як ҳарфе доштанд, ки намедонам аз чӣ мадраке нақл мекарданд, вале ҳарфи бисёр ҷолибе буд. Дар тобистони санаи 22, ки ҳанӯз эшон ба Қум наомада буданд, мо ба Буруҷерд рафта будем. Инро ман дар Буруҷерд аз эшон шунидам ва дар Қум дигар нашунидам ва ғафлат кардам, ки аз эшон бипурсам, мадракаш чист?

Эшон як вақте, ки ин ҷараёни Мулло Амини Астарободӣ ва истидлолҳои ӯ бар зидди ақл ва бар инкори ақлро нақл мекарданд, мегуфтанд, ки ин наҳзат муқорин аст бо наҳзати зидди ақл ва зидди фалсафае, ки дар Урупо пайдо шуд бар асоси ҳиссигарӣ ва таҷрибагарӣ, ки аз Декарт ва Бэкон ва ғайра шурӯъ шуд.

Онҳо ҳам ба гунаи дигаре бо мантиқ ва бо таъаққул мухолифат карданд, вале бар асоси мӯътабар шинохтани ҳис. Эшон муддаӣ буданд, ки Мулло Амин таҳти таъсири афкоре, ки дар дунёи Урупо пайдо шуда буд қарор гирифта буд.

Он чи барои ман маҷҳул монда ин аст, ки дар он вақт ҳанӯз ин афкор дар Эрон наомада буд, пас чӣ гуна ӯ таҳти таъсири ин афкор қарор гирифта буд? Шояд чун Мулло Амин ғолибан дар Эрон набуд ва хеле авқот муҷовир буд махсусан дар Макка ва Мадина, дар

[37] *Албатта алъон ҳам дар гӯшаву канор ҳастанд*.

он сафарҳояш бо касе бархӯрд карда ва ин афкорро аз ӯ гирифтааст. Мунтаҳо интиқоди эшон ин буд, ки агар фарангӣ меояд, тарафдори ҳиссӣ мешавад ва ақли мустақил аз ҳисро инкор мекунад ва мегӯяд, ақл он андоза эътибор дорад, ки рӯйи маҳсусот кор кунад ва кори ақл фақат таҷриду таъмим ва таҷзия ва таркиби маҳсусот аст ва на чизи дигар, ӯ чун дунболи улуми табиӣ меравад, ниёзе ба маъқул надорад. Ту дар мавриди дин мехоҳӣ баҳс бикунӣ. Дин, аввалин масъалааш Худост ва Худо маъқултарини маъқулоти олам аст. Ту чӣ тавр метавонӣ инкори ақлро вориди дин бикунӣ?! Фарангӣ инкори ақли мустақилро бар асоси асолати ҳис қарор дод. Аз ин назар ба ӯ ишколе нест. Вале ту мехоҳӣ инкори ақлро бар асоси асолати ҳадис қарор бидиҳӣ. Оё Худо ва ваҳдонияти ӯро бо ҳадис дуруст мекунӣ?! Агар бигӯянд, оё Худое вуҷуд дорад ё вуҷуд надорад, чӣ мегӯӣ? Лобуд мегӯӣ, вуҷуд дорад. Агар бигӯянд, ба чӣ далел, оё мегӯӣ, ман китоби “Васоил”-ро, ки боз мекунам, мебинам дар онҷо навишта ҳазрати Имом Ҷаъфари Содиқ фармуда Худо вуҷуд дорад?! Инкори ақли мустақил бар асоси асолати ҳис, як роҳе аст, вале инкори асолати ақл бар асоси асолати ҳадис ба ҳеч ваҷҳ наметавонад қобили қабул бошад, чун асоситарин масоили исломии мо ғайбтарин (-и онҳост). Худи Қуръон таъбираш “ғайб” аст:

الَّذِينَ يُؤْمِنُونَ بِالْغَيْبِ

(*Бақара/3*) Ғайбро чӣ гуна мешавад бо ҳадис исбот ва истидлол кард? Мо худи Имом Ҷаъфари Содиқро ба ин далел қабул дорем, ки мегӯем, ӯ имом аст.

Чаро имом аст? Мегӯем, чун васии пайғамбар аст ва пайғамбар имомонро муайян карда. Пайғамбарро ба чӣ далел қабул дорем? Мегӯем, ӯро Худо фиристода. Худи пайғамбар бо далели ақл бояд бароямон собит бишавад. Худо ба далели ақл бояд собит бишавад. Аввал бояд Худое собит бишавад, пайғамбаре собит бишавад ва баъд Имом Ҷаъфари Содиқ собит бишавад ва он гоҳ ҳадисеро, ки аз Имом Ҷаъфари Содиқ ривоят шуда, агар ҳадиси дурусте ҳаст, қабул кунем. Аммо агар бихоҳем корамонро аз аввал аз ҳадис шурӯъ кунем, ба ҳеч ҷо намерасем.

Аксуламали ифроти мӯътазила

Ин нуктаро арз бикунам, ки ҳамеша ифроту тафритҳо маншаи харобӣ мешавад. Мӯътазила, ки тарафдори ақл шуданд, миқдоре дар корҳо ифрот карданд. Омаданд чизҳоеро, ки ақл дар он маврид дарке надорад яъне на нафй мекунад ва на исбот ва ба иборати дигар, он чиро, ки ақл намефаҳмад, ба ҳисоби он чизе гузоштанд, ки ақл

вуҷудашро нафй мекунад ва ин як навъ тағзия дар мактаби ашъаригарӣ буд, яъне мардум тарафи ашоираро гирифтанд, чун диданд хеле масоилро мӯътазила инкор мекунанд. Масалан, баъзе аз мӯътазила вуҷуди ҷинро инкор карданд, чун ҷинро бо далели ақл намешуд исбот кард. Вале ақл, ки наметавонад бигӯяд, ки як мавҷудоти номаръӣ ба номи ҷин ҳатман вуҷуд надорад. Ақл наметавонад ин матлабро бифаҳмад. Мо чӣ медонем, шояд ғайр аз ҷин, миллионҳо мавҷуди номаръӣ дар оламе бошад, ки башари имрӯз онҳоро кашф накардааст.

Инкори масоиле назири масъалаи ҷин сабаб шуд, ки иддае ба ақл бадбин шуданд, гуфтанд: ҳамон мутаъаббидҳо хубанд, мо агар динамон бихоҳад маҳфуз бимонад, бояд роҳи онҳоро пеш бигирем, агар дунболи ин равшанфикрӣ биравем, хеле чизҳоро бояд аз даст бидиҳем; имрӯз ҷинро инкор карданд, фардо малоикаро инкор мекунанд, пасфардо ҳам Худоро инкор мекунанд, мисли ифроткориҳои равшанфикрӣ дар замони мо. Худи равшанфикрӣ хеле хуб аст, вале агар равшанфикрӣ як роҳи ифротро пеш гирифт, худаш омили шикасти худаш аст.

Ақл аз назари фуқаҳо

Ин масъала марбут ба калом буд. Дар фиқҳ ҳам айни ин ҷараён дар миёни аҳли тасаннун пайдо шуд. Баъзе тарафдори таъаббуд дар масоили фиқҳӣ шуданд, мисли Молик ибни Анас — ки дар замони худаш хеле ҳам бошахсият буд ва муосир ва шогирди ҳазрати Имом Ҷаъфари Содиқ аст — ва баъзе тарафдори қиёс шуданд. Абӯҳанифа тарафдори қиёс шуд. Ӯ ҳам муосири ҳазрати Содиқ аст ва хидмати эшон дарс хонда, ки аз ӯ нақл кардаанд:

لولا السنتان لهلك النعمان

Агар он ду соли дарс хондан набуд, ман аз байн рафта будам. Абӯҳанифа як унсури эронӣ аст ва дар Кӯфа мезистааст. Ӯ ба ҳадис камэътино буд, на ба маънои ин ки ба гуфтаи пайғамбар камэътино буд, балки ағлаби аҳодисро мӯътабар намедонист ва мӯътақид буд, ки инҳоро ҷаъл кардаанд. Мегуфт, аз тамоми аҳодисе, ки аз пайғамбар ривоят шуда, иддаи маъдуде (дар ҳудуди 20-то)-ро ман яқин дорам, ки пайғамбар гуфта, боқии дигарро бовар надорам пайғамбар гуфта бошад. Албатта гӯё иттилооташ дар ин заминаҳо заъиф будааст.

Дар масоили фиқҳ агар мо бошем ва Қуръон ва бист ҳадис аз пайғамбар, бадеҳӣ аст, ки барои истидлол хеле касрӣ дорем, яъне агар бихоҳем аҳкомро бифаҳмем, бо завоҳири

Қуръон ва бист ҳадиси пайғамбар, фиқҳе ба ин вусъатро намешавад истинбот кард. Дар натиҷа Абӯҳанифа мерафт сурогӣ қиёс. Қиёс яъне муқоиса кардан ва шабеҳгирӣ. Мегуфт: дар фалон мавзӯъ пайғамбар ин чур гуфта, ин мавзӯъ ҳам як шабоҳате ба он дорад, пас ҳукми онро меоварем инҷо. Ин ҳамон чизе аст, ки Қуръон аз он наҳй карда. Ин пайравии ақл нест, пайравии занну гумон аст. Масъалаи занну гумон ғайр аз масъалаи ақл аст, ки ақл ҳукмеро дақиқан дарёфт карда бошад.

Инҷо буд, ки дар фиқҳ масъалаи занну гумон ва шабеҳгирӣ роҳ пайдо кард ва як мошини қиёсгирӣ ва истинботи аҳком бар асоси тахайюл ба вуҷуд омад. Ин ҳам ба ҳисоби ақл гузошта шуд, ки бибин! Агар бино бишавад ақл дар масоил дахолат кунад, ин тавр мешавад.

Боре, Абӯҳанифа мактаби қиёсро таъсис кард, вале ҳатто имомони аҳли тасаннун ҳам зери ин бор нарафтанд. Молик ибни Анас дар ҳамаи умраш дар ду масъала ба қиёс фатво дод ва вақти мурдан изҳори нороҳатӣ мекард, ки ман аз Худо метарсам, зеро дар ду масъала ба қиёс раъй додам. Аҳмади Ҳанбал, ки шадид мухолиф буд. Шофеӣ ҳам байнобан буд, на ба шиддати Абӯҳанифа қиёс мекард ва на мисли Молик ибни Анас ба истилоҳ ҳадисӣ буд.

Бидуни шак Абӯҳанифа дар инҷо роҳи ифротро дар пеш гирифт. Худи аҳли тасаннун нақл кардаанд, ки ӯ ончунон ба қиёс одат карда буд, ки гоҳе на танҳо дар масоили шаръӣ, балки дар масоили табиӣ ҳам қиёс мегирифт ва чизҳои музҳике аз об дармеомад.

Мегӯянд, рӯзе рафт назди салмонӣ, ки сару сураташро ислоҳ кунад, дар ҳоле, ки тоза чандто мӯйи сафед дар ришаш пайдо шуда буд, ба салмонӣ гуфт: мӯйҳои сафедро аз реша бикан, ки дигар дарнаёяд ва фақат мӯйҳои сиёҳ боқӣ бимонад. Салмонӣ ба ӯ гуфт: иттифоқан баръакс аст, агар мӯйи сафедро биканем, бештар дармеояд. Гуфт: пас сиёҳҳоро бикан!

Фавран қиёс гирифт: агар сафедро бикананд, бештар дармеояд, пас сиёҳҳоро бикан. Ба иборати дигар: фаразан ин ҳарф дар бораи мӯйи сафед дуруст бошад, ки агар онро биканем, бештар мешавад, ҳатман дар бораи мӯйи сиёҳ ҳам бояд дуруст бошад, ки агар онро биканем, бештар мешавад. Дар масоили шаръӣ низ ҳамин чур қиёс мегирифт.

Дар инҷо мактаби имомон ва мактаби аҳли байт, баръакси онҷо, ки тарафдори адлия ва тарафдори таъаққул буд, тарафдори қиёс нашуд, чун қиёс воқеан таъаққул нест, пайравӣ аз занну гумон ва хаёл аст. Имомон ба шиддат қиёсро кӯбиданд ва гуфтанд:

إِنَّ السُّنَّةَ إِذا قيسَتْ مُحِقَتْ

Агар суннат бар пояи қиёс қарор бигирад, маҳв мешавад. Вале ақлро накӯбиданд ва мебинед дар инҷо байни шиъа ва суннӣ ин ихтилоф ҳаст, ки сунниҳо мегӯянд адиллаи фиқҳ чаҳор чиз аст: Қуръон, суннат, иҷмоъ, қиёс, вале уламои шиъа гуфтаанд: адиллаи фиқҳ чаҳор чиз аст: Қуръон, суннат, иҷмоъ, ақл. Имомон, ақлро таъйид карданд, қиёсро таъйид накарданд. Ин худаш нишон медиҳад, ки равиши имомон ва низ равиши уламо бар задди ақл набуд, бар зидди қиёс буд ва қиёсро як зобити ақлии дуруст намедонистанд.

Албатта дар миёни баъзе фуқаҳо ҳамин дурӣ ҷустан аз қиёс гоҳе ба ҳадди ифрот кашонда шудааст ва ин худаш як беморӣ шуда, ки то як ҳарф зада мешавад мегӯянд: ой қиёс шуд! Як чизҳое ҳам, ки қиёс нест, аз он фирор мекунанд, ки: оқо ин қиёс шуд:

أَوَّلُ مَنْ قاسَ إِبْليسُ

Аввал касе, ки қиёс кард шайтон буд ва аз ин ҳарфҳо.

Ин ҳам як ҷараёне буд дар дунёи ислом дар ин замина. Ҷараёни дигаре дорем дар мавзӯъи ақл ва фатвоҳои зидди ақл, ки он ҷараёни ирфон аст. Ирфон ҳам ба навъи дигаре мутаарризи ақл ва уқало ва фалосифа ва такя рӯйи ақл карданҳо шудааст, ки “пойи истидлолиён чӯбин бувад”…

Омилҳои тарбият (1)

Ирода

Арз кардем, ки яке аз истеъдодҳое, ки дар инсон қатъан бояд парвариш пайдо кунад, ирода аст. Фарқи иродаро бо майл баён кардем ва арз кардем, ки иштибоҳ аст, ки баъзеҳо иродаро аз мақулаи майл дониста ва хаёл кардаанд ирода ҳамон майли бисёр шадид аст. Ирода як қувва ва нерӯи дигаре аст дар инсон, вобаста ба ақли инсон аст, бар хилофи майл, ки вобаста ба табиати инсон аст. Майл аз навъи кашиш ва ҷозиба аст, ки ашёи мавриди ниёз инсонро ба сӯйи худ мекашанд ва ба ҳар андоза, ки майл шадидтар бошад, ихтиёр аз инсон маслубтар аст. Яъне инсон дар ихтиёри як қудрати берун аз худ аст, баръакси ирода, ки як нерӯи дарунӣ аст. Инсон, бо ирода худашро аз таъсири нерӯҳои берунӣ хориҷ ва мустақил мекунад. Ирода ҳар миқдор, ки қавитар бошад, бар ихтиёри инсон афзуда мешавад ва инсон бештар молики худ ва кори худ ва сарнавишти худ мегардад.

Тасаллут бар нафс

Роҷеъ ба масъалаи ирода ва ба таъбири дигар, тасаллут бар нафс ва моликияти нафс, он чи ки дар дастурҳои исломӣ дар ин замина расидааст, таҳти унвони тақво ва тазкияи нафс он қадр зиёд аст, ки зарурате надорад мо ба унвони як шоҳид далел биёварем, ки бале, дар ислом ба масъалаи тақвияти ирода таваҷҷӯҳ шудааст. Ҳамин қадр барои ин ки намунае ба даст дода бошем, ҷумлаеро аз “Наҳҷул-балоға” нақл мекунам, ки ҷумлаи бисёр олӣ ва зебое дар ин замина аст.

Амирулмӯъминин таъбире доранд, аввал дар бораи хато ва гуноҳ мефармоянд:

أَلا وَإِنَّ الْخَطايا خَيْلٌ شُمُسٌ حُمِلَ عَلَيْها أَهْلُها

Масали гуноҳон масали аспҳои чамуш аст, ки ихтиёрро аз кафи савор мегиранд.

Медонем, гуноҳ аз онҷо пайдо мешавад, ки инсон таҳти таъсири шаҳавот ва майлҳои нафсонии худаш бар хилофи он чи ки ақлу имонаш ҳукм мекунад, амалеро анҷом медиҳад. Эшон мефармоянд, ҳолати гуноҳ, ҳолати аз даст додани инсон моликияти нафси худрост.

Он вақт дар мавриди тақво, ки нуқтаи муқобили он аст мефармояд:

أَلا وَإِنَّ التَّقْوى مَطايا ذُلُلٌ

Вале масали тақво масали маркабҳои ром аст, ки ихтиёри маркаб дасти савор аст, на ихтиёри савор дасти маркаб. Яъне ӯ фармон медиҳад, ин амал мекунад, лаҷомашро ба ҳар тараф мутамоил кунад, ба ҳамон сӯ меравад бидуни он ки лагадпарронӣ ва чамушӣ кунад.

Ва ҳеч мактаби тарбиятӣ дар дунё аъамм аз моддӣ ё илоҳӣ пайдо нашудааст, ки бигӯяд хайр, тақвияти ирода яъне чӣ?! Инсон бояд сад дар сад таслими майлҳои худаш бошад ва ҳар тавр, ки хоҳиши нафсонии ӯ ҳукумат кард, ҳамон тавр амал кунад. Бале, мардуми ин гуна дар дунё зиёданд, аммо як мактабе, ки муддаии тарбияти инсон бошад ва аз ин асл тарафдорӣ кунад вуҷуд надорад. Сартр ва амсоли ӯ (экзистенсиалистҳо) дар мавзӯъи озодӣ чизҳое гуфтанд, ки натиҷаи мантиқии ҳарфи онҳо ҳамин буд — ва ба онҳо дар ин замина хеле интиқод карданд — ва аз ин рӯ кам-кам кор ба ҷойе расид, ки дар худи Урупо экзистентсиализм мусовӣ шуд бо комҷӯӣ ва шаҳватронӣ ва лоуболигарӣ ва бебандуборӣ. Вале баъд онҳо ҳам дар мақоми тавҷеҳ баромаданд, ки чунин нест, аз мактаби мо суистифода кардаанд, мактаби мо чунин чизе намегӯяд.

Имон, зомиин ҳукумати ирода

Ғаразам ин ҷиҳат аст, ки ҳеч мактабе дар дунё пайдо намешавад, ки дар ин ки ирода бояд бар майлҳои инсон ҳукумат кунад, кучактарин тардиде дошта бошад. Баҳс дар замонати иҷроии матлаб аст, ки роҳи ин матлаб чист? Оё ҳамин қадр, ки гуфтем “ирода” ва дар натиҷа ақл бояд бар майлҳо ҳоким бошад,[38] бо як бояде, ки мо гуфтем, фавран дигар ақлу ирода дар вуҷуди мо бар майлҳо ҳукумат мекунанд?! Чӣ чиз зомини иҷрои ҳукумати ақлу ирода бар майлҳост?

Яке аз масоиле, ки мазҳабиюн ба он мутамассик мешаванд, дар ҳамин ҷост. Мегӯянд, ирода қувваи иҷроии ақл аст. Вале худи ақл чист ва аз ақл чӣ коре сохтааст? Ақл ҷуз рӯшноӣ чизи дигаре нест, ки инсонро равшан мекунад. Аммо оё равшан кардан, ба инсон ҷиҳат ҳам медиҳад, ки ҳоло, ки атрофат равшан шуд, аз ин тараф бирав ё аз он тараф? Инсон дунболи он чи мехоҳад меравад ва аз чароғи ақл истифода мекунад барои расидан ба матлуби худаш. Мушкил ин аст, ки инсон чӣ матлубе дошта бошад? Албатта дар ин ки инсон ниёз дорад ба чароғи ақл барои ин ки (роҳи ӯро) равшан кунад, баҳсе нест. Инсон агар дар торикӣ ҳаракат кунад, матлуби худашро гум мекунад. Дар ниёз ба ақл

[38] *Ирода ҳамон қувваи иҷроии ақл аст.*

баҳсе нест. Вале сухан дар ин аст, ки ақлу илм — ки дар воқеъ мукаммили ақл ва ба иборати дигар, ақли иктисобӣ аст — рӯшноӣ аст, муҳитро равшан мекунад, инсон мефаҳмад чӣ мекунад; мефаҳмад, ки агар бихоҳад ба фалон мақсад бирасад, аз инҷо бояд биравад; ин, васила аст барои он мақсад ва он, васила аст барои ин мақсад. Вале оё фаҳмидан ва донистан кофӣ аст, ки иродаи инсон бар тамоюлоти ӯ ҳукумат кунад? На. Чаро?

Барои ин ки инсон ба худии худ ин тавр аст, ки дунболи манофеъи худаш меравад ва иродааш то он андоза мумкин аст бар майлҳояш ҳукумат кунад, ки манофеъаш иқтизо мекунад.

Ин ҷост, ки то як амри дигаре, ки ба инсон хостаҳои моварои манофеъ надиҳад пайдо нашавад, аз ақлу ирода коре сохта нест ва он ҳамон аст, ки мо ба он “имон” мегӯем; он чизе, ки ҳам қодир аст ҷилави инсонро аз манфиатпарастӣ то ҳудуди зиёде бигирад ва ҳам барои инсон матлубҳо ва хостҳои моварои манофеъи фардӣ ва моддӣ арза медорад; матлуб месозад ва халқ мекунад. Ва он вақт ақл ҳам инсонро ба сӯйи ҳамон матлуб (пеш мебарад, зеро) ақл, инсонро ба сӯйи ҳар матлубе бихоҳад биравад дар ҳамон сӯ ҳидоят мекунад, ки ақл чароғ аст. Вақте, ки шумо чароғро дар торикӣ ба дасти гирифтаед, чароғ ба шумо намегӯяд аз ин тараф бирав ё аз он тараф. Чароғ мегӯяд, аз ҳар сӯ, ки мехоҳӣ биравӣ, ман роҳро бароят равшан мекунам.

Чун баҳси мо дар бораи тарбият ва тақвияти ирода аст, инҳо дигар баҳсҳои иститородӣ аст. Ҳамин миқдор хостем арз бикунем, ки **ҳеч мактабе дар дунё пайдо намешавад, ки ба ин асл эътиқод надошта бошад, ки ирода дар инсон бояд тақвият шавад**. Масалан, агар инсон мехоҳад баччаро тарбият кунад, бояд коре бикунад, ки ирода дар вуҷудаш тақвият шавад.

Ниёиш ва парастиш

Яке дигар аз умуре, ки боз аз истеъдодҳои хосси инсонӣ шумурда мешавад, (лоақал аз назари баъзе аз равоншиносон), масъалаи ниёиш ва парастиш аст.

Дар бораи ин матлаб аввалан як баҳсе ҳаст, ки оё ниёиш ва парастиш як ҳисси асил ва як ғариза аст дар инсон ё чунин ҳиссе асил ва чунин ғаризае дар инсон вуҷуд надорад, балки ин амр мавлуди ғароизи дигар аст? Иҷмолан медонем, ки иддаи зиёде аз муҳаққиқин ва равоншиносон ниёиш ва парастишро ба унвони як ҳисси асил дар инсон пазируфтаанд. Мақолае, ки дар ҳудуди 12 сол пеш оқои муҳандис Баёнӣ — ки ман эшонро фақат ба исм мешиносам — бо тавсияи оқои муҳандис Бозаргон тарҷима

карданд ва дар аввалин шумораи солонаи “Мактаби ташайюъ” таҳти унвони “Ҳисси динӣ ё буъди чаҳорум” чоп шуд, дар ҳамин замина буд. Онҷо нависанда ташреҳ карда буд, ки руҳи инсонӣ аз он ҷиҳат, ки инсон инсон аст (яъне минҳои ҳайвониёт), чанд буъди ҷудогона дорад[39], ки дар ҳайвон вуҷуд надорад. Ӯ он ғароизро таъбир ба “буъд” карда буд, ки вуҷуди инсон чанд буъд дорад: буъди ҳақиқатҷӯӣ ё илм, яъне гузашта аз ин ки илм барои зиндагии инсон муфид аст ва васила аст барои зиндагӣ, худаш аз он ҷиҳат, ки ҳақоиқро барои инсон кашф мекунад, матлуби биззот аст. Инсон ҳақиқатро барои худи ҳақиқат ҳам мехоҳад ва хаёл намекунам дар ин матлаб ҷойи баҳсу тардид бошад. Яъне масалан агар алъон мо бидонем, ки уламое ба як ҳақиқате расидаанд, ки он ҳақиқат аслан марбут ба зиндагии мардуми замин, балки манзумаи шамсӣ нест ва донистан ва надонистани он як сари сӯзан дар зиндагии мо асар намебахшад, боз агар аз мо бипурсанд, ту дилат мехоҳад онро бидонӣ ё надонӣ, ҳеч кас намегӯяд, вақте ба дарди зиндагии ман нахӯрд, донистан ва надонистани он барои ман алассавийя (баробар) аст. Боз одам мехоҳад бифаҳмад ва равшан шавад. Илм рӯшноӣ аст ва ҷаҳл торикӣ. Инсон биззарура аз ҷаҳл ва торикӣ фирорӣ аст ва ба рӯшноӣ моил аст.

Абӯрайҳон ва фақеҳ

Достони Абӯрайҳони Берунӣ — ки дар китобҳои тароҷум навиштаанд — маъруф аст, ки фақеҳе мегӯяд: ман дар марази мавти ӯ, ки шунидам ҳолаш хеле вахим аст, рафтам ба иёдаташ. Эҳсос кардам, ки тақрибан дар сакароти мавт аст, вале ҳушаш баҷо буд. Дар ҳамон ҳол чашмашро боз кард ва аз ман як масъалаи фиқҳӣ дар боби ирс пурсид. Ман тааҷҷуб кардам, ки охир дар вақти мурдан ин чӣ суоле аст, ки мекунад? Гуфтам: дар ин вақт, масъала чист, ки мепурсӣ? Гуфт: ман агар бимирам ва бидонам беҳтар аст ё бимирам ва надонам? Ман медонам мемирам, вале дар айни ҳол фикр мекунам бимирам ва бидонам, аз ин ки бимирам ва надонам беҳтар аст. Ман ҳам ҷавобашро додам. Ҳанӯз ба хонаам нарасида будам, ки садои шеван баланд шуд ва Абӯрайҳон аз дунё рафт.

Буъди дигаре, ки ӯ зикр мекунад, буъди ахлоқӣ аст. Албатта мақсуд отифаи инсонӣ ва муҳаббат ба инсонҳои дигар аст. Ба ин ҳам ба сурати як отифаи асил эътиқод дорад.

Буъд дигар, буъди зебоӣ аст, ки худи зебоӣ барои инсон асолат дорад. Буъди дигаре, ки зикр карда буд ҳамин буъди ниёиш ва парастиш буд. Хеле афроди дигар низ ин ҳарфҳоро задаанд ва аз касоне, ки хеле рӯйи ин матлаб такя дорад, Уилям Ҷеймс аст. Китоби “Дин

[39] *Ва ба иборати дигар, чанд ғаризаи ихтисосӣ дар инсон аст.*

ва равон”-и ӯро оқои Маҳдии Қоинӣ, рафиқи мо тарҷима кард. Ман ин китобро баъд аз чопаш надидаам, вале қабл аз чопаш оварда, ман хондам. Инсофан китоби хеле хубе буд ва ин марди равоншинос, ки ба қавли худаш — ва дигарон ҳам қабул доранд — ҳудуди 30 сол рӯйи ҳолатҳои равонии динии мардум озмоиш карда, ба инҷо расида, ки барои ҳисси динӣ асолат қоил шудааст.

Ин ҳисс, ки як ҳисси инсонӣ аст, дар тарбият агар бино бишавад тарбият комил бошад, бояд тақвият гардад. Як инсони комил ё нимакомил, ин қисмате аз вуҷудаш наметавонад таътил бошад, ҳамон тавр, ки ҳеч қисмати дигар аз қисматҳои асили вуҷуди ӯ намешавад таътил бошад. Ҳар қисмате аз қисматҳои вуҷуди инсон, чӣ ҳайвониаш (яъне муштаракоти инсон ва ҳайвон) ва чӣ инсонии маҳз, агар таътил бишавад, ӯ як инсони ноқис аст. Дар ин ҷиҳат ҳам боз ниёзе нест, ки мо бигӯем ислом ба масъалаи ибодат ва парастиш ва дуо аҳаммият додааст ва ин ҳиссро дар инсон парвариш медиҳад. Маълум аст, ки қисмате аз ҳар дине ибодат аст ва шояд дар боби динҳо агар эроде мегиранд, ифрот дар масъалаи ибодат аст, на кам аҳаммият додан ба он ва ё нодида гирифтани он.

Посух ба як эрод

Вале дар инҷо масъалаи дигаре аст, ки дар боби ибодат ҳатман бояд онро зикр кунем ва он ин аст, ки мумкин аст касе бигӯяд, ки иттифоқан дар адён ва лоақал дар ислом — ки акнун мавриди баҳси мост — алорағми ин ки дину мазҳаб аст ва бояд ҳисси ниёиш ва парастиш тақвият шуда ва парвариш ёфта бошад, ҳеч иноятe ба ин ҳисс нест. Он ибодате, ки дар адён омадааст, ба ҳисси ниёиш коре надорад; ё ба тамаъ кор дорад, ки бояд бо он мубориза кард ва ё ба тарс кор дорад, ки бо он ҳам бояд мубориза кард. Ибодат дар адён ҷуз муомила чизе нест, зеро адён афродро водор мекунанд ба ибодат барои биҳишт ё барои фирор аз ҷаҳаннам. Ҳол, агар касе биёяд намоз бихонад барои биҳишт, биҳишт яъне чӣ? Биҳишт яъне ҷойе, ки дар онҷо анвоъи лаззатҳо ҳаст: ҳур аст, қусур аст,

جَنّاتٌ تَجْرِي مِنْ تَحْتِهَا الأَنْهارُ

— аст, меваҳои биҳиштӣ ва ғизоҳои лазизи биҳиштӣ аст, шаробҳои бемастӣ ва бе дарди сари биҳиштӣ аст ва анвоъи лаззатҳое, ки башар наметавонад тасаввур кунад. Як касе аз лаззати дунё чашм мепӯшад барои лаззати охират. Ӯ на танҳо Худопараст нест ва ҳисси ниёиши худро тақвият намекунад, балки як одаме аст, ки аз дунёпарастҳо моддитар аст, зеро як нафар дунёпараст ба ҳамин лаззоти маҳдуди моддӣ қонеъ шуда, вале ӯ як одами ҳисобгаре аст; мебинад агар бихоҳад 30-40 соли умр ин дунёро ба ин лаззатҳо

бигузаронад, қобил нест, билохира тамом мешавад, мегӯяд ин 30-40 солро ҳар тавр ҳаст дандон рӯйи ҷигар мегузорем барои ин ки биравем дар онҷо абадулабад ба ҳамин лаззатҳое, ки инҷо раҳо кардаем бирасем. Пас муҳаррики ӯ дар ин кор, тамаъ аст ва ғайр аз ин чизе нест. Он касе ҳам, ки барои фирор аз дӯзах, (маъсият) намекунад, ҳамин тавр аст. Ибодат мекунад ё тарки лаззати моддӣ мекунад барои ин ки уқубат нашавад. Боз амре аст, ки аз ҳудуди манфиатҷӯӣ берун нест. Бинобар ин дар адён ба ҳисси ниёиши инсон таваҷҷӯҳ нашудааст. Ва инро махсусан масеҳиҳо нисбат ба ислом хеле эрод мегиранд, ки дар Қуръон ба неъматҳои моддӣ зиёд таваҷҷӯҳ шуда.

Шояд онҳо дар таъбироти худ мегӯянд, ки Қуръон таваҷҷӯҳаш фақат ба неъматҳои моддии он дунёст ва бинобар ин ба ҳисси ниёиш — ки равоншиносӣ онро ба унвони як ҳисси олӣ мешиносад — таваҷҷӯҳ накарда, баръакс ба тамаъи инсон таваҷҷӯҳ кардааст. Ин эрод албатта эроди вориде нест, эроди новориде аст. Аввалан ҳама медонем, ки аз назари ислом, ибодат дараҷот ва маротибе дорад; як дараҷааш ибодат ба хотири тамаъ ба биҳишт аст ва як дараҷаи он ибодат барои тарс аз ҷаҳаннам аст ва болотар аз ин, дараҷоти дигари ибодат аст, ки ҳадафи он ибодатҳо на биҳишт аст ва на ҷаҳаннам. Дар худи Қуръон ба ин матлаб таваҷҷӯҳ шуда ва дар калимоти Пайғамбари Акрам ва имомони атҳор ин қадр дар ин замина ҳаст, ки ило мошоаллоҳ. Аз ҳама маъруфтар ҷумлае аст, ки дар “Наҳҷул-балоға” ва дар калимоти ҳазрати Расул ва ҳазрати Содиқ ҳаст ва ба ҳар ҳол ҷумлае аст, ки моли имрӯз нест. Аз таълифи “Наҳҷул-балоға” ба василаии Сайиди Разӣ ҳазор сол мегузарад, то чӣ расад ба замони ҳазрати Амир. Амирулмӯъминин мефармояд:

إِنَّ قَوْما عَبَدُوا اللهَ طَمَعا فَتِلْكَ عِبادَةُ التُّجّارِ، وَإِنَّ قَوْما عَبَدُوا اللهَ خَوْفا فَتِلْكَ عِبادَةُ الْعَبيدِ، وَإِنَّ قَوْما عَبَدُوا اللهَ شُكْرا (حُبّا) فَتِلْكَ عِبادَةُ الْأَحْرارِ

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 229 (бо каме ихтилоф дар иборат.*)) Яъне гурӯҳе аз мардум Худоро ибодат мекунанд барои тамаъ дар биҳишт. Ин ибодат, аз навъи тиҷорат аст, тиҷоратпешагӣ ва муомилагарӣ аст; дар инҷо кор мекунад барои ин ки дар онҷо суде бибарад. Ва гурӯҳе ибодат мекунанд аз тарси ҷаҳаннам. Инҳо корашон шабеҳи кори бардагон аст, ки аз тарси шаллоқи арбоб кор мекунанд. Ва қавми дигар ибодат мекунанд на ба хотири биҳишт ва на ба хотири тарс аз ҷаҳаннам, балки сипосгузорона. Яъне Худои худашро мешиносад, Худоро, ки шинохт, он чи дорад ҳамаро аз Худо мебинад ва чун ҳама чизро аз Худо мебинад, ҳисси сипосгузорӣ ӯро водор ба ибодат мекунад. Яъне агар

на биҳиште бошад ва на ҷаҳаннаме, ҳамон шинохтанаш Худоро ва ҳисси сипосгузориаш ӯро водор ба ибодат мекунад ва ин ибодати аҳрор ва озодагон аст.
Он аввалӣ бандаи тамаъи худаш аст. Дуввумӣ бандаи тарси худаш аст. Севвумӣ аст, ки аз қайди тамаъ ва тарс озод аст ва фақат бандаи Худост.

Расули Акрам ва ибодат

Ба ҳамин мазмун ҳадиси маъруфе ҳаст, ки ҳатман шунидаед. Пайғамбари Худо шабҳо зиёд ба ибодат бармехост ва ба насси Қуръони Маҷид гоҳе ду сулси шаб, гоҳе нисфи шаб ва гоҳе сулси шабро ибодат мекард.[40] Оиша, ки медид Пайғамбар ин ҳама аз вақти шабро ба ибодат меистад — ки дар як вақт он қадр Пайғамбари Акрам рӯйи пойи муборакашон ба ибодат истода буданд, ки поҳояшон варам карда буд — рӯзе гуфт: охир ту дигар чаро ин қадр ибодат мекунӣ? Ту, ки Худо дар бораат гуфта:

يَغْفِرَ لَكَ اللَّهُ مَا تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِكَ وَمَا تَأَخَّرَ

(*Фатҳ/2*) Худо, ки ба ту таъмин дода. Фармуд:

فلا أكون عبدا شكورا

Оё ҳамаи ибодатҳо фақат барои тарс аз ҷаҳаннам ва барои биҳишт бояд бошад? Оё ман бандаи сипосгузор набошам?
Аз ҷумлаи калимоти Пайғамбари Акрам дар боби арзиши маънавии ибодат ин аст, ки:

أَفْضَلُ النّاسِ مَنْ عَشِقَ الْعِبادَةَ وَعانَقَها وَباشَرَها بِجَسَدِهِ وَتَفَرَّغَ لَها

Беҳтарини мардум он касе аст, ки ба парастишу ниёиш ишқ биварзад.[41]

---

[40] *Лобуд маворид фарқ мекард. Вақтҳое, ки кор зиёд доштанд ва гирифторӣ бештар буд, камтар, вале аз сулси шаб дигар камтар набуд ва дар вақте, ки фароғати бештаре доштанд, то ду сулси шаб ҳам ба тӯл меанҷомид*.

[41] *Калимаи "ишқ" дар таъбироти исломӣ хеле кам омада, ки баъзеҳо асосан рӯйи ҳамин ҷиҳат гуфтаанд, ки аслан ин калимаро набояд истеъмол кард ва бо истеъмоли зиёди шуаро ҳам мухолифат мекунанд ва мегӯянд, калимаи ҳубб ва дӯстиро бояд ба кор бурд, на калима ишқ. Вале дигарон ҷавоб додаанд, ки калимаи "ишқ" дар истилоҳоти динӣ кам ба кор рафта, на ин ки ҳеч ба кор нарафта. Аз ҷумлаи мавориде, ки ба кор рафта,*

Ҳамчунин ҳазрати Расул мефармоянд:

طوبى لِمَنْ عَشِقَ الْعِبادَةَ

Хушо ба ҳоли касе, ки ба ибодат ишқ биварзад, ибодат ба сурати маъшуқаш дарбиёяд.

وَأَحَبَّها بِقَلْبِهِ

Ва аз самими қалб ибодатро дӯст дошта бошад.

وَباشَرَها بِجَسَدِهِ

Ва бо баданаш ба он бичаспад.
Мақсуд ин аст, ки ибодат фақат як зикри қалб ба танҳоӣ нест. Худи ибодати амалӣ (рукӯъ кардан, суҷуд кардан, қунут кардан) навъе ишқварзии амалӣ аст.

وَتَفَرَّغَ لَها

Ва худашро фориғ кунад барои ибодат, холӣ кунад аз ҳама чиз ҷуз ибодат. Яъне он вақте, ки ба ибодат меистад, дигар ҳеч хаёле, ҳеч хотирае, ҳеч фикре дар қалбаш наёяд, фақат ӯ бошад ва Худо, қалбаш холӣ бишавад барои Худо ва руҳи ибодат ҳам ҳамин аст. Руҳи ибодат зикр аст (ба истилоҳи динӣ) яъне ёди Худо, мунқатеъ шудан, бурида шудан, ки дар лаҳзаи ибодат инсон аз ғайри Худо бурида шавад ва фақат ва фақат ӯ бошад ва Худои худаш, гӯӣ ғайр аз ӯ ва Худо чизе дар олам вуҷуд надорад. Ин ҳамон ҳолате аст, ки шуарои ирфонӣ аз он таъбир ба “ҳузур” мекунанд. Шеъри маъруфи Ҳофиз мегӯяд:

ҳамин ҷост, ки арз кардам. Яке дигар он ҷумлаи маъруфе аст, ки навиштаанд, амирулмӯъминин дар вақте, ки ба Сиффин мерафтанд, ба сарзамини Карбало, ки расиданд, муште аз хокро бардоштанд ва бӯ карданд ва баъд фармуданд:

واها لَكِ أَيَّتُهَا التُّرْبَةُ

Хушо ба ту эй хок!

هٰهُنا مُناخُ رُكّابٍ وَمَصارِعُ عُشّاقٍ

Инҷо ҷойе аст, ки борҳое фуруд хоҳад омад, саворҳое ба инҷо, ки мерасанд, борашонро фуруд меоваранд ва инҷо хобгоҳи ошиқоне аст. Баъд ҷумлаҳое фармуд, ки он ҷумлаҳо комилан мерасонад, ки ҳазрат назар ба ҳодисаи Карбало доштаанд.

На Ҳофизро ҳузури дарси хилват.

На донишмандро илмуляқине!

Ҳофиз ба ин масъалаи ҳузур ва хилват (ба маънии хилвати қалб) таваҷҷӯҳ доштааст. Агар мебинед афроде ба хилвати зоҳирӣ аҳаммият медиҳанд, муқаддима аст барои ин ки хилвати қалб пайдо шавад. Баъд, ки хилвати қалб пайдо шуд, инсон бояд биёяд дар иҷтимоъ, ки кори иҷтимоияшро анҷом диҳад, вале хилвати қалбашро ҳам дошта бошад. Гӯё Наполеон гуфтааст, ки: "*Мағзи ман мисли ин ҷаъбаҳои аторпӣ аст. Ҳар кадомро, ки бихоҳам, берун мекашам ва ҳар кадомро, ки бихоҳам, мебандам*." Инсон бояд ин ҳолатро дошта бошад, ки дар ҳоли ибодат битавонад бо Худои худаш хилват кунад. Ҳофиз дар як шеъраш мегӯяд:

Бар сари онам, ки гар зи даст барояд,

Даст ба коре занам, ки ғусса сар ояд.

Хилвати дил нест ҷойи сӯҳбати аздод,

Дев чу берун равад, фаришта дарояд.

Баъд шикоят мекунад — ва шояд дар воқеъ аз худаш шикоят мекунад — аз рафтани гоҳ ба гоҳ пеши ҳуккоми замони худаш ва мегӯяд:

Сӯҳбати ҳукком зулмати шаби ялдост,

Нур зи хуршед ҷӯй, бӯ, ки барояд.

Бар дари арбоби бемуруввати дунё,

Чанд нишинӣ, ки хоҷа кай бадар ояд?

Калимаи "гадоӣ"-ро инҳо зиёд ба кор мебаранд. Мақсудашон аз "гадоӣ" фақр назди муршиди комил аст; он ки ин фақир аст ба ӯ. Фақир ба Худост, вале чун инҳо эътиқоди хеле зиёде доранд, ки инсон бидуни мураббӣ ба ҷойе намерасад, вақте мегӯянд "гадоӣ" яъне гадоӣ назди як инсони комил. Мегӯяд:

Тарки гадоӣ макун, ки ганҷ биёбӣ

Аз назари раҳраве, ки дар гузар ояд.

Солеҳу толеҳ матои хеш намуданд,

То кӣ қабул афтаду кӣ дар назар ояд?

Булбули ошиқ, ту умр хоҳ, ки охир

Боғ шавад сабзу шохи гул ба бар ояд.

Ба ҳар ҳол,

وَتَفَرَّغَ لَها

Хушо ба ҳоли он касе, ки дар ибодат ҳолати фароғ ва ҳолати хилват барояш рух бидиҳад; хилвати воқеӣ. Баъд мефармояд:

فَهُوَ لا يُبالي عَلى ما أَصْبَحَ مِنَ الدُّنْيا، عَلى عُسْرٍ أَمْ عَلى يُسْرٍ

(*Кофӣ, 2/83*) Агар касе ба ин марҳила расид, дигар сахтӣ ва сустии дунё барояш алассавийя (баробар) мешавад. Мақсуд ин аст, ки агар касе ба ин лаззат бирасад, дигар сахтӣ ва ранҷи дунё аслан барояш мафҳум надорад. Агар бихоҳанд ӯро дар зери шиканҷа ҳам қарор диҳанд, воқеан аҳаммияте намедиҳад. Сахтӣ ва сустии дунё барои мардуме масъалаи муҳим аст, ки ба лаззати ибодат ноил нашудаанд. Агар касе ба лаззати ибодат ноил шавад, дигар ин масоил барояш тарҳ нест.

Дар назари мо хеле аҷиб ва шигифт аст, ки чӣ гуна Алӣ ибни Абӯтолиб он тавр дар дунё зиндагӣ мекард. Вале мо намедонем, ки ӯ дар ибодаташ ба ҷойе расида буд, ки ба мӯҷиби он, сахтиҳо ва сустиҳо аслан барояш наметавонист матраҳ бошад.

Алӣ ва руҳи ниёиш

Ғараз ин ҷиҳат аст, ки дар матни ислом ба ибодат; ба он чи, ки воқеан руҳи ниёишу парастиш аст, яъне робитаи инсон ва Худо, муҳаббатварзӣ ба Худо, инқитоъ ба зоти парвардигор — ки комилтарини ибодатҳост — таваҷҷӯҳи зиёде шудааст ва ин ду се ҳадис ҳам, ки арз кардам, ба унвони намуна буд, вагарна яке ва дуто нест. Ҷумлаи маъруфи амирулмӯъмининро ҳама шунидаем:

إِلهي! ما عَبَدْتُكَ خَوْفا مِنْ نارِكَ وَلا طَمَعا في جَنَّتِكَ، بَلْ وَجَدْتُكَ أَهْلاً لِلْعِبادَةِ فَعَبَدْتُكَ

Худоё! Туро парастиш накардам ба тамаъи биҳиштат ва на аз тарси ҷаҳаннамат, балки туро чун шоистаи ниёишу парастиш дидам, парастиш кардам.

Дуои Кумайл, аз аввал то ба охир, ҳамон ниёиш ба маънии олӣ аст. Шумо дар саросари ин дуо на (тамаъи) биҳишт мебинед, на тарси ҷаҳаннам ва агар омада истидродан ба муносибати баҳси дигаре омада. Дуоҳои исломӣ — ки албатта худи дуоҳо наметавониста дар як сатҳ бошад[42] — аз мазомини олие бархӯрдор аст. Аз ҷумла дуое

[42] *Бадеҳӣ аст дуоҳое, ки афрод мехонанд, як ҷур нест*.

аст, ки дар “Мафотеҳ” ҳам нақл шуда ба номи “Муноҷоти шаъбония” ва дар ривояте, ки онро нақл карда, иборат ин аст, ки амирулмӯъминин ва имомон аз авлоди ӯ ин дуоро мехондаанд. Дуое аст дар сатҳи имомон, яъне хеле сатҳи болост. Инсон вақте ин дуоро мехонад, мефаҳмад, ки аслан руҳи ниёиш дар ислом яъне чӣ. Дар онҷо ҷуз ирфон ва муҳаббат ва ишқ ба Худо, ҷуз инқитоъ аз ғайри Худо (намедонам чӣ таъбир бикунам) ва хулоса ҷуз саросар маънавият, чизи дигаре нест ва ҳатто таъбироте аст, ки барои мо тасаввураш ҳам хеле мушкил аст:

إلهي! هَبْ لي كَمالَ الْانْقِطاعِ إلَيْكَ وَأَنِرْ أَبْصارَ قُلوبِنا بِضِياءِ نَظَرِها إلَيْكَ حَتّى تَخْرِقَ أَبْصارُ الْقُلوبِ حُجُبَ النّورِ فَتَصِلَ إلى مَعْدِنِ الْعَظَمَةِ وَتَصيرَ أَرْواحُنا مُعَلَّقَةً بِعِزِّ قُدْسِكَ ... إلهي وَأَلْحِقْني بِنورِ عِزِّكَ الْأَبْهَجِ فَأَكونَ لَكَ عارِفا وَعَنْ سِواكَ مُنْحَرِفا

(“*Худоё! Ворастагӣ аз ҳар чиз ва вобастагӣ ва пайвастагии комил ба остонатро мавҳибатам фармо ва дидагони дили моро ба фурӯғи назар ба худ равшан соз, то дидагони дили мо ҳиҷобҳои нурро бидарад ва ба маъдани азамат восил шавад ва ҷонҳои мо ҳамчун шуоъ би иззи қудсат овехта гардад…* ”)

Тасаввури ин маъонӣ ҳам барои мо душвор аст.

Дуои Абӯҳамза низ ҳамин тавр аст. Ҳамчунин муноҷоти понздаҳгонае аз Имом Зайнулобидин ҳаст, ки ба “Муноҷоти хамса ашар” маъруф аст ва дар китоби “Мафотеҳ” ҳаст: муноҷоти хоифин, муноҷоти зокирин, муноҷоти толибин… ба қадре инҳо олӣ ва латиф ва фавқулъода аст, ки инсон ҳайрат мекунад. Дар худи “Наҳҷул-балоға” дар ин заминаҳо чӣ қадр зиёд аст! Қисмате аз онро бароятон арз мекунам.

Дар он ҷумлаҳои маъруфе, ки амирулмӯъминин хитоб ба Кумайл доранд ва аз инҷо шурӯъ мешавад, ки мардум се даста ҳастанд: олими раббонӣ, мутааллимон ва мардуми ҳамаҷун раъоъ, баъд ҳазрат вориди ин матлаб мешавад, ки ман хеле ҳарфҳо дорам, вале одамашро пайдо намекунам. Афродро тақсим мекунад, мегӯяд: баъзе, афроди хеле боҳуше ҳастанд, мефаҳманд, вале ба онҳо эътимод нест; ҳаминҳоро василаи матомеъ ва дунёдорӣ қарор медиҳанд. Баъзеҳо одамҳои хубе ҳастанд, вале кавдан ва нафаҳманд ва дарк намекунанд; ва ман ба чӣ касе бигӯям, охираш бояд он чиро, ки медонам, ба гӯр бибарам, одамашро пайдо намекунам. Вале баъд барои ин ки ҳамаро маъюс накарда бошад, мефармояд:

اللّهُمَّ بَلى لا تَخْلُو الأرْضُ مِنْ قائِمٍ لِلّهِ بِحُجَّةٍ، إمّا ظاهِرا مَشْهورا وَإمّا خائِفا مَغْمورا ... وَ يَزْرَعوها في قُلوبِ أَشْباهِهِمْ

Хулосаи мазмунаш ин аст, ки ҳамеша як дастае ҳастанд, ки Худованд он маънавиятҳо ва ҳуҷҷатҳои худашро ба василаи инҳо дар дили афроди қобил мекорад ва кишт мекунад. Баъд дар бораи инҳо мегӯяд:

هَجَمَ بِهِمُ الْعِلْمُ عَلى حَقيقَةِ الْبَصيرَةِ

Илм ба он маънои ҳақиқати басират, ба онҳо ҳуҷум оварда.[43]

وَباشَروا روحَ الْيَقينِ

Руҳи яқинро мубошарат кардаанд, яъне ба руҳи яқин расидаанд.

وَاسْتَلانوا مَا اسْتَوْعَرَهُ الْمُتْرَفونَ

Он чизҳое, ки аҳли тараф хеле барояшон сахту сангин меояд, барои онҳо нарм аст.

وَأَنِسوا بِمَا اسْتَوْحَشَ مِنْهُ الْجاهِلونَ

Он чизе, ки ҷоҳилон аз он ваҳшат доранд, инҳо бо ҳамон унс доранд.

Инсони ислом ё инсони ҷомеъ

Як нуктаро бояд арз бикунам, ки ин маъонии олии ба истилоҳ ирфонӣ чун дар миёни мо ба як шакли баде таълим шудааст, ба истилоҳи имрӯзиҳо гурез аз берун талаққӣ шуда ва балки решааш ҳам гурез аз берун талаққӣ гардидааст. Албатта як тавҷеҳоти хеле берабте ҳам дар ин заминаҳо мекунанд, ки ҳамеша вақте, ки афроде аз берун маъюс мешаванд, ба даруни худашон яъне ба хаёлоти худашон паноҳ мебаранд (ки худи намунаҳои ислом бар зидди ин матлаб аст). Матлаб ин ҷур нест. Албатта қабул дорем, ки хеле афрод як роҳи инҳирофӣ дар ин замина рафтаанд ва шояд ҳамин баҳонае шуда барои онҳо барои фирор аз масъулиятҳои иҷтимоӣ, вале инсони ислом инсони ҷомеъ аст. Мо ҳамеша бояд Алӣ алайҳис саломро намуна қарор бидиҳем. Ҳамин Алӣ, ки дар хилвати орифонаи

[43] *Маълум аст, ки илми ифозӣ аст, на илми иктисобӣ.*

худаш инчунин аст, мо мебинем дар масъулиятҳои иҷтимоӣ ҳадди аълои ҳассосиятро дорад ва инсоне, ки ислом мехоҳад чунин аст.

Ғаразам ин аст, ки шумо аз ин матлаб фавран зеҳнатон ба он сӯ наравад, ки ё ин тарафро инкор бикунед ё бигӯед, ҳоло, ки ин ҷур аст, пас роҳ ин аст ва масъулиятҳои иҷтимоӣ вуҷуд надорад. На, инсони ислом инсони ҷомеъ аст. Инро мо ба унвони яке аз абъоди вуҷудии инсон дорем баён мекунем. Мо, ки инсонро як мавҷуди якбуъдӣ муаррифӣ намекунем, ки як буъд бештар надорад ва он буъдаш ҳам ин аст! Ба қавли худи урафо: инсони ноқис, инсоне, ки ҳанӯз ирфонаш ба камол нарасида, аз ғайри Худо ба куллӣ мебуррад, вале вақте, ки ба онҷо расид ва сарашор шуд, ҳолати бозгашт дорад. Он вақт бармегардад ва вазоиф ва масъулиятҳои худро анҷом медиҳад, вагарна агар касе рафт онҷо ва барнагашт, ҳанӯз хом аст ва комил нест.

Пас ин тӯҳмат ба ислом аст, ки касе хаёл кунад дар ислом иноятe ба руҳи ибодат — ки иборат аст аз ниёиш ва парастиши фориғ аз биҳишту ҷаҳаннам — нашуда; фавқулъода тавақҷӯҳ шуда, ки агар бихоҳем маводдашро ҷамъ кунем, ақаллан ду се ҷаласа бояд дар бораи маводди он баҳс кунем.

Маротиби пойини ибодат

Ҳол, биёем суроғи ҳамон ибодате, ки барои биҳишт ё аз тарси ҷаҳаннам аст. Оё воқеан ин ибодат беарзиш аст? Ҳамон тавр, ки гуфтаанд, ин як шикампарастии бузург аст? Як доманпарастии бузург аст? Як тамаъи бузург аст ва сад дараҷа аз дунёпарастӣ бадтар аст?

На, кӯбидани он ба ин шакл дуруст нест. Шак надорад, ки ибодат барои биҳишт ва ибодат аз тарси ҷаҳаннам, арзиши он ибодатҳоро, ки гуфтем надорад, вале беарзиш ҳам нест ва барои як идда мардум як дараҷаи олӣ аст. Чун фарқ аст миёни ин ки як кореро инсон бикунад мустақим барои як тамаъ (ва ин ки дар анҷоми он кор, Худоро восита қарор диҳад), мисли ин ки инсон як вақт мустақим меравад дунболи пул. Ин, сад дар сад пулпарастӣ аст. Ва як вақт пул мехоҳад, аммо ҳамин пулро аз Худо мехоҳад, меравад пеши Худо ва ин пулро аз ӯ талаб мекунад. Ин хеле фарқ мекунад, ки як касе аслан робитаашро бо Худо қатъ мекунад, мустақим меравад дунболи пул ва як каси дигар роҳашро ин тавр интихоб мекунад, мегӯяд: Худои мо як дастурҳое дорад, ман мутобиқи дастури ӯ амал мекунам ва аз ӯ мехоҳам, ки ба ман пул бидиҳад. Боз ин худаш як дараҷаи парастиши Худост, рафтан пеши Худост, ҳарчанд рафтан пеши Худо барои пул аст, вале бо нарафтан пеши Худо тафовут мекунад. Рафтан пеши Худо барои Худо албатта

арзиши бисёр олӣ дорад. Рафтан пеши Худо барои як чизе ва чизе аз ӯ хостан, боз ҳам рафтан пеши ӯст, боз ҳам то ҳадде қалби инсон равшан мешавад, инсон сафое пайдо мекунад, аз ғайри Худо ғафлат мекунад ва мутаваҷҷеҳи ӯ мешавад. Ин қатъан худаш як дараҷае аз парастиш аст, ҳарчанд дараҷаи заъифе бошад.

Бинобар ин, ин ибодатҳоро ҳам сад дар сад намешавад нафй кард ва балки чун ҳамаи мардум дар дараҷаи боло нестанд, аксари мардумро агар мо бихоҳем тарбият кунем ба тавре, ки низоми зиндагии дунёяшон дуруст шавад ва ба Худо ҳам наздик шуда бошанд, аз ҳамин роҳ бояд ворид шавем ва ё лоақал афродро дар ибтидо аз ин роҳ бояд ворид кард ва баъд болотар бурд. Ва иллати ин ки дар Қуръон ба умури моддӣ зиёд иноят шудааст, ҳамин аст. Албатта дар Қуръон –

رِضْوانٌ مِنَ اللهِ أَكْبَرُ

— ҳам ҳаст. Вақте, ки зикр мекунад:

جَنّاتٍ تَجْرِي مِنْ تَحْتِهَا اَلْأَنْهارُ

Биҳиштҳо ва боғҳое, ки дар пойини он боғҳо наҳрҳо ҷорӣ аст, баъд мегӯяд:

وَرِضْوانٌ مِنَ اللهِ أَكْبَرُ

(*Тавба/72*) ва каме хушнудии Худо аз ҳамаи инҳо болотар ва бузургтар аст. Яъне он касе, ки мехоҳад Худоро ба хотири хушнудияш ибодат кунад, ӯ чизи дигаре аст. Вале муштарии

رِضْوانٌ مِنَ اللهِ أَكْبَرُ

— табъан ҳамаи мардум нестанд, балки нисфи мардум ҳам нестанд, як ақаллияти мутараққӣ муштарии он ҳастанд. Барои аксарияти мардум роҳи амалӣ ҳамин аст, ки аз биҳиштҳое, ки дар онҳо (лаззоти) ҷисмонӣ аст, сухан ба миён ояд.

Албатта Қуръон, ки аз ин биҳиштҳо сухан гуфта, на фақат барои ин аст, ки мардум тарбият шаванд. Қуръон худаш мегӯяд, ҳаргиз дар каломи мо ботилу дурӯғ (ҳарчанд дурӯғи маслиҳатӣ) наомада — Алаёзу биллоҳ! — ки касе хаёл кунад (ва баъзе ашхос гуфтаанд) Қуръон, ки инҳоро гуфта, хоста мардумро водор ба кори нек кунад, ҳадафи хуб дорад ва барои ҳадафи хуб ҳар гуна ҳарферо мешавад зад.

لا يَأْتِيهِ ٱلْباطِلُ مِنْ بَيْنِ يَدَيْهِ

(*Фуссилат/42*) Маҳол аст дар сухани Худо як дурӯғ ва як ботил биёяд, ҳарчанд он ки хаёл бикунӣ, ки он дурӯғ ва ботил барои як маслиҳати иҷтимоӣ аст. На, (сухани Қуръон дар бораи лаззоти ҷисмонии биҳишт) ҳақиқате аст. Аслан аксари мардум аз ин ҳадди ҷисмоният ва шаҳавоти ҷисмонӣ болотар намераванд ва ба ҳамин ҷиҳат, нашъаашон чунин нашъае аст. Онҳое, ки болотар мераванд, мераванд дар нашъаи болотар аз биҳишти ҷисмонӣ.

Нақши ибодат дар тарбият

Натиҷае, ки мегирем ин аст, ки дар боби ибодат ва ниёиш агар инсон алоқаманд ба тарбияти худаш ва фарзандонаш ба тарбияти исломӣ аст ва ё мехоҳад афродеро тарбият кунад, воқеан бояд ба масъалаи ниёиш, дуо ва ибодат аҳаммият бидиҳад. Ва аслан масъалаи ибодат қатъи назар аз ин ки парвариши як ҳисси асил аст, таъсири зиёде дар соири навоҳии инсон дорад. Ин аст, ки бузургон ҳамеша тавсия мекунанд: ҳар миқдор кор зиёд дорӣ, дар шабонарӯз як соатро барои худат бигузор. Мумкин аст шумо бигӯед, ман ҳеч соатам барои худам нест, тамоми авқотам барои хидмат ба мардум аст. На, агар тамоми соатҳои инсон ҳам вақфи хидмат ба халқи Худо бошад, дар айни ҳол инсон бениёз аз ин ки як соатро барои худаш бигузорад нест. Ин як соат бо ин ки барои худ аст, зарурат дорад ва лозим аст ва он соатҳое, ки барои ғайри худ аст (бо ин ки муфид ва лозим аст), ҷойи онро пур намекунад. Ҳоло як соат, ки мегӯянд, ҳадди ақал аст. Як соат ё бештар дар шабонарӯзро инсон воқеан барои худаш бигузорад, яъне дар он лаҳазот баргардад ба худаш, худашро ҳар чи ҳаст аз хориҷ бибарад ба даруни худаш ва ба Худои худаш бозгардад ва дар он ҳол фақат ва фақат ӯ бошад ва Худои худаш ва розу ниёз кардан ва муноҷот бо Худои худаш ва истиғфор кардан. Худи истиғфор яъне муҳосибаи нафс кардан, ҳисоб кашидан аз худ. Ҳисоб кунад дар зарфи ин 24 соат ман чӣ кардам? Фавран барои ӯ равшан мешавад, ки фалон корам хуб буд, Худоро шукр мекунад. Фалон корро хуб буд намекардам, тасмим мегирад дигар накунад ва истиғфор мекунад.
Ва Қуръон ба масъалаи истиғфор чӣ қадр таваҷҷӯҳ дорад! Ҷумлае дар бораи асҳоби пайғамбар нақл кардаанд, ки:

رهبان الليل وأسد النهار

Яъне роҳибони шаб ва шерони рӯз. Қуръон мегӯяд:

الصّابِرِينَ وَالصّادِقِينَ وَالْقانِتِينَ وَالْمُنْفِقِينَ وَالْمُسْتَغْفِرِينَ بِالْأَسْحارِ

(*Оли Имрон/17*) Бибинед Қуръон чӣ гуна ҳамаи ҷавонибро баён мекунад! На мисли як дарвеши ифротӣ фақат ва фақат сӯҳбат аз истиғфору ниёиш мекунад.

الصّابِرِينَ

Қуръон ҳар ҷо, ки мегӯяд “собирин”, дар мавриди пайкорҳо мегӯяд. Дар воқеъ собирин яъне худдорон дар пайкорҳо.

وَالصّادِقِينَ

Ростон ва ростгӯён, ки аз ростӣ як зарра мунҳариф намешаванд.

وَالْقانِتِينَ

Онҳо, ки дар пешгоҳи парвардигор дар камоли хузӯъ қунут мекунанд, хозеъанд ва хузӯъи қалб доранд.

وَالْمُنْفِقِينَ

Онон, ки аз он чи доранд ба дигарон мебахшанд.

وَالْمُسْتَغْفِرِينَ بِالْأَسْحارِ

Онҳо, ки саҳаргоҳон ба истиғфори Худо мепардозанд. Ин ҳам ҳамеша бояд дар канораш бошад.

Роҳи эътидол

Мо як мардуми муфрит (ифротӣ) ё муфарритӣ (тафриткунанда) ҳастем, яъне ба ҳар данда, ки афтодем, дигар ҳама чизро фаромӯш мекунем. Оятҳои каримаи охири сураи “Инно фатаҳно” мефармояд:

مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ تَرَاهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِنَ اللَّهِ وَرِضْوَانًا سِيمَاهُمْ فِي وُجُوهِهِمْ مِنْ أَثَرِ السُّجُودِ ذَلِكَ مَثَلُهُمْ فِي التَّوْرَاةِ وَمَثَلُهُمْ فِي الْإِنْجِيلِ كَزَرْعٍ أَخْرَجَ شَطْأَهُ فَآزَرَهُ فَاسْتَغْلَظَ فَاسْتَوَى عَلَى سُوقِهِ يُعْجِبُ الزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ الْكُفَّارَ

(*Фатҳ/29*) Ояти аҷибе аст. Мефармояд, ҳазрати Муҳаммад — Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи! — паёмбари Худост ва онон, ки бо ӯ ҳастанд (на пайғамбари танҳо; пайғамбар ва он асҳоби тарбиятшудааш. Аввал сифате, ки зикр мекунад, қудрат ва нерӯяшон дар муқобили душман аст):

أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ

Дар муқобили кофирон ва муонидон сахт, муҳкам ва босалобат ҳастанд.

رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ

Дар миёни худашон меҳрубонон, пуротифаҳо ва пурмуҳаббатҳо мебошанд. Ин ду қисмат марбут ба ҷанбаи манфӣ ва мусбат дар бархӯрдҳо ва равобити иҷтимоӣ бо душман ва дӯст аст. Албатта милоки дӯсту душман, дӯсту душмани шахсӣ нест, дӯсту душмани маслакӣ ва инсонӣ аст. Баъд фавран меояд дунболи ибодат. Агар фақат ҳаминро гуфта буд, он вақт мешуд мисли мактабҳои иҷтимоии имрӯз. Вале фавран меояд дунболи:

وَالْمُسْتَغْفِرِينَ بِالْأَسْحارِ

تَرَاهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا

Ҳамин

أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ

— ҳаминҳо, ки дар майдони ҷанг ончунон шерҳои босалобат ҳастанд ва дар майдони ахлоқ ин қадр меҳрубон мебошанд, дар хилвати ибодат, рокеъ, соҷид ва ниёишгаранд ва аз Худо фазлу раҳмат мехоҳанд, дар чеҳраҳои инҳо осори саҷдаро мебинӣ, аз Худо фазлу ризо ва хушнудӣ мехоҳанд, аз ҳамон

رِضْوانٌ مِنَ اللهِ أَكْبَرُ

— ки андаке аз он аз ҳама биҳиштҳо болотар аст. Думартиба меояд суроғи нақши иҷтимоияшон: масалашон дар Таврот он будааст ва дар Инҷил масали як кишт аст, ки ибтидо, ки аз замин сар мезанад, як барги нозуке аст, вале кам-кам рушд мекунад, сари пойи худаш меистад ва ба ҷойе мерасад, ки тамоми кишоварзҳо аз рушди фавқулъодаи ин гиёҳ тааҷҷуб мекунанд. Рушди ҷомеаи исломиро дорад баён мекунад.

Қуръон ҳамаҷониба ҳарф мезанад. Як вақте буд, ки ҷомеаи мо дучори як беморӣ буд ва он ин ки исломро фақат дар ибодат медонистанд, он ҳам чӣ ибодатҳое! Милоки мусалмонӣ, зиёд масҷид рафтан ва зиёд дуо хондан буд. Ин, ба сурати як беморӣ даромада буд. Вале кам-кам аломати як бемории дигаре дар миёни мо пайдо мешавад. Иддае, ки таваҷҷӯҳ ба ҷанбаҳои иҷтимоии ислом пайдо кардаанд, кам-кам мехоҳанд ҷанбаҳои маънавии исломро надида бигиранд. Ин ҳам беморӣ аст. Агар ҷомеаи мо ба ин данда биафтад ва он ҷанбаро фаромӯш кунад, боз як ҷомеаи мунҳарифе аст дар ҳамон ҳадд, ки ҷомеаи гузаштаи мо мунҳариф буда. Ҷомеае, ки пайғамбар дуруст кард, ҷомеаи мӯътадил буд. Шумо вақте таърихро мутолеа мекунед, мебинед инҳо дар дунё назире надорад: ҳаминҳое, ки меомаданд дар ҷанг бо Эрон ва Рум ширкат мекарданд,

قائِمُ اللَّيْلِ وَصائِمُ النَّهارِ

— ва дар айни ҳол,

ضارِبٌ بِالسَّيْفِ

— буданд. Шаб то субҳ истода буд Худоро парастиш мекард, дар розу ниёз буд ва рӯз рӯза мегирифт ва дар ҳоле, ки шаб бехоби ибодат буд ва рӯз рӯза дошт, ончунон дар майдони ҷанг меҷангид, ки ҳеч кас дар муқобилаш тавоноӣ надошт. Агар фақат шабҳо ибодат мекард ва рӯзҳо рӯза мегирифт, вале аз гӯшаи масҷид берун намеомад, ӯ мусалмон набуд. Ва агар фақат дар майдони ҷанг шамшераш хуб кор мекард ва хабари дигаре набуд, ӯ як одаме буд, ки дунболи тамаъаш мерафт мисли ҳамаи кишваркушоёни дигар, ки дунболи тамаъашон мераванд. Арзишаш ба ҷомеъияташ аст. Ва мо набояд ин ҷомеияти исломро ҳаргиз фаромӯш кунем, ки ислом низ мисли ҳар мураккаби дигаре вақте, ки аҷзояш таъодулашро аз даст дод, аз байн меравад. Шумо дар таркиби бадани инсон, ки анвоъи ниёзҳо (масалан ниёз ба витаминҳо) дорад, мебинед вақте яке аз онҳо кам ё зиёд мешавад, саломат аз байн меравад.

Пас, аз ҷумла чизҳое, ки воқеан мо бояд ба он таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки дар дараҷаи аввал дар худамон ва дар фарзандонамон парвариш бидиҳем, ҳисси парастиш ва ибодат ба ҳамон маънои воқеии он аст. Чаҳорто хаму рост шудан ба сурати намоз, ки инсон худаш ҳам намефаҳмад чӣ мекунад ва аслан нафаҳмад, ки ҳол яъне чӣ, муноҷот яъне чӣ, розу ниёз яъне чӣ, мунқатеъ шудан ба Ҳақ яъне чӣ ва ин ки “лаҳазоте бар инсон бигузарад, ки дар он лаҳазот аслан инсон чизе аз ғайри Худо ба ёдаш наёяд” яъне чӣ, ин ибодат нест. Ва низ инсон фақат даҳонашро як моҳи Рамазон ҳар рӯз аз субҳ то ғуруб бибандад, ин ибодат нест. Пас қатъан ин ҳисс бояд дар мо парвариш пайдо кунад, то яке аз аркони тарбияти исломӣ дар мо пайдо бишавад.

Пурсишу посух

Пурсиш: *Ҳамон тавр, ки ҷаноби оқои Мутаҳҳарӣ фармуданд, бархе эрод мегиранд, ки ибодат ё ба тамаъи биҳишт аст ва ё ба хотири тарс аз ҷаҳаннам. Ибодат як маънои болотаре дорад, ки намозу рӯзаву истиғфору соири аъмоли ибодӣ барои расидан ба он маъност. Ибодат яъне табаият аз он сайри такомулӣ, ки Худо ва ҷаҳони ҳастӣ барои ҳар мавҷуде муайян карда, то камоли худро биёбад ва шомили ҳамаи мавҷудот ҳам мешавад:*

يُسَبِّحُ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ

(Ҷумъа/1)

وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ

(Зориёт/56)

Худо эҳтиёҷе ба ин намозу рӯза надорад. Ӯ мавҷудотро халқ карда барои ин ки ҳар мавҷуде роҳи такомулии худро тай кунад ва ба ҳадафи хилқат бирасад…

Посухи устод: Баёни оқои муҳандис Тоҷро ман фақат як тавзеҳ медиҳам ва дар айни ҳол як такмиле ҳам барои он лозим аст. Ин ҷо се матлаб ҳаст. Як масъала ҳамон аст, ки дар Қуръон матраҳ шуда дар боби ибодати таквинӣ, ки Қуръон ҳар кореро, ки ҳар мавҷуде (дар ҳар ҷойе ва дар ҳар дараҷае, ки ҳаст) анҷом медиҳад, тасбеҳ ва ибодат меномад ва он бар асоси ин аст, ки ҳама мавҷудот ба сӯйи камол мераванд ва камоли мутлақ Худованд аст, яъне ҳама чиз ба сӯйи Худованд дар ҳаракат аст. Ин як баҳс аст, ки аз баҳси мо берун аст.

Баъд меойем суроғи ибодати инсон, яъне корҳои ихтиёрии инсон. Матлабе, ки эшон мехостанд бигӯянд, матлаби дурусте аст ва он ин аст, ки фуқаҳо инро матраҳ кардаанд, ки ҳар амале агар инсон он амалро ба ангезаи ризои Худо анҷом бидиҳад, мешавад ибодат; албатта амале, ки пайкарааш ҳам салоҳият дошта бошад. Яъне ҳар амале, ки фӣ ҳадди зотиҳ амали хубе бошад ва маслиҳат бошад, агар инсон онро барои Худо анҷом бидиҳад ва ангезааш дар он, кори Худо бошад, ибодат аст. Бинобар ин мумкин аст хобидани инсон ҳам ибодат бишавад. Гуфтаанд агар касе зиндагиашро ончунон танзим кунад, ки ҳар кораш дар ҷо ва дар вақт воқеъ бишавад, худашро ҳам ончунон тарбият кунад, ки воқеан аъмолашро барои Худо анҷом диҳад, ӯ шабонарӯз дар ибодат аст: хобаш ибодат аст, бедориаш ибодат аст, ғизо хӯрданаш ибодат аст, роҳ рафтанаш ибодат аст, либос пӯшиданаш ибодат аст, ҳамаи корҳояш ибодат аст, чун фарз ин аст, ки ҳамаро барои Худо анҷом медиҳад. Ин, матлаби дурусте аст ва ин ки инсон бояд ҳамеша дар ҳоли ибодат бошад, маъноях ҳамин аст. Ба ин маъно як лаҳза ҳам набояд бошад, ки инсон дар ҳоли ибодат набошад.

Вале иштибоҳ нашавад; ин як вақт сабаб нашавад, ки мо хаёл бикунем чун ҳар коре, ки маслиҳат бошад агар барои Худо анҷом бидиҳем ибодат аст, пас ман дар матабби худам ҳастам, фарз ин аст, ки корамро барои Худо анҷом медиҳам ва ибодат мекунам, пас ниёзе ба он ибодат, ки руҳаш зикри Худо ва хилват бо Худо ва фаромӯш кардани ғайри Худо ва инқитоъ аз ғайри Худост нест. На, он ибодат дар ҷойи худаш ба ҳар ҳол лозим аст. Агар он набошад, ин сурат намегирад ва он яъне коре, ки маҳзи ибодат аст ва ҳеч маслиҳате ғайр аз ибодат надорад.

Мо дар ислом ду ҷур кор дорем: як корро истилоҳан мегӯянд ибодати маҳз, яъне коре, ки маслиҳате ғайр аз ибодат надорад, мисли намоз. Як корҳои дигар дорем, ки маслиҳатҳои зиндагӣ аст ва мо метавонем онҳоро ба сурати ибодат дароварем ва бояд ҳам дароварем. Пас, матлабе, ки ҷаноби олӣ фармудед, ки ҳар кор вақте, ки дар роҳи ризои Худо ва барои Худо бошад ибодат аст, матлаби дурусте аст, вале ба шарти ин ки иштибоҳ нашавад, ки пас ин бениёзкунандаи мост аз он ибодате, ки аслан кораш фақат ин аст, ки инсон таваҷҷӯҳ ба Худо дорад ва истиғфор мекунад. На, ин, инсонро аз он бениёз намекунад. Пайғамбар ҳам ҳеч вақт худашро аз он бениёз намедонист, амирулмӯъминин ҳам худашро аз он бениёз намедонист ва ҳеч инсоне аз он бениёз намешавад.

Пурсиш: *Оё инсон дар корҳо ба ҳар ҳол таҳти таъсири як майл нест? Вақте инсон кореро анҷом медиҳад, ё ба хотири ҳифзи обрӯст ё ба хотири маслиҳати худ ва ё ба хотири дастури дин, ки агар онро анҷом надиҳад, дар худ эҳсоси нороҳатӣ мекунад.*

Пас, ба ҳар ҳол инсон корро таҳти таъсири як кашиш ва як нерӯ анҷом медиҳад ва ирода мустақил нест…

Посухи устод: Баҳсе, ки эшон тарҳ карданд, ба муносибати баҳси ирода буд. Мо дар масъалаи ирода фақат аз ҷанбаи тарбиятӣ яъне аз ин назар баҳс кардем, ки ҷузъи нерӯҳо ва истеъдодҳое, ки дар инсон аз назари тарбият бояд парвариш пайдо кунад ирода аст. Масъалаи ирода вақте дар боби тарбият тарҳ мешавад, аз як ҷанба рӯйи он баҳс мешавад ва дар ҷоҳои дигар аз ҷанбаҳои дигар тарҳ мешавад. Он чи шумо тарҳ кардед, аз ҷанбаи масъалаи ҷабру ихтиёр аст, ки алъон наметавонем онро тарҳ кунем, ки аслан маънии ихтиёр чист? Ҳарфи аввал ҳамин аст, ки худи ихтиёр чист? Мо инро дар ҷилди дуввуми "Усули фалсафа" тарҳ кардаем ва дар онҷо масоили наве тарҳ намудаем, ки дар калимоти қудамои мо набуда, дар калимоти имрӯзиҳо ҳам надидаем. Ҳамчунин милоки масъулият чист? Ин ки инсон масъул аст, инсон чӣ гуна бошад метавонад масъул бошад ва чӣ гуна бошад наметавонад масъул бошад? Баъд масъалаи вобастагии ирода матраҳ мешавад, ки оё воқеан вақте инсон ирода мекунад, боз таҳти таъсири ҷозибаи як майл аст? Ё ин ки нақш ирода ин аст, ки дар миёни майлҳои мухталиф ва мутазодд якеро бармегузинад ва ҳатто гоҳе ҳеч майле вуҷуд надорад, алорағми ҳамаи майлҳо роҳеро интихоб мекунад, яъне майл вуҷуд надорад ва фақат ақл ҳукм мекунад. Мо нагуфтем ирода аз шуъуни ақл аст, арз кардем ирода вобаста ба ақлт аст он тавр, ки майл вобаста ба табиат аст, яъне майл қувваи муҷрияи табиат аст, ирода қувваи муҷрияи ақл, на ин ки ирода айни ақл бошад. Ирода нерӯи дигаре аст дар инсон. Эй басо соҳиби ақлҳои хеле қавӣ ва нерӯманд, ки иродаашон заъиф аст ва эй басо соҳиби иродаҳои бисёр қавӣ, ки ақлашон заъиф аст. Инҳо ду қувва аст, мунтаҳо кори ирода ин аст, ки тарҳҳои ақлро ичро мекунад. Гоҳе ақл инсон ба як чизе ҳукм мекунад, ки дар ҳоли ҳозир ҳеч гуна майле нисбат ба он вуҷуд надорад, яъне тамоюлот, ҳама дар ҷиҳати акс аст. Майл асосан оянда сараш намешавад ва ин хусусияти майл аст. Майл ҳамон аст, ки дар бачча аст. Бачча вақте, ки як ғизоиро мехоҳад, алъон мехоҳад ва вақте ба ӯ мегӯянд ҳоло инро нахӯр то ҳолат хуб шавад, баъдҳо зиёдшро мехӯрӣ, чун фикрашро надорад, лҷ мекунад, ки на, ман ҳамин алъон бояд бихӯрам.

Майл ба замони ҳол тааллуқ мегирад, яъне иштиҳои ғизои чиҳил соли дигар акнун вуҷуд надорад, он иштиҳое, ки вуҷуд дорад мутааллиқ ба замони ҳол аст. Вале ақл мегӯяд:

رُبَّ أَكْلَةٍ مَنَعَتْ مِنْ اَكَلاتٍ

Ин як хӯрдани монеъи сад, то хӯрдани дигар дар оянда мешавад. Бо ин ки алъон майле нисбат ба он вуҷуд надорад, вале фикр мекунад, тарҷеҳ медиҳад ва интихоб мекунад. Масъалаи дигар вобаста будани ирода аст ба ҷойе. Аслан масъалаи муҳим дар ҷабру ихтиёр ин аст, ки оё иродаи худаш ба ҷойе баста ҳаст ё нест?

Омилҳои тарбият (2)

Муҳаббат, тақвияти ҳисси ҳақиқатҷӯӣ, муроқаба ва муҳосаба

Аз ҷумлаи масоиле, ки дар мавриди таълиму тарбияти исломӣ матраҳ аст, масъалаи муҳаббат ва нуқтаи муқобили он, хушунат аст. Албатта нуқтаи муқобили муҳаббат маъмулан буғз аст, вале асари муҳаббат, эҳсон ва нармӣ аст ва асари буғз, хушунат ва сахтгирӣ. Медонем, ки баъзеҳо ба чашми интиқод ба ин таълиму тарбияти исломӣ нигариста ва гуфтаанд, ки дар ислом ончунон, ки бояд ва ба қадри кофӣ рӯйи масъалаи муҳаббат ва асараш, ки нармӣ ва эҳсон аст такя нашудааст ва агар дар ислом масъалаи муҳаббат ба инсонҳо ва масъалаи эҳсон ба инсонҳо ва нармиш дар муқобили инсонҳо матраҳ аст, дар муқобили масъалаи душман доштани инсонҳо ва хушунат ба харҷ додан ва ба як маъно, бадӣ кардан ҳам матраҳ аст.

Боз медонем, ки онҳо, ки зиёд рӯйи муҳаббат такя мекунанд, масеҳиҳо ва кашишҳои масеҳӣ ҳастанд. Инҳо хеле дам аз муҳаббат мезананд ва мегӯянд, Исои Масеҳ танҳо ба муҳаббат даъват мекард; дар муҳаббат ҳам истисно намекард миёни ин ки афроде, ки бояд ба онҳо муҳаббат бишавад Худопараст бошанд ё набошанд, пайрави Исо бошанд ё набошанд, балки мегуфт, ба ҳама муҳаббат кунед. Дар яке аз китобҳои таърихи адён — ва шояд дар як мақолае, ки тарҷима шуда буд — хондам, ки як ҷумла аст, ки дар ҳамаи адёни бузурги дунё омадааст ва муштараки ҳамаи адён аст; дар масеҳият ҳаст, дар дини яҳуд ҳаст, дар дини Зардушт ҳаст, дар дини ислом ҳаст, дар дини Будо ҳаст ва он ин аст: "*Барои дигарон ҳамонро дӯст бидор, ки барои худ дӯст медорӣ ва ҳамонро душман бидор, ки барои худ душман медорӣ*", ки мо ба ин мазмун дар ислом зиёд дорем, монанди:

أَحْبِبْ لِلنّاسِ ما تُحِبُّ لِنَفْسِكَ وَاكْرَهْ لَهُمْ ما تَكْرَهُ لِنَفْسِكَ

([44]) Ин дастур, ки дар ислом низ ҳаст, як дастури куллӣ ва мутлақ аст.

Ҳол, оё ислом дар ин қоидаи умумӣ истисное овардааст ва дар адёни дигар истисное нест? Дар масеҳият истисное нест, вале дар ислом истисност?, ки дар воқеъ ислом мегӯяд, барои мардум дӯст бидор он чиро, ки барои худ дӯст медорӣ, магар баъзе аз мардум? Ё: барои мардум дӯст бидор он чиро, ки барои худ дӯст медорӣ, магар дар баъзе

---

[44] *"Наҳҷул-балоға", номаи 31, бо ин иборат:*

فَأَحْبِبْ لِغَيْرِكَ ما تُحِبُّ لِنَفْسِكَ وَاكْرَهْ لَهُ ما تَكْرَهُ لَها

аз умур? Оё дар ислом истисное ҳаст? Ё на, он чи дар ислом бо масеҳият[45] ихтилоф ҳаст, дар тафсири муҳаббат аст, на дар ин асли куллӣ.

Ду навъ муҳаббат

Мо аз ҳамин ҷумлае, ки мегӯянд муштараки ҳамаи адён аст шурӯъ мекунем. Оё дӯст доштани чизе барои худ, ҳамеша мантиқӣ аст? Мумкин аст бигӯед: аслан мо ба ин матлаб эрод дорем, зеро мегӯяд, барои дигарон ҳамонро дӯст бидор, ки барои худ дӯст медорӣ. Мумкин аст инсон барои худаш чизеро дӯст бидорад, ки набояд дӯст бидорад, яъне масъалаи маҳбубу матбӯъ будани як чиз барои инсон, ғайр аз масъалаи маслиҳат будани он чиз барои инсон аст. Агар як касе бемории қанд дорад ва асал барояш бад аст, вале худаш асалро дӯст дорад, ба ӯ бигӯянд, чун ту асалро барои худат дӯст дорӣ, бо ин ки бароят бад аст, барои ҳамаи мардум дӯст бидор ҳатто барои касоне, ки барои онҳо ҳам бад аст. Оё мақсуд чунин чизе аст? Ё ин ки на, инҷо муҳаббат, муҳаббати оқилона ва мантиқӣ аст, ки мусовӣ бо маслиҳат аст ва мақсуд ин аст, ки аз назари он чи ки воқеан хайру саодат аст, ҳамин тавр, ки ҳамеша хайру саодати худатро мехоҳӣ, хайру саодати умуми мардумро низ бихоҳ. Хайру саодати мардумро хостан, бо ин муҳаббате, ки мо умуман мегӯем ва масеҳиҳо мегӯянд, бо муҳаббати зоҳирӣ яъне коре кардан, ки тараф хушаш биёяд, мутафовит аст.

Масалан, модару падаре ба фарзанди худашон муҳаббат доранд, хайру саодати ӯро мехоҳанд. Ин хостани хайру саодати фарзанд, ду ҷур мумкин аст таҷаллӣ дошта бошад: падару модарҳои нодон, ки баччаашонро дӯст доранд ва мехоҳанд ба ӯ муҳаббат кунанд, миқёси муҳаббат карданашон ин аст, ки ин бачча чиро мехоҳад, ҳамонро ба ӯ бидиҳем, яъне муҳаббаташон ба ин шакл зуҳур мекунад, ки ин бачча чиро дӯст дорад, ҳар чиро, ки ӯ дӯст дорад, ҳамонро ба ӯ бидиҳем ва ҳар чиро, ки ин бачча дӯст надорад ва душман дорад, онро ба ӯ надиҳем. Фалон ғизоро бачча дӯст дорад, ман ҳам баччаамро дӯст дорам ва наметавонам ӯ чизеро дӯст дошта бошад ва ба ӯ надиҳам. Аммо як давоеро, як сӯзандоруеро, ки ин бачча асосан душман дорад ва намехоҳад, ман ҳам чун баччаамро дӯст дорам, бигӯям чун баччаам намехоҳад, ман ҳаргиз ӯро нороҳат намекунам.

[45] *Албатта мо бо таваққӯҳ ба таълимоти кашишҳо дорем ҳарф мезанем, ба таълими худи Исои Масеҳ кор надорем*.

Ин як гуна муҳаббат кардан аст. Ва гунаи дигар, муҳаббати мақрун ба мантиқ аст, яъне муҳаббати мувофиқ бо маслиҳат, ки шомили замони ҳол ва замони истиқбол ҳар ду мешавад.

Он муҳаббате, ки воқеан эҳсону муҳаббат аст, мумкин аст мутобиқи хушоянд ин бачча бошад ва мумкин аст мутобиқи хушоянди ӯ набошад.

Пас агар мо бихоҳем ин дастури куллиро, ки дар ҳамаи адён омадааст ин чур тафсир кунем, ки воқеан мақсуди ҳамаи адён аз муҳаббат кардан ҳамин буда, ки бо мардум ба гунае рафтор кунед, ки онҳо дӯст медоранд (ва ба иборати дигар) ҳамеша бо мардум тавре рафтор кунед, ки мардум дӯст доранд шумо бо онҳо он тавр рафтор кунед, дар ин сурат бояд бигӯем, ин дастури адён — Алаёзу биллоҳ! — як дастури ғалате аст, дар ҳамаи адён ин дастур ғалат буда. Муҳаббат кардан ва эҳсон намудан ва хайр расондан ба афрод ва ба ҷомеа, наметавонад бар ин миқёс бошад, ки инҳо чиро дӯст доранд. Ин масалро мукаррар гуфтаем: тибқи ин мантиқ бояд бигӯем, ки идораи радио[46] ин амалро хеле ба истилоҳ мантиқӣ ва дуруст анҷом медиҳад; ҳамеша аз мардум мепурсад, ки шумо чи дӯст доред, ки ман ҳамон чизеро, ки шумо дӯст доред пахш кунам, ҳар сафҳае, ки шумо дӯст доред ҳамонро бигузорам. Мумкин аст аксарияти мардум чизеро дӯст дошта бошанд, ки вақте онро бигузорӣ, онҳоро бештар ба бадбахтӣ ва фасод бикашонад. Вале ӯ агар мехоҳад муҳаббаташ муҳаббати воқеӣ бошад, набояд тобеъи омор бошад, ки ағлаби баччаҳо, ҷавонҳо, писарҳо ва духтарҳо ҳастанд, ки тақозо мекунанд фалон сафҳаро бигузор. Баъд ҳам мегӯяд: мо дар хидмати мардум ҳастем, мо дорем ба мардум хидмат мекунем, ҳар чи дилашон мехоҳад ҳамонро мегузорем.

На, мувофиқи майл рафтор кардан, ғайр аз мутобиқи маслиҳат рафтор кардан аст. Он падару модар ҳам муҳаббати амиқу оқилона ва мантиқиашон наметавонад маҳдуд бошад ба хости фарзанд ва ба замони ҳол, ояндаро ҳам бояд дар назар бигиранд.

Маслиҳати ҷамъ муқаддам бар маслиҳати фард аст

Ба илова, як вақт ҳаст пойи фард дар миён аст ва як вақт ҳаст пойи ҷамъ дар миён аст. Боз мисол ба ҳамон падару модар мезанем, ки чанд писару духтар дар хонаашон ҳаст ва ҳамаро ҳам дӯст доранд. Яке аз ин баччаҳо нисбат ба афроди дигар мутаъаддӣ ва мутаҷовиз аст. Падару модар танҳо ин баччаро дӯст надоранд, ки бигӯянд мутобиқи майли ӯ рафтор мекунем. Агар майл ҳам миқёс бошад, майли афроди дигарро низ бояд

[46] *Бояд тавоҷҷӯҳ дошт, ки ин баҳсҳо қабл аз инқилоби исломӣ эрод шудааст*.

дар назар бигиранд, яъне он касе, ки мехоҳад аз рӯйи камоли муҳаббат бо баччаҳои худаш рафтор кунад, гузашта аз ин ки майл набояд миқёс бошад, балки маслиҳат бояд миқёс бошад, ҳамчунин маслиҳати ҷамъ бояд миқёс бошад, на маслиҳати фард. Ва чӣ қадр маворид мо мебинем, ки маслиҳати ҷамъ бо маслиҳати фард ҷур дарнамеояд, яъне агар маслиҳати як фардро дар назар бигирем, маслиҳати афроди дигар ва балки маслиҳати он созмон ва ҷомеае, ки ин фард ҷузъи он аст, аз байн меравад ва дар ниҳоят, худи он фард ҳам садама мебинад. Ин аст, ки дар мавориде маслиҳати фард фидои маслиҳати ҷомеа мешавад. Ва аз инҷост, ки дар мавориде худи муҳаббат — ки гуфтем решааш қасди хайру эҳсон доштан аст — эҷоб мекунад адами нармиро, эҷоб мекунад хушунатро, эҷоб мекунад ҳадди аксари он чиро, ки тараф онро барои худаш бадӣ талаққӣ мекунад, масалан эъдомро, он ҷо, ки пойи маслиҳати ҷамъ дар миён аст.

Фалсафаи қисос

Бибинед ин таъбири Қуръон роҷеъ ба масъалаи қисос чӣ таъбири ҷомеъе аст! Медонем, Қуръон дар қонуни ҷазои худ тарафдори қисос аст. Дар мавориде, ки касе ба амд ва бидуни ҳеч узре бегуноҳе ва нафси мӯҳтарамеро аз байн мебарад, ислом иҷозаи қисос медиҳад, ки ӯро ба маҷозоти он шахс эъдом кунанд.

Дар инҷо ин масъала пеш меояд, ки ҳоло ӯ як нафарро кушта, мо чаро як нафари дигарро изофа кунем ва бикушем?! Агар куштан кори баде аст, мо чаро ба унвони қисос ин кори бадро такрор кунем?! Ӯ кори баде карда, ки як нафарро кушта, оё мо ҳам худи ӯро бикушем, ки боз як инсон кушта бошем?! Қуръон мегӯяд:

وَلَكُمْ فِي الْقِصاصِ حَياةٌ يا أُولِي الْأَلْبابِ

(*Бақара/179*) Куштани инчунинро, куштан ва имота ва мирондан талаққӣ накунед, инро ҳаёт ва зиндагӣ талаққӣ кунед, вале на ҳаёти ин фард, ҳаёти ҷамъ. Яъне бо қисоси як нафар мутаҷовиз, ҳаёти ҷомеа ва ҳаёти афроди дигарро ҳифз кардаед. Шумо агар ҷилави қотилро нагиред, фардо ӯ як нафари дигарро хоҳад кушт ва фардо даҳҳо нафари дигар пайдо мешаванд ва даҳҳо нафари дигарро хоҳанд кушт. Пас инро кам шудани афроди ҷомеа талаққӣ накунед, ҳифзи бақои ҷомеа талаққӣ кунед; инро мирондан талаққӣ накунед, зиндагӣ талаққӣ кунед, яъне қисос маънояш душманӣ кардан бо инсон нест, дӯстӣ кардан бо инсон аст.

Инсондӯстӣ

Як матлаби дигарро ҳам инҷо бояд арз бикунем ва он ин аст: мегӯянд “инсондӯстӣ”. Албатта сухани дурусте аст, вале ин матлаб бояд шикофта шавад. Ба қавли талабаҳо, инсон дар “инсондӯстӣ” инсон би ҳува инсон аст, яъне инсонро аз он ҷиҳат, ки инсон аст, бояд дӯст дошт ва ба истилоҳи имрӯз, инсон бо арзишҳои инсонӣ. Як вақт мо дар таърифи инсон мегӯем: як ҳайвони як сару ду гӯши мустақимулқома, ки ҳарф ҳам мезанад. Агар инсон ин аст, Чомбе ҳамон қадр инсон аст, ки Лумумба инсон буда. Онҳое, ки хостанд Исоро ба дор бикашанд, ҳамон қадр инсонанд, ки худи Исо. Онҳо ҳам мисли Исо ҳарф мезаданд ва аз ин ҷиҳот фарқе бо ӯ надоштанд.

Як вақт мегӯем, “инсон” яъне ин ҳайкали хосс, ки дар ҳамаи ин афрод муштарак аст ва “инсонро дӯст дошта бошем” яъне ҳар касеро, ки аз насли Одам ҳаст дӯст дошта бошем ва хулоса, манзур аз инсон, инсони зистшиносӣ аст; он ки зистшиносӣ ӯро инсон медонад.

Оё мақсуд ин аст? Ё на, мақсуд инсон бимо ҳува инсон аст, яъне инсон ба хотири арзишҳои инсонӣ, ба хотири инсоният ва инсондӯстӣ яъне инсониятдӯстӣ. Ин ҷост, ки вақте Чомбе ва Лумумбаро канори ҳамдигар мегузорем, ду навъ аз об дармеоянд: ин як чиз аз об дармеояд, он чизи дигар, яъне мумкин аст ин як инсон аз об дарбиёяд, як инсони дуруст бо арзишҳои инсонӣ ва он на танҳо як инсон набошад, балки ҳайвон ҳам набошад ва ба таъбири Қуръон, аз ҳайвон ҳам чанд дараҷа пойинтар бошад. Инсонро бояд дӯст дошт ба хотири инсоният, на ба хотири ҳамин ҳайкалаш ва ба иборати дигар, инсониятро бояд дӯст дошт.

Ҳол, агар инсон зидди инсон ва зидди инсоният шуд, монеъ роҳи инсонҳои дигар ва монеъи такомул инсонҳои дигар шуд, оё боз мо бояд ин инсонро, ки дар воқеъ исмаш инсон аст ва дар маъно инсон нест (ва ба таъбири амирулмӯъминин:

الصّورَةُ صورَةُ إِنْسانٍ وَالْقَلْبُ قَلْبُ حَيَوانٍ ظاهِرٍ

Зоҳири инсон аст ва ботин, ботини як ҳайвон) дӯст бидорем? Оё ба номи инсондӯстӣ бояд ба инсоният хиёнат кунем ва бо инсоният душманӣ биварзем?!

Пас, гузашта аз ин масъала, ки муҳаббат сирфан риояти майлҳо нест, балки иборат аст аз риояти маслиҳат ва хайру саодати тараф ва гузашта аз ин ки маслиҳати фард ба танҳоӣ наметавонад миқёс бошад, балки маслиҳати ҷамъ бояд дар назар гирифта шавад, асосан масъалаи инсондӯстӣ масъалаи инсониятдӯстӣ аст, вагарна агар мурод аз “инсон” инсон ба маънои ҳамин ҷинс ва инсони зистшиносӣ бошад, аз назари зистшиносӣ фарқе байни

инсон ва ҳайвон нест. Чаро мо гӯсфандҳоро ба андозаи инсонҳо дӯст надошта бошем? Чаро аспҳо ва улоғҳоро ба андозаи инсонҳо дӯст надошта бошем? Ӯ як ҷондор аст, ин ҳам як ҷондор аст. Агар милок, ҷондорӣ ва идроки лаззат ва алам аст ва "*Маёзор мӯре, ки донакаш аст*", ин дар инсон ҳамон миқдор аст, ки дар аспу улоғ.

Пас, масъала бояд ба инсониятдӯстӣ баргардад. Вақте, ки инсондӯстӣ маъноях инсониятдӯстӣ шуд ва инсониятдӯстӣ ҳам маъноях риояти масолеҳи инсонӣ (ва на танҳо риояти майлҳо) шуд, маълум мешавад, ки (ин тафсир аз) дастури муҳаббат ба инсонҳо — ки қатъи назар аз ҳама чиз, фақат тавре рафтор кардан, ки ин хушаш биёяд ва он дӯст дошта бошад — як мантиқи ғалате аст, балки муҳаббати мантиқӣ дар мавориде табъан тавъам бо хушунатҳо, ҷиҳодҳо, муборизаҳо ва куштанҳост ва инсонҳоеро, ки хори роҳи инсоният ҳастанд, бояд аз байн бурд.

Некӣ ба кофир

Дар Қуръони Карим мебинем, ки ба муҳаббат ва ба эҳсон ва некӣ нисбат ба ҳамаи мардум ҳатто нисбат ба куффор тавсия шудааст, аммо дар ҳудуде, ки ин муҳаббат кардан ва ин некӣ кардан асари нек бибахшад. Он ҷо, ки некӣ кардан асари нек набахшад, он некӣ нест, балки бадӣ аст ба сурати некӣ.

Масалан, дар ояти муборакае, ки дар сураи Мумтаҳана (ояти 8 ва 9) аст, мефармояд:

لَا يَنْهَاكُمُ اللَّهُ عَنِ الَّذِينَ لَمْ يُقَاتِلُوكُمْ فِي الدِّينِ وَلَمْ يُخْرِجُوكُمْ مِنْ دِيَارِكُمْ أَنْ تَبَرُّوهُمْ وَتُقْسِطُوا إِلَيْهِمْ إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الْمُقْسِطِينَ. إِنَّمَا يَنْهَاكُمُ اللَّهُ عَنِ الَّذِينَ قَاتَلُوكُمْ فِي الدِّينِ وَأَخْرَجُوكُمْ مِنْ دِيَارِكُمْ

Яъне Худо шуморо наҳй намекунад (аввал мегӯяд, наҳй намекунад, баъд амр ҳам мекунад), ки нисбат ба кофироне, ки ба хотири дин бо шумо наҷангидаанд, бо шумо дар ҳоли набард, он ҳам ба хотири дин нестанд; онҳо, ки шуморо аз хонаҳоятон берун накардаанд — ки дар он вақт мисдоқаш Қурайш буданд, ки ҳам ба хотири дин бо мусалмонон меҷангиданд ва ҳам мусалмононро аз хонаҳояшон хориҷ карданд — оре, Худо шуморо наҳй намекунад, ки нисбат ба ин кофирон некӣ кунед. Яъне агар мо мегӯем, ба кофирон некӣ накунед, онҳоро мегӯем. Некӣ кардан ба онҳо айни бадӣ кардан ба худи шумост, тақвияти буняи душман аст, ки табъан алайҳи шумо ба кор меравад.

Баъд мефармояд:

إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الْمُقْسِطِينَ

Худо касонеро, ки хубӣ кунанд ва ба қисту адолат рафтор намоянд, дӯст медорад, яъне ин корро бикунед.

إِنَّمَا يَنْهَاكُمُ اللَّهُ عَنِ الَّذِينَ قَاتَلُوكُمْ فِي الدِّينِ وَأَخْرَجُوكُمْ مِنْ دِيَارِكُمْ

Худо шуморо наҳӣ мекунад аз некӣ кардан нисбат ба кофироне, ки ба хотири дин бо шумо ҷангидаанд ва шуморо аз хонаҳоятон берун кардаанд.

Рафтори одилона бо кофир

Ба илова, роҷеъ ба адл ва ба адолат рафтор кардан ва ҳаққи воқеии ҳар фардиро ба ӯ додан, ҳатто нисбат ба ҳамин кофироне, ки бо шумо меҷанганд ва шуморо (аз хонаҳоятон) берун карданд, низ мегӯяд аз адл хориҷ нашавед. Он, масъалаи эҳсон буд. Фармуд: ба инҳо эҳсон накунед. Аммо масъалаи адл чӣ тавр? Ин ки мехоҳем ҳаққи онҳоро ба эшон бидиҳем.

Оё метавонем ба онҳо зулм кунем? Мегӯяд: на. Дар аввалҳои сураи муборакаи Моида аст:

وَلَا يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَآنُ قَوْمٍ عَلَى أَلَّا تَعْدِلُوا اعْدِلُوا هُوَ أَقْرَبُ لِلتَّقْوَى

(*Моида/8*) Ҳаргиз кина ва душмании як қавм шуморо водор накунад, ки бар онҳо зулму ситам кунед, яъне он чиро, ки мустаҳиққи он нестанд, ба онҳо бирасонед; бо онҳо ҳам ба адолат рафтор кунед, ки адолат ба тақво наздиктар аст.

Дар оятҳои дигари Қуръон низ ҳаст, ки бо кофир ҷангидан ҳам як ҳадде дорад, яъне ҷойе мерасад, ки агар беш аз он ҷилав бираванд, ба таъбири худи Қуръон, эътидо ва таҷовуз аз ҳадд аст, ки дар ояти дигар мефармояд:

وَقَاتِلُوا فِي سَبِيلِ اللَّهِ الَّذِينَ يُقَاتِلُونَكُمْ وَلَا تَعْتَدُوا إِنَّ اللَّهَ لَا يُحِبُّ الْمُعْتَدِينَ

(*Бақара/190*) Дар роҳи Худо бо мардуме, ки бо шумо меҷанганд биҷангед, вале аз ҳадд таҷовуз накунед. Масалан, он вақт, ки душман аслиҳаашро замин мегузорад ва мегӯяд, таслим, он гоҳ, ки дигар таслим шуд ва шамшераш ба рӯйи шумо кашида нест, дигар ӯро накушед. Ё масалан мутаъарризи баччаҳояшон нашавед, мутаъарризи занҳояшон нашавед, мутаъарризи пирамардҳояшон нашавед; мутаъарризи ободиашон, дарахту

чашмаҳояшон нашавед (ҳамон дастурҳое, ки Пайғамбари Акрам ғолибан вақте, ки мусалмонон ба ҷанг мерафтанд, ба онҳо мефармуд).

Бинобар ин, вақте, ки пойи адолат ва нуқтаи муқобил он, зулм дар миён бошад, мегӯяд, дар мавриди кофирон ҳам аз ҳадд таҷовуз накунед, ба онҳо зулм накунед, бо онҳо ҳам ба адолат рафтор кунед.

Пас, адолат ба ҳар ҳол бояд риоят бишавад. Эҳсон ба кофирро дар ҷойе иҷоза медиҳад, ки асари хуб дошта бошад, аммо он ҷо, ки асари бад мебахшад (ё барои худи ӯ ва ё барои мусалмонон), мусаллам иҷоза намедиҳад. Масалан, мегӯянд, аслиҳа ба кофир нафарӯшед.[47] Вале зикр мекунанд, ки ин дар сурате аст, ки шумо бидонед ё эҳтимол бидиҳед, ки агар ин аслиҳаро ба ӯ бифурӯшед, ӯро тақвият кардаед ва бо ҳамин аслиҳа фардо ба ҷанги шумо меояд ва шуморо аз байн мебарад. Пас ин дар воқеъ тақвияти ғайримустақими душман алайҳи худатон аст; ин корро накунед, вагарна фурӯхтани чизе ба кофирон, ки ҳеч асари номатлубе аз он пайдо намешавад, монеъе надорад.

Имом Содиқ ва марди кофир

Ҳазрати Содиқ дар роҳи сафар касеро дар канори ҷодда ва дар зери соя ё канори дарахте диданд, ки худашро ба як вазъе андохта, ки маълум аст, ки нороҳат аст ва ҳолаш ҳоли оддӣ нест. Ба касе, ки ҳамроҳашон буд фармуданд: биравем ин тараф, гӯё ин мард гирифторӣ дорад. Ҳеч садояш ҳам дарнамеомад, ки аз касе истимдод кунад.

Рафтанд ва мардеро диданд, ки аз либосаш шинохта мешуд, ки мусалмон нест ва ғайри мусалмон аст. Тайласоне дошт ва… (либосҳои махсусе мепӯшиданд, ки аз он либос шинохта мешуданд). Маълум шуд, ки бечора дар ин биёбон, танҳо ва ташна ва гурусна гирифтор шуда. Ҳазрат фавран дастур доданд (ки ба ӯ обу ғизо бидиҳанд) ва хулоса наҷоташ доданд. Он шахсе, ки ҳамроҳ ҳазрат буд гуфт: охир, ин кофир аст, магар мо ба кофир ҳам метавонем муҳаббат кунем?! Фармуданд: бале, сирфи муҳаббат, ки фақат хайре ба ин одам мерасад, ин ки дигар ба ҷойе зарар намезанад. Оё агар ба ин муҳаббат кунед, ба мусалмонон душманӣ кардаед? На. Дар ин гуна маворид бояд ҳам муҳаббат кард.

[47] *Албатта ихтисос ба аслиҳа надорад, ҳар чизе, ки буняи ӯро тақвият мекунад*.

Некӣ дар муқобили бадӣ

Ду оят ба ёдам ҳаст. Дар як оят муҳаббатҳоеро, ки асари нек дорад тавсия мекунад, мефармояд:

وَلَا تَسْتَوِي الْحَسَنَةُ وَلَا السَّيِّئَةُ

Некӣ ва бадӣ — қарина нишон медиҳад, ки яъне некӣ кардан ба мардум ва бадӣ кардан ба мардум — ҳаргиз монанди якдигар нест, яъне асари некӣ бо асари бадӣ яке нест.

ادْفَعْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ

Он ки ба ту бадӣ мекунад, ту ба некӯтарин вақҳе ба ӯ некӣ кун. Ӯ ба ту бадӣ карда, ту ба ӯ некӣ кун.

فَإِذَا الَّذِي بَيْنَكَ وَبَيْنَهُ عَدَاوَةٌ كَأَنَّهُ وَلِيٌّ حَمِيمٌ

(*Фуссилат/34*) Ҳамон касе, ки бо ту душманӣ дорад, ӯ, ки бадӣ мекунад ту агар бахшоияш ва афв дошта бошӣ ва балки мутақобилан ба ӯ некӣ кунӣ, хоҳӣ дид, ки душмании ӯ табдил ба дӯстӣ шуд.

Саъдӣ мегӯяд (мазмуни ҳамин оят аст):

Бибахш, эй писар, к- одамизода сайд

Ба эҳсон тавон карду ваҳшӣ ба қайд.

Албатта бадеҳӣ аст, ки дастурҳои ахлоқӣ куллият надорад. Мавридаш мушаххас аст.

Дар ҷойе мегӯянд, некӣ кун, ки бо некӣ битавонӣ қалби тарафро тағйир диҳӣ, иваз кунӣ ва хуб намоӣ. Пас агар дар ҷойе мо бихоҳем муҳаббат кунем, муҳаббате, ки тарафро хушоянд ҳам бошад ва бидонем, ки асари ин муҳаббат ин аст, ки як душманиро аз миён мебарад, мегӯяд, муҳаббат кун. Мухотаб, пайғамбар аст. Душмани пайғамбар, душмани дин ҳам ҳаст.

Масъалаи:

مؤلَّفةُ قُلوبهم

— дар ислом чист? Яке аз масорифи закот, муаллафатун қулубуҳум аст. Муаллафатун қулубуҳум яъне кофирҳои зоҳирмусалмони заъифулимоне, ки инҳоро бо муҳаббат кардан ва ҳатто бо эҳсони молӣ бояд нигоҳ дошт.

Ин як оят буд, ки ба ин мазмун мо хеле дорем; дар калимоти амирулмӯъминин ва дар ҷоҳои дигар зиёд дорем.

Сабр дар муқобили бадиҳои мушрикон

Ояти дигар ин аст:

وَلَتَسْمَعُنَّ مِنَ الَّذِينَ أُوتُوا الْكِتَابَ مِنْ قَبْلِكُمْ وَمِنَ الَّذِينَ أَشْرَكُوا أَذًى كَثِيرًا وَإِنْ تَصْبِرُوا وَتَتَّقُوا فَإِنَّ ذَلِكَ مِنْ عَزْمِ الْأُمُورِ

(*Оли Имрон/186*) Инҷо сӯҳбати сабр ва тақвост, на сӯҳбати эҳсон. Вале иҷмолан нишон медиҳад: шумо аз мушрикон, аз аҳли китоб озори зиёде хоҳед дид, вале эй мусалмонон! Шитоб накунед, таҳаммул ва сабр дошта бошед, тақво дошта бошед, фавран дар муқобили бадиҳои мушрикон ва аҳли китоб аксуламали бад нишон надиҳед. Инҷо ҷилавгирӣ аз аксуламали бад аст ва ин як кори ғайри мантиқӣ ва ғайри муҳтотона талаққӣ шуда.

وَإِنْ تَصْبِرُوا وَتَتَّقُوا فَإِنَّ ذَلِكَ مِنْ عَزْمِ الْأُمُورِ

Агар хештандор ва бурдбор бошед ва тақво дошта бошед, худҷилавгир ва худдор ва бар худ мусаллат бошед — таъбири Қуръон дар ин ҷур ҷоҳо ин аст.

مِنْ عَزْمِ الْأُمُورِ

Яъне аз он корҳое аст, ки аз рӯйи ақлу мантиқ ва азму тасмим анҷом додаед, на корҳое, ки аз рӯйи хоҳиш ва майл ва эҳсосот ва ҳаяҷонҳои бемантиқ анҷом мешавад.

Тафсири саҳеҳи муҳаббат

Дар айни ҳол, он ҷо, ки мавриди:

اِدْفَعْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ

(*Мӯъминун/96*) нест ва агар мо некӣ кунем, бадии ӯро дафъ накарда ва табдил ба хубӣ нанамудаем ва душмании ӯро табдил ба дӯстӣ накардаем, балки агар ба ӯ хубӣ кунем, ба ҷомеаи инсоният бадӣ кардаем, дар инҷо ислом дастури анвоъи хушунатҳоро медиҳад, ки ҳадди аълояш ҳамон масъалаи ҷиҳод аст дар масоили ҷамъӣ ва қисос аст

дар муҷозотҳо ва дар мавриди афрод. Вале ҳамаи инҳо аз хайрхоҳӣ ва аз маслиҳатхоҳӣ ва аз саодатхоҳӣ бармехезад. Инҳо дар он қонуни куллии ҳамаи адён, ки:

أَحْبِبْ لِلنّاسِ ما تُحِبُّ لِنَفْسِكَ وَأَبْغِضْ لَهُمْ ما تُبْغِضُ لَها

— истисно нест, навъи тафсир аст. Як касе муҳаббатро баччагона тафсир мекунад, мегӯяд: вақте мебинӣ, ки ин бобо бутпараст аст ва машғули бутпарастӣ ҳам ҳаст, ту чӣ кор дорӣ?! Ба ӯ муҳаббат кун. Ту мебинӣ, ки агар ба ӯ бигӯӣ, ин корро накун, бадаш меояд, ин корро накун, ба ӯ муҳаббат кун, чизе нагӯ, ки ӯ бадаш биёяд, ҷилавашро нагир, бо ӯ мубориза накун, нороҳаташ накун.

Ин, душманӣ кардан аст ва мисли ин аст, ки иддае сахт мариз бошанд, вале худи ин маризҳо аслан дӯст надоранд муолаҷа шаванд ва аз муолаҷа бадашон меояд. Вақте мардум ҷоҳил бошанд, ҳамин ҷур аст. Дар собиқ, ки ҳанӯз деҳотиҳо одат накарда буданд мазореъашонро сампошӣ кунанд ва низ рӯйи як собиқае, ки доштанд, ки ҳамеша маъмури давлат, ки меомад, ба чашми як душман ба ӯ нигоҳ мекарданд, вақте маъмурини кишоварзӣ, ки қасдашон хайру эҳсон буд мерафтанд, ки зироатҳоро сампошӣ кунанд — ки ин кор, хайру маслиҳаташон буд — ба онҳо ришва медоданд, ки аз онҷо бираванд, давоҳои онҳоро мехариданд ва баъд дар ҷойе дафн мекарданд.

Ҳол, агар мардум ин ҷур буданд, мо бигӯем: мо набояд мардумро нороҳат кунем, ҳоло, ки инҳо нороҳат мешаванд аз инҷо биравем?! На, масъала нороҳатӣ нест. Инҷо бояд ин мардумро ба зӯри шаллоқ ҳам шуда огоҳ кард ва хайру маслиҳатро ба онҳо расонад, баъд ҳам худашон мутаваҷҷеҳи он хайру маслиҳат хоҳанд шуд.

Пас масъалаи муҳаббат яке аз масоили тарбияти исломӣ ва балки дар ҳамаи адён аст, вале бо ин тафовут, ки дар тафсири муҳаббат бояд диққат кунем, ки ин муҳаббатро бо он муҳаббатҳои сатҳӣ иштибоҳ накунем.

Тақвияти ҳисси ҳақиқатҷӯӣ

Масъалаи дигар дар боби тарбият, масъалаи тақвияти ҳисси ҳақиқатҷӯӣ аст. Мегӯянд, ки дар ҳар инсоне каму беш ин ғариза вуҷуд дорад, ки ковишгар ва ҳақиқатҷӯст ва ба ҳамин далел инсон дунболи илм меравад. Ин ҷузъи эҳсосҳо ва ғароизе аст, ки дар инсонҳо бояд тақвият бишавад.

Дар ин маврид ҷойи ин ки бихоҳем баҳси зиёде бикунем нест, чун ҳар кас медонад, ки дар ислом даъват ба илм зиёд шуда ва таҳсили илм фавқулъода ташвиқ гардидааст ва худи таърихи ислом ҳикоят мекунад — ва ашхоси беғараз, ҳама таъйид кардаанд — ки

пайдоиши тамаддуни азими исломӣ, ки аз ҳамон қарни аввал поягузорӣ ва оғоз шуд — балки аз замони Пайғамбари Акрам хондану навиштан ва босавод шудан ва таълим додан ва забонҳои мухталиф ёд гирифтан шурӯъ шуд ва аз улуми динӣ оғоз гардид ва баъд ба улуми табиӣ ва улуми фалсафӣ, тибб ва ғайра расид — решааш ташвиқи фавқулъодае буд, ки ислом ба таҳсили илм кард ва ин барои мусалмонон як амри муқаддас буд.

Таассуб, садди роҳи илм

Он чи ки монеъи ин матлаб аст масъалаи таассуб аст, анвоъи таассубҳо, ки ҷилави илмро мегирад. Ва медонем, ки дар ислом бо таассуб ва асабият, шадид мубориза шуда. Дар “Наҳҷул-балоға” хутбаест ба номи хутбаи “Қосиъа”, ки бузургтарини хутбаҳои амирулмӯъминин аст. Аслан меҳвари ин хутба таассуб ва такаббур аст, чун араб таассуби зиёде дорад. Амирулмӯъминин бо аъроб роҷеъ ба ин хислати таассубашон шадид мубориза мекунад ва бадиҳои таассубро зикр менамояд, ки таассуб чунину чунон аст ва дар охир мегӯяд: агар биност инсон нисбат ба чизе таассуб дошта бошад,

فَلْيَكُنْ تَعَصُّبُكُمْ لِمَكارِمِ الْخِصالِ

Таассубатон дар мавриди хубиҳо ва фазилатҳо бошад; нисбат ба фазилатҳо таассуб дошта бошед, на нисбат ба ин умур, ки масалан ман чаро биравам пеши фалон кас дарс бихонам, дар сурате, ки ӯ писари фалон шахс аст ва ман писари фалон кас ва бобои ӯ масалан навкари хонаи бобои ман буд; ин ҷур таассубҳои аҳмақона, ки дар миёни аъроб зиёд вуҷуд доштааст. Ба қавли Мавлавӣ, таассуб сахтгирӣ аст ва сахтгирӣ аз хомӣ аст:

Ин ҷаҳон ҳамчун дарахт аст, эй киром,
Мо бар ӯ чун меваҳои нимхом.
— то он ҷо, ки мегӯяд:
Сахтгириву таассуб хомӣ аст,
То ҷанинӣ, кор хуношомӣ аст.

Омилҳои тарбият

Ҳол, баъд аз ин ки шинохтем, ки инсон аз назари ислом бояд чӣ гуна бошад; аз назари ақл бояд чӣ гуна бошад, аз назари ирода бояд чӣ гуна бошад, аз назари ҳисси ибодат бояд чӣ гуна бошад, аз назари парвариш ва саломати бадан бояд чӣ гуна бошад, аз назари муҳаббат бояд чӣ гуна бошад, чигунагиро, ки шинохтем, рӯйи омилҳо баҳс кунем. Чӣ

омилҳое ин чигунагиҳоро ба шакли хубе дар инсон таъмин мекунад ва чӣ омилҳое зидди ин чигунагиҳост? Мо бештар, таваҷҷӯҳамон ба омилҳои хоссе аст, ки дар худи ислом рӯйи онҳо такя шуда. Қаблан арз кардем, ки аслан худи ибодат аз назари ислом як омили тарбиятӣ аст. Аз назари ислом, ибодат худаш як парваришгоҳ аст.

Мурақаба ва муҳосаба

Масъалаи дигаре, ки бояд арз кунам масъалае аст, ки дар таълиму тарбиятҳои динӣ ва мазҳабӣ вуҷуд дорад ва дар таълиму тарбиятҳои ғайри мазҳабӣ вуҷуд надорад ва наметавонад ҳам вуҷуд дошта бошад. Матлаберо уламои ахлоқ мегӯянд ва урафо фавқулъода рӯйи он такя доранд ва дар мутуни исломӣ таваҷҷӯҳи зиёде бад-он шудааст ва он чизе аст ба номи "мурақаба ва муҳосаба". Дар омӯзишу парваришҳои ғайри мазҳабӣ ин гуна мафоҳим пайдо намешавад, мурақаба ва муҳосаба аслан мафҳум надорад ва тарҳ намешавад. Вале дар таълиму тарбияти динӣ чун асос, масъалаи Худо ва парастиши Ҳақ аст, қатъан ин масоил матраҳ аст.

Дар Қуръони Карим ояте дорем, ки ман ин оятро шояд мукаррар тарҳ карда бошам (чун он даврае, ки мо Қум будем, олими бузурге, ки ахлоқ мегуфт[48], як муддате рӯйи ин оят такя карда буд ва чун ин оят бештар ба гӯшамон хӯрда ва бештар рӯйи он фикр кардаем, гӯӣ як ҷилваи дигаре дар зеҳни ман дорад). Аз оятҳои охири сураи муборакаи Ҳашр аст; қабл аз он оятҳои тавҳидӣ, ин оят аст:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللَّهَ وَلْتَنْظُرْ نَفْسٌ مَا قَدَّمَتْ لِغَدٍ وَاتَّقُوا اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ. وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللَّهَ فَأَنْسَاهُمْ أَنْفُسَهُمْ أُولَئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ

(*Ҳашр/18 ва 19*) Эй аҳли имон! Тақвои илоҳӣ дошта бошед.

وَلْتَنْظُرْ نَفْسٌ مَا قَدَّمَتْ لِغَدٍ

Манзурам дар мурақаба ва муҳосаба, ин калима аст: ва ҳамоно қатъан ва шадидан ҳар кас диққат кунад[49] дар он чи ки барои фардо пеш мефиристад. Яъне тамоми аъмоли инсон дар мантиқи Қуръон "пешфирист" аст. Дар ин замина як ояту ду оят ҳам нест:

---

[48] *Мақсуд Имом Хумайнӣ (р) аст.*

[49] *"Назар" дар мавориде мафҳуми диққатро медиҳад, на мафҳуми нигоҳи танҳо.*

وَمَا تُقَدِّمُوا لِأَنْفُسِكُمْ مِنْ خَيْرٍ تَجِدُوهُ عِنْدَ اللَّهِ

(“*Ва он чи аз амали солеҳ барои худатон пеш мефиристед, назди Худо меёбед.” (Бақара/110*)) Саъдӣ ҳам ин шеърро аз ҳамин ҷо гирифта:

Барги айше ба гӯри хеш фирист,

Кас наёрад зи пас ту пеш фирист.

Таъбири “пеш фиристодан” аз худи Қуръон аст. Тамоми аъмоли инсон пешфиристодаҳост. Яъне ҷойе, ки инсон дар оянда хоҳад рафт, қабл аз ин ки худаш биравад, як колоҳое ба онҷо мефиристад ва баъд худаш мулҳақ мешавад. Эй инсонҳо! Дар ин пешфиристодаҳои худатон камоли диққат ва муроқабатро дошта бошед ва назар кунед. Вақте шумо мехоҳед чизеро ба ҷойе бифиристед, аввал ворасӣ мекунед, диққат мекунед ва баъд мефиристед.

Бори дигар калимаи:

وَاتَّقُوا اللَّهَ

— такрор мешавад ва он гоҳ мефармояд:

إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ

Аввал мегӯяд, шумо худатон диққат кунед, баъд мегӯяд: Худо ба он чи амал мекунед огоҳ аст. Гӯё мехоҳад бигӯяд, агар шумо диққат накунед, як чашми бисёр дақиқе ба ҳар ҳол ҳаст; ӯ, ки мебинад. Як вақт инсон як чизеро қабл аз худаш мефиристад, баъд мегӯяд: хуб, ҳоло ҳар чи шуд шуд, кӣ меояд нигоҳ кунад?! Мегӯяд: на, масъала ин нест, Худо ба тамоми он чи шумо амал мекунед, огоҳ ва хабир аст.

Бархе афрод, ки чанд рӯз қабл аз фавти марҳуми оқои Буруҷердӣ (ризвонуллоҳи алайҳи) хидмати эшон буданд, гуфтанд: хеле эшонро нороҳат дидем ва эшон гуфтанд, ки хулосаи умри мо гузашт ва мо рафтем ва натавонистем хайре барои худамон пеш бифиристем, амале анҷом бидиҳем. Яке аз касоне, ки онҷо нишаста буд, тибқи одате, ки ҳамеша дар муқобили соҳибони қудрат шурӯъ мекунанд ба тамаллуқу чоплусӣ, хаёл кард, ки инҷо ҳам ҷойи тамаллуқу чоплусӣ аст, гуфт: оқо, шумо дигар чаро?! Мо бадбахтҳо бояд ин ҳарфҳоро бизанем, шумо алҳамду лиллоҳ ин ҳама осори хайр аз худатон боқӣ гузоштед, ин ҳама шогирд тарбият кардед, ин ҳама осори катбӣ аз худатон ба ёдгор гузоштед, масҷиде ба ин азамат сохтед, мадрасаҳо сохтед. Вақте инро гуфт, эшон як ҷумла фармуд, ки ҳадис аст:

خَلِّصِ الْعَمَلَ فَإِنَّ النّاقِدَ بَصيرٌ بَصيرٌ

Чӣ мегӯӣ?! Амалро бояд холис анҷом дод. Наққоди огоҳи огоҳе онҷо ҳаст. Ту хаёл кардаӣ, инҳо, ки дар мантиқи мардум ба ин шакл ҳаст, ҳатман дар пешгоҳи илоҳӣ ҳам ҳамин ҷур аст?!

إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ

Ин ҷост, ки уламои ахлоқи исломӣ бо илҳом аз ин оят масъалаеро матраҳ мекунанд, ки мегӯянд, уммулмасоили ахлоқ аст, модари ҳамаи масоили ахлоқӣ аст ва он “муроқаба” аст.

Муроқаба яъне бо худ муомилаи як шарикеро бикун, ки ба ӯ итминон надорӣ ва ҳамеша бояд мувозибаш бошӣ, мисли як бозрасе, ки дар идора аст. Яъне худатро ба манзилаи як идора талаққӣ кун ва худатро ба манзилаи бозраси ин идора талаққӣ намо, ки тамоми ҷузъиётро бояд бозрасӣ ва муроқабат кунӣ.

Муроқаба чизе аст, ки ҳамеша бояд ҳамроҳи инсон бошад, яъне ҳамеша инсон бояд ҳолаш ҳоли муроқаба бошад.

Гуфтем, як дастури дигаре ҳаст, ки номи онро “муҳосаба” мегузоранд. Ин ҳам дар худи матни ислом омадааст. Дар “Наҳҷул-балоға” аст. (Бибинед ин ҷумлаҳо чӣ қадр руҳ ва маъно дорад! Яъне чӣ қадр ҳикоят мекунад аз ин ки ин руҳҳое, ки ин ҷумлаҳоро гуфтаанд, аслан худашон моли ин дунёҳо будаанд). Мефармояд:

حاسِبوا أَنْفُسَكُمْ قَبْلَ أَنْ تُحاسَبوا وَزِنوها قَبْلَ أَنْ توزَنوا

Пеш аз он ки аз шумо ҳисоб бикашанд — ки дар қиёмат хоҳанд кашид — худатон ҳамин ҷо аз худатон ҳисоб бикашед ва худатонро инҷо вазн кунед ва бикашед пеш аз ин ки онҷо шуморо бикашанд. Онҷо шуморо ба тарозу хоҳанд гузошт ва хоҳанд кашид. Инҷо худатон, худатонро бикашед, бибинед сангинед ё сабук. Агар сабук ҳастед, яъне ҳеч чиз нестед ва агар сангин ҳастед, яъне пур ҳастед.

Нагӯед инсон мумкин аст пур бошад аз гуноҳ. Мутобиқи Қуръон тарозуе, ки дар қиёмат ҳаст, тарозуе аст, ки фақат сабуку сангинии хубро месанҷад; агар хуб дар он ҳаст, сангин аст, агар на, сабук аст.

مَنْ خَفَّتْ مَوازِينُهُ، مَنْ ثَقُلَتْ مَوازِينُهُ

Касе, ки мизонҳояш сабук аст,

فَأُمُّهُ هاوِيَةٌ

— ҷойгоҳш ҷаҳаннам аст. Касе, ки мизонҳояш сангин аст,

فَهُوَ فِي عِيشَةٍ راضِيَةٍ

— ӯ дар биҳишт зиндагонии осудае хоҳад дошт. (*Қориъа/6-9, бо тақаддуму тааххур*)
Худатонро инҷо вазн кунед, бибинед сабукед ё сангин. Инҷо ҳазрат ба таври куллӣ дастури муҳосаба медиҳад, вале дар ривоятҳои мо тафсири бештари ин матлаб ин аст, ки фармудаанд:

لَيْسَ مِنّا مَنْ لَمْ يُحاسِبْ نَفْسَهُ في كُلِّ يَوْمٍ

(*Кофӣ, ҷ.2, с.453*) Ҳар касе, ки ҳар шабонарӯз як бор ба ҳисоби худаш расидагӣ накунад, ӯ аз мо нест.
Чун ағлаби шумо пизишк ҳастед, ба шумо мисол зикр мекунам. Шумо, ки кори пизишкӣ доред, бо ин ки касе аз шумо ҳисоб намекашад, вале охири шаб он сандуқатонро як ҳисобе мекунед, ки имрӯз чӣ қадр даромад доштед ва агар дар кори беморҳоятон дақиқ бошед, як сурате аз беморҳоятон доред, як ҳисобҳое доред, ҳисоб мекунед, ки имрӯз чӣ қадр ва чӣ гуна кор кардам. Ҳамин ҷур балбашу, ки ҳеч ҳисобе дар кори инсон набошад нест.
Яке аз мафохири дунёи ислом дар ахлоқ ин аст, ки ба илҳоми ҳамин дастурҳо мо як силсила китобҳо дорем дар заминаи муҳосабаи нафс. Сайид ибни Товус “Муҳосабатун-нафс” навишта, Кафъамӣ “Муҳосабатун-нафс” навишта ва дар ағлаби китобҳои ахлоқии исломӣ — ва шояд дар ҳамаи китобҳои ахлоқӣ, ки хостаанд истифо кунанд — ин масъалаи муроқабаи нафс ва муҳосабаи нафсро матраҳ кардаанд.

Мушората, муъотаба, муъоқаба

Аз назари ислом, агар касе бихоҳад худашро тарбият кунад, аввалин шарт муроқаба аст, мунтаҳо мегӯянд, қабл аз муроқаба ва муҳосаба, як чиз ҳаст ва баъд аз муроқаба ва муҳосаба низ як чиз. Қабл аз муроқаба “мушората” аст, яъне аввал инсон бояд бо худаш

қарордод имзо кунад, ки инҳоро ағлаб рӯйи коғаз меоваранд. Рӯйи коғаз бо худашон шарт мекунанд ва паймон мебанданд, ки ин гуна бошам; чун агар мушората нашавад ва аввал инсон бо худаш қарордод набандад, маворидро мушаххас накунад ва барои худаш барнома қарор надиҳад, намедонад чӣ гуна аз худаш муроқаба кунад.

Масалан, аввал бо худаш як қарордод мебандад, ки хӯроки ман ин ҷур бошад, хоби ман ин ҷур бошад, сухани ман ин ҷур бошад, коре, ки бояд барои зиндагии худам бикунам ин ҷур бошад, коре, ки бояд барои халқи Худо бикунам ин ҷур бошад, вақти ман ин ҷур бояд тақсим бишавад. Инҳоро дар зеҳни худаш мушаххас мекунад ё рӯйи коғаз меоварад ва имзо мекунад ва бо худаш паймон мебандад, ки бар тибқи ин барнома амал кунад ва баъд ҳамеша аз худаш муроқабат мекунад, ки ҳамин тавре, ки паймон баста рафтор кунад.

Ҳамчунин дар ҳар шабонарӯз як дафъа аз худаш ҳисоб мекашад, ки оё мутобиқи он чи ки паймон бастам амал кардам? Оё аз худ муроқабат кардам ё накардам? Агар амал карда буд, баъдаш шукру сипоси илоҳӣ ва саҷдаи шукр аст ва агар амал накарда буд, масъалаи “муъотаба” дар кор меояд (яъне худро маломат кардан) агар кам тахаллуф карда бошад ва “муъоқаба” дар кор меояд (худро уқубат кардан) агар зиёд тахаллуф карда бошад, ки он уқубат карданҳо бо рӯзаҳо ва бо корҳои хеле сахт бар худ таҳмил кардан ва муҷозот кардани худ аст.

Инҳо аз усули мусаллами ахлоқ ва тарбияти исломӣ аст.

Омилҳои тарбият (3)

Тафаккур, муҳаббати авлиё, издивоҷ, ҷиҳод

Баҳси мо дар бораи омилҳое буд, ки дар таълимоти исломӣ ба он омилҳо барои ислоҳи нафс ва тарбияти исломии як фард таваҷҷӯҳ шудааст.

Арз кардем, ки барои як дин ба ҳукми он ки як имон аст ва навъе хосс нуфуз дар инсон дорад, роҳҳое барои тарбияти инсон вуҷуд дорад, ки дар ғайри мактаби динӣ вуҷуд надорад.

Дар ҷаласаи пеш роҷеъ ба мавзӯе, ки дар мутуни исломӣ зиёд рӯйи он такя шудааст ба номи “муҳосабаи нафс” баҳс кардем ва дидем, ки (дар мутуни исломӣ) аз худи Қуръони Маҷид гирифта то калимоти Расули Акрам ва баъд калимоти амирулмӯъминин ва соири имомон, ба ин матлаб зиёд таваҷҷӯҳ шудааст, ба тавре, ки барои солеҳони мӯъминин ва солеҳони мусалмонон, ин як амри роиҷе будааст ва вақте, ки мо ба китобҳои ахлоқии исломӣ, аз қадимтарини китобҳо (то ҷадидтарини онҳо) мурочеа мекунем, мебинем, ки ба масъалаи муроқаба ва муҳосаба иноятӣ фавқулъода доштаанд.

Матлаби дигаре, ки боз ҷанбаи тарбиятӣ дорад ва дар таълимоти исломӣ зиёд ҳаст, тафаккур аст. Дар осори зиёде дорем, ки тафаккур ибодат аст:

تَفَكُّرُ ساعَةٍ خَيْرٌ مِنْ عِبادَةِ سَنَةٍ

تَفَكُّرُ ساعَةٍ خَيْرٌ مِنْ عِبادَةِ سِتّينَ سَنَةً

تَفَكُّرُ ساعَةٍ خَيْرٌ مِنْ عِبادَةِ سَبْعينَ سَنَةً

— бо ихтилофоте, ки ҳаст. Албатта ин ихтилоф нест, тафаккурҳо мутафовит аст.

Се навъ ибодат

Пас, худи тафаккур ибодат аст. Бинобар ин, мо се навъ ибодат хоҳем дошт: ибодати баданӣ мисли намоз хондан, рӯза гирифтан; ибодати молӣ мисли закот додан, хумс додан ва ба таври куллӣ инфоқот; ва ибодати фикрӣ (ибодати сирфан руҳӣ), ки номаш тафаккур аст ва тафаккур афзали анвоъи ибодот аст. Ин ки мегӯянд:

تَفَكُّرُ ساعَةٍ خَيْرٌ مِنْ عِبادَةِ سَنَةٍ

Ё:

سِتّينَ سَنَةً

Ё:

سَبْعينَ سَنَةً

— маълум мешавад, ки арзиши тафаккур, аз он ибодатҳои дигар хеле бештар аст; як соати ин мумкин аст баробар бошад бо шаст соли ибодати бадании бидуни тафаккур. Ва набояд суитафоҳум бишавад, ки мақсуд ҷонишинсозӣ аст, ки он ибодатро раҳо кунед ва ба ин бичаспед. Мақсуд ин нест. Ҳар кадом дар ҷойи худ лозим ва зарурӣ аст. Мақсуд, баёни зарурати ин амр аст.
Ҳол, тафаккур дар чӣ? Албатта, мо тафаккурро маҳдуд намекунем. Анвоъи тафаккур дорем, ки боз дар худи мутуни исломӣ ба хусусияти ин тафаккурҳо таваҷҷӯҳ шудааст.

Тафаккур дар олами хилқат

Яке, тафаккур дар олами хилқат аст барои маърифат ва шиносоии Худо ва дар воқеъ кашфи олам барои шинохтани Худо. Дар худи Қуръон мебинем чӣ қадр ин мавзӯъ такрор шуда:

إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ لَآيَاتٍ لِأُولِي الْأَلْبَابِ. الَّذِينَ يَذْكُرُونَ اللَّهَ قِيَامًا وَقُعُودًا وَعَلَى جُنُوبِهِمْ وَيَتَفَكَّرُونَ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ

(*Оли Имрон/190 ва 191*) Шак надорад, ки агар инсон дар кори олам ва дар низомоти олам ва дар дақоиқи махлуқот тааммул ва диққат кунад ва ҳадафаш аз ин тааммул ва диққат ва кашфи розҳои олам ин бошад, ки ба ҳақиқат бештар роҳ ёбад ва Худоро бештар бишносад, ин, ҳам илм аст ва ҳам ибодат, тафаккури илмӣ аст ва ибодат.

Тафаккур дар таърих

Боз аз анҳои тафаккуроте, ки дар худи Қуръони Маҷид ба онҳо таваҷҷӯҳ шудааст, тафаккур дар таърих ва дар сарнавишт ва саргузашти ақвом ва милали гузашта аст.

Қуръон қасас ва ҳикоёт ва чизҳоеро, ки мо исмашро “таърих” мегузорем, ба таври ишора зикр мекунад, вале қисматҳоеро, ки мояҳои омӯзиш дар он зиёд аст, бештар ёдоварӣ мекунад ва махсусан ин матлабро таваҷҷӯҳ медиҳад, ки мо қисса ва ҳикоятро зикр намекунем фақат барои ин ки як самаре[50] ба истилоҳ шуда бошад ва як вақте гузаронда бошед:

فَاقْصُصِ الْقَصَصَ لَعَلَّهُمْ يَتَفَكَّرُونَ

(*Аъроф/176*) Ин ҳам худаш навъе тафаккур аст, ки боз аз назари ислом ибодат аст.

Тафаккури инсон дар бораи худ

Яке дигар аз тафаккурҳое, ки ибодат аст — ки манзури мо дар ин баҳс бештар ин қисмат аст — тафаккур кардани инсон дар бораи худаш аст, яъне худи инсон мавзӯъи тафаккури худаш бошад. Ва ин ду гуна аст: як вақт худи инсон ба унвони як мавзӯъи илмӣ мавзӯъи тафаккури ӯст. (Ин, ҷузъи дастаи аввал мешавад.) Ва як вақт инсон дар бораи корҳои худаш тафаккур мекунад, дар бораи ин ки чӣ гуна тасмим бигирад ва чӣ гуна кор кунад, ҳамин ҷур ъалаламё (кӯр-кӯрона) таслими ҳаводис ва ҷараёнот набошад. Мақсуд, дуввумӣ аст.

Оё ҷабри иҷтимоъ бар инсон ҳоким аст?

Як вақт инсон ҳолати як хасе ва хошокеро пайдо мекунад, ки дар селе афтода ва ин сел ба ҳар тараф, ки меравад, ӯро бо худаш мебарад. Шак надорад, ки ҷомеа ҳукми як селро дорад ва афродро бо худ аз ин тараф ба он тараф мекашонад, вале ин ҷур ҳам нест, ки ҷабри мутлақ бошад. Муҳит ва ҷомеа ва авзоъи иҷтимоӣ ба таври ҷабри мутлақ бар инсон ҳукмфармо нест, яъне чунин нест, ки инсон натавонад дар ин сел худаш барои худаш ҳеч гуна тасмиме бигирад, ҷояшро иваз кунад ва ҳатто масири худро бар хилофи масири он интихоб кунад, балки метавонад дар ин обе, ки ҷорӣ аст ва худ ба худ афродро ҳаракат медиҳад, сайрро дар хилофи ҷиҳати масири ин об қарор бидиҳад ва аҳёнан дар сарнавишти ин сел таъсир бибахшад ва онро дар масири дигар биандозад.
Медонем, ки таълимоти исломӣ бар асоси ин назар аст, вагарна масъулият, таклиф, амр ба маъруф, наҳй аз мункар, ҷиҳод ва амсоли инҳо аслан маънӣ надошт, балки уқубат кардан ва подош додан маънӣ надошт. Агар бино бошад инсон маҷбури мутлақ бошад,

[50] *Самар (бо “син”) яъне достонсаройии шабона*.

ҳар фард дар муқобили ҷомеа маҷбури мутлақ ва дастбастаи мутлақ бошад, аслан хубӣ ва бадӣ ва қаҳран подош ва кайфар — чӣ дар дунё ва чӣ дар охират — барои инсонҳо маънӣ надорад. Таълимоти исломӣ бар зидди ин (фикр) аст.

Тафаккур, шарти асосии тасаллут бар сарнавишти худ ва бар ҷомеа

Барои ин ки инсон бар сарнавишти худ ва низ бар ҷомеаи худ мусаллат бошад — лоақал дар ин ҳадд, ки сад дар сад таслими авзоъ ва аҳволе, ки бар ӯ иҳота кардааст набошад — шарти асосӣ тафаккур аст. Ин тафаккури ахлоқӣ, ки мавриди баҳс аст, чизе аст назири муҳосабаи нафс, яъне инсон бояд дар шабонарӯз фурсате барои худаш қарор бидиҳад, ки дар он фурсат, худашро аз ҳама чиз қатъ кунад ва ба истилоҳ навъе дарунгароӣ намояд, ба худ фурӯ равад ва дар бораи худ ва авзоъи худ ва тасмимоте, ки бояд бигирад ва корҳое, ки бояд анҷом диҳад ва он чи ки воқеъ шуда, арзёбии корҳои худаш дар гузашта, арзёбии руфақое, ки бо онҳо муошират мекунад, арзёбии китобҳое, ки мутолеа кардааст, дар бораи ҳамаи инҳо фикр кунад. Масалан, китоберо хонда, баъд биншинад фикр кунад, ки ман аз ин китоб чӣ гирифтам? Ин китоб дар ман чӣ асаре гузошт? Оё асари хуб гузошт ё асари бад? Баъд дар интихоби китоби дигар диққат мекунад. Инсон, ки он қадр вақт ва фурсат надорад, ки тамоми китобҳои дунёро мутолеа кунад, балки бояд интихоб намояд.

Ҷумлае аз амирулмӯъминин нақл кардаанд, ки дар “Наҳҷул-балоға” нест, вале дар китобҳои ҳадис ҳаст:

اَلْعُمْرُ قَصيرٌ وَالْعِلْمُ كَثيرٌ، فَخُذوا مِنْ كُلِّ عِلْمٍ ظُروفَهُ وَدَعوا فُضولَهُ

Умр кӯтоҳ аст ва илм зиёд (яъне омӯхтанӣ зиёд), пас, аз ҳар илме хубиҳояшро бигиред ва зиёдиҳояшро раҳо кунед.

Бинобар ин, ҳатто дар китоб хондан инсон бояд интихоб дошта бошад. Дар рафиқ ва муошир инсон бояд интихоб дошта бошад ва интихоб бидуни фикр маънӣ надорад. Рӯйи руфақо ва дӯстонаш ҳисоб кунад, ки аз муошират онҳо чӣ баҳра ва насибе мебарад? Хуб ё бад? Рӯйи корҳои шахсии худаш фикр кунад, ки чӣ асаре рӯйи ӯ гузошта ва чӣ насиб ва баҳрае аз онҳо бурдааст? Муҳимтар, ҳар коре, ки мехоҳад дар бораи он тасмим бигирад, аввал фикр кунад баъд тасмим бигирад, дар сурате, ки ғолибан тасмимоте, ки мо мегирем аз ҳадди лозими тафаккури қабли камбаҳра аст, яъне агар қаблан фикр мекардем, ин ҷур тасмим намегирифтем, ки тасмим гирифтем. Маънои ин ки инсон бояд рӯйи коре, ки мехоҳад анҷом диҳад фикр кунад, ин аст, ки ба қавли имрӯз ба аксуламалҳо

ва лавозими он кор фикр кунад, ки ин кор чӣ асаре ба дунболи худ меоварад? Чӣ аксуламалҳои эҷод мекунад? Маро ба куҷо хоҳад кашонд? Ва ба таъбире, ки Пайғамбари Акрам фармуда: оқибати он чист?

Оқибатбинӣ

Шахсе омад хидмати Расули Акрам ва арз кард: ё Расулаллоҳ! Ба ман насиҳате ва мавъизае бифармоед.

Навиштаанд, ки эшон се бор ин ҷумларо такрор карданд, фармуданд: оё агар ман бигӯям, ту ба кор мебандӣ? Гуфт: бале. (Албатта ин такрор барои ин буд, ки ҷумлае, ки мехостанд бигӯянд, бештар дар зеҳнаш русух пайдо кунад ва бифаҳмад, ки ҷумлаи боарзише аст ва набояд фаромӯш кунад). Баъд фармуд:

إِذا هَمَمْتَ بِأَمْرٍ فَتَدَبَّرْ عاقِبَتَهُ

Ҳар гоҳ мехоҳӣ кореро анҷом диҳӣ, аввал дар бораи оқибати он кор тадаббур кун, баъд тасмим бигир.

Асосан луғати “тадаббур”, ки аз моддаи “д-б-р” аст, ҳамон мафҳуми оқибатбиниро дорад.

Тадаббур ва идбор аз як модда ҳастанд. Иқбол ва идбор, ки мо мегӯем, иқбол рӯ овардан аст ва идбор пушт кардан. Тадаббур маънояш ин аст, ки инсон он ниҳояти амр, он оқибати кор ва он пушти сари корро бибинад, танҳо чеҳраи корро набинад. Ҳар коре як чеҳрае дорад ва як пушти саре. Инсон ғолибан чеҳраи корро мебинад, вале пушти сари корро намебинад, магар ин ки аз он кор рад шуда бошад; он вақт нигоҳ мекунад, аз пушти сар мебинад. Ва басо ҳаст, ки коре чеҳрааш як ҷур аст, пушти сараш ҷури дигар. Тадаббур ба оқибат ин аст, ки инсон қабл аз ин ки кореро анҷом диҳад, аз пушти сар ҳам он корро мутолеа кунад.

Ҷумлае дар “Наҳҷул-балоға” ҳаст; амирулмӯъминин роҷеъ ба фитнаҳо баён мекунанд, ки фитна чеҳрааш як ҷур аст, пушти сараш ҷури дигар. Мефармояд:

إِنَّ الْفِتَنَ إِذا أَقْبَلَتْ شَبَّهَتْ وَإِذا أَدْبَرَتْ نَبَّهَتْ

Ҷумлаҳои аҷибе аст: фитна вақте, ки падид меояд, ҳукм ғуборҳоеро дорад, ки дар фазо пайдо мешавад, ё ҳукми торикиро дорад, ки дар торикӣ инсон намебинад: дурӯғҳо пайдо мешавад, шойеъот пайдо мешавад, ҳаяҷонҳо ва эҳсосоти зиёд пайдо мешавад, лаҳ (ба

фоида) пайдо мешавад, алайҳ (ба зарар) пайдо мешавад. Аслан одам дармемонад, ки чӣ гуна қазоват кунад ва дар фитна воқеъ мешавад. Вале ҳамин ки фитна хобид, мисли ин аст, ки зулмат аз байн рафт ва ғуборҳо нишаст. Он вақт инсон нигоҳ мекунад, чизи дигаре мебинад; мебинад он чи ки дар торикӣ медид, ғайр аз ин аст, ки акнун дар рӯшноӣ мебинад.

إِذا أَقْبَلَتْ شَبَّهَتْ وَإِذا أَدْبَرَتْ نَبَّهَتْ

Одат ба тафаккур

Бинобар ин, яке аз омилҳои ислоҳ ва тарбияти нафс дар таълимоти исломӣ, одат кардан ба тафаккур аст. Тафаккур бояд барои инсон одат бишавад. Одат кардан ба тафаккур яъне дар бораи ҳар коре, ки инсон мехоҳад тасмим бигирад, одат дошта бошад, ки қаблан комилан рӯйи он кор фикр кунад ва ин аз назари ахлоқӣ — ҳамон тавр, ки арз кардам — назири муҳосабаи нафс аст. Ва ғайр аз ин ки дар ҳар коре инсон бояд қаблан фикр кунад, мегӯянд, ки дар ҳар шабонарӯз ҳарчанд чанд дақиқа ҳам шудааст, инсон бояд ба худаш маҷол бидиҳад, ки дар бораи худаш фикр кунад ва дар бораи корҳое, ки бояд дар мавриди онҳо тасмим бигирад, биандешад.
Дар заминаи тафаккур ҳам, ки хеле (ривоят) дорем. Дар ҳадис дар бораи Абӯзар дорад, ки:

كانَ أَكْثَرُ عِبادَةِ أَبي ذَرٍّ التَّفَكُّرَ

Бештарини ибодати Абӯзар фикр кардан буд.
Фикр кардан аст, ки ба инсон рӯшноӣ медиҳад ва ибодати бе тафаккур мумкин аст ба сурати як кори лағву беҳуда дарояд.

Муошират бо солеҳон

Яке дигар аз омилҳое, ки барои ислоҳ ва тарбият ба он таваҷҷӯҳ шудааст, муошират бо солеҳон ва некон аст.
Мо дар мутуни исломӣ бобе дорем таҳти унвони “Муҷоласат ва таъсири муҷоласат”, ҳам дар ҷиҳати мусбат ва ҳам дар ҷиҳати манфӣ, ки муҷоласати солеҳон осори некии фавқулъода дорад ва муҷоласати бадон осори суи фавқулъода дорад ва ин як амре аст, ки иҷтинобнопазир аст. Яъне инсон ҳар чи бихоҳад ба истилоҳ дари дили худашро

бибандад ва вақте, ки мехоҳад бо касе муошират кунад, худашро ончунон забт кунад, ки аз ӯ асаре нагирад, боз каму беш асар мепазирад. Пайғамбари Акрам фармуд:

اَلْمَرْءُ عَلى دينِ خَليلِهِ

(*Кофӣ, ч.2, с.375*) Ҳар касе ба дини дӯсташ аст.
Мақсуд ин аст, ки шумо агар касеро дӯсту халил бигиред, бо касе дӯст бишавед, дини ӯро ҳам пазируфтаед.
Дар “Наҳҷул-балоға” таъбире аст ба ин сурат:

مُجالَسَةُ أَهْلِ الْهَوى مَنْساةٌ لِلْايمانِ

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 85*) Нишасту бархост кардан бо мардуми ҳавопараст ва ғофил аз Худо, фаромӯшии имон аст.
Агар “мансот” масдари мимӣ бошад,

مَنساةٌ لِلْايمانِ

— мешавад фаромӯшии имон. Ва агар исми макон бошад — ки бештар дар ин маврид итлоқ мешавад — таъбир, ҷолибтар мешавад: фаромӯшхонаи имон, фаромӯшгоҳи имон. Эшон мефармоянд: ҳамнишинӣ бо ҳавопарастон фаромӯшхонаи имон аст, яъне инсон он ҷо, ки биравад, аслан имонро фаромӯш мекунад.
Дар яке аз оятҳои Қуръон, дар сураи Тоҳо ва зоҳиран хитоб ба Мӯсо ибни Имрон мефармояд:

فَلَا يَصُدَّنَّكَ عَنْهَا مَنْ لَا يُؤْمِنُ بِهَا وَاتَّبَعَ هَوَاهُ فَتَرْدَى

(*Тоҳо/16*) Ба Мӯсо баъд аз пайғамбарӣ ҳушдор медиҳад, ки: мардуми беимон монеъи ту нашаванд. Ин монеъият ғайр аз монеъияти зӯрӣ ва ҷабрӣ аст, ки масалан Фиръавн ба зӯр нагузорад ту коратро бикунӣ, чун дунболаш дорад:

وَاتَّبَعَ هَوَاهُ فَتَرْدَى

Эй Мӯсо! Беимонҳо туро аз роҳ бадар накунанд, ки ту ҳам дунболи ҳаво биравӣ ва ҳалок бишавӣ.

Аз ин оят истинбот кардаанд, ки ҳушдоре ба Мӯсо додаанд, ки хулоса мувозиб ва муроқиби таъсири суи одамҳои бад бош. Албатта маъноях ин нест, ки аз одамҳои бад канора бигир. Пас чӣ касеро даъват кунад?! Балки тавоҷҷӯҳ додан ба осори бади муошират бо одамҳои бад аст.

Бинобар ин, инсон дар муошират бояд интихоб дошта бошад. Ин муошрати ахлоқӣ ғайр аз муошират муаллим бо мутааллим ва муошрати мураббӣ бо зердасти худаш аст; мақсуд анис гирифтан аст. Ҳар касе дар дунё рафиқ дорад; рафиқе, ки бо ӯ унс дорад ва муошир аст ва бояд ҳам инсон рафиқ дошта бошад. Инсон барои тарбият ва ахлоқи худаш, дар муошир ва анис ва рафиқ ҳам бояд интихоб дошта бошад.

Ҳадисе аз Исо алайҳис салом

Дар аҳодис мо ворид шудааст, ки гурӯҳе (шояд ҳамон ҳаворийин будаанд) аз Исо ибни Марям суол карданд:

يا رُوحَ اللهِ! مَنْ نُجالِسُ

Эй Руҳаллоҳ! Бо чӣ касе мо муҷоласат кунем?

Ҷавоб дод:

مَنْ يُذَكِّرُكُمُ اللهَ رُؤْيَتُهُ وَيَزيدُ في عِلْمِكُمْ مَنْطِقُهُ وَيُرَغِّبُكُمْ فِي الْخَيْرِ عَمَلُهُ

(*Кофӣ, ҷ.1, с.39*) Яъне бо касе муҷоласат кунед, ки дидани ӯ шуморо ба ёди Худо биандозад. Як идда мардум афроде ҳастанд, ки дидани онҳо инсонро аз Худо ғофил мекунад ва як идда афрод амалашон, кирдорашон, рафторашон, вазъашон, симошон, хусусиёташон ба гунае аст, ки инсонро аз ғафлат хориҷ мекунад. Бо касе муҷоласат кунед, ки дидани ӯ Худоро ба ёди шумо биёварад; касе, ки суханаш бар илми шумо меафзояд, яъне ҳамаи суханонаш барои шумо ҳақоиқи тоза аст, ҳар чи ки ба шумо мегӯяд, ҳақиқати тозае аст, ки аз маҷлисаш баҳра мебаред. Инсон мебинад, ки бо баъзе афрод менишинад, вақте, ки бармехезад, воқеан эҳсос мекунад, ки матлаб ёд гирифта (ҳар навъ матлабе) ва бар илмаш афзуда шудааст.

وَيُرَغِّبُكُمْ فِي الْخَيْرِ عَمَلُهُ

Амали ӯ ҳам тарғибкунандаи шумо ба кори хайр бошад; тавре амал мекунад, ки шуморо ба кори хайр ташвиқу тарғиб менамояд.

Гуфтем, ки муошират як асари қаҳрӣ дорад. Ин нуктаро ҳам арз бикунам: ин ки арз кардам фарқ аст миёни муошират муаллим ва мутааллим ва ғайри он, барои ин аст, ки инсон ду ҷур муошират дорад. Дар як ҷур муоширатҳо инсон ба истилоҳ дарвозаи руҳии худашро мебандад, худашро махфӣ мекунад, на худашро он тавре, ки ҳаст бар тараф зоҳир мекунад ва на омодагӣ дорад, ки тарафро дар худаш бипазирад. Мебинед, инсон аввалин бор, ки бо касе бархӯрд мекунад ҳам ӯ зуд як ҳолате пайдо мекунад, ки худашро дар муқобили инсон мегирад ва ҳам инсон як қиёфаи маснӯӣ ба худаш медиҳад, яъне ҳамаи он чиро, ки ҳаст ба ӯ нишон намедиҳад. Вале ҳамин ки бо ҳамдигар самимӣ шуданд, дигар дари дилҳо ба рӯйи якдигар боз мешавад; ин он чи ки дорад ба ӯ мегӯяд ва лоақал пинҳон намекунад, ӯ ҳам он чи ки дорад, ба ин ироа медиҳад. Он муоширатҳое, ки фавқулъода асар дорад, ин муоширатҳои самимона аст ва ин тавсияҳо ҳам бештар таваҷҷӯҳ ба муоширатҳои самимона дорад. Дар ин муоширатҳост, ки инсон бидуни ин ки бифаҳмад, асар пайдо мешавад. Шеъри Мавлавӣ хеле шеъри хубе дар ин ҷиҳат аст. Мегӯяд:

Меравад аз синаҳо дар синаҳо,
Аз раҳи пинҳон салоҳу кинаҳо.
Балки худ аз одамӣ дар гову хар
Меравад доноиву илму ҳунар.

Инсон бо хуб менишинад, намефаҳмад, ки чӣ қадр аз ӯ гирифт. Худаш ҳам эҳсос намекунад. Бо одами бад менишинад, намефаҳмад чӣ қадр аз ӯ гирифт.

Иродат

Дар боби муошират, он чизе, ки асараш фавқулъода аст, пайдо шудани ҳолати иродат аст.

Масъалаи иродат ва шефтагӣ ба як шахси муайян, болотарин ва бузургтарин омил аст дар тағйир додани инсон; ва ин агар бачо биафтад, фавқулъода инсонро хуб мекунад ва агар нобачо биафтад, оташе аст, ки одамиро оташ мезанад.

Иродат аз мақулаи муҳаббат ва шефтагӣ аст. Агар инсон фардеро идеал ва инсони комил талаққӣ кунад ва баъд шефтаи ахлоқ ва руҳиёти ӯ бишавад, фавқулъода таҳти таъсири ӯ қарор мегирад ва фавқулъода иваз мешавад. Ин аст, ки урафо ва мутасаввифа ба масъалаи иродат пайдо кардан ба як шайх ва муршид, фавқулъода аҳаммият медиҳанд. Ҳоло ман ба ҳарфи онҳо кор надорам.

Асосан, ин ки мо дар ислом роҷеъ ба муҳаббати авлиё (тавсияҳое) дорем ва масалан мегӯем, ҳубби амирулмӯъминин чунину чунон аст, барои чист? Оё ин ширк нест? Агар ин масъалае, ки арз мекунам матраҳ набошад, ширк аст.

Амирулмӯъминин олитарини инсонҳо, вале мо маъмурем Худоро парастиш кунем ва ҳамаи пайғамбарон васила ҳастанд барои расондани инсон ба Худо. Бисёр хуб, Алӣ инсони комил, мо чаро нисбат ба ӯ муҳаббат дошта бошем?! Посух ин аст, ки муҳаббати пайғамбар ва муҳаббати амирулмӯъминин ва муҳаббати ҳар комиле, бузургтарин омили ислоҳ ва тарбияти инсон аст.

Фалсафаи муҳаббати авлиё ин аст.

Муҳаббати авлиё дар зиёрати “Аминуллоҳ”

Зиёрати “Аминуллоҳ”-ро оқоён ҳатман хондаанд. Дар миёни зиёроте, ки мо барои имомон дорем, шояд — ва баъид ҳам нест — мӯътабартарини зиёрот бошад, ҳам аз назари санад (яъне ба истилоҳ хеле падару модардор аст ва санади қатъӣ дорад, ки ба имомон мерасад ва чизе нест, ки масалан бигӯед, дар як китобе навишта шуда) ва ҳам аз назари мазмун, ки аз ин назар ҳам ҷузъи олитарини зиёрот аст ва шояд олитарини зиёрот бошад. Зиёрати кӯтоҳе аст. Дар китоби “Мафотеҳ” ва ғайра ҷузъи зиёроти амирулмӯъминин нақл шуда ва ҷузъи зиёроти мутлақа аст, яъне зиёрати махсуса нест, ки марбут ба як рӯзи муайян ё айёми хосс бошад, дар ҳар вақт мешавад амирулмӯъмининро бо он зиёрат кард ва аз мухтассоти амирулмӯъминин ҳам нест, ҳар имомеро бо ин зиёрат метавон зиёрат кард бо ин тафовут, ки он як калимаи “ассалому алайка ё амирулмӯъминин” дар зиёрати ғайри амирулмӯъминин бардошта мешавад (ва ба ҷойи он, иборати муносиб гузошта мешавад.)

Баъд аз он чанд ҷумлаи мухтасар, ки салом ва изҳори иродат ба имом ва шаҳодат ба ин аст, ки ман шаҳодат медиҳам, ки ту дар роҳи Худо он ҷиҳодеро, ки шоиста ва лозим буда анҷом додӣ ва хулоса ман гувоҳӣ медиҳам, ки ту вазифаи худатро ончунон, ки бояд анҷом додӣ, сездаҳ ҷумла дорад, ки ин сездаҳ ҷумла дуост, яъне баъд аз ин ки имомро зиёрат мекунем, дар ҳузур ва дар машҳади имом аз Худои Мутаъол ин чизҳоро мехоҳем. Шоҳиди ман, ду ҷумлаи он аст. Мехонем:

فَاجْعَلْ نَفْسي مُطْمَئِنَّةً بِقَدَرِكَ، راضِيَةً بِقَضائِكَ، مولَعَةً بِذِكْرِكَ وَدُعائِكَ، مُحِبَّةً لِصَفْوَةِ أَوْلِيائِكَ، مَحْبوبَةً في أَرْضِكَ وَسَمائِكَ، صابِرَةً عَلى نُزولِ بَلائِكَ، شاكِرَةً لِفَواضِلِ نَعْمائِكَ، ذاكِرَةً لِسَوابِغِ آلائِكَ، مُشْتاقَةً اِلى فَرْحَةِ لِقائِكَ، مُتَزَوِّدَةً التَّقْوى لِيَوْمِ جَزائِكَ، مُسْتَنَّةً بِسُنَنِ أَوْلِيائِكَ، مُفارِقَةً لِاِخْلاقِ أَعْدائِكَ، مَشْغولَةً عَنِ الدُّنْيا بِحَمْدِكَ وَثَنائِكَ

Ҷузъи ин сездаҳ ҷумла, ин ду ҷумла аст роҷеъ ба муҳаббат: Худоё! Ман мехоҳам, ҳам муҳиб бошам, ҳам маҳбуб; ҳам дӯст бидорам, ҳам маро дӯст бидоранд. Аммо чӣ касеро дӯст бидорам?

مُحِبَّةً لِصَفْوَةِ أَوْلِيائِكَ

Дӯстдори он баргузидагони аз авлиёи ту бошам, хулласи авлиёи ту. Муҳаббати хулласи авлиёст, ки мисли магнит инсонро мекашад. Ин ғайр аз масъалаи тафаккур ва муҳосабаи нафс аст. Инҳо як корҳои фикрӣ аст ва албатта лозим ҳам ҳаст (аммо таъсири муҳаббати авлиё ба маротиб бештар аст.)

Дар китоби “Ҷозиба ва дофеъаи Алӣ” — ки ман дар ин замина он ҷо зиёд баҳс кардаам — ин ташбеҳро зикр намудаам (ки тафовути ин ду равиш) мисли ин аст, ки мо миқдоре резаи оҳан дошта бошем, ки масалан бо хок омехта бошад; як вақт ҳаст, ки мехоҳем ин зарраҳоро як-як бо дасти худамон аз миёни хок ҷамъ кунем ва як вақт ҳаст, ки як магнити қавӣ ба даст мегирем, онро мечархонем, ҳамаро ба сӯйи худаш мекашад.

Агар инсон бихоҳад фақат бо такя ба тафаккур ва тазаккур ва муҳосабаи нафс ва муроқаба ва ғайра, ахлоқи суъро як-як бо сари ангушти фикру ҳисоб аз худ бизудояд ва худро ислоҳ намояд, албатта амале аст аммо мисли ҳамон аст, ки инсон бихоҳад резаҳои оҳанро як-як ҷамъ кунад. Вале агар инсон ин тавфиқро пайдо кунад, ки комиле пайдо бишавад ва ӯ шефтаи он комил гардад, мебинад коре, ки ӯ дар зарфи чанд сол анҷом медод, ин дар зарфи як рӯз анҷом медиҳад.

مُحِبَّةً لِصَفْوَةِ أَوْلِيائِكَ

Дӯстдори хулласи авлиёи ту бошам, (сафват ҳамон баргузида аст), дӯстдори баргузидагони аз авлиёи ту бошам.

مَحْبوبَةً في أَرْضِكَ وَسَمائِكَ

Худам низ, ҳам дар замин маҳбуб бошам ва ҳам дар осмон; дар замин маҳбуб бошам (ба ин ки) мардум маро дӯст дошта бошанд.

Равиши маломатиён

Ин аз қудсу тақво нест, ки ман ҷуре бошам, ки мардум маро душман дошта бошанд. Равиши маломатиён аз мутасаввифа чунин буд. Як фирқа аз фирақи мутасаввифа ба номи “маломийя” ё “маломатиён” маъруфанд. Роҳе, ки инҳо барои ҷиҳод бо нафс ба хаёли худашон интихоб карда буданд ин буд, ки коре бикунанд, ки мардум аз инҳо танаффур дошта бошанд ва ба инҳо занни бад бибаранд.

Масалан, шахс шароб намехӯрд, вале тазоҳур ба шаробхорӣ мекард, шишаи шаробро бо худаш ин тарафу он тараф мебурд ва дар хона шишаи шароб мегузошт, (то) мардум бигӯянд, ӯ шаробхор аст, ё намоз мехонд, вале намозро ҳамеша тавре мехонд, ки аҳаде нафаҳмад, то мардум бигӯянд, ӯ намоз намехонад.

Достони Адиби Нишопурӣ

Дар Машҳад як касе буда ба номи Адиби Нишопурӣ. Баъд аз ӯ каси дигаре ба номи Адиби Сонӣ буда, ки алъон ҳам ҳаст. Ин дуввумиро ман хеле дидаам ва воқеан ҳам одами хубе аст, яъне хеле хубиҳо дорад ва марди боимонӣ аст. Вале ин ду нафар, ҳам он Адиб ва ҳам ин Адиб, кӯшише доштанд бар зидди риёкорон, яъне аъмоле бар зидди риёкорон анҷом медоданд. Риёкорон тазоҳур мекунанд ба ибодат ва ибодат намекунанд, инҳо баръакс тазоҳур мекарданд ба ин ки мо ибодат намекунем, вале дар сир ибодат мекарданд. Масалан, ҳеч вақт касе инҳоро надида буд, ки ба зиёрати ҳазрати Ризо бираванд, вале гоҳе дида шуда буд, ки инҳо ба зиёрат рафтаанд. Албатта ин як миқдоре ҳам аксуламали риёкории риёкорон аст. Шуарое мисли Ҳофиз низ, ки дар қисмате аз таъбироти худ дам аз риндӣ мезананд, яъне ҳамон тазоҳур кардан бар зидди он чи, ки риёкорон тазоҳур мекунанд.

Инҳо ҳам равишашон як чунин равише аст, вале ин ҳам тазоҳур аст.

Як касе, ки аз шогирдони марҳум Адиби Аввал буд — ва худаш ҳам марди адибе буд ва баъд, аз муаллимини бузурги Вазорати маорифи он вақт шуд ва марди фозиле буд — мегуфт, ки ман як хидмате дар остона доштам ва шогирди Адиб ҳам будам ва шогирде будам, ки ғолибан назди ӯ будам ва ҳатто корҳояшро анҷом медодам, чой барояш дуруст

мекардам ва аз ин корҳо. Як вақте ҳангоми саҳар омада будам дар саҳн ва машғули ҷорӯб задан будам. Як вақт дидам устод абояшро ба сараш кашида, ки ҳеч кас ӯро нашиносад. Аз дари саҳн, ки омад, ман мутаваҷҷеҳаш шудам. Аз ҳайкал ва роҳ рафтанаш дар он торикӣ фаҳмидам, ки ин устод аст.

Тааҷҷуб кардам, ки охир ин вақти шаб куҷо мехоҳад биравад?! Ба аҷала ҳам мерафт дар ҳоле, ки асояшро низ ба даст гирифта буд. Ӯ ба истилоҳи хуросониҳо хеле ғуроб роҳ мерафт, вале он шаб асояшро бардошта буд ва тунд роҳ мерафт. Як вақт дидам омад дар саҳни кӯҳна, муқобили панҷара, ки расид, ҳамон ҷо ба ҳолати саҷда афтод рӯйи замин. Як муддате дар ҳолати саҷда буд, баъд думартиба асояшро бардошт, абояшро ба сараш кашид — ки ҳеч кас сураташро надид — ва рафт. Инҳо ҳам як ҷур одамҳое буданд.

Обрӯи инсон мӯҳтарам аст

Инҳо бо меъёрҳои исломӣ вифқ намедиҳад. Чаро инсон ин ҷур бошад?! Дар ҳадис аст, ки ҳар касе ихтиёри ҳар чизашро дошта бошад, ихтиёри обрӯяшро надорад. Касе ҳақ надорад, ки обрӯи худашро ҷилави мардум бирезад, бигӯяд, моли худам аст, ман дилам мехоҳад обрӯямро бирезам, ба шумо чӣ кор?! Махсусан ҳайсият ва обрӯи мазҳабӣ. Асосан ҳар мусалмоне як сармоя аст барои ислом. Агар оқои Зайд як мусалмони воқеӣ аст, бигузор ҷомеа бифаҳмад ва ӯро бишносад, албатта маҳз барои Худо, на барои риё. Маҳз барои Худо тазоҳур кунад ба мусалмонии худаш, яъне ба он чи ки воқеан мӯътақид аст ва амал мекунад, мутазоҳир ҳам бошад, то ҷомеа бифаҳмад, ки чунин фарде аз худаш дорад. Ин маънӣ надорад, ки мусалмонҳо мусалмон бошанд, вале ҷомеа нашиносад, ки инҳо мусалмонанд ва ба унвони як мусалмон ба онҳо иродат надошта бошад. Баъд, баччаҳо, ки меоянд, чашмашонро боз мекунанд ва ба зоҳир қазоват мекунанд, мегӯянд, оқо ин ҳарфҳо дурӯғ аст, мусалмоне вуҷуд надорад. На.

مَحْبوبَةً في أَرْضِكَ وَسَمائِكَ

Худоё! Коре бикун, ки дар замин (яъне пеши халқи ту) ва дар осмон маҳбуб бошам, ҳар ду ҷо (агар инсон дар замин маҳбуб бошад ва дар осмон малъун, ки дигар хеле бад мешавад, мешавад як одами риёкор ва мутазоҳир), бо ҳақиқат бошам, ки ту маро дӯст дошта бошӣ ва ҳақиқат доштани манро мардум ҳам бишносанд, ки мардум низ маро дӯст дошта бошанд.

Омили дигари ислоҳ ва тарбият, ҷиҳод аст ва ба таври куллӣ шадоид ва машаққот, аъамм аз шадоид ва машаққоте, ки бидуни ихтиёр ва интихоби инсон ба суроғи инсон меояд —

ки ҷанбаи ихтиёриаш марбут мешавад ба аксуламале, ки инсон дар муқобили он шадоид эҷод мекунад — ва болотар аз ин, шадоиде, ки худи шадоидро ҳам инсон интихоб мекунад.

Инсон як мавҷуди аҷибе аст. Иштибоҳ аст агар мо хаёл бикунем фақат як омил дар дунё вуҷуд дорад, ки инсонро ислоҳ мекунад. Инсон қисматҳои мухталифе дорад, ки ҳар қисматаш як омили ислоҳ дорад. Масалан, ҳамин муҳаббати авлиёи Худо хеле омили аҷибе аст, вале оё муҳаббати авлиёи Худо метавонад ҷонишини ҳама омилҳои дигар бишавад? Ё як хомиҳо ва як ғунчагиҳо дар инсон ҳаст, ки он ғунчаҳоро дигар ин омил наметавонад табдил ба гул кунад ва омили дигаре мехоҳад.

Нақши тарбиятии издивоҷ

Масалан, чаро дар ислом издивоҷ як амри муқаддас ва як ибодат талаққӣ шуда, бо ин ки аз мақулаи лаззот ва шаҳавот аст? Яке аз иллатҳои он ин аст, ки издивоҷ аввалин қадаме аст, ки инсон аз худпарастӣ ва худдӯстӣ ба сӯйи ғайрдӯстӣ бармедорад. То қабл аз издивоҷ, фақат "ман" вуҷуд дошт ва ҳама чиз барои "ман" буд. Аввалин марҳилае, ки ин ҳисор шикаста мешавад, яъне як мавҷуди дигаре ҳам дар канор ин "ман" қарор мегирад ва барои ӯ маънӣ пайдо мекунад (кор мекунад, заҳмат мекашад, хидмат мекунад, на барои "ман", балки барои ӯ) дар издивоҷ аст.[51] Баъд, ки дорои фарзандон мешавад, дигар "ӯ" "ӯ"-ҳо мешавад ва гоҳе онҷунон "ӯ"-ҳо мешавад, ки кам-кам ин "ман"-и бечора фаромӯш мешавад ва ҳамааш мешавад "ӯ" ва "ӯ"-ҳо. Ва инҳо қадамҳои аввалӣ аст, ки инсон аз ҳолати манӣ ва худхоҳӣ хориҷ мешавад ва ба сӯйи ғайрдӯстӣ меравад ва "ӯ" ҳам мавриди тавоҷҷӯҳаш қарор мегирад.

Таҷрибаҳои хеле қатъӣ нишон додааст,[52] ки афроди поки муҷаррад, ки барои ин ки бештар ба ислоҳи нафси худашон бирасанд, ба ин унвон ва ба ин баҳона издивоҷ накардаанд ва як умр муҷоҳидаи нафс кардаанд, аввалан ағлабашон дар охири умр пушаймон шудаанд ва ба дигарон гуфтаанд, мо ин корро кардем, шумо накунед. Ва сониян, бо ин ки воқеан мулло буданд, дар фиқҳу усул муҷтаҳид буданд, ҳаким ва файласуф буданд,[53] ориф буданд, то охири умр ва масалан дар ҳаштодсолагӣ боз як

[51] *Албатта дар издивоҷ, милок ишқ аст. Издивоҷи бемуҳаббатро намегӯям*.

[52] *Ва дар ин ҷиҳат моҳо бештар таҷриба дорем, чун афроди муҷаррад яъне покони муҷаррад дар миёни руҳонийин бештар будаанд*.

[53] *Ағлаби инҳо ҳаким ва файласуф ҳастанд*.

руҳияи баччагӣ ва ҷавонӣ ва як хомиҳое дар инҳо вуҷуд доштааст. Масалан, як ҳолати сабукии хоссе, ки гоҳе як ҷавон дорад, мебинӣ ҳамон ҳолат дар ин одами ҳаштодсола ҳаст. Ва ин нишон медиҳад, ки як пухтагӣ ҳаст, ки ҷуз дар партави издивоҷ ва ташкили хонавода пайдо намешавад, дар мадраса пайдо намешавад, дар ҷиҳод бо нафс пайдо намешавад, бо намози шаб пайдо намешавад, бо иродат ба некон ҳам пайдо намешавад. Инро фақат аз ҳамин ҷо бояд ба даст овард ва аз ин рӯ ҳеч вақт намешавад, ки як кашиш ё кординол ба сурати як инсони комил дарбиёяд, агар воқеан дар кординолии худаш содиқ бошад.

Ман намедонам он ду пайғамбаре, ки Қуръон онҳоро “ҳасур” меномад, нақси узвӣ ва ҷинсӣ доштаанд ё (иллати дигаре дар кор будааст.) Иддае сареҳан мегӯянд, ҳазрати Исо дар хеле ҷанбаҳо аз хеле пайғамбарон бартар ва болотар буда, дар айни ҳол ин нақсе аст барои ӯ (ва барои ҳазрати Яҳё), яъне Исо бо пайғамбаре, ки имтиёзҳои ӯро дошта ва ин нақсро надошта фарқ мекунад, он пайғамбар аз ӯ комилтар будааст.

Омили ташкили хонавода, ки худ як омили ахлоқӣ аст — ва ин, яке аз иллатҳои тақаддуси издивоҷ дар ислом аст — омиле аст, ки ҷонишин намепазирад.

Ҷиҳод, омили ислоҳ ва тарбият

Ҷиҳод ҳам худаш як омиле аст, ки ҷонишин намепазирад, яъне имкон надорад, ки як мӯъмини мусалмони ҷиҳодрафта ва як мӯъмини мусалмони ҷиҳоднадида, аз назари руҳия як ҷур бошанд. Инсон дар шароите қарор бигирад — мо, ки қарор нагирифтаем ва намедонем агар дар он шароит қарор бигирем чӣ аз об дармеояд — ки бо касе рӯ ба рӯст ва ӯ ба рӯйи вай аслиҳа кашида, дар лаҳзае бояд тасмим бигирад, шӯри имониаш чунон собиту побарҷо бошад, ки дар он лаҳза марги худашро ба хотири дину имонаш дар коми аждаҳои марг биандозад. Коре, ки аз ин омил сохтааст, аз омилҳои дигар сохта нест.

Ҳадисе аз Пайғамбари Акрам дар ин замина ҳаст (дар Сунани Абӯдовуд), ки воқеан эъҷоз аст. Мефармояд:

مَنْ لَمْ يَغْزُ وَلَمْ يُحَدِّثْ نَفْسَهُ بِغَزْوٍ ماتَ عَلى شُعْبَةٍ مِنَ النِّفاقِ

Мусалмоне, ки ғазв накарда бошад (ғазв ҳамон ҷиҳод аст) ё лоақал дар дилаш ҳадиси нафси ғазв надошта бошад, агар бимирад, дар як шӯъбае аз нифоқ мурдааст, яъне холӣ аз як навъ нифоқ нест. Албатта ин аз он нифоқҳои ғайри мусташъар аст, ки худи одам ҳам намедонад мунофиқ аст, вале воқеан мунофиқ аст.

Достони марди зоҳид ва ҷиҳод

Мавлавӣ достоне дар Маснавӣ оварда; достони ширине аст ва олӣ нақл мекунад.[54] Мегӯяд: марди зоҳиде буд, ки хеле муқайяд ва мутаъаббид ва муташарреъ буд ва ҳамаи ибодатҳо, аъамм аз воҷибот ва мустаҳабботро анҷом медод. Як вақт ба фикр афтод, ки мо тамоми ибодатҳоро анҷом додаем, вале як ибодатро, ки ҷиҳод дар роҳи Худост анҷом надодаем; фардо мемирем, савоби инро ҳам бурда бошем. Ба сарбозе гуфт: мо аз савоби ҷиҳод маҳрум мондаем, оё мумкин аст агар ҷиҳоде пеш омад, моро ҳам хабар кунӣ, ки мехоҳем барои савобаш ширкат кунем? Гуфт: чӣ монее дорад. Он сарбоз рӯзе омад ӯро хабар кард, ки омода бош, ки озим ҳастем, гуфтаанд, куффор ҳамла кардаанд, сарзамини мусалмононро ишғол намудаанд, занҳои мусалмононро асир карда ва мардҳояшонро куштаанд, зуд ҳаракат кун! Обид ҳам аслиҳа пӯшид ва аспашро савор шуд ва шамшерашро бардошт ва ҳамроҳи инҳо роҳ афтод.

Рӯзе дар як ҷо, ки пойин омада ва хайма зада ва нишаста буданд, якмартиба эълон шуд, ки душман расид ва дастури акид ва шадид, ки ҳаракат кунед. Сарбозҳои озмуда мисли барқ аслиҳаашонро пӯшиданд ва як дақиқа ҳам тӯл накашид, ки париданд рӯйи аспҳо ва девонавор тохтанд. Ин зоҳиде, ки вузӯяш ним соат тӯл мекашида ва ғуслаш як соат, то ба худаш ҷунбид ва рафт, ки аслиҳа ва шамшер ва чакмаҳо ва аспашро пайдо кунад ва хулоса то вақте, ки омода шуд, онҳо рафтанд ва ҷангиданд ва як идда кушта шуданд, иддаеро куштанд ва як иддаро ҳам асир гирифтанд ва омаданд. Ин бечора хеле ғусса хӯрд, ки аҷаб коре шуд, боз мо аз савоби ҷиҳод маҳрум мондем, ин ки хеле бад шуд! Пас мо, ки тавфиқ пайдо накардем ҷиҳод кунем.

Як одами гарданкулуфтеро ба ӯ нишон доданд аз асироне, ки гирифта буданд ва муҳкам баста буданд. Гуфтанд: инро мебинӣ? Ин он қадр ҷиноят карда, он қадр аз мусалмонҳо кушта, он қадр бегуноҳ кушта, ки ҳадд надорад. Инро мо асир кардаем ва ҷуз куштан роҳи дигаре надорад. Ҳоло мо инро медиҳем ба ту, ту бирав барои савобаш, инро бибар як каноре ва гарданашро бизан, ки ту ҳам ширкат карда бошӣ. Ӯро таҳвили вай доданд, шамшере ҳам ба ӯ доданд ва вай рафт, ки гардани ӯро бизанад ва биёяд.

Муддате тӯл кашид, диданд, аз зоҳид хабаре нашуд. Гуфтанд: як гардан задан, ки ин қадр тӯл намекашад, биравем бибинем, чаро наомад. Рафтанд, диданд, зоҳид беҳуш афтода ва ин мардак ҳам бо дастҳои баста, худашро андохта рӯйи ӯ ва дорад шоҳрагашро

[54] *Мавлавӣ бо ин ки як марди дарвеши орифе ҳаст, вале аҷиб ҳамаи нукотро тавоҷҷӯҳ дорад*.

меҷавад ва анқариб аст, ки онро қатъ кунад. Мардакро андохтанд он тараф ва куштанд ва зоҳидро оварданд дохили хайма ва ба ҳуш оварданд. Гуфтанд: чаро ин тавр шуд? Гуфт: валлоҳ, ман, ки нафаҳмидам, ман ҳамин қадр рафтам, то гуфтам: эй малъун! Ту ин қадр мусалмонҳоро барои чӣ куштӣ? Як фарёде кард ва дигар чизе нафаҳмидам.

Одаме, ки майдони ҷангро надида бошад, ҳамаи ибодатҳои дунёро ҳам карда бошад, бо як пих беҳуш мешавад ва меафтад.

Ин аст маънои ин ки:

مَنْ لَمْ يَغْزُ وَلَمْ يُحَدِّثْ نَفْسَهُ بِغَزْوٍ ماتَ عَلى شُعْبَةٍ مِنَ النِّفاقِ

Пайғамбар ғазвро омили ислоҳи ахлоқ ва ислоҳи нафс хонда ва агар ғайр аз ин бошад, мегӯяд як шӯъбае аз нифоқ дар руҳи инсон вуҷуд дорад.

Пурсишу посух

Пурсиш: *Оё фикри гуноҳ, гуноҳ аст ё на? То он ҷо, ки банда шунидаам, мегӯянд, фикри гуноҳ то он ҷо, ки ба марҳилаи амал дарнаёяд, гуноҳ нест. Мо аз яке аз фуқаҳо масъалаи таҳияи нақшаи синамохонаро суол кардем, ки агар касе мусалмон ва муқайяд бошад ва ба ӯ муроҷеа кунанд, ки нақшаи як синамохона ё чизе дар радифи синамохонаро таҳия кунад, оё агар ин корро анҷом диҳад, гуноҳ карда ё на? Ва пуле, ки аз ин роҳ мегирад ҳалол аст ё на? Дар ҷавоб ба мо гуфтанд, ки ишкол надорад, аъамм аз ин ки синамохона бад бошад ё хуб. (Синамохонаро ба унвони синамохонаи рӯз[55] талаққӣ кунед, на синамохона ба маънои илмӣ.) Истидлолашон ҳам ин буд, ки нақша, фикри гуноҳ аст ва то мавқеъе, ки пояи синамохонаро нарехтаӣ, парвонаашро нагирифтаӣ, сохтмонсозҳоро хабар накардаӣ ва сементашро нагирифтаӣ, ҳанӯз гуноҳ нест.*

Суоли дигар ин ки оё фикри савоб, савоб аст ё на? Яъне ҳанӯз фикри савобро ба марҳилаи амал дарнаёварда ва фақат фикрашро мекунӣ ва гоҳ монеъ пайдо мешавад. Масалан, менишинӣ фикр мекунӣ, ки хуб аст фалон ҷо фалон маблағ кӯмак кунам, баъд наметавонӣ. Оё то ин андоза фикр кардан савоб аст ё на?

Посухи устод Мутаҳҳарӣ: Ҳоло ман намедонам он оқое, ки он суханро гуфтаанд, манзурашон чӣ буда, вале матлаб бояд шикофта шавад. Як вақт ҳаст шумо худатон масалан — Худой нахоста — мехоҳед синамохона таъсис кунед (синамохони рӯз), ҳамин тавр аст, ки эшон гуфтаанд, яъне то марҳилаи фикр аст, то марҳилаи нақша аст ва то

[55] *Бояд тавоҷҷӯҳ дошт, ки ин баҳсҳо қабл аз инқилоби исломӣ эрод шудааст.*

вақте, ки ин амал аз шумо ба зуҳур нарасида, ин барои шумо гуноҳ нест. Яъне агар шумо тасмим ба як гуноҳ бигиред ва тамоми муқаддамоти он гуноҳро ҳам фароҳам кунед, вале он лаҳзаи охир, ки мерасад, пушаймон бишавед ё мавонеъи хориҷӣ нагузорад шумо ин амалро анҷом диҳед, инро ба пойи шумо гуноҳ наменависанд. Ин дуруст аст. Вале дар ин масъалае, ки шумо гуфтед, дигаре мехоҳад синамохона таъсис кунад, баъд шумо дар марҳилаи фикр ба ӯ кӯмак медиҳед ва ин кори шумо муқаддимае аст, ки ӯ кори худашро анҷом диҳад. Ин, унвони “иъонат (кӯмак) ба исм (гуноҳ)” дорад нисбат ба ӯ. Пас фарқ аст миёни ин ки шумо нақшаи синамохонаро барои иқдом худатон таҳия кунед ва баъд худатон корро анҷом надиҳед ё барои дигаре таҳия кунед ва дигаре ҳам билохира анҷом надиҳад (ки гуноҳ нест) ва ин ки шумо дар марҳилаи фикр ва нақша ба ӯ кӯмак бидиҳед ва ӯ ҳам аз фикр ва нақшаи шумо истифода кунад ва ба марҳилаи амал бирасонад. Ин худаш гуноҳ аст аз боби ин ки иъонати дигарӣ аст ба гуноҳ, яъне кӯмак кардани дигарӣ аст ба гуноҳ. Ин мисли иъонати зулм аст. Чаро иъонати зулм ҳаром аст? Чаро ҳатто он касе, ки давоти золимро таҳия кунад, ӯ ҳам маъсият карда? Чун иъонат ба золим аст, навъе тақвият ва кӯмак расондан ба ӯ дар гуноҳ аст. Бинобар ин ин ду бо ҳамдигар фарқ мекунад.

Аммо ин ки асли матлаб ишкол надорад, ба ин маъност: фарқе, ки миёни кори хайр ва кори шарр ҳаст ин ҷиҳат аст, ки агар инсон тасмим ба кори хайр бигирад, вале баъд муваффақ ба анҷоми он нашавад, барояш савоб менависанд, бо он ки он корро анҷом надода. Ин тафаззули илоҳӣ аст. Шумо тасмим ба як кори хайр мегиред, вақте мехоҳад ба марҳилаи амал бирасад, монеъ пайдо мешавад. Инҷо барои шумо савоб менависанд. Вале дар кори бад агар шумо дар марҳилаи тасмим бошед ва худи кор сурат нагирад, ба пойи шумо гуноҳ навишта намешавад ва ин тақрибан афве аст дар инҷо.

Ин ки арз кардем, ки фикри гуноҳ, гуноҳ нест, мақсуд ин аст, ки фикри ҳар гуноҳе худи он гуноҳ нест. Масалан, барои шаробхор ъиқобе дар дунё қарор додаанд ва ъиқобе дар охират. Сӯҳбат ин аст, ки агар касе тасмим гирифт — Алаёзу биллоҳ! — ба шаробхорӣ, вале баъд нашуд ва монеъ пеш омад, оё дар дунё мо ин одамеро, ки алъон худашро барои машрубхорӣ омода карда буд, вале масалан бод вазид ва шишаро шикаст ва ӯ нахӯрд, метавонем тозиёна бизанем ё на? Мумкин аст касе ба ӯ бигӯяд: ту, ки тасмим доштӣ, тамоми муқаддамотро ҳам фароҳам кардӣ ва агар ин бод наомада буд ва ин шишаро наандохта буд, қатъан мехӯрдӣ, бинобар ин аз назари ту тафовуте нест, пас мо метавонем туро ҳаштод тозиёна бизанем. Аз назари дунё мегӯянд на, чун вуқӯъ пайдо накарда. Аз назари охират ҳам нафси шаробхорӣ муҷозот дорад. Оё дар охират, ин одам муҷозоти як шаробхор хоҳад шуд? Ё муҷозоти шаробхор намешавад. Вале дар кори хайр ин ҷур аст,

ки агар касе кори хайреро қасд кунад, ҳарчанд анҷом надиҳад, ваъда додаанд, ки дар қиёмат савоби он амали хайрро ба ӯ медиҳанд ва ин тафаззули илоҳӣ аст. Аммо дар ин ки нияти бад, худаш бад аст, баҳсе нест. Шак надорад, ки нияти бад худаш бад аст, гузашта аз ин ки нияти бад аст, ки инсонро ба худи бад мекашонад, чун ҳар коре аввал фикраш дар инсон пайдо мешавад ва баъд инсон вориди амал мешавад. Дар аҳодиси мо ин қазия ворид шуда, ки Исо ибни Марям гуфт: айюҳаннос! Мардум ба шумо гуфтаанд, ки гуноҳ накунед, ман мегӯям хаёли гуноҳро ҳам дар хотиратон роҳ надиҳед. Аз назари исломӣ ҳам, ки шак надорад ҳар хотирае, ки инсонро аз Худо ғофил кунад, бад аст, то чӣ расад, ки он хотира фикри гуноҳ бошад.

Пас ду масъала аст: ин ки оё фикри гуноҳ, худаш як чизи баде ҳаст ё на? Ва ин ки оё фикри гуноҳ ҳарчанд он ки он гуноҳ қаҳран анҷом нашуда бошад, айнан мисли худи гуноҳ аст?, ки гуфтем ин ҷур нест. Вале дар фикри кори хуб, ин ҷур ҳаст ва гуфтаанд, агар инсон тасмим ба кори хубе бигирад, вале баъд амалан тавфиқ пайдо накунад ва монеъ пайдо бишавад, Худованди Мутаъол бо ӯ ҳамон тавр рафтор хоҳад кард, ки бо (омили он кор хуб.) Дар ин замина зиёд дорем. Дар “Наҳҷул-балоға” аст, ки амирулмӯъминин аз ҷанги Ҷамал бармегаштанд, шахсе арз кард:

يا أَميرَالْمُؤْمِنينَ! وَدِدْتُ أَنَّ أَخي فُلانا كانَ شاهِدَنا

Дӯст доштам бародарам фалон кас ҳам бо мо дар ин ҷанг мебуд ва дар ин ҷиҳод ширкат мекард. Фармуд:

أَهَوى أَخيكَ مَعَنا

Оё майлаш ва дилаш бо мост? Яъне воқеан мехост бо мо бошад, вале амалан тавфиқ пайдо накард? Ё на, агар ҳам мебуд, дилаш намехост бо мо бошад? Гуфт: чаро, дилаш мехост бо мо бошад, вале мутаассифона инҷо набуд. Фармуд: пас бо мо буд:

فَقَدْ شَهِدَنا

Баъд фармуд: ва ҳамчунин на танҳо ӯ бо мо буд, балки афроде бо мо буданд, ки ҳанӯз дар сулби падарон ва дар шикамҳои модарон ҳастанд ва афроде, ки:

سَيَرْعَفُ بِهِمُ الزَّمانُ

Замон баъдҳо онҳоро аз бинии худаш берун мерезад, яъне мардуме, ки масалан дар ҳазор сол баъд меоянд, бо мо хоҳанд буд, вале мардуме, ки дилашон бо мост ва ба гунае ҳастанд, ки агар мебуданд, воқеан ширкат мекарданд; ҳамон, ки мо ба дурӯғаш мегӯем (ҳақиқаташ агар бошад), хитоб ба ҳазрати Сайидушшуҳадо ва асҳобашон арз мекунем:

يا لَيْتَنا كُنّا مَعَكُمْ فَنَفوزَ فَوْزا عَظيما

Ин

يا لَيْتَنا

— агар ҳақиқат бошад ва таъоруф ё одат набошад, (савоби он муҳоҳидаро дорад.)

Достони омадани Ҷобир ба Карбало ва он зиёрати аввал дар “Арбаъин”-ро шунидаед.[56] Ҷобир кӯр буд. Он шахсе, ки ҳамроҳаш буд (Атия), ки ӯ ҳам марди муҳаддисе будааст, мегӯяд, ки Ҷобир зимни мухотаботе, ки бо шуҳадо мекард, гуфт: вале мо бо шумо будаем, мо бо шумо шарик ҳастем. Ба Ҷобир гуфтам: мо бо инҳо шарик ҳастем?! Инҳо, ки инҷо баданҳошон қитъа-қитъа ва қалам-қалам шуд?! Ману ту, ки набудем, чӣ тавр мо шарик ҳастем?! Гуфт: чаро, ба Худо, мо будаем, чун агар мебудам, қатъан бо инҳо будам, ҳеч шак надорад, руҳам бо инҳо буда.

Бинобар ин, дар мақоми аҷру савоб, агар касе воқеан қасди анҷоми кори хайриро дошта бошад ва баъд мавонеъи хориҷӣ ва ғайри ихтиёрӣ ҷилавашро бигирад, Худованд тафаззулан савоби он амалро ба ӯ медиҳад. Вале дар гуноҳ агар монеъи хориҷӣ биёяд, гуноҳи он амал манзур намешавад. Аммо худи фикри гуноҳ, мусаллам бад аст ва навъе гуноҳ мебошад.

[56] *Аслан “Арбаъин” марбут ба Ҷобир аст, марбут ба омадани асирон нест. Омадани асирон ба Карбало қатъан дурӯғ аст. “Арбаъин”-и Имом Ҳусайн яъне рӯзи аввалин зиёрате, ки Имом Ҳусайн шуда ва ба ёди он ҳам “Арбаъин” рӯзи зиёрат шудааст.*

Омилҳои тарбият (4)

Кор

Баҳси мо дар бораи омилҳои тарбият буд. Дар бораи чанд омил баҳс кардем ва ҳол дунболаи баҳс:

Яке аз омилҳое, ки хеле содда аст, вале шояд камтар ба он таваҷҷӯҳ мешавад, омили кор аст. Кор аз ҳар омили дигаре агар созандатар набошад, нақшаш дар созандагӣ камтар нест. Инсон ин ҷур хаёл мекунад, ки кор асар ва маълули инсон аст, пас инсон муқаддам бар кор аст. Яъне чигунагии инсон муқаддам бар чигунагии кор ва чигунагии кор тобеъи чигунагии инсон аст ва бинобар ин тарбият бар кор муқаддам аст. Вале ин дуруст нест. Ҳам тарбият бар кор муқаддам аст ва ҳам кор бар тарбият, яъне ин ду, ҳам иллати якдигар ҳастанд ва ҳам маълули якдигар. Ҳам инсон созанда ва холиқ ва офаринандаи кори худаш аст ва ҳам кор (ва навъи кор) холиқ ва офаринандаи руҳ ва чигунагии инсон аст.

Кор аз назари ислом

Дар ислом бекорӣ мардуду матруд аст ва кор ба унвони як амри муқаддас шинохта шудааст. Дар забони дин вақте мехоҳанд тақаддуси чизеро баён кунанд, ба ин сурат баён мекунанд, ки Худованд фалон чизро дӯст дорад. Масалан, дар ҳадис ворид шудааст:

اِنَّ اللهَ يُحِبُّ الْمُؤْمِنَ الْمُحْتَرِفَ

(*Васоил, ч.12, с.13, бо андаке тафовут*) Худованд мӯъминеро, ки дорои як ҳирфа аст ва бад-он иштиғол дорад, дӯст дорад.

Ё ин ки гуфтаанд:

اَلْكادُّ عَلى عِيالِهِ كَالْمُجاهِدِ في سَبيلِ اللهِ

(*Кофӣ, ч.5, с.88*) Касе, ки худро барои идораи зиндагиаш ба машаққат меандозад, монанди касе аст, ки дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад.

Ё он ҳадиси набавии маъруф, ки фармуд:

مَلْعونٌ مَنْ أَلْقى كَلَّهُ عَلَى النّاسِ

(*Кофӣ, ч.5, с.72*) Ҳар касе, ки бекор бигардад ва сангинии (маъоши) худро бар дӯши мардум биандозад, малъун аст ва лаънати Худо шомили ӯст.

Ин ҳадис дар “Васоил” ва баъзе китобҳои дигар аст.

Ё ҳадиси дигаре, ки дар “Биҳор” ва бархе китобҳои дигар ҳаст, ки вақте дар ҳузури мубораки Расули Акрам дар бораи касе сухан мегуфтанд, ки фалонӣ чунину чунон аст, ҳазрат мепурсид, кораш чист? Агар мегуфтанд, кор надорад, мефармуд:

سَقَطَ مِنْ عَيْني

Яъне дар чашми ман дигар арзише надорад. Дар ин замина мутуни зиёде дорем.

Дар ҳамин китоби кучаки “Достони ростон”, аз ҳикоёт ва достонҳои кучаке, ки аз пайғамбар ва амирулмӯъминин ва соири имомон нақл кардаем, фаҳмида мешавад, ки чӣ қадр кор кардан ва кор доштан аз назари пешвоёни ислом муқаддас аст. Ва ин дуруст баръакси он чизе аст, ки дар миёни бархе мутасаввифа ва зоҳидмаобон ва аҳёнан дар фикри худи мо русух дошта, ки корро фақат дар сурати бечорагӣ ва ночорӣ дуруст медонем, яъне ҳар касе, ки коре дорад, мегӯем ин бечора мӯҳтоҷ аст ва маҷбур аст, ки кор кунад; фӣ ҳадди зотиҳ он чизе, ки онро тавфиқ ва муқаддас мешуморанд, бекорӣ аст, ки хушо ба ҳоли касоне, ки ниёз надоранд коре дошта бошанд, ҳол касе, ки бечора аст, дигар чӣ кораш мешавад кард?! Дар сурате, ки аслан масъалаи ниёз ва бениёзӣ матраҳ нест. Аввалан, кор як вазифа аст. Ҳадиси:

مَلْعونٌ مَنْ أَلْقى كَلَّهُ عَلَى النّاسِ

— нозир ба ин ҷиҳат аст. Вале мо акнун дар бораи кор аз ин назар баҳс намекунем, ки кор як вазифаи иҷтимоӣ аст ва иҷтимоъ ҳаққе бар гардани инсон дорад ва як фард ҳар чи масраф мекунад, маҳсули кори дигарон аст. Ва агар назарияи марксистҳоро бипазирем, асосан сарват ва арзиш ва ҳар чизе, ки арзише дорад, тамоми арзишаш бастагӣ ба коре дорад, ки дар роҳи эҷоди он анҷом гирифтааст, яъне коло ва коло будани коло дар воқеъ таҷассуми коре аст, ки рӯйи он анҷом шудааст. Ҳол агар ин назария сад

дар сад дуруст набошад,[57] боз ҳар чизе, ки инсон масраф мекунад, лоақал миқдоре аз арзиши он дар баробари коре аст, ки рӯйи он анҷом гирифтааст.

Либосе, ки мепӯшем, ғизое, ки мехӯрем, кафше, ки ба по мекунем, маскане, ки дар он зиндагӣ мекунем, ҳар чиро, ки назар кунем, мебинем ғарқ дар натиҷаи кори дигарон ҳастем.

Китобе, ки ҷилавамон гузошта ва мутолеа мекунем, маҳсули кори дигарон аст: он ки таълиф карда, он ки коғаз сохта, он ки чоп карда, он ки ҷилд намуда ва ғайра. Инсон дар иҷтимое, ки зиндагӣ мекунад, ғарқ аст дар маҳсули кори дигарон ва ба ҳар баҳонае бихоҳад аз зери бори кор шона холӣ кунад, ҳамон фармудаи пайғамбар аст, ки сангинии ӯ рӯйи дӯши дигарон ҳаст бидуни ин ки кучактарин сангинӣ аз дигарон ба дӯш гирифта бошад.

Боре дар ин ки кор як вазифа аст, намешавад шакке кард, вале мо дар бораи кор аз назари тарбият баҳс мекунем. Оё кор фақат вазифае аз рӯйи ночории иҷтимоӣ аст? Ё на, агар ин масъала набошад низ лозим аст ва ба иборати дигар, агар ин лобуддият ва ночории вазифаи иҷтимоӣ набошад, боз ҳам кор аз назари созандагии фард, як амри лозиме аст. Инсон як мавҷуди — ба як эътибор — чандконунӣ аст. Инсон ҷисм дорад, инсон қувваи хаёл дорад, инсон ақл дорад, инсон дил дорад… Кор барои ҷисми инсон зарурӣ аст, барои хаёли инсон зарурӣ аст, барои ақлу фикри инсон зарурӣ аст ва барои қалбу эҳсосу дили инсон ҳам зарурӣ аст. Аммо барои ҷисм камтар эҳтиёҷ ба тавзеҳ дорад, зеро як амри маҳсус аст. Бадани инсон агар кор накунад, мариз мешавад, яъне кор яке аз омилҳои ҳифзи саломат аст. Баҳс дар ин бора зарурате надорад. Биёем роҷеъ ба қувваи хаёл баҳс кунем.

Кор ва тамаркузи қувваи хаёл

Инсон як нерӯе дорад ва он ин аст, ки доиман зеҳн ва хаёлаш кор мекунад. Вақте, ки инсон дар бораи масоили куллӣ ба таври муназзам фикр мекунад, ки аз як муқаддимае натиҷае мегирад, инро мегӯем, тафаккур ва таъаққул. Вале вақте, ки зеҳни инсон бидуни ин ки назме дошта бошад ва бихоҳад натиҷагирӣ кунад ва робитаи мантиқӣ байни қазоёро кашф намояд, ҳамин тавр, ки тадоъӣ мекунад аз инҷо ба онҷо биравад, ин як ҳолати оризӣ аст, ки агар инсон хаёлро дар ихтиёри худаш нагирад, яке аз чизҳое аст, ки

[57] *Устоди шаҳид дар навиштаҳои иқтисодии худ собит кардаанд, ки ин назария мардуд аст ва кор фақат яке аз маншаъҳои арзиш аст*.

инсонро фосид мекунад, яъне инсон ниёз ба тамаркузи қувваи хаёл дорад. Агар қувваи хаёл озод бошад, маншаъи фасоди ахлоқи инсон мешавад. Амирулмӯъминин алайҳис салом мефармоянд:

النَّفْسُ إِنْ لَمْ تَشْغَلْهُ شَغَلَكَ

Яъне агар ту нафсро ба коре машғул накунӣ, ӯ туро ба худаш машғул мекунад.
Як чизҳое аст, ки агар инсон онҳоро ба коре нагуморад, тавре намешавад, мисли як ҷамод аст. Ин ангуштарро, ки ман ба ангуштам мекунам, агар рӯйи тоқчае ё дар ҷаъбае бигузорам, тавре намешавад. Вале нафси инсон ҷури дигаре аст, ҳамеша бояд ӯро машғул дошт, яъне ҳамеша бояд як коре дошта бошад, ки ӯро мутамаркиз кунад ва водор ба он кор намояд, вагарна агар шумо ба ӯ кор надошта бошед, ӯ шуморо ба он чи ки дилаш мехоҳад водор мекунад ва он вақт аст, ки даричаи хаёл ба рӯйи инсон боз мешавад; дар рахти хоб фикр мекунад, дар бозор фикр мекунад, ҳамин тавр хаёл хаёл хаёл ва ҳамин хаёлот аст, ки инсонро ба ҳазорон навъ гуноҳ мекашонад. Аммо баръакс, вақте, ки инсон як кор ва як шуғл дорад, он кор ва шуғл ӯро ба сӯйи худ мекашад ва ҷазб мекунад ва ба ӯ маҷол барои фикру хаёли ботил намедиҳад.

Кор ва ҷилавгирӣ аз гуноҳ

Китобе аст ба номи “Ахлоқ” аз марде ба номи *Сэмюэл Смайлс* (*Samuel Smiles*). Аз китобҳои хубе, ки дар ахлоқ навиштаанд, ин китоб аст. Китоби дигаре аст ба номи “Дар оғӯши хушбахтӣ”. Ин ҳам китоби хубе аст. Алъон ёдам нест, ки дар кадом як аз ин ду китоб хондаам, навишта буд: гуноҳ ғолибан инфиҷор аст, мисли деги бухор, ки агар онро ҳарорат бидиҳанд ва ҳеч манфазе ва даричаи итминоне надошта бошад, билохира инфиҷор пеш меояд. Гуфта буд: ғолибан гуноҳон инфиҷор ҳастанд, инсон мунфаҷир мешавад. Манзураш ин аст, ки инсон ба ҳукми ин ки як мавҷуди зинда аст, бояд бо табиат дар ҳоли мубодила бошад. Оқои муҳандис Бозаргон дар китобҳояшон хеле ҷоҳо ин матлабро баён кардаанд, ки инсон бо табиат доиман дар ҳоли мубодила аст, яъне аз як тараф нерӯ ва энергия мегирад ва аз тарафи дигар мехоҳад масраф кунад. Вақте, ки инсон нерӯ ва энергия мегирад, ин нерӯеро, ки гирифта (чӣ ҷисмӣ ва чӣ руҳӣ) бояд як ҷойе масраф кунад. Хаёли инсон ҳам ҳамин тавр аст. Бадани инсон вақте нерӯ мегирад, бояд масраф шавад: забони инсон билохира бояд ҳарфе бизанад, чашми инсон билохира бояд чизеро бибинад, гӯши инсон билохира бояд садоеро бишнавад, дасту пойи инсон бояд ҳаракате кунад. Яъне инсон наметавонад мураттаб аз табиат энергия бигирад ва

баъд худро нигаҳ дорад ва масраф накунад. Ин масраф накардан мисли ҳамон деги бухори бе манфаз аст, ки мураттаб ҳарорataш медиҳанд ва билохира мунфаҷир мешавад. Афроде, ки ба далели таъаюнмаобӣ ё ба ҳар далели дигар[58] инҳоро дар як ҳолати бекорӣ ва ба қавли арабҳо, дар як ҳолати “утла” дармеоваранд, яъне тамоми вуҷудашон аз назари кор кардан ва сарфи энергияҳои захирашуда дар як ҳолати таътил мемонад, дар ҳоле, ки худашон ҳам мутаваҷҷеҳ нестанд, нерӯҳо саъй мекунанд, ки ба як васила берун оянд. Роҳи саҳеҳ ва дуруст ва машрӯъ, ки барояш боқӣ нагузошта, аз тариқи ғайримашрӯъ берун меояд. Ғолибан ҳукком, ҷонӣ аз об дармеоянд ва яке аз иллатҳои ҷонӣ шудани онон ҳамин ҳолати таътил будан ва утла аз кори дуруст аст, чун таъаюнмаобӣ иқтизо мекунад, ки ҳоким ҳеч коре аз корҳои шахсии худро анҷом надиҳад. Масалан, агар сигоре ҳам мехоҳад бикашад, ишора накарда каси дигаре сигорро омода мекунад ва ҳатто кибритро ҳам каси дигаре мекашад ва худаш ин миқдор ҳам заҳмат намекашад, ки барои сигораш кибрит бикашад. Кафшашро мехоҳад пояш кунад, як касе фавран меояд ва кафшашро ба пояш мекунад. Либосашро мехоҳад рӯйи дӯшаш биандозад, фавран касе рӯйи дӯшаш меандозад. Ба як васфе дармеояд, ки ҳамаи корҳояшро дигарон анҷом медиҳанд ва ӯ ҳамин ҷур бекор менишинад ва ҳатто тавре мешавад, ки даст задан ба як корро — ҳарчанд содда ва кучак бошад — бар хилофи шаън ва ҳайсияти худ ташхис медиҳад.

Дар бораи яке аз умарои қадими Хуросон мегӯянд, ки ҷуббаи хузи хубе пӯшида буд. Барои ӯ қилёне оварданд, қилён таконе хӯрд ва оташи он рӯйи ҷуббаи хузаш афтод. Бар хилофи шаъни худаш медид, ки либосашро такон диҳад, то оташ биафтад. Фақат гуфт: “баччаҳо”, яъне биёед. То онҳо омаданд, ҷубба ва миқдоре аз танаш сӯхт. Аслан бар хилофи шаън ва ҳайсияти худ медонист, ки ҷуббаи худро такон диҳад ва ҳатто шунидем агар мехост бинии худро пок кунад, дигаре бояд дастмол ҷилави димоғаш мегирифт.[59]

Ин ки ин ашхос даст ба ҳар ҷиноят ва хиёнате мезананд, барои ҳамин аст, ки одоби иҷтимоӣ намегузорад, ки инҳо энергияҳои худро дар роҳи саҳеҳ масраф кунанд.

---

[58] *Албатта иллатҳо ва омилҳои зиёде дорад. Дар мавриди мардҳо ғолибан таъаюнмаобӣ маншаъи он буда ва дар мавриди занҳо иллатҳои дигар дар кор будааст.*

[59] *Қиссаи он ғуломи маъруф аст, ки дастмолро ҷилави бинии арбоб гирифт ва арбоб гуфт: чаро берун намеояд? Гуфт: арбоб! Финашро ҳам ман бояд бикунам?! Ақаллан ин корро худат бикун.*

Зан ва ғайбат

Занҳо дар қадим машҳур буданд, ки зиёд ғайбат мекунанд. Шояд ин ба унвони як хислати занона маъруф шуда буд, ки зан табиаташ ин аст ва ҷинсан ғайбаткун аст, дар сурате, ки чунин чизе нест, зану мард фарқ намекунанд. Иллаташ ин буд, ки зан (махсусан занҳои мутаъайинот; занҳое, ки навкар доштаанд ва дар хона ҳамаи корҳояшонро навкар анҷом медод) ҳеч шуғле ва ҳеч коре, на дохилӣ ва на хориҷӣ надошт, субҳ то шаб бояд биншинад ва ҳеч коре накунад; китоб ҳам, ки мутолеа намекарда ва аҳли илм ҳам, ки набуда, бояд як зани ҳамшаъни худаш пайдо кунад, бо он зан чӣ кунад? Роҳе ғайр аз ғайбат кардан ба рӯяшон боз набуда ва ин барояшон як амри зарурӣ буда, яъне агар ғайбат намекарданд, воқеан бадбахту бечора буданд.

Як вақте дар он анҷумани моҳона достоне нақл кардам, ки аз рӯзнома гирифта будам.

Навишта буд, дар яке аз шаҳрҳои кучаки аёлати Филоделфиёи Омрико дар хонаводаҳо қимор он қадр роиҷ шуда буд, ки занҳо ба он одат карда буданд ва дар хонаҳо ба сурати як беморӣ ривоҷ ёфта буд ва шикояти ҳама ин буд, ки занҳо дигар коре ғайр аз қимор надоранд. Аввал инро ба ӯҳдаи воизҳо гузоштанд, ки онҳо ин бемориро аз сари мардум берун бибаранд. Вале охир беморӣ иллат дорад; то иллаташ аз миён наравад, ки беморӣ аз байн намеравад.

Воизҳо шурӯъ карданд ба мавъиза дар зиёнҳои қимор ва осори ухравии он, вале асар надошт.

Як шаҳрдор пайдо шуд ва гуфт, ки ман ин бемориро муолаҷа мекунам. Омад корҳои дастӣ аз қабили бофтаниро ташвиқ кард ва барои занҳо мусобиқаҳои хуб гузошт ва ҷоизаҳои хуб таъйин кард. Тӯле накашид, ки занҳо даст аз қимор кашида ва ба ин корҳо пардохтанд.

Он мард иллатро ташхис дода ва фаҳмида буд, ки иллати пардохтани занҳо ба қимор, бекорӣ ва эҳтиёҷи онҳо ба саргармӣ аст. Кори дигаре барояшон ба вуҷуд овард, то тавонист қиморро аз миён бибарад. Яъне дар воқеъ як халаъи руҳӣ дар миёни онҳо вуҷуд дошт ва он халаъ маншаи ин гуноҳ буд. Он одам фаҳмид, ки ин халаъро бояд пур кард, то бишавад қиморро аз байн бурд ва то он халаъ ба василаи дигаре пур нашавад, наметавон онро аз миён бардошт.

Ин аст, ки яке аз осори кор, ҷилавгирӣ аз гуноҳ аст. Албатта намегӯям сад дар сад ин тавр аст, вале бисёре аз гуноҳон маншаъш бекорӣ аст. Дар ҷаласаи пеш роҷеъ ба гуноҳи фикрӣ ва хаёлӣ сӯҳбат кардем, ки гуноҳ мунҳасир ба гуноҳе, ки ба марҳилаи амал бирасад нест, гуноҳи хаёлӣ ҳам гуноҳ аст, яъне фикри гуноҳ ҳам навъе гуноҳ аст.

Албатта фикри гуноҳ то ба марҳилаи амал нарасида, худи он гуноҳ нест; бар хилофи фикри кори нек, ки агар ба василаи монеъе ба марҳилаи амал ҳам нарасад, дар назди Худо ба манзилаи ҳамон амали хуб шумурда мешавад.

Истеъдодёбӣ дар интихоби кор

Кор, илова бар ин ки монеъи инфиҷори амалӣ мешавад, монеъи афкор ва васовис ва хаёлоти шайтонӣ мегардад. Аз ин рӯ дар мавриди кор мегӯянд, ки ҳар касе бояд кореро интихоб кунад, ки дар он истеъдод дорад, то он кор алоқаи ӯро ба худ ҷазб кунад. Агар кор мутобиқи истеъдод ва мавриди алоқа набошад ва инсон онро фақат ба хотири даромад ва музд бихоҳад анҷом диҳад, ин асари тарбиятиро надорад ва шояд фосидкунандаи руҳ ҳам бошад. Инсон вақте кореро интихоб мекунад, бояд истеъдодёбӣ ҳам шуда бошад. Ҳеч кас нест, ки фоқиди ҳамаи истеъдодҳо бошад, мунтаҳо инсон худаш намедонад, ки истеъдоди чӣ кореро дорад. Чун намедонад, дунболи коре меравад, ки истеъдоди онро надорад ва ҳамеша нороҳат аст. Масалан, вазъи донишҷӯёни мо бо ин конкурҳои саросарӣ вазъи бисёр ноҳинҷоре аст.

Донишҷӯ мехоҳад ба ҳар шакле, ки ҳаст, ин ду сол сарбозиро наравад ва аҷала ҳам дорад ба ҳар шакле, ки ҳаст дар донишгоҳ роҳ пайдо кунад. Вақте он варақаҳо ва пурсишномаҳоро пур мекунад, чанд ҷо, ки дипломаш ба ӯ иҷоза медиҳад, номнависӣ мекунад, ҳар ҷоро, ки даромадаш бештар аст, интихоб мекунад ва басо ҳаст ҷойеро интихоб мекунад, ки аслан завқи онро надорад, яъне сарнавишти худро то охири умр ба дасти як тасодуф медиҳад.

Ин одам то охири умр хушбахт нахоҳад шуд. Басо ҳаст ин фард завқи адабӣ аслан надорад, вале бо вуҷуди дипломи риёзӣ эҳтиётан исме ҳам дар адабиёт ё илоҳиёт менависад. Баъд онҷоҳо қабул намешавад ва меояд ин ҷо; ҷойе, ки на истеъдодашро дорад ва на завқшро ва то охири умр коре дорад, ки он кор руҳу завқшро ҷазб намекунад. Корҳои идорӣ ҳам аксар ин чур аст. Албатта мумкин аст ба баъзе корҳо шавқ дошта бошанд, вале аксар худи кори идорӣ ибтикор надорад ва фақат такрор аст ва шахс иҷборан барои ин ки гузориши ғайбат надиҳанд ва ҳуқуқаш кам нашавад, бо вуҷуди бемайлии шадид, он чанд соатро пушти миз менишинад. Ин ҳам худаш садамае ба фикр ва руҳи инсон мезанад. Инсон бояд кореро интихоб кунад, ки он кор ишқу алоқаи ӯро ҷазб кунад ва аз коре, ки алоқа надорад бояд сарфи назар кунад, ҳарчанд даромадаш зиёд бошад.

Пас дар мавриди кор, ин ҷиҳатро бояд муроъот кард ва он вақт аст, ки хаёл ва ишқи инсон ҷазб мешавад ва дар кор ибтикороте ба харҷ медиҳад.

Кор ва озмудани худ

Ва аз ҳамин ҷост, ки яке аз хавосси кор ошкор мешавад, яъне озмудани худ. Яке аз чизҳое, ки инсон бояд қабл аз ҳар чиз биозмояд, худаш аст. Инсон қабл аз озмоиши худаш, намедонад чӣ истеъдодҳое дорад; бо озмоиш, истеъдодҳои худро кашф мекунад. То инсон даст ба коре назада, наметавонад бифаҳмад, ки истеъдоди ин корро дорад ё надорад. Инсон, бо кор худро кашф мекунад ва худро кашф кардан беҳтарин кашф аст.
Агар инсон даст ба коре зад ва дид, истеъдодашро надорад, кори дигареро интихоб мекунад ва баъд кори дигар то билохира кори мавриди алоқа ва мувофиқ бо истеъдодашро пайдо мекунад. Вақте, ки онро кашф кард, завқ ва ишқи аҷибе пайдо мекунад ва аҳаммият намедиҳад, ки даромадаш чӣ қадр аст. Он вақт аст, ки шоҳкорҳо ба вуҷуд меоварад, ки шоҳкор сохтаи ишқ аст, на пул ва даромад. Бо пул мешавад кор эҷод кард, вале бо пул намешавад шоҳкор эҷод кард. Воқеан бояд инсон ба кораш ишқ дошта бошад.
Пас яке аз хавосси кор ин аст, ки инсон бо кор худро меозмояд ва кашф мекунад.

Кор ва фикри мантиқӣ

Гуфтем, мантиқӣ фикр кардан ин аст, ки инсон ҳар натиҷаеро аз муқаддамоте, ки дар матни хилқат ва табиат қарор дода шуда бихоҳад. Агар инсон фикраш ин ҷур бошад, ки ҳамеша натиҷаро аз роҳе, ки дар матни хилқат барои он натиҷа қарор дода шуда бихоҳад, ин фикри мантиқӣ аст. Аммо агар инсон ҳадафҳо, идеяҳо ва орзуҳои худро аз як роҳҳое мехоҳад, ки он роҳҳо роҳҳое нест, ки дар хилқат ба сӯйи он ҳадафҳо бошад ва агар аҳёнан як вақт буда, тасодуф будааст яъне куллият надорад, (фикри ӯ мантиқӣ нест.) Масалан, мумкин аст як нафар аз роҳи як ганҷ сарватманд шуда бошад. Масалан, дар саҳро мерафта ва ё замине харида буда ва мехоста сохтмон кунад ва баъд заминро канда ва ганҷе пайдо шуда, ё аз роҳи билетҳои бахтозмоӣ (лотерея) пулаш зиёд шудааст. Агар инсон ҳамеша пулро аз чунин роҳҳое бихоҳад, яъне роҳе, ки мантиқӣ ва ҳисобшуда нест, фикри ӯ фикри ғайримантиқӣ аст. Аммо агар касе пул ва даромадеро аз роҳе мантиқӣ бихоҳад, фикраш мантиқӣ аст. Масалан, агар инсон даромадро аз роҳи амалагӣ бихоҳад, дуруст аст, ки роҳи заъифе аст, вале роҳе мантиқӣ аст. Агар ман фикр кунам, ки имрӯз ин белро рӯйи шонаам бигирам ва бигӯям, то ғуруб ҳозирам кор кунам, ин миқдор

мантиқӣ аст, ки то имшаб маблағи понздаҳ тумон гирам меояд. Инсон вақте, ки дар амал ва вориди кор бошад, фикраш мантиқӣ мешавад. Яъне дар амал робитаи иллӣ ва маълулӣ ва сабабӣ ва мусаббабиро ламс мекунад ва чун ламс мекунад, фикраш бо қонунҳои олам мунтабиқ мешавад ва дигар он фикр, шайтонӣ ва хаёлӣ ва орзуӣ нест, балки мунтабиқ аст бар он чи ки вуҷуд дорад ва он чи ки вуҷуд дорад, ҳисоб аст ва мантиқ ва қонун.
Ин аст, ки арз кардем, кор рӯйи ақлу фикри инсон асар мегузорад. Гузашта аз ин ки инсон бо кор таҷриба мекунад ва илм ба даст меоварад ва кор модари илм аст, яъне башар илми худро бо таҷриба ва кор ба даст овардааст ва ба иборати дигар, гузашта аз ин ки кор маншаъи илм аст, ақлу фикри инсонро низ ислоҳ ва тарбият ва танзим ва тақвият мекунад.

Таъсири кор бар эҳсоси инсон

Ҳамчунин кор рӯйи эҳсоси инсон асар мегузорад, он ки дар истилоҳи Қуръон “дил” гуфта мешавад ва он чизе, ки риққат, хушӯъ, қасоват, равшанӣ ва торикӣ ба ӯ нисбат дода мешавад, мегӯем: фалон кас одами рақиқулқалбе аст, фалонӣ одами қасиюлқалбе аст, ё мегӯем: қалбам тира шуд, қалбам равшан шуд; он конуне, ки дар инсон вуҷуд дорад ва мо исмашро дил мегузорем. Кор аз ҷумлаи осораш ин аст, ки ба қалби инсон хузӯъу хушӯъ медиҳад, яъне ҷилави қасовати қалбро мегирад. Бекорӣ қасовати қалб меоварад ва кор, ақалли фоидааш барои қалби инсон ин аст, ки ҷилави қасовати қалбро мегирад.
Дар маҷмӯъ, кор дар айни ин ки маълули фикр ва руҳ ва хаёл ва дил ва ҷисми одамӣ аст, созандаи хаёл, созандаи ақлу фикр, созандаи дил ва қалб ва ба таври куллӣ созанда ва тарбияткунандаи инсон аст.

Кор ва эҳсоси шахсият

Яке дигар аз фавоиди кор, масъалаи ҳифзи шахсият ва ҳайсият ва истиқлол аст, ки таъбирҳои мухталифе дорад. Масалан обрӯ; инсон он гоҳ, ки шахсияташ зарба бихӯрад, обрӯяш биравад ва таҳқир бишавад, нороҳат мешавад. Инсон дар асари кор — ва махсусан агар мақрун ба ибтикор бошад — ба ҳукми ин ки ниёзашро аз дигарон бартараф кардааст, дар муқобили дигарон эҳсоси шахсият мекунад, яъне дигар эҳсоси ҳақорат намекунад.
Ду рубоӣ аст мансуб ба амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом дар девони мансуб ба эшон. Дар яке мефармоянд:

لَنَقْلُ الصَّخْرِ مِنْ قُلَلِ الْجِبالِ

أَحَبُّ اِلَيَّ مِنْ مِنَنِ الرِّجالِ

يَقولُ النّاسُ لي فِي الْكَسْبِ عارٌ

فَإِنَّ الْعارَ في ذُلِّ السُّؤالِ

Барои ман сангкашӣ аз қуллаҳои кӯҳ (яъне чунин кори сахте) гуворотар ва осонтар аст аз ин ки миннати дигаронро ба дӯш бикашам. Ба ман мегӯянд: дар кору касб нанг аст[60] ва ман мегӯям: нанг ин аст, ки инсон надошта бошад ва аз дигарон бихоҳад.
Дар рубоии дигар мефармояд:

كُدَّ كَدَّ الْعَبْدِ إِنْ أَحْبَبْتَ أَنْ تُصْبِحَ حُرّا

وَاقْطَعِ الْآمالَ مِنْ مالِ بَني آدَمَ طُرّا

لا تَقُلْ ذا مَكْسَبٍ يُزْرى فَقَصْدُ النّاسِ أَزْرى

أَنْتَ مَا اسْتَغْنَيْتَ عَنْ غَيْرِكَ أَعْلَى النّاسِ قَدْرا

Агар мехоҳӣ озод зиндагӣ кунӣ, мисли барда заҳмат бикаш.
Умедатро аз моли ҳар кас, ки бошад бибур ва қатъ кун.
Нагӯ, ин кор маро паст мекунад, зеро аз мардум хостан, аз ҳар чизе бештар зиллат меоварад.
Вақте, ки аз дигарон бениёз бошӣ, ҳар коре дошта бошӣ, аз ҳама мардум баландқадртар ҳастӣ.

[60] *Медонем, ҳамин корҳоеро, ки мо исмашро амалагӣ мегузорем, Алӣ алайҳис салом анҷом медод, мисли ҳафри чоҳу қанот, кишти дарахт, обод кардани боғҳо ва аҳёнан кор ба шарти музд гирифтан ҳарчанд барои ғайри мусалмон. Гоҳе Алӣ алайҳис салом мерафт дар боғҳои Мадина барои Банӣ Қурайза ва Банӣ Назир — ки яҳудиёни Мадина буданд — кор мекард ва музд мегирифт ва бо он пул зиндагӣ мекард. Қаҳран чунин инсоне мавриди таҳоҷум қарор мегирад, ки ту нангат намекунад аз чунин корҳо?!*

Бӯалӣ Сино ва марди каннос

Шунидаед, ки Бӯалӣ Сино муддати зиёде аз умрашро ба сиёсат ва вазорат гузаронд ва вазорати чанд подшоҳро доштааст ва ин аз ҷумлаи чизҳое аст, ки уламои баъд аз ӯ бар вай айб гирифтаанд, ки ин мард вақташро бештар дар ин корҳо сарф кард, дар сурате, ки бо он истеъдоди хориқулъода метавонист хеле нофеътар ва муфидтар воқеъ шавад.

Як вақте Бӯалӣ бо ҳамон кабкаба ва дабдаба ва дастгоҳи вазоратӣ ва ғуломҳо ва навкарҳо дошт аз ҷойе убур мекард. Ба як канносе (рӯфтагаре) бархӯрд кард, ки дошт канносӣ мекард ва мустароҳеро холӣ менамуд. Бӯалӣ ҳам маъруф аст, ки сомеъаи хеле қавӣ дошта ва ҳатто матолиби афсонаворе дар ин маврид мегӯянд. Каннос бо худаш шеъреро замзама мекард. Садо ба гӯши Бӯалӣ расид:

Гиромӣ доштам, эй нафс аз онат,

Ки осон бигзарад бар дил ҷаҳонат.

Бӯалӣ хандааш гирифт, ки ин мард дорад канносӣ мекунад ва миннат ҳам бар нафсаш мегузорад, ки ман туро мӯҳтарам доштам барои ин ки зиндагӣ бар ту осон бигузарад. Даҳанаи аспро кашид ва омад ҷилав, гуфт: инсоф ин аст, ки хеле нафсатро гиромӣ доштаӣ! Аз ин беҳтар дигар намешуд, ки чунин шуғли шарифе интихоб кардаӣ! Марди каннос аз ҳайкал ва авзоъ ва аҳвол шинохт, ки ин оқо вазир аст. Гуфт: “*Нон аз шуғли хасис хӯрдан, беҳ, ки бори миннати раис бурдан.*” (Гуфт: ҳамин кори ман аз кори ту беҳтар аст.) Бӯалӣ аз хиҷолат арақ кард ва рафт.

Худи ин як матлабе аст ва як ниёзе аст барои инсон: озод зиндагӣ кардан ва зери бори миннати аҳаде нарафтан. Ин барои касе, ки бӯйе аз инсоният бурда бошад, боарзиштарини чизҳост ва ин бидуни ин ки инсон коре дошта бошад, ки ба мӯҷиби он муттакӣ ба нафс ва муттакӣ ба худ бошад, мумкин нест.

Тавсияи Расули Акрам

Достоне дар “Усули кофӣ” аст ва ман дар “Достони ростон” зикр кардаам:

Яке аз асҳоби Расули Акрам хеле фақир шуда буд ба тавре, ки ба нони шабаш мӯҳтоҷ буд. Як вақт занаш ба ӯ гуфт: бирав хидмати Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, шояд кӯмаке бигирӣ. Ин шахс мегӯяд: ман рафтам ҳузури Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва дар маҷлиси эшон нишастам ва мунтазир будам, ки хилват шавад ва фурсате ба даст ояд. Вале қабл аз ин ки ман ҳоҷатамро бигӯям, Пайғамбари Акрам ҷумлае гуфтанд; ва он ин буд:

مَنْ سَأَلَنا أَعْطَيْناهُ وَمَنِ اسْتَغْنى عَنّا أَغْناهُ اللهُ

Касе, ки аз мо чизе бихоҳад, ба ӯ иноят мекунем, аммо агар худро аз мо бениёз бидонад, Худо воқеан ӯро бениёз мекунад.

Ин ҷумларо, ки шунид, дигар ҳарфашро назад ва баргашт манзил. Вале боз ҳамон фақру бечорагӣ гиребонагираш буд. Як рӯзи дигар ба таҳрики занаш дубора омад хидмати Пайғамбар. Дар он рӯз ҳам Пайғамбар дар байни суханонашон ҳамин ҷумларо такрор фармуданд.

Мегӯяд: ман се бор ин корро такрор кардам ва дар рӯзи севвум, ки ин ҷумларо шунидам, фикр кардам, ки ин тасодуф нест, ки Пайғамбар дар се навбат ин ҷумларо ба ман мегӯяд. Маълум аст, ки Пайғамбар мехоҳад бифармояд аз ин роҳ наё. Ин дафъаи севвум дар қалби худаш эҳсоси нерӯ ва қувват кард, гуфт: маълум мешавад, зиндагӣ роҳи дигаре дорад ва ин роҳ дуруст нест. Бо худаш фикр кард, ки ҳоло биравам ва аз як нуқта шурӯъ кунам, бибинам чӣ мешавад. Бо худ гуфт: ман ҳеч чизе надорам, вале оё ҳезумкашӣ ҳам наметавонам бикунам? Чаро. Аммо ҳезумкашӣ билохира улоғе, шутуре ва ресмону тешае мехоҳад. Ин абзорро аз ҳамсояҳо ория гирифт. Як бори ҳезум гузошт рӯйи ҳайвон ва овард ва фурӯхт ва баъд пулеро, ки таҳия карда буд, бурд хона ва харҷ кард. Барои аввалин бор натиҷаи корро дид ва лаззати онро чашид. Фардо ҳам ин корро такрор кард. Як миқдор аз пули ҳезумро харҷ кард ва як миқдорро захира намуд. Чанд рӯз ин корро такрор кард, то ба тадриҷ теша ва ресмонро аз худ кард ва як ҳайвон ҳам барои худ харид ва кам-кам аз ҳамин роҳ зиндагии ӯ таъмин шуд. Як рӯз рафт хидмати Расули Худо. Пайғамбар ба ӯ фармуданд: нагуфтам,

مَنْ سَأَلَنا أَعْطَيْناهُ وَمَنِ اسْتَغْنى عَنّا أَغْناهُ اللهُ؟

Агар ту он рӯз чизе аз ман мехостӣ, медодам, аммо то охири умр гадо будӣ, вале таваккул ба Худо кардӣ ва рафтӣ дунболи кор, Худо ҳам туро бениёз кард.

Кор аз назари Носири Хусрав

Шеъре аст аз Носири Хусрав,[61] мегӯяд:

Чу мард бошад пуркору бахт[62] бошад ёр,

[61] *Ин шеър аз Абулфазли Байҳақӣ аст, на Носири Хусрав. С.И.*

[62] *Мақсуд аз "бахт" шароити мусоид аст.*

Зи хоки тира намояд ба халқ зарри аёр.
Фалак ба чашми бузургӣ кунад нигоҳ дар он-к
Баҳона ҳеч наёрад зи баҳри хурдии кор…[63]
Бузург бошу машав тангдил зи хурдии кор,
Ки сол то сол орад гуле замона зи хор.[64]
Баланд ҳисне дон давлату[65] *дараш муҳкам,*
Ба авни кӯшиш бар дараш мард ёбад бор.
Зи ҳар ки ояд коре дар-ӯ падид бувад,
Чунон к-аз ойина пайдо бувад туро дидор.

Мехоҳад бигӯяд, ҳар касе ҳунараш аз чеҳрааш пайдост. Баъд дар мазаммати бекорӣ шеъри хубе дорад, мегӯяд:

Шаробу хобу рубобу кабобу тараву нон,
Ҳазор кохи фузун, кард бо замӣ[66] *ҳамвор.*

Кор аз дидгоҳи бузургон

Дар мавҳаллаи “Беҳдошти равонӣ” хондам, ки Пастер, донишманди маъруф гуфтааст: “*Беҳдошти равонии инсон дар лабаратория ва китобхона аст*.”

Мақсудаш ин аст, ки беҳдошти равонии инсон ба кор бастагӣ дорад ва инсони бекор худ ба худ бемор мешавад. Ман инҷо навиштаам, ки ихтисос ба лабаратория ва китобхона надорад, куллияи корҳое, ки метавонад инсонро амиқан ҷазб кунад ва фикрро бисозад, хуб ҳастанд.

Дар ҳамон мавҳалла аз Волтер нақл карда буд, ки мегуфтааст:

“*Ҳар вақт эҳсос мекунам, ки дарду ранҷи беморӣ мехоҳад маро аз пой дароварад, ба кор паноҳ мебарам. Кор беҳтарин дармони дардҳои дарунии ман аст*.”

Дар ҳамон китоби “Ахлоқ”-и Сэмюэл Смайлс ёдам аст, ки навишта буд:

63

لا تَقُلْ ذا مَكْسَبٍ يُزْرى

Нагӯ касби кучаке аст.

64 *Табиат як сол тӯл мекашад то аз як хор гуле ба вуҷуд оварад, яъне ин дарсро аз рӯзгор биёмӯз.*

65 *Яъне сарват.*

66 *Замӣ: замин.*

“*Баъд аз диёнат, мадрасае барои тарбияти инсон беҳтар аз мадрасаи кор сохта нашудааст*.”

Ва аз Бенҷамин Франклин нақл карда буд, ки:

“*Арӯси зиндагӣ “кор” ном дорад. Агар шумо бихоҳед домоди ин арӯс бишавед (яъне шавҳари ин арӯс бишавед), фарзанди шумо “саодат” ном хоҳад дошт*.”

Паскал гуфтааст:

“*Масдари куллия мафосиди фикрӣ ва ахлоқӣ, бекорӣ аст. Ҳар кишваре, ки бихоҳад ин айби бузурги иҷтимоиро рафъ кунад, бояд мардумро ба кор водорад, то он оромиши амиқи руҳӣ, ки иддаи маъдуде аз он огоҳанд, дар арсаи вуҷуди афрод барқарор шавад*.”

Ва Суқрот гуфтааст:

“*Кор, сармояи саодат ва некбахтӣ аст*.”

وصلّى الله على محمّد وآله الطّاهرين

* * *

Поёни китоб